ЗАБЕҲУЛЛОҲИ САФО



# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ЭРОН

ТАҲИЯ, МУКАДДИМА ВА ТАВЗЕҲОТИ
ХУДОӢ ШАРИФОВ,
АБДУШУКУРИ АБДУСАТТОР

Интишороти байналмилалии
«Алҳудо» – Тоҷикистон
Душанбе – 2001

**ЗАБЕҲУЛЛОҲИ САФО**

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТИ ЭРОН

Интишороти байналмилалии
«Алҳудо» – Тоҷикистон

Душанбе – 2001

**ЗАБЕҲУЛЛОҲИ САФО**

# ТАЪРИХИ АДАБИЁТ ДАР ЭРОН ВА ДАР ҚАЛАМРАВИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

## *ҶИЛДИ АВВАЛ*

### *БАХШИ АВВАЛ*

## ВАЗЪИ СИЁСӢ ВА ИҶТИМОӢ ВА ИЛМИВУ АДАБИИ ЭРОН АЗ ОҒОЗИ АҲДИ ИСЛОМӢ ТО ПОЁНИ ҚАРНИ САВУМИ ҲИҶРӢ

*Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти*
*Худоӣ Шарифов,*
*Абдушукури Абдусаттор*

ДУШАНБЕ - 2001

# БА ҶОИ САРСУХАН

Таърихи адабиёти форсӣ дар асрҳои миёна дар китобҳои тазкира инъикос меёфт. Қадимтарин тазкираи адабиёти забони форсии дарӣ «Лубоб-ул-албоб» дар асри XIII аз ҷониби Судайдуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Авфии бухороӣ (1178-1232-33 милодӣ) навишта шудааст. Дар ин тазкира таърихи шеъри форсӣ аз рӯи мансубияти адибон ба хонадонҳои подшоҳӣ баён шудааст. Баъдҳо ин тарзи баён ва шарҳи ҳаёту эҷодиёти адибон аз рӯи мансубият бар минтақаҳо (тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ) идома ёфт. Охирин тазкира дар муҳити адабии Тоҷикистон «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ мебошад. Дар тазкираҳо дар бораи ҳаёту эҷодиёти шоирон маълумоти кӯтоҳе дода шуда, аз ашъори онҳо намунаҳо оварда мешуд. табиист, ки ин гуна ахбор дар бораи зиндагӣ ва эҷодиёти адибон маълумоти кофӣ намедод. бинобар ин дар замони нав таҳқиқи илмии таърихи адабиёт сар шуд. Дар баробари омӯзиши давраҳои таърихи адабиёт ва намояндагони он китобҳои ҷомеи таърихи адабиёт ҳам ба вуҷуд омаданд. Ин гуна китобҳо аввал дар мамолики Аврупо ба вуҷуд омаданд. Яке аз нахустин китобҳо роҷеъ ба таърихи адабиёти форсӣ асари мусташриқи олмонӣ Ҳерман Эте «Таърихи адабиёти форсӣ» мебошад, ки дар охири асри XIX таълиф шудааст.

Дар оғози асари XIX дар Руссия А.Кримский силсилаи рисолаҳоро бо унвони «таърихи форс, адабиёти он ва маслаки дарвешӣ» чоп кард. Шарқшиноси маъруфи рус Е.Э.Бертеле ба навиштани китоби таърихи адабиёти форс-тоҷик шурӯъ кард, вале аз бевафоии умр онро ба поён расонида натавонист. Қисми анҷомёфтаи китоби Е.Э.Бертелс, ки баъди вафоташ чоп шуд, ҳаводиси адабии то замони ҳукмронии салҷуқиҳоро дарбар мегирад. Донишмандони чех бо сарварии Ян Рипка китоби «Таърихи адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ»-ро анҷом доданд ва чоп карданд. Дар аврупои ғарбӣ китоби Эдвард Бровун «таърихи адабии Эрон» асари шӯҳратмандест. Ба ғайр аз ин А.Кристенсен, Ҷ.Арберри ва дигарон дар мавзӯи таърихи адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ китобҳо таълиф намуданд.

Дар Шарқ таълифи китобҳо оид ба таърихи адабиёт дертар сар шуд. Яке аз аввалин китобҳо дар ин равия аз ҷониби донишманди ҳиндӣ Шиблии Нӯъмонӣ (1857-1914) ба унвони «Шеър-ул-Аҷам ё таърихи шуаро ва адабиёти Эрон» дар чаҳор чилд навшта шудааст, ки ба таври мухтасар «Шеър-ал-Аҷам» хонда мешавад. Ин китоби муфид ба забони форсӣ тарҷума ва чоп шудааст.

Омухтани таърихи адабиёт дар Тоҷикистон аз солҳои бистуми садаи бистуми милодӣ сар шуд. Аввалин китоб дар ин равия ҳамон «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Садриддин Айнӣ мебошад, ки чунон ки гуфтем, ба равияи тазкираҳо навишта шудааст. Дар соли 1940 донишмандони тоҷик китоби «Намунаҳои адабиёти тоҷик»-ро чоп карданд. Ин китоб аз асари Айнӣ бо он фарқ мекунад, ки адибони берун аз ҳудуди Мовароуннаҳрро ҳам дар бар мегирад ва дар шарҳу баёни матолиб муаллифон бештар ба маълумоти илмӣ такя кардаанд. Баъд аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ, то солҳои шастум китобҳои таълими таърихи адабиёт барои мактаби миёна аз замони қадим то аҳди шӯравӣ таълиф гардиданд. Онҳо имконият доданд, ки як тасаввуроти пайдарҳами инкишофи адабии тоҷикӣ дар миёни мардум ба вуҷуд ояд.

Китобҳои сатҳи болотари илмӣ ва таълимии адабиёт дар Тоҷикистон аз солҳои шастум ба баъд ба вуҷуд омаданд. Аз ҷумла дар силсилаи очеркҳо китобҳо оид ба давраҳои гуногуни таърихи адабиёти асрҳои XI-XVIII зери таҳрири Р.Ҳодизода чоп шуданд. Муҳаққиқон Р.Ҳодизода, У.Каримов ва С.Саъдиев китоби «Адабиёти тоҷик» (асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX)-ро ба табъ расониданд. Ниҳоят, Х.Мирзозода китоби «Таърихи адабиёти тоҷик»-ро навишт, ки дар ду китобу се чилд чоп шуд (солҳои 1977, 1987, 1989). Ин комилтарин китоб аст дар мавзӯи таърихи адабиёти тоҷик аз аҳди қадим то асри XV мелодӣ, ки ба ҳуруфоти имрӯза чоп шудааст.

Дар Эрон аз ҷониби чанде аз донишмандон китобҳо дар бораи таърихи адабиёт чоп шуданд. Яке аз онҳо китоби Ҷалолиддин Ҳумоӣ «Таърихи адабиёти Эрон») ҷилди аввал ва дуввум мебошад. Китоби Саъид Нафисӣ «Таърихи назму наср дар Эрон» низ дар ду ҷилд аст. Комилтарин китоб дар риштаи таърихи адабиёт асари Забеҳуллоҳи Сафо «Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ» мебошад, ки аз ҳафт ҷилд (ҳашт китоб) иборат аст ва шаш ҳазор саҳифа дорад. Ин китоб баҳси адабиёти Эрон (Эрони қадимии фарҳангӣ ва кунунӣ) ва қаламрави забони форсиро аз қадимтарин рӯзгорон то аҳди Қоҷория (асри XVIII) дар бар мегирад. Ин асар ҳам ҳанӯз таърихи адабиёти пурраи Эрон ва қаламрави забони форсӣ нест. Бо вуҷуди ин вай саҳеҳтарин китоб аз ҷиҳати фаро гирифтани маъхазҳо, назари илмӣ, тарзи андеша ва таҳлилу таъйини арзиши ҳунарӣ, маърифтӣ ва илмии осори адабӣ, шахсияти адибон ва давраҳои адабӣ мебошад.

Устод Забеҳуллоҳи Сафо аз донишмандони номдор ва пуркори Эрони асри бистум аст. Ӯ соли 1925 таваллуд шуда, дар моҳи майи соли

1999 аз ҷаҳон чашм фурӯ бастааст. Забеҳуллоҳи Сафо фориғуттаҳсили Донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Теҳрон буд, дар риштаи адабиёт буда, соли 1964 рисолаи докторни худро дар мавзӯи «Ҳамосасароӣ дар Эрон» дифоъ кардааст. Ӯ баъд аз Муҳаммад Муъин дуввумин доктори забон ва адабиёти форсӣ дар донишгоҳи Теҳрон аст.

Доктор Забеҳуллоҳи Сафо чиҳил китоб таълиф намуда ва чоп кардааст ва ба илова мақолаҳои зиёде дорад, дар маҷлису конфронсҳои илмӣ суханрониҳои бешуморе дошта ва муддате сарварии маҷаллаю рӯзномаҳоро низ ӯҳдадор будааст. Бори ҳамаи ин ранҷу заҳматро ӯ ба хотири меҳри зиёд ба Эрон ва забону адабиёти форсӣ мебардошт. Муҳимтарин таълифоти ӯ инҳоянд: «Гоҳшуморӣ ва ҷашнҳои миллии эрониён», «Ҳамосасароӣ дар Эрон аз қадимтарин аҳди таърихӣ то қарни чаҳордаҳуми ҳнҷрӣ», «Донишҳои юнонӣ дар шоҳаншоҳии Сосонӣ», «Таърихи улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ то авосити қарни панҷум», «Таърихи адабиёт дар Эрон» (шаш ҳазор саҳифа) («Ганҷи сухан, шоирони порсигӯй ва мунтахаби осори онон аз Рӯдакӣ то Баҳор») (се ҷилд), «Ганҷинаи сухан, порсинависони бузург ва мунтахаби осори онон» (шаш ҷилд), «Маздопарастӣ дар Эрони қадим», «Далерони ҷонбоз» (маҷмӯаи мақолот иборат аз се бахш), тасҳеҳ ва нашри интиқодии «Девони Сайфиддин Муҳаммади Фарғонӣ», «Бахтиёрнома», «Доробномаи Беғамӣ», «Доробномаи Тарсусӣ», «Варқа ва Гулшоҳи Айюқӣ» ва ғайра.

Се ҷилди аввали китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо зери назари муаллиф аз ҷониби доктор Муҳаммади Туробӣ талхис ва дар ду ҷилд чоп шудаанд. Кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Миллии Тоҷикистон тасмим гирифт, ки ин талхисро ҳамчун васоити таълимӣ барои донишҷӯёни риштаи забон ва адабиёти тоҷик омода созад. Интихоби китоб аз чанд ҷиҳат мувофиқ дониста шуд. Аввалан, ягона китоби таълимии тоҷикӣ – «Таърихи адабиёти тоҷик»-и Х.Мирзозода имрӯз камёфт шудааст. Аз тарафи дигар вай монанди асарҳои дигари адабиётшиносии замони шӯравӣ аз таъсири аз андоза зиёди сотсиологӣ ё иҷтимоъгароӣ берун намонда ва бо ин сабаб ба ҳодисаҳои адабӣ на ҳам вақт баҳои ҳаққонӣ медиҳад. Ба ғайр аз ин вай маҳдудиятҳои мафкуравӣ, адами имконоти истифодаи доираи васеи сарчашмаҳо ва ғайраро ҳам дорад. Бо қувваи муҳаққиқони ҷумҳурӣ дар вақтҳои наздик ба вуҷуд овардани китоби таълимӣ пешбинӣ нашуда ва аз ваҷҳи моддию шароити маҳдуди китобхонаҳои ҷумҳурии Тоҷикистон номумкин менамояд. Аз ҳамин ҷиҳат ва дигар сабабҳо пешниҳоди китоби мазкури Забеҳуллоҳи Сафо барои донишҷӯёни

шуъбаи забон ва адабиёт дар марҳалаи таълими бакалавр мувофиқ меояд. Шакли пурраи китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ»-ро ба сифати китоби таълимии магистрии маълумоти олӣ тавсия кардан мумкин аст.

Китоби дар мавзӯи таърихи адабиёти Эрон ва қаламрави забони форсӣ таълифгардидаи устоди факиди фарҳанг ва адабиёти форсӣ Забеҳуллоҳи Сафо аз лиҳози саҳеҳии маъхазу сарчашмаҳо, ғановати фарогирии адабиёти таҳқиқӣ ва маводи ҷомеи илмӣ, таърихӣ, мазҳабӣ ва адабӣ асари арзишманд ва барои таълим мувофиқ аст. Созгории асар барои таълим аз андоза зиёд набудани бори ахбору маълумот ва истиноди маъхазҳо натиҷаи муддати мадиде машғули таълими таърихи адабиёт будани муаллиф аст. Сабки нависандаи китоб ҳам аз сайқали баёни шифоҳӣ баҳра бардоштанаш дарак медиҳад. Ба сатҳи ҳунарии осори адабӣ асосан аз мавқеи балоғат ва суханварии суннатӣ баҳо дода мешавад. Ин сифатест, ки дар таҳлил ва таҳқиқи адабии замони шӯравии тоҷик костагӣ гирифтааст ва ин норасоиро сабки мазкури таҳлил ҷуброн мекунад ва такмил медиҳад.

Таҳлили эстетик ва маърифатии муҳаққиқони адабии Аврупо ва аз ҷумла Русия, ки мо бештар бо он ошноӣ дорем, имкони таъсирро ба мазмуну сабки китоби Забеҳуллоҳи Сафо надоштааст. Пурра кардан ва вусъат додани ин тарафи масъала, албатта ба зиммаи асотиди донишгоҳ меафтад. Муаллифи китоб дар ибрози масоил ва мақсадҳо воқеъбин ва ҳақиқатнигор аст. Ба ҷуз меҳри беандоза ба адабиёту фарҳанги халқи худ ва ҳавсалаи кашфи ҳақиқат ба роҳи андеша ва завқи баэтидоли таълиф дар вай таассуби дигаре мушоҳида намешавад.

Дар вақти омода кардани матни китоб бо мазмуну сохтори вай ҳеҷ гуна тасарруфе карда нашуд ва фақат чанд такмилу ихтисори зерин раво дида шуд, ки онҳо барои хонандаи тоҷик лозиманд:

1. Унвони китоб – «Таърихи адабиёти Эрон» бо номи ҷилди комили асар – «Таъирихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ» иваз карда шуд.

2. Азбаски дар тоҷикистон шинохту андешаи таърихӣ бо солшумории милодӣ аст, дар ҳар ҷое, ки санаи ҳиҷрӣ омада бошад, дар қавсайн санаи милодии мутобиқи он гузошта шуд.

3. Феҳристи номи шахсиятҳо ва китобҳо аз китоб ихтисор карда шудааст, ки асосан ба тақозои осонии чоп буд.

Дар охири китоб луғати калима ва таъбироти барои хонандаи тоҷик мушкилфаҳм замима гардид.

*Худой ШАРИФОВ*

# БАХШИ АВВАЛ

## *ФАСЛИ АВВАЛ*

## ВАЗЪИ СИЁСИВУ ИҶТИМОӢ ВА ДИНИИ ЭРОН АЗ ПОЁНИ ШОҲАНШОҲИИ СОСОНӢ ТО ОҒОЗИ ПОДШОҲИИ СОМОНӢ

### ИНҚИРОЗИ ДАВЛАТИ СОСОНӢ

Поёни ғамангези шоҳаншоҳии Сосонӣ бо фурӯ рехтани кохи шукӯҳу ҷалоли Хусрави дуввуми Абарвиз (Хусрави Парвиз) ва қатли ноҷавонмардонаи ӯ дар соли 628 милодӣ фаро расид, поёне, ки интиҳои тамаддуне азим ва табаддули он ба даврае ҷадид аз тамаддуну фарҳанги эронӣ ба номи «тамаддуну фарҳанги исломии Эрон» буд.

Аз таърихи куштани Хусрави дуввум то инқирози қатъии силсилаи Сосонӣ (651 мелодӣ) муддате болиғ бар бисту се сол буд ва дар ин муддати кӯтоҳ сездаҳ тан дар миёни ҳараҷу мараҷи шадид ва нобасомонии авзои мамлакат ба шоҳаншоҳӣ расиданд ва ҳар як чанд сабоҳе бар тахти каёнӣ мустақар буданд ва сипас дар коми фитнаҳо фурӯ рафтанд. Охирини онон Яздигурди Шаҳриёр, ки подшоҳии ӯ бо футӯҳоти муслимин муқорин буд, ба соли 651 мелодӣ 931 ҳ.). Дар ҳоле, ки аз бими душманон аз вилояте ба вилояте мегурехт, дар осиёбе наздики Марв кушта шуд ва бо қатли ӯ ҳар гуна фурсате барои ёфтани қудрати миллӣ дар Эрон аз миён рафт.

Дар гирудори ин ҳаводис буд, ки дар Мадина пояҳои як ҳукумати ҷаҳонии ҷадид гузорда мешуд. Ин ҳукумати ҷаҳонӣ, ки ранги динӣ дошт, ҳамон аст, ки мо онро ҳукумати исломӣ мегӯем ва ғарбиён «Импературии Араб» мехонанд. Дуруст аст, ки ин ҳукумат дар оғози кор ба дасти қувои низомии араб, ки вазифаи таблиғи ислом низ дошт, ташкил ёфт, вале чунонки медонем, ба зудӣ милали ғайри араб, хоса эрониён дар идораи умури сиёсӣ ва низомиву идорӣ ва ҳамаи шууни дигари иҷтимоиву динӣ ва илмиву адабии он ширкати мустақим ва гоҳ бартарии инкорнопазир ёфтанд, ба наҳве ки аз авоили қарни дувуми ҳиҷрӣ ба баъд дигар як қудрати арабии холис дар чаҳорумин маркази ин ҳукумати бузург, яъне Бағдод фармонравоӣ надошт.

## ТАШКИЛИ ҲУКУМАТИ ИСЛОМӢ ВА ФАТҲИ ЭРОН

Ҳукумати исломӣ бо баъсати Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Абдулмуталлиб (с) ба соли 611 мелодӣ ба пайғамбарӣ ва ҳиҷрати ӯ ба соли 622 мелодӣ (+нахустин соли ҳиҷрӣ) аз Макка ба Мадина оғоз ёфт ва ба зудӣ дар аҳди «хулафои рошидин» ва дар даврони «хулафои умавӣ» табдил ба як ҳукумати бузурги ҷаҳонӣ шуд ва сарзаминҳои васеero аз шибҳи ҷазираи ибрӣ, ки мусалмонон онро Андалус номиданд, то шибҳи қораи Ҳинд ва навоҳии Осиёи марказӣ дар тасарруф овард.

Дар ин дору гир шоҳаншоҳии Сосонӣ, ки омодаи суқуту талоше буд, бо се фатҳи умдаи лашкариёни ислом дар Қодисия (14 ҳ. – 636 м.) ва Ҷалуло (16ҳ. – 638 м.) ва Наҳованд (21 ҳ. – 643 м.) ва футуҳоту пешрафтҳои мудовими дигар мунқариз гардид ва Эрон дар шумори яке аз мамолики мафтуҳаи исломӣ даромад.

Аз таърихи 21 ҳиҷрӣ (фатҳи Наҳованди маъруф ба Фатҳ-ул-футуҳ) то соли 248 ҳиҷрӣ (789 м.), ки соли эълони аморати мустақили Яъқуби Лайси Саффорӣ дар Сиистон аст, яъне дар муддате болиғ бар 227 сол ҳокимону волиёни вилоятҳои ҳар ноҳияте аз ноҳиятҳои Эрон ба фармони хулафо муайян мешуданд.

## НЕҲЗАТИ ШУЪУБИЁН

Дар қисмате аз ин замони тӯлонӣ, ки ба ҳудуди як қарн мерасид, эрониён дар зери салтаи қаҳролуд ва таҳқиромези нажоди араб ба сар мебурданд, то ба ҷое, ки корашон ба як навъ исёну қиёми маънавӣ ва ақидатӣ бар он қавм кашид. Онҳо эрониёнро монанди дигар қавмҳои фармонбари худ мавлову банда мехонданд ва шоистаи ҳукумату раёсат намедонистанд ва инҳо мекӯшиданд, ки нахуст худро бо тавассул ба ояте аз оёти қуръонӣ, ки далолат бар тасовии ҳамаи ақвом ва қабоили одамиён мекунад, мусовии тозиён бидонанд ва сипас аз ин ҳад бигзаранд ва хештан ва ҳар қавми дигарро аз тозиён бартар шуморанд ва аз ин тариқ фирқае ба номи «шуъубия» падид оваранд, ки корашон муборизаи фикрӣ ба бартарандешии тозиён ва сиёсати мутаассибонаи нажодии онон дар замони Умавиён ва оғози аҳди Аббосиён буд. Ин андешаро дар басе аз осори тозигӯёни эронӣ ва низ дар бахше аз осори порсии то «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва дар достонҳои қаҳрамонии Эрон ба равшанӣ ва сароҳати тамом метавон ёфт.

Аз бузургтарин шоирону нависандагони шуъубии тозигӯй: Хураймӣ ва Исмоил ибни Ясори Насавӣ ва Башшор ибни Бурди Тахори-

стонӣ ва Иброҳим ибни Мамшоди Исфаҳонии машҳур ба ал-Мутаваккилӣ шоирони номовар ва Саъид ибни Ҳамиди Бахтгон аз начибзодагони эронӣ, муаллифи китоби «Интисоф-ул-Ачам мин-ал-Араб» ва «Фазл-ул-Ачам алал Араб ва ифтихоруҳо» ва Ҳайсам ибни Удай аз нависандагони оғози аҳди Аббосиён, муаллифи чандин китоб дар зикри «масолиб»-и тозиён ва китоби «Ахбор-ул-фурс» ва Саҳл ибни Ҳоруни Дашт Мишонӣ, муосири Маъмун ва раиси «Байт-ул-ҳикма», муаллифи чандин китоб дар «масолиб»-и аъроб ва Абуубайда Муаммар ибн ал-Муснӣ, муаллифи китоби «Лусус-ул-араб» ва «Фазоил-ул-фурс» ва бисёре дигар аз мардони миҳандӯсти Эронӣ, ки зикри онон дар кутуби тарочим ва фаҳорис омадааст.

Нахустин бознамудҳои қудрати низомӣ ва сиёсии эрониён дунболи шуюъи ҳамин фикр анчом гирифт, зеро пароканда шудани ин андеша тухми исёну туғёнро дар мазраъаи қулуби онон афшонд ва омодаи қиёмашон кард, то магар оби рафтаро ба чӯй боз оранд ва азамати қадимро ба навъе тачдид кунанд. Ин қиёмҳои низомӣ ва сиёсӣ гоҳ чанбаи динӣ ҳам дошт, зеро дар чомеае, ки дин мабнои ҳар навъ сиёсати ичтимоӣ ва ҳукуматӣ бошад, бо тавассул ба масоили динӣ беҳтар метавон ба майдони муноқишот ворид шуд. Нахустин қиёми эрониён ба сардории Абӯмуслими Марврӯдӣ аз ҳамин дастаи охир буд, ки агарчи бо сибғаи дин оғоз ёфт, вале таъсироти сиёсӣ ва ичтимоии он дар дунёи ислом, хоса дар Эрон такрорнопазир аст.

## ҚИЁМИ АБӮМУСЛИМИ МАРВРӮДӢ

Қиёми Абӯмуслим дар Хуросон ба тарафдорӣ аз шиъаи оли Аббос, ки муддаъои интиқоли амри «даъват» аз Оли Абӯтолиб ба худ буданд, анчом гирифт. Ин қиём аз соли 129 ҳичрӣ (747 м.) оғоз шуд ва баъд аз шикастҳои паёпай, ки сардори исмовари хуросонӣ бар уммоли хулафои Умавӣ ворид овард, дар соли 132 ҳичрӣ (750 м.) бо эълони хилофати Аббос ва интихоби Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммади мулаққаб ба «саффоҳ» ба чонишинии пайғомбар ва қатли Марвон ибни Муҳаммад, охирин халифаи Умавӣ анчомид. Дар ин роҳ иддаи зиёде аз пешравони ташаййӯъ дар Хуросон ва навоҳии дигари Эрон ва аз он чумла Абусаламаи Ҳалолии маъруф ба вазири Оли Муҳаммад, доъии шиъаи Оли Аббос дар Куфа бо Абӯмуслим ёрӣ карданд ва дар ҳақиқат ин эрониёни машриқ буданд, ки як даста аз муддаиёни хилофатро канор мезананд ва дастаи дигареро, ки барои худ истеҳқоқи бештаре дар чонишинии пайғомбар иддао мекарданд, бар сари кор меоварданд.

Натиҷаи ин амр он шуд, ки ба ҷои ҳукумати нажодпарасти Умавӣ, ки унсури эрониро ба худ роҳ намедод ва онро ба шиддати тамом таҳқир мекард, ҳукумати ҷадид ташкил ёфт, ки аз ҳар ҳайс ба дасти риҷоли эронӣ идора мешуд. Чунонки аз ин пас то даргоҳ ҳамаи вазирону дабирон ва надимону сардорон ва бештари волиёну ҳокимони вилоятҳои исломӣ аз миёни риҷоли эронӣ интихоб мешуданд ва инон ба навбаи худ саъй доштанд, ки русуму одоб ва суннатҳои эронӣ, ҳатто бисёре аз усули ташкилотиву созмонӣ ва оинҳои дарбории аҳди Сосониро айнан дар давраи Аббосӣ ба кор баранд. Бинобар ин натиҷаи аслии қиёми Абӯмуслим эҳё ва таҷдиди фарҳанги эронӣ ва барангехтани эрониён аз хоби яксадсола ва омода карданашон барои барандохтани сиёдати нажодии араб ва бозпас гирифтани истиқлоли аз даст рафта буд. Рафтори нобаҳинҷори Бани Аббос ва ҳақношиносиву носипосии онон бо бунёнгузорони воқеии хилофат ва ҳукуматашон, яъне Абӯсаламаи Ҳалол ва Абумуслими Хуросонӣ ва хиёнатҳову ғадрҳое, ки андаке баъд аз бими ҷони худ бо хонадони Бармакӣ дар аҳди Ҳорун ва хонадони Саҳли Хуросонӣ дар аҳди Маъмун ва Афшини Усравшанӣ дар аҳди Мӯътасим анҷом гирифт, ин андешаи истиқлолталабиро дар эрониён беш аз пеш тақвият кард, то саранҷом ба қиёми Яъқуб ибни Лайси Саффор ва эълони ҳукумати мустақили ӯ дар Сиистон ба соли 248 ҳиҷрӣ (789м.) анҷомид.

## ҚИЁМҲОИ НИЗОМӢ ВА ДИНӢ

Дар миёни ин ду ҳодисаи бузург, яъне аз Абӯмуслим то Яъқуб чандин қиёми низомӣ ва динӣ дар Эрон сурат гирифт, ки аз мӯҳимтарини онҳо яке қиёми «Испаҳбад Фирӯз»-и маъруф ба «Синбод» аз сардорони бузурги Абӯмуслим буд ба хунхоҳии вай дар Хуросон. Синбод марде зардуштӣ аз қарияи Аҳравонаи Нишопур буд, ки бар асари хашму таассуре, ки аз қатли ноҷавонмардона ва хоинонаи Абӯмуслим ба дасти Мансури Давониқӣ ҳосил карда буд, қиём намуд ва ба зудӣ Нишопуру Кумуш (Кумус) ва Райро тасарруф кард ва хазоини Абӯмуслимро ба чанг овард ва нирӯе азим, ки ғолибан аз рустоиён ва мардуми гайринизомӣ буд, ташкил дод, лекин коре аз пеш набурд ва дар роҳи миёни Кумус ва Табаристон ба қатл расид. Ба дунболи ин воқеа дар Табаристон ва сипас дар Рай ва ду сол баъд дар Хуросон низ ҷангҳое рух дод. Дар соли 150 ҳ. (767 м.) марде дигар ба номи Астозсис ба даъвии пайғомбарӣ бархост ва бисёре аз навоҳии Хуросонро то Тахористон дар ихтиёри худ даровард. Ӯ низ дер напоид ва дар сли 151 (768 м.) шикаст хӯрд.

Боз чанд соле аз ин воқеа нагузашта буд, ки дар соли 159 ҳ. (776м.) марде ба номи ал-Муқаннаъ *Ҳишом* (ё Ҳошим) ибни Ҳаким, ки аз дабирони Абӯмуслими Хуросонӣ буд, бо овардани оине нав оғози мухолифат бо ҳукумати Бағдод кард ва пас аз кашокаши дароз бо он ҳукумати ҷобири ҳиласоз ва ҷангҳои сахту кушторҳои беамоне, ки аз тарафдорони ҳукумати исломӣ шуд, саранҷом ба соли 161 9778м.) аз миён рафт.

## ТАШКИЛИ ҲУКУМАТИ ТОҲИРӢ

Бо ин қиёмҳои паёпай ҷангҳои расмиву ошкори эрониён бо ҳукумати хулафо оғоз шуд ва қасди гоии ин мухолифон ва қиёмкунандгон барандохтани ҳукумати араб аз Эрон буд. Табиист, ки дар ин кашокашҳо дигар мухолифат бо дини ислом маъное надошт, зеро қисмати бисёр бузурге аз эрониён то ин вақт ба дини ислом даромада ва ҳукумату фармонраввоӣ дар Эрон насиби онон ва ҳамкешонашон шуда буд. Пас, агар қиёме ва неҳзате сурат мегирифт, дар зери ливои ислом ва пӯшиши дин ва ба унвони дифоъ аз ҳақ ва ғалаба бар ботил ва филвокеъ такрори ҳамон амале буд, ки Абӯмуслими Хуросонӣ чанде пештар анҷом дода ва дар кори худ тавфиқ ёфта буд. Ин бор навбати сардоре таҷрибаандӯхтатар ба номи Тоҳир ибни Ҳусайни мулаққаб ба Зуляминайн аз бузургзодагони Хуросон буд, ки қадаме фаротар ниҳад ва аз ихтилофе, ки миёни ду писари Ҳорунаррашид (ваф. 192 ҳ. – 809 м.) бар сари ҷонишинии ӯ даргирифта буд, баҳра баргирад. Ӯ ва ҳамаи риҷоли Хуросонӣ, махсусан Саҳл ибни Фазли Зурраёсатайн ва Ҳасан ибни Саҳл, чунонки медонем, ҷониби Маъмун, фарзанди Ҳорунро, ки аз модаре эронӣ зода буд, гирифтанд. Тоҳир сипоҳиёни Амин Зубайдаи Ҳошимӣ ва Ҳорунро, ки ба дафъи Хуросониён омада буданд, бишикаст, Бағдодро ба соли 198 ҳиҷрӣ (815 м.) муҳосира ва тасхир кард ва Аминро бишикаст ва басту кушоди корҳои давлати исломиро, ки баъд аз қатли оми Бармакиён ба дасти ҳаводорони бартарии араб афтода буд, боз ба дасти риҷоли эронӣ дод ва худ дар подоши хидмате, ки ба Маъмун карда буд, аз соли 205 (821м.) ҳукумати тамоми билоди воқеъ дар машриқи Бағдод то ақсо навоҳии машриқи мамолики исломиро аз Маъмун гирифт ва бад-ин тартиб ҳукуматиниммустақили тамоми Эрон ба дасти як тан аз эрониён афтод ва ин ҳукумати ниммустақили маврус пас аз фавти Тоҳир (207ҳ. – 823 м.) ба фарзандони ӯ расид, то ба соли 259 (873м.) дар аҳди фармонравоии Муҳаммад ибни Тоҳир ба дасти Яъқуби Лайс аз миён рафт ва

чои худро ба ҳукумати мустақил дод, ки итоатеро аз Бағдод ё судури фармонеро аз он ҷо барои худ лозим намешумурд.

## ҚИЁМҲОИ ДИГАР

Дар ҳамон овон, ки Тоҳириён исман қисмати аъзами мамолики шарқии исломӣ ва амалан Хуросону Мовароуннаҳрро дар даст доштанд, дар соири навоҳии Эрон низ кӯшишҳое барои раҳой аз қайди итоати халифагон анҷом мешуд. Аз пешравони ин неҳзатҳо яке Бобаки Хуррамдин аст, ки ба соли 201 (816м.) дар Озарбойҷон қиём кард ва дигар Мозёр писари Қоран аст, ки дар Мозандарон алами мухолифат барафрошт ва ба соли 224 9838м.) асир ва ба соли 225 (839м.) кушта шуд. Ва гӯянд, ки ин ҳар ду бо Афшин Хайзар писари Ковуси Асрушанӣ, сардори бузурги эронӣ, ки дар хидмати Мӯътасими халифа буд, равобите пинҳонӣ доштанд ва ӯ низ, ки андешаи барандохтани хилофат дар сар дошт, ба соли 226 ба зиндон ва аз он ҷо ба даҳони марг рафт.

## ТАШКИЛИ СИЛСИЛАИ САФФОРӢ

Қиёмҳои мазкур агарчи ғолибан ба натоиҷи мусбате нарасид, вале таъсири муҳими онҳо эҷоди заъф ва хилоф дар дастгоҳи хилофат ва фароҳам овардани муқаддимоти кор барои бар пой хостани ниҳоии истиқлолталабони эронӣ буд ва нахустин касе, ки бо лаёқату кордонии тамом аз ин оби гилолуд моҳӣ гирифт, Яъқуб писари Лайси Саффорӣ рӯйгарзодаи номовари Сиистонӣ аст.

Дар нимаи дувум ва авоили қарни савуми ҳиҷрӣ, ки андешаи истиқлолталабӣ навоҳии мухталифи Эронро фаро гирифта буд ва ҳар ҷо, ки марде чирадаст буд, сар ба мухолифат бо Аббосиён ва тозиён бармедошт, сарзамини Сиистон ҷавлонгоҳи дастаҳое аз «хавориҷ» ва айёрон буд. Дастаи нахустин сиистониёне буданд, ки ҳукумати хулафоро мутлақан дур аз ҳақ мешумурданд ва онҳо ва ҳар киро, ки аз онҳо итоат мекард, шоистаи куштан мепиндоштанд ва дастаи дувум, яъне айёрон ё ҷавонмардон гурӯҳҳое мустақил буданд, ки аз ҳукуматҳо фармон намепазируфтанд ва барои худ ташкилоти табақотӣ ва низоми иҷтимоии хос доштанд. Яъқуб аз ин гурӯҳи дувум буд, ки бар асари лаёқату кордонӣ ба «сарҳанг»-ии дастае бузург аз онон расид ва ба зудӣ аз айёрони Сиистонӣ нирӯе шигарф ба вуҷуд овард ва бо сипоҳи коромаде, ки фароҳам карда буд, худро дар кашмакашҳои сиёсати маҳаллӣ ворид сохт ва дар кори худ чунон тавфиқе ҳосил кард, ки

тавонист дар соли 248 (789м.) бар ҳама Сиистон даст ёбад ва ҳамаи мухолифони худро аъамм аз хаворич ё ҳуккоми маҳаллӣ аз миён бардорад ва билистиқлол фармонравои Сиистон гардад, бе он ки аз халифа «маншури» ҳукумат дошта бошад.

Аз ин сол ба баъд Яъқуб саргарми тавсиаи мамолики худ буд, то соли 254 (793м.) тамоми мухолифони худро дар Сиистон аз миён бурд ва бар Кобулшоҳ ғалаба чуст ва сипас Кирмонро фатҳ кард ва дар соли 259 (798м.) Муҳаммад ибни Тоҳир охирин амири Тоҳириро асир ва ҳукумати тоҳириро мунқариз намуд ва дар соли 261 (800м.) Форсро замимаи мутасаррифоти худ сохт ва бар асари мукотиботе бо халифа Муътамиди Аббосӣ фармони ҳукумати хуросону Табаристон ва Гургону Форс ва Синду Ҳинд ва шуртагии Бағдодро аз ӯ гирифт ва чанд сол баъд маслаҳати худро дар ҳамла ба Бағдод ва тасарруфи он дид, лекин бародари халифа «Муваффақ», ки сардории сипоҳи ӯро дошт, ба ҳила оби Дачларо дар лашкаргоҳи Яъқуб андохт, чунонки бисёре аз сипоҳиёни Сиистон аз миён рафтанд ва Яъқуб то шаҳри Гундишопур (Шопури кунунӣ) ақиб нишаст ва қасди таҷдиди қуво ва ҳамлаи муҷаддад бар Бағдод дошт, ки ногаҳон ба бемории қулинч дар он шаҳр даргузашт (соли 265ҳ. – 804м.) ва кори ӯ нотамом монд. Баъд аз вай бародараш Амру ҷои ӯро гирифт ва ӯ тавонист бо тадбиру киёсат ҳукумати Саффориро сару сомон бахшад ва аз халифа маншури фармонравоӣ бар ҳамаи мамолике, ки бародараш дошт, таҳсил кунад, лекин дар соли 287, ки ба тасхири Мовароуннаҳр рафта буд бар асари ҳодисае гирифтори лашкариёни Исмоили Сомонӣ гашт ва бо ин ҳодиса ҳукумати Саффорӣ мунҳасир ба Сиистон шуд, то дар соли 393 (1003м.) бо ғалабаи Маҳмуди Ғазнавӣ бар он диёр аз қудрат афтод.

Саффориён мардуме меҳнатдӯст ва шуҷоъ буданд. Яъқуб шахсан ба асари тарбияти маҳаллӣ ва синфии худ дар эътиром ба мабонии миллият ва бузургдошти русуму одоби миллӣ сахтгир буд ва ба забони порсӣ алоқае том дошт ва ба ҳамин сабаб фармон дод, то шоирон дар маросиму аъёд ӯро ба забони тозӣ наситоянд, балки ашъори худро ба порсӣ сароянд ва ин муқаддимаи ривоҷи забони форсӣ ба сурати забони расмии дарборӣ дар дарборҳои салотини эронии машриқ гардид ва бад-ин тартиб адаби порсӣ поя гирифт ва барҷой монд.

Ҷонишинони Яъқуб ҳам ҳама бар сирати ӯ рафтанд ва ба ҳиммати онон шеъри дарбории порсӣ дар гӯшаи ҷануби-шарқии Эрон пояе мустаҳкам ёфт ва ин силсила натанҳо бо истиқлолталабии далеронаи худ ҳукумати расмии хулафоро дар Эрон ба таври қатъу яқин ба як навъ ҳукумати исмӣ ва ташрифотӣ мубаддал сохт, балки тавонист ба илзоми шоирон ба порсигӯӣ ва эҷоди шеъри мадҳии дарборӣ ва инти-

хоби забони форсӣ ба унвони забони дарборӣ мӯҷиби истиқлоли адабии Эрон низ гардад ва аз ин роҳ зикри хайри абадӣ ва ҷовидон ёбад. Худованди бузург равони он родмардони дурандешро ба анвори қуддусии худ бипӯшонад.

## ВАЗЪИ ДИНИИ ЭРОН

Дар се қарне, ки мавриди мутолиаи мост, мазоҳибу адёни қадими Эрон якбора аз миён нарафт, балки ҳамаи онҳо аз дини зардуштиву монавӣ ва маздакиву насронӣ ва яҳуд ва ҳамчунин кеши буддоӣ дар навоҳии шарқии фалоти Эрон пайравоне доштанд, мунтаҳӣ ададӣ ин пайравон дар навоҳии мухталиф тағйир мекард ва дунболаи фаъолияти онҳо ба қарнҳои чаҳоруму панҷуми ҳиҷрӣ ва ҳатто дар баъзе аз адён ба қуруни мутааххир ҳам кашид. Боқӣ мондани ан адён ва заъфи тадриҷии онҳо боис шуд, ки порае аз мӯътақидоти марбут ба онҳо дар мазоҳиби мавзӯа дар Эрони аҳди исломӣ нуфуз кунад, монанди ақидаи карромия роҷеъ ба танҳоии Холиқ аз таҳт ва адами танҳоии он аз фавқ, ки мутаассир аст аз эътиқоди монавия бад-ин ки нур аз таҳт (ё аз ҷануб) маҳдуд ба зулмат аст ва аз фавқ (ё аз шимол) номутаноҳӣ ва ё эътиқод ба мавъуд дар иддае аз мазоҳиби шиъа ва ҳамчунин порае аз мӯътақидоти ҳулулия ва ҷуз онҳо.

Дар ин се қарн мазоҳиби исломӣ хоҳ дар Эрон ва хоҳ дар хориҷ аз он бо шиддати камназире зуҳур мекард ва ривоҷ меёфт ва ихтилофоти муслимин дар ин замина ба дараҷае буд, ки метавон гуфт бештари фирақу ниҳали хориҷ аз андозаи муслимин дар ҳамин се қарн ба вуҷуд омада ва пояи эҷоди фирақи дигар ҳам дар ин се қарн ниҳода шудааст. Иллати ин амр он буд, ки дар нахустин қарнҳои давраи исломӣ ҳанӯз муслимин, хоса мусалмонони ғайриараб дар ҷустуҷӯи ҳақоиқи дини ислом ва дарку ҳалли мӯъзилоти он ва алалхусус ёфтани мӯътақидоти исломӣ аз миёни мӯътақидоти қадими худ буданд ва дар ин миён ихтилофоти сиёсӣ ва мунозишоти мусалмонон дар масоиле аз қабили хилофату имомат ва ҳадду расми имону куфр ва чигунагии адои вазоифи динӣ ва дунявӣ ба зарурат дар ин се қарн мебоист идома дошта бошад, то аз миёни дастаҳои гуногун чанд даста дар ҳар боб бар дигарон ғалаба ҷӯянд ва мӯътақидоташон мавриди қабули иддаи бештаре аз мусалмонон гардад ва ин натиҷа дар қарни чаҳоруму панҷум ҳосил шуд, чунонки мазоҳиби муайяне дар ҳар боб аъамм аз фиқҳу қироати Қуръон ё масоили сиёсӣ ва баҳсҳои каломӣ мавриди қабул қарор гирифт ва мобақӣ ба заъф гароид ва андак-андак аз миён рафт.

Пайдост, ки ин мунокишот дар афкору услубҳои фикрии мусалмонон ва дар натиҷа дар шеъру наср ҳам муассир афтод, гузашта аз он ки худ мӯҷиби эҷоди адабиёти пурдоманаи динии мусалмонон дар ин айём гардид.

Эрониён дар ин мунокишоти азим ва пурвусъат натанҳо бетараф намонданд, балки саҳми умда ва асосӣ дар ин маврид ҳам, монанди соири абвоби тамаддуни исломӣ бо онон буд ва ба ҳукми қотеъ метавон гуфт, ғолиби мазоҳиби исломӣ, хоса аз авоили қарни дуввум то авоили қарни чаҳорум бар Ироқи араб ва вилоёти Эрон падид омад ва онҳо, аз он миён боқӣ монд, андак-андак мавриди қабули миллатҳои дигари мусалмонон низ шуд.

Баҳс дар ин мазоҳиби мухталиф ва мутааддид ва мунокишоте, ки бар сари онҳо рух медод, суханро сахт ба дарозо хоҳад кашонид, пас беҳтар он аст, ки ба ихтисор дар бораи онҳо сухан гӯему бигзарем.

Ихтилофоти муслимин ва ташаъъуби онон ба шуъаби мухталиф бар се мавзӯи асосӣ сурат гирифт:

Аввал мавзӯи ҷонишинӣ: аз ин роҳ се дастаи аслии аҳли суннат ва ҷамоат, шиъа ва хавориҷ ба вуҷуд омаданд, ки ҳар даста аз онҳо худ ба шуъаби мухталиф тақсим шуданд.

Дувум ихтилоф дар усули ақоид, яъне баҳс дар сари масоили усулӣ ва мобаъдуттабиии исломӣ ва ё беҳтар бигӯем, масоили назарии дини ислом. Аз ин роҳ мӯътақидон ба ихтиёр (қадария) ва ҷабр (муҷаббира) ва мӯътазила, карромия, наҷҷория, ҳулулия, аҳли таносух ва чандин фирқаи дигарро мешиносем, ки аз миёни ҳамаи онҳо дар қарни дувуму савуми ҳиҷрӣ мӯътазила бештар нуфуз дошта ва дар ҳаёти фикрии муслимин муассир будаанд. Мӯътазила хилофи бисёре аз фирақи мӯътақид ба танзеҳи вуҷуди воҷиб аз ҷисмият ва лавозими он ва низ қоил ба «адл», (ки мунҷар ба масъалаи ихтиёр мегардад) ва мӯътақид ба салтаи ақл ва асари он дар маърифати нек аз бад ва ҳалли мӯъзилоти динӣ будаанд ва чун мубоҳиси дақиқе, ки дар мақолоташон вуҷуд дошт, мӯҳтоҷи исбот буд, ногузир мутавассил ба мантиқу ҳикмат, хоса ҳикмати машоъ мешуданд ва онро барои исботи мақолоти каломии худ истиҳдом менамуданд ва ин амр табъан ба нашри ҳикмати юнонӣ дар тамаддуни исломӣ ёварии бисёр кард.

Савум, ихтилоф бар сари масоили амалии дин ва ба иборати дигар, ихтилоф дар фурӯи аҳком, ки мунҷар ба зуҳури чандин мазҳаб дар масоили фиқҳӣ гардид, монанди, фирқаи ҳанафияи тарафдорони қиёс дар истинботи аҳком (пайравони Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит, ваф. 150ҳ. – 768м.) ва фирқаи моликия тарафдорони истинбот ба ҳадису суннат ва иҷмоъ (пайравони Молик ибни Анас, ваф 179ҳ. –

796м.) ва фирқаи шофеъия тарафдорони ҳадди васат миёни ду тариқаи мазкур пайравони Муҳаммадин ибни Идриси Шофеъӣ, ваф. 204ҳ. – 820м.) ва фирқаи ҳанбалия (пайравони Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳанбал ваф. 241ҳ. – 856м.), ки ба сабаби алоқа ва иштиғоли шадид ба аҳодис дар истинод ба онҳо дар ҳалли мушкилот ва масоили динӣ муболиға мекард) ва фирқаи довудия, (пайравони Абӯсулаймон ибни Довуд ибни Алӣ ибни Довуди Исфаҳонӣ маъруф ба Довуд аз-Зоҳирӣ, ваф. 270ҳ. – 884м., ки ба куллӣ мункири қиёс буд ва иктифо ба завоҳири аҳкомро дар дарки масоили фиқҳӣ кофӣ медонист) ва фирқаи табария (пайравони Муҳаммад ибни Ҷарир ат-Табарӣ, ваф. 310ҳ. – 923м.) ва фирқаи саврия (атбоъи Суфён ибни Саъид ас-Саврӣ, ваф. 161ҳ. – 777м.) ва фирқаи ҷаъфария, пайравони Имом Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ас-Содиқ (ваф. 148ҳ. – 766м.), ки ҳамон шиъаи имомияи исноашарияанд.

Пайдост, ки авомили дигаре ҳам барои тафарруқи мусалмонон ва эҷоди мазоҳибу тариқаҳо тоза вуҷуд дошт, монанди ихтилофи назар дар қироати Қуръон, ихтилофи равиш дар тафсири Қуръон ва назоири инҳо, ки барои иттилоъ аз онҳо бояд ба кутуби машрӯҳтар мурочиа кард.

## *ФАСЛИ ДУВВУМ*

# ВАЗЪИ УЛУМ ДАР СЕ ҚАРНИ АВВАЛИ ҲИҶРӢ

## ТАҚСИМИ УЛУМ

Улум дар назари мусалмонон маҷмӯаи иттилоот ва донишҳоест, ки дар умури динӣ ва дунёвӣ баҳс кунад, аъамм аз масоили шаръиву урфӣ ва адабиву ақлӣ ва ҷуз онҳо. Пас, ҳангоме, ки дар тамаддуни исломӣ сухан аз илм меравад, бинобар расми муосирон танҳо ба улуми исботӣ ва таҷрибӣ таваҷҷӯҳ надорем, балки муроди мо ҳамаи анвои иттилооти башарист. Муслимин ин иттилоотро маҷмӯан ба ду дастаи улуми манқул ва улуми маъқул тақсим мекунанд ва улуми манқулро ба ду дастаи улуми адабӣ ва улуми шаръӣ мунқасим медоранд ва нахустинро муқаддимае барои дуввумин қарор медиҳанд.

### *1. УЛУМИ ШАРЪӢ*

Улуми шаръи мунқасим мешавад ба улуми марбут ба Қуръон монанди илми қироати Қуръон ва илми тафсири Қуръон ва фурӯи онҳо, улуми марбут ба ҳадис ва фурӯи он, илми фиқҳ ва фурӯи он, илми калом.

Илми қироати Қуръон аз сувари назми каломуллоҳ аз ҳайси вуҷуди ихтилофоти мутавотира баҳс мекунад ва мурод аз он таҳсили малакаи забти ихтилофот ва фоидаи он, сиёнати каломуллоҳ аз таҳрифу тағйир аст. Ихтилофоте, ки дар қироати Қуръон вуҷуд дорад, ношӣ аз ихтилофи ривоёти саҳоба аст дар баъзе алфоз ва кайфиёти ҳуруф ва адои онҳо, ки айнан аз онон ба «тобиъин» ва аз тобиъин ба дигар қуррои Қуръон интиқол ёфт, то саранҷом дар қарни дувуми ҳиҷрӣ қироати ҳафт тан аз қориён ба номи «қурро-ус-сабъа» аз миёни онҳо бар дигарон бешӣ ҷуст ва мақбули ҳамаи муслимин афтод ва сипас то авохири ҳамон қарн ва авоили қарни савум се қироати дигар ҳам бар онҳо афзуда шуд ва салот бо он қироатҳо низ ҷоиз дониста шуд. баъдҳо то қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ бархе аз қурро, ки дорои қироатҳои шоз буданд, пайдо шуданд, ки шеваи баъзе аз онҳо низ дар миёни муслимин ривоҷ ёфт ва ихтилофи қироат маҷмуан бар чаҳордаҳ ривоят қарор гирифт. Илми қироати Қуръон дорои фурӯъест монанди илми махориҷи ҳуруф ва алфоз, илми расм-ул-китоба фи-л-масоҳиф, илми одоби китобат-ул-масоҳиф ва ғайра.

Илми тафсири Қуръон дар бораи ҳақиқати маънии оёти Қуръон ба муқтазои қавоиди луғавӣ ва сарфиву наҳвӣ ва балоғӣ, асбоби нузули оёт ва тартиби нузул ва тавзеҳи ишороту муҷмалот ва тамйиз додани носих ва мансух ва муҳкам аз муташобеҳ ва шарҳи қасасу ҳикоёти Қуръон ва назоири ин маънӣ баҳс мекунад. Ғараз аз он маърифати маънӣ ва ҳақоиқи қуръонӣ ва фоидаи он ҳусули қудрат дар истинботи аҳкоми шаръӣ бар ваҷҳи саҳеҳ ва мавзӯи он каломуллоҳ аст.

Дар оғози кори ислом барои араб ишколи муҳиме дар фаҳми Қуръон вуҷуд надошт, вале бо нашри он ба ривоҷ дар миёни милали ғайриараб албатта аз ҷиҳати мухталифи луғавӣ ва сарфиву наҳвӣ ва ғайра ҳоҷати тавзеҳу тафсири Қуръон ба миён омад. Дар бидояти ҳол барои тавзеҳу тафсири Қуръон мунҳасиран аз ахбору ривоёти саҳоба ва тобиъин истифода мешуд, вале ба тадриҷ илми тафсир тавсиа ёфт ва аносири адабиву таърихӣ ва тавҷеҳоти мухталифи фиқҳӣ ва назоири ин матолиб ҳам дар ин амр мутадовил гардид ва баъд аз зуҳури фирқаҳои мухталиф аз мутафаккирини исломӣ монанди мутакаллимин ва ҳукамову урафо бинобар салиқаи ҳар даста аз онҳо тавзеҳи оёти қуръонӣ аз марҳалаи тафсир ба марҳалаи таъвил ворид шуд ва дар натиҷа тафсир анвои мухталифе пайдо кард, монанди тафсири омма, тафсири хоса, тафсир ба шеваи ҳукамо, тафсир ба салиқаи урафо ва ҷуз онҳо.

Таърихи тафсири Қуръон бисёр қадим аст ва куҳантарин тафсири мавҷуд мансуб аст ба Ибн Аббос (Ҳибр-ул-умма Абдуллоҳ ибн Аббос ибн Абдулмуталлиб, ваф. 68ҳ. – 688м.), ки мусалламан маҷмӯаи ривоётест аз ӯ дар шарҳу тавзеҳи маънии Қуръон. Вале то поёни қарни савум ва оғози қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ муҳимтарин тафсири Қуръон ва ҷомеътарини онҳо «Ҷомеъ-ул-баён»-и маъруф ба «Тафсири кабир», таълифи гаронбаҳои Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (ваф. 310ҳ. – 923м.) аст, ки дар миёни муслимин ҳам аз оғози интишор мақбулияти бисёр ёфт ва ба ҳамин сабаб ҳанӯз чанд гоҳе аз таълифи он нагузашта, ба фармони подшоҳи Сомонӣ Мансур ибни Нӯҳ ба порсӣ тарҷума шуд ва он тарҷума машҳур аст ва ба табъ расида ва дар бораи он ба ҳангом сухан хоҳад рафт.

Илми ҳадис мутаваҷҷеҳ ба ҷамъу тадвин ва ривоят ақволу суннатҳо ва аҳволи пайғомбари ислом аст, ки табъан дар шинохти аҳком ва вазоифи шаръӣ ва таъйини сармашқҳои кирдору гуфтор ва андешаи мусалмонон аҳамияти бисёр ва мартабаи аъло дорад. Ин илм худ ба ду илм – «Ривоят-ул-ҳадис» ва «Дироят-ул-ҳадис» муншааб мешавад ва ҳар ду дорои фурӯи мутааддиданд. Дар оғози кори

муслимин танҳо ба ҳифзу нақли аҳодис басанда мекарданд, лекин батадриҷ таваҷҷӯҳ ба забти онҳо дар миён омад, хоса аз даврае, ки ҷаъали аҳодис ва омехтани ҳадисҳои дурӯғин ба ҳадисҳои ростин маъмул шуд ва аз ин роҳ бими мушкилоте барои ислом мерафт. Ба ҳамин сабаб аз авосити қарни дувуми ҳиҷрӣ ба баъд иддае аз кибори муҳаддисин шурӯъ ба тадвини аҳодис карданд, ки акнун аз миёни қадимтарини онҳо «Муватто»-и Молик ибни Анас (ваф. 179ҳ. – 796м.) дар даст аст. Аммо муҳимтарин таълифот дар илми ҳадис аз авосити қарни савуми ҳиҷрӣ ба баъд ба василаи уламои бузурги эронӣ падид омад, монанди «Ҷомеъ-ул-саҳеҳ» аз Имом Муҳаммад ибни Исмоили Бухорӣ (ваф. 256ҳ. – 870м.) ва китоби «Саҳеҳ» аз Абулҳасани Муслим ибни Ҳаҷҷоҷи нишопурӣ (ваф. 261ҳ. – 875м.) ва китоби «Сунан»-и Ибни Моҷаи Қазвинӣ (ваф. 273ҳ. – 887м.) ва китоби «Сунан» аз Иби Довуд (ваф. 275ҳ. – 889м.) ва китоби «Сунан» аз ат-Тирмизӣ (ваф. 279ҳ. – 893м.) ва китоби «Сунан»-и ан-Насрӣ (ваф. 303ҳ. – 916м.). Аз миёни бузургони мазҳаби ташайййӯъ низ муҳаддисоне дар ин аҳд будаанд, лекин чунонки медонем, муҳимтарин кутуб, яъне аркони арбаъаи шиъа дар ахбору аҳодиси имомия дар қарни чаҳорум таълиф шуд ва дар бораи муаллифони онҳо баъд аз ин сухан хоҳем гуфт.

Илми фиқҳ аз фурӯи амалии аҳкоми шаръ баҳс мекунад ва мақсуд аз он таҳсили иқтидор бар иҷрои аъмоли шаръист. Мабнои ин илм бар истинботи аҳком аст аз китобу суннат ва ба сабаби ҳамин истинбот маҳалли иҷтиҳод аст ва натиҷаи иҷтиҳод ихтилофи фуқаҳо ва эҷоди дастаҳои ҷадид аст дар миёни муслимин, ки пеш аз ин зимни зикри фирқаҳо ва мазоҳиби мухталифи муслимин бад-инҳо ишора шудааст ва дар он ишора дидаем, ки чанд тан аз бузург-тарин фуқаҳои аввалияи аҳли суннат ва ҷамоат дар се қарни аввал аз навоҳии мухталифи Эрони қадим бархостаанд, мисли Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит муассиси фирқаи ҳанафия ва Абӯсулаймон До-вуди Исфаҳонӣ, муассиси фирқаи Довудия ва Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, муассиси фирқаи Табария.

Бар рӯи ҳам бояд донист, ки се қарни аввали ҳиҷрӣ аз ҳамаи қурун ва адвори дигари исломӣ бештар мустаъиди зуҳури ма-зоҳиби мухталифи фиқҳӣ ва давраи иҷтиҳод ва судури орои гуно-гун нисбат ба кайфияти истихроҷи аҳкоми фиқҳӣ аз китобу суннат ё раъю қиёс буда ва ба ҳамин нисбат ҳам кутуби бисёр дар ин се қарн навишта шудааст ва ҳар як аз соҳибони мазоҳиб ва шогирдо-ну пайравони онон таълифоти гаронбаҳо падид овардаанд, ки баъзе аз онҳо ҳанӯз ҳам дар даст аст.

Бар асари ин таваҷҷуҳ ва инояти шадид фурӯи аҳкоми исломӣ ба тамомӣ дар ин се қарн тадвин шуд, чунонки давраҳои баъдро метавон давраи идомаи мазоҳиби муҳими фиқҳии се қарни аввал ва ҳатто давраи интихоби дастае аз мазоҳиб ва тарки мазоҳиби дигар донист.

Аз миёни фурӯъи илми фиқҳ аз ҳама муҳимтар яке илми усул-ул-фиқҳ (нозир бар тариқаи истинботи ҳуҷҷатҳои аҳкоми фаръия аз адиллаи иҷмолия) ва дигар илми хилоф (нозир бар кайфияти эроди ҳуҷҷатҳои шаръӣ ва дафъи шубаҳот бо эроди бароҳини қатъӣ) ва дигар илми ҷадал (нозир бар таҳсили усул ва шароиту кайфиёти манозир дар адилла ва аҳкоми фиқҳӣ) аст ва дар ин улум ба сабаби он ки ҷанбаи истидлол ва исбот доранд, иттилоъ аз баъзе муқаддимоти ҳикмат, хоса илми мантиқ лозим аст ва ба ҳамин сабаб иддае аз мутаашарриъин бо иштиғол бад-онҳо мухолифат доштанд. Дар тамоми ин улум ва дар худи илми фиқҳ аз қарни чаҳорум ба баъд иддаи касире аз донишмандони эронӣ соҳиби таълифоти машҳуранд, ки дар тамоми тамаддуни исломӣ марҷаи уламо ва талабаи фан буда ва ҳаст.

Илми калом мутазаммини баёни далоил ва ҳуҷҷатҳои ақлӣ дар боби ақоиди имонӣ ва рад бар мубтадиъа ва аҳли куфру залолат аст. Илми калом махлуқи баҳсҳо ва мунокишотест, ки аз авохири қарни аввал миёни мусалмонон дар бораи масоили эътиқодии ислом аз қабили тавҳид ва таҷсиму ташбеҳ ва ҷабру ихтиёр ва ҳудуди имону куфр ва амсоли ин масоил дар гирифт ва чун тарафдорони ҳар як аз ин мабоҳис ё мухолифони онҳо муҳтоҷи далоиле барои исботи ақоиди худ ё радди онҳо буданд ва ҳар истидлоле табъан натиҷаи баҳсҳои ақлонист, аз ин роҳ барои ҳар даста усулу мабоҳисе фароҳам омад, ки «илм-ул-калом» аз онҳо ташкил шуд.

Илми калом дар миёни мусалмонон ба илале чанд оғоз шуда ва тавсиа ёфтааст. Аз ҷумлаи он иллатҳост: 1. Дифоъ аз мабонии эътиқодии ислом дар муқобили мухолифони шариъат. 2. Ҷустуҷӯ ва пайгирии уқалои ислом барои дарку тавҷеҳ ва таълили мабонии эътиқодии худ ва мунокишоте, ки табъан аз ин роҳ дар миёни онон рух медод. 3. Ихтилофоти бузурги муслимин бар сари масоили мухталиф, ки мунҷар ба ташкили фирқаҳои гуногун шуд ва ҳар фирқаро ба навъе дар роҳи дарки усули дин дар баробари фирқаҳои дигар қарор дод. 4. Нуфузи шеваҳои каломии адёни дигаре, ки дар ҳавзаи ҳукумати ислом шоеъ буд, монанди ақоиди монавиён, масеҳиён, зардуштиён, собииён ва амсоли онон.

Бузургтарин фирқа аз фирқаҳои исломӣ, ки ба кори таҳқиқ дар масоили каломӣ пардохта ва бо истифода аз мабонии ҳикмат дар

тадвини мабоҳиси илми калом ва пайрезии воқеии он тавфиқ ёфта, фирқаи мӯътазила аст, ки бунёнгузорони воқеии он, яъне Восил ибни Ато ва Амру ибни Убайд, ки ҳар ду аз маволӣ будаанд, дар нимаи аввали қарни дуввуми ҳиҷрӣ кори худро оғоз карданд ва ба зудӣ пайравони бисёр аз нависандагон ва уқало барои мазҳаби онон фароҳам шуд, ки дар қарни савуму чаҳорум нуфузи фикрии шадиде дар тамаддуни исломӣ ҳосил карданд ва бештари машоҳиру пешравони он аз миёни эрониён бархостанд.

## 2. *УЛУМИ АҚЛӢ*

Мурод аз улуми ақлия (зеҳния, ҳикамия) ё «улуми авоил» тамоми улумест, ки бо тааққул ва истидлол сару кор дошта бошад ва онҳо иборатанд аз ҳамаи анвои ҳикмату усул ва фурӯъи ҳар як аз чаҳор илм: «илоҳӣ» ва «табиӣ» ва «риёзӣ» ва «ахлоқ» ё ҳикмати амалӣ ва муқаддимаи онҳо, яъне илми мантиқ, ки худ ба як муқаддима ва ҳашт боб тақсим мешавад.

То поёни аҳди умавӣ, ки сиёдати сиёсӣ ва иҷтимоии ислом бо тозиён буд, иштиғол ба улум муяссар нагардид, зеро ақвоми араб ба хӯи биёбонӣ ва ҷаҳлу нодонии худ аз мазоёи илм ва фавоиди он хабаре надоштанд. Иштиғол ба дониш танҳо кори милале аст, ки дар мароҳили тамаддун пеш рафта ва истеъдоди пайҷӯии асрори хилқат ва розҳои табиатро ёфта бошанд. Ва онгаҳе дар як қарну анде аз оғози аҳди ислом тозиён саргарми лашкаркашиҳо ва пирӯзиҳои худ буданд ва фурсати таваҷҷӯҳ ба корҳои маънавӣ ва илмӣ барои онон ҳосил набуд ва аз ин рӯй то авосити қарни дувуми ҳиҷрӣ натанҳо коре дар роҳи ошноӣ бо улум накарданд, балки ба иддае аз марокизи илмӣ ва ба китобхонаҳои милали мағлуб садамоте ҳам расониданд.

Марокизи илмии пеш аз ислом ва муқорини футӯҳоти муслимин ҳамагӣ мутааллиқ ба миллатҳое буд, ки аз дер боз дар дунболи илал ва асбоби хоси таърихӣ ва бар асари пешрафтҳои маданӣ ва ё гоҳ бар асари баъзе ҷараёноти мазҳабӣ монанди нашри маслиҳат, ба улуми ақлӣ саргарм шуда ва дар онҳо тараққиёте ҳосил карда буданд.

Ҳангоме ки дини ислом интишор дода мешуд, чанд маркази умда аз Миср то Ҳинд саргарми фаъолиятҳои илмӣ буд, монанди маркази маъруфи Искандария ва марокизи илмии Бизонс ва Измир ва шаҳрҳое аз савоҳили улёи Фурот мисли Рухо ва Қансарин ва Ҳаррон

дар ҳавзаи императории Руми шарқӣ ва марокизи муҳими илмӣ дар шоҳаншоҳии Сосонӣ мисли Насибин ва Тайсафун ва Селевкия ва Гундишопур ва Решхар (Ревордшир) ва Марв ва ҷуз онҳо. Дар ин марокиз ба ихтилофи забонҳои юнониву суриёнӣ ва паҳлавиву набатӣ ва ҳиндӣ ба унвони забонҳои илмӣ мутадовил ва мавриди истифода буд ва дар тамоми онҳо улуми мухталифи ақлӣ, хоса ҳикмати табиӣ ва риёзӣ ва тамоми шуъаби онҳо ва мантиқи Арастуӣ роиҷ буд ва дар онҳо ҳам аз иттилооти қадимаи маҳаллӣ ва ҳам аз осори илмии уламои юнонӣ истифода мешуд. Баъзе аз ин марокиз дар улуми хосе шӯҳрати фаровон дошта ва маркази таҳсилот будаанд. Масалан, Ҳаррон як маркази бузурги улуми риёзӣ буд ва шарҳи Гундишопур бо бемористони маъруфаш шӯҳрати фаровоне дар тиб ва табииёт дошт ва Марв як маркази бузурги улуми риёзӣ дар Хуросон ва маҳалли талоқии иттилооти пешрафтаи built эрониён ва ҳиндувон дар ҳайъату нуҷум ва риёзиёт буда ва чунонки медонем дар пешрафти улуми риёзӣ дар давраи исломӣ Эрон асари бисёр нерӯманде доштааст. Ҳамаи ин марокиз чи дар овони шуюъи ислом ва чи дар даврае, ки хулафои рошидин ва умавиён саргарми футӯҳоти худ дар атрофу акнофи олам будаанд, масоъии худро дар роҳи дониш идома медода ва таваҷҷӯҳе ба вайронгариҳои фотеҳони ҷадид надоштаанд, забони илмиашон ҳамчунон юнониву суриёнӣ ва паҳлавиву ҳиндӣ ва набатӣ буд ва муштағилон ба кори илм дар он марокизи адёни қадим худро ба ҳамон шеваи собиқ идома медоданд.

## ТАВАҶҶӮҲИ МУСЛИМИН БА УЛУМ

Вазъ дар ҳамин минвол буд, то ҳукумати ҷобир ва тозишиъори Умавӣ барафтод ва риҷоли эронӣ, хоса Хуросониён Оли Аббосро дар Куфа ва баъд аз он дар шаҳраки эронии Бағдод бар маснади хилофат нишонданд ва худ барои идораи куллияи умури диниву сиёсӣ ва идориву иҷтимоӣ ва низомӣ бар гирди онон ҳалқа заданд. Ин риҷоли бузург, ки то дергоҳе аз давраи хилофати Оли Аббос фармонравоён ва идоракунандагони воқеии мамолики васеи исломӣ будаанд, бар асари огоҳӣ, ки аз қадим бо дониш дошта ва ба иллати он ки аз осори пешрафтаи аҳди Сосонӣ бархӯрдор буда ва ҳамон суннатҳои аҳди Сосониёнро дар Бағдод таҷдид карда буданд, зимни истилоҳоти мухталифе, ки дар пеш гирифта буданд, ба кори дониш ва ташвиқи уламо низ таваҷҷӯҳ карданд ва нахустин хулафои Аббосӣ ҳам, ки бо онон хӯйгир буда ва аз басе ҷиҳот аз эшон қабули асар карда буданд, дар ин роҳ бо онон ҳамгом шуданд ва ба сарфи

мол дар роҳи ҷамъоварии донишмандон дар Бағдод пардохтанд ва ононро ба тарҷумаи китобҳои маъруфи илмӣ аз забонҳои юнонӣ ва суриёнӣ ва паҳлавиву ҳиндӣ ва набатӣ ташвиқ карданд.

Нахустин иқдоме, ки дар ин роҳ сурат гирифт, аз аҳди хилофати Мансури Давоники (136-158ҳ. – 754-776м.) дувумин халифаи Аббосист. Вай ба иллати ибтило ба беморӣ раиси бемористони Гундишопур, яъне Ҷурҷис писари Бахтишуъро, ки як пизишки моҳири эронии настурӣ буд, ба Бағдод эҳзор ва сипас ногузир ба иқомат дар он диёр кард ва баъд аз ӯ батадриҷ иддае аз шогирдону ҳамкоронаш, ки мардуме донишманд ва табибону доругарони моҳире буданд, ба Бағдод рӯ оварданд ва дар он шаҳр бисоти таълифу таълим густурданд. Аз ҷумлаи ин донишмандон ғайр аз баргузидагони хонадони Бахтишуъ касоне монанди Юҳанно писари Мосуя ва Исо писари Чаҳорбахт ва Юсуфи Ноқил (мутарҷим) ва Шопур писари Саҳл дар таърихи тибби исломӣ мақоми баланде доранд.

Аз ҷониби дигар хулафои Аббосӣ ҳам аз аҳди Мансур ба баъд бар асари эътиқод бар аҳкоми нуҷумӣ гурӯҳе аз мунаҷҷимону риёзидонони бузурги эронӣ монанди Навбахти Аҳвозӣ ва писараш Хуршозмоҳи Маканӣ ба Абӯсаҳл ва як *хонадони эронӣ, ки билвулои* араб будаанд, яъне Иброҳим ибни Ҳабиби Фазорӣ ва писараш Муҳаммад ва амсоли ононро дар дарборҳои худ ҷамъ карданд ва инон низ ҳамон кори таълифу таълими худро ин бор ба забони арабӣ дар Бағдод идома доданд ва бад-ин тартиб як маркази илмии ҷадид ба ҷои марокизи илмии ёдшуда дар зери соя ва ҳимояти моддӣ ва маънавии хулафои Аббосӣ ва вазирону саркардагони эронӣ ба вуҷуд омад, ки уламои мутааддидеро аз Димишқу Ҳаррон ва низ аз Хузистону Хуросон ва навоҳии дигари Эрон ба худ ҷалб кард ва дере нагузашт, ки ба сурати яке аз бузургтарин марокизи илмии дунёи қадим даромад ва маншаи эҷоди марокизи мутааддиди илмии дигаре дар ҳавзаи ҳукумати исломӣ гардид.

## ТАРҶУМА ВА НАҚЛИ УЛУМ

Нахустин кори бузурги ин ҳавзаи ҷадиди илмӣ тарҷума ва нақли улум ба забони арабӣ ва даровардани забони биёбонии арабӣ ба сурати як забони илмӣ буд. Ин кор, яъне тарҷума ва нақли улум ба дасти гурӯҳе аз уламои бузург анҷом гирифт, ки дастае аз марокизи ғайриэронии мазкур, махсусан аз марокизи атрофи савоҳили улёи Фурот меомаданд ва дастаи бузургтари дигаре аз ҳавзаҳои илмии Эрон ба Бағдод рӯ меоварданд. Аз ҷумлаи ин мутарҷимони бузург,

ки баъзе аз онҳо нахустин таълифоти илмиро ҳам ба забони арабӣ бар ҷой ниҳоданд, ин бузургонро ном мебарем:

Ҷурҷис писари Бахтишуъ ва фарзандаш Бахтишуъ ва наводааш Ҷаброили Гундишопурӣ, ки аз аҳди Мансур то аҳди Ҳоруни Аббосӣ дар Бағдод ба тарҷума ва таълиф иштиғол доштаанд.

Юҳанно писари Мосуя аз пизишкони маъруфи Гундишопурӣ (ваф. 243ҳ. – 858м.), ки аз аҳди Ҳорун ба баъд ба таълими тиб ва тарҷумаи кутуби тиббӣ дар Бағдод саргарм буд ва муддате раёсати Байтул-ҳикмаи Бағдодро (ки маркази ҷамоварии кутуби илмӣ ва мутолиа ва таҳқиқ дар онҳо ё тарҷумаи онҳо будааст) низ бар ӯҳда дошт ва аз таълифи кутуб дар пизишкӣ низ ғофил набуд.

Рабани Табарӣ аз тарбиятёфтагони ҳавзаи илмии Марв, ки дар тиббу нуҷум ва риёзиёт моҳир буд. Вай нусхае аз «ал-Маҷастӣ»-и Батлимус риёзидони бузурги Искандарониро аз юнонӣ ба арабӣ даровард.

Навбахти Аҳвозӣ мунаҷҷими Мансур ва писараш Абӯсаҳли Хуршозмоҳ, мутарҷимони кутуби риёзӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ.

Умар писари Фархони Табарӣ, ки дар хидмати Яҳё писари Холиди Бармакӣ ва Фазл писари Саҳли Зурраёсатайн ба сар мебурд ва чанд китоб барои Маъмуни Аббосӣ тарҷума кард.

Иброҳим писари Ҳабиб ва фарзандаш Муҳаммади Фазори Билвало, ки ҳар ду аз мунаҷҷимону риёзидонони бузург буданд ва аз нахустин касонанд, ки кутуби риёзии ҳиндиро ба арабӣ нақл карданд. Асари машҳурашон тарҷумаест аз маҷмӯаи риёзӣ ва нуҷумии Сидҳонто аз ҳиндӣ ба арабӣ, ки ба «Ас-Синд Ҳинд-ул-кабир» шӯҳрат ёфт ва муддатҳо мавриди истифодаи мунаҷҷимони исломӣ буд. Муҳаммад писари Мӯсои Хоразмӣ, риёзидони маъруф хулосае аз ин китоб тартиб дод, ки он ҳам дергоҳ мавриди истифода будааст.

Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ мутарҷими «Зичи Шаҳриёр», Юсуфи Ноқил (мутарҷим), Исо писари Чаҳорбахти пизишк ва дорушиноси Гундишопурӣ ва мутарҷими иддае аз расоили Ҷолинус, Рӯзбеҳ писари Додвеҳ (Абдуллоҳ ибн-ул-Муқаффаъ) нависанда ва мутарҷими олиқадри китобҳои таъриху адаб аз паҳлавӣ ба арабӣ, ки баъзе китобҳои мантиқи Арастуро низ аз он забон ба арабӣ даровард.

Аз охирин мутарҷимони бисёр маъруфи эронӣ, ки дар қарни чаҳорум ва баъзе то авоили қарни панҷуми ҳиҷрӣ мезистаанд, яке Абузакариё Яҳё ибни Удай ал-Мантиқӣ (ваф. 364ҳ. – 975м.) ҳаким ва муаллифу мутарҷими маъруф ва дигар Абулхайри Хаммор (Ҳасан ибни Савор ибни Бобо ибни Баҳром) ҳаким ва мутарҷиму муаллифи машҳур (ваф. 408ҳ. – 1026м.) ва дигар Абӯрайҳони Бе-

руний мутафаккири бузург ва риёзидони номовар, ки иддае аз кутуби фалсафиву тиббӣ ва нуҷумиву достонии ҳиндиро ба арабӣ нақл кардааст (ваф. 440ҳ. – 1058м.).

Ба василаи ҳамаи ин мутарҷимони эронӣ ва анэронӣ кутуби бисёр дар мантиқу мобаъдуттабиъа ва тиббу ҳандаса ва ҳисобу ҳайат ва танҷиму кимиёву фалоҳат ва ғайра ба забони арабӣ даромад ва аз ин роҳ улуми мухталифи милали машҳур ва осори тамоми уламои тирози аввали дунёи қадим аз Ҳиндустон гирифта то Искандария ва Юнон дар дастраси уламои исломӣ қарор гирифт ва муслимин аз роҳи мутолиа ва таҳқиқ дар он кутуб бо улуми юнониву ҳиндӣ ва эронӣ ва ҷуз он ошно шуданд ва онҳоро бо якдигар даромехтанд ва бо мутолиоту мубоҳисот ва таҷоруби худ дар порае аз улум изофоту ислоҳоте эҷод карданд. Давраи такомули ҳамаи ин улум ва асри баҳрабардории мусалмонон аз кӯшишҳои худ дар роҳи нақлу тадвини улум қарни чаҳорум аст, чунонки биёяд.

Уламои эронӣ, ки дар ин нeҳзати азими илмӣ ширкат карда бошанд, мутааддид ва ҳар як дар кори худ машҳур ва соҳиби таъсироти инкор нокарданӣ дар пешрафти ҷаҳонии уламанд. Аз баъзи ин донишмандон, ки илова бар тарҷумаҳои илмӣ дорои таълифоте низ дар фунуни илм будаанд, пеш аз ин дар шумори мутарҷимон сухан гуфтаем. Ғайр аз онон дар ин се қарн донишмандони дигаре ба пешбурди донишҳо дар ҳавзаи илмии исломӣ ёрӣ кардаанд, монанди:

Аҳмад ибни Абдуллоҳи Ҳосибӣ Марвазӣ (ваф, 220ҳ. – 835м.), ки аз ӯ «Китоб-ул-абъод ва-л-аҷром» ва «Китоби зиҷ» дар даст аст.

Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мӯсо Хоразмӣ, муосири Маъмун, бузургтарин олими риёзии дунёи қадим, ки дар таърихи улум мақоме баланд дорад. Китоби ҳисоби ӯ, ки асли арабии он мафқуд, вале тарҷумаи лотинии он мавҷуд аст, дар шиносонидани усули ҳисоби ҳиндӣ ба дунёи исломӣ ва масеҳӣ таъсири шигарф доштааст. Вай дар такмили илми ҷабр ва муқобала саҳми бузурге дар миёни уламои олам дорад. Аз осори ӯ дар ин илм «Китоб-ул-мухтасар фи-л-ҷабр ва-л-муқобала» ба матни арабӣ ва тарҷумаи лотинӣ ва тарҷумаи инглисӣ мавҷуд ва машҳур аст.

Абулаббос Фазл ибни Ҳотами Табрезӣ яке дигар аз муаллифони бузурги риёзии қарни савум аст (вафоти ӯ дар ҳудуди соли 309ҳ. – 922 иттифоқ афтода). Аз ӯ шарҳи «Китоб-ул-усул»-и Уқлидус ва китоби «Самт-ул-қибла» ба табъ расидааст.

Номи муосири бузурги Хоразмӣ, яъне Муҳаммад ибни Касири Фарғонӣ ба сабаби таъсири азиме, ки дар олами исломӣ ва бар муаллифони лотинизабон дошта, қобили зикр аст. Аз осори ӯ ду рисо-

ла дар устурлоб ва китоби ӯ дар усули илми нуҷум бо тарҷумаҳои лотинӣ дар даст аст.

Бани Мӯсо ибни Шокири Хуросонӣ (Муҳаммад, Аҳмад, Ҳасан), ки аз як хонадони сарватманди Хуросонӣ падид омада буданд, дар Бағдод бисоти таълифу тарҷума ва таҳқиқ дар масоили риёзӣ густурда ва монанди соири эрониён дар пешрафти ин улум таъсири бисёр карда буданд. Аз ин се бародар Муҳаммад (ваф. 259ҳ. – 873м.) аз ҳама машҳуртар аст ва аз ӯ «Китоб-ул-махрутот» шӯҳрати бисёр дорад, ки Хоҷа Насриддини Тӯсӣ таҳрире аз он тартиб додааст. Аз ин бародарон як китоби дигар «Маърифат-ул-ашкол-ул-басита ва-л-курия» дар даст дорем.

Абӯмуашшар Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ (ваф. 272ҳ. – 886м.) риёзидони машҳур бо таълифоти мутааддидаш дар мартабае аз шӯҳрат аст, ки ҳанӯз ҳам дар шумори уламои бисёр бузурги риёзии дунёи қадим қарор дорад. Аз осори ӯ дар ҳудуди дувоздаҳ китоб дар даст аст ва аз он ҷумла китобест ба исми «Қиронот-ул-кавокиб», ки тарҷумаи форсии он низ ба номи «Рисола дар иттисоли кавокиб ва қиронот» мавҷуд аст.

Зуҳури ин донишмандон ва чандин олими бузурги дигари риёзӣ дар қарни дувум ва савум аз миёни эрониён нишондиҳандаи ин воқеият аст, ки улуми риёзӣ ва ҳайату нуҷум дар давраи Сосониён ба маротиби баланде аз тараққӣ расида буд ва ин ҳақиқатест, ки аз қадим маҳалли қабули муҳаққиқони дунёи исломӣ низ будааст.

Назири ҳамин мартабаи баландро эрониён дар илми тиб низ доштанд ва аз миёни марокизи эронӣ Гундишопур, чунонки пеш аз ин ишора шуд мақоми шомихе дар дониши пизишкӣ ёфта ва дар ин марказ тибби эрониву юнонӣ ва ҳиндӣ дар ҳам омехта ва аз ин роҳ пешрафтҳое дар илми мазкур ҳосил шуда буд ва чунонки дидаем, бо интиқоли бузургтарин муаллимони ин марказ ба Бағдод ҳавзаи дарси онҳо низ бад-он шаҳр мунтақил гардид ва он шаҳр ҳам аз оғози пойтахтӣ ва марказияти сиёсӣ ногаҳон ба як марказӣ илмии пизишкӣ низ мубаддал шуд ва беҳтарин атиббои замон дар он ба тадрису таълиф пардохтанд.

Чизе аз ин воқеа нагузашт, ки Ҳанин ибни Исҳоқи Аббодӣ (ваф. 264ҳ. – 878м.) бо кӯшишҳои камназири худ дар нақли осори Буқроту Ҷолинус ба забони арабӣ ба ин маркази ҷадид ранги юнонӣ ҳам бахшид. Ҳанин ҳам монанди атиббои Гундишопур илова бар тарҷумаи китобҳои пизишкӣ ба арабӣ таълифоте дар тиб ба забони арабӣ падид овард, мисли «Китоб-ул-ъайн» ва «Китоб-ул-масоил».

Аммо касе, ки тавонист нахустин бор дар тамаддуни исломӣ ба таълифи як китоби асосии тиббӣ тавфиқ ёбад, ки ҷои китобҳои маъруфи Искандария ва Юнонро бигирад, донишманди бузурги Мозандаронӣ Алӣ ибни Рабани Табарист. Падари ӯ Рабан Саҳли Табарӣ аз тарбиятёфтагони маркази илмии Марв ва аз ҳукамову риёзидонони аҳди худ ва мулаққаб ба «Рабан», яъне устод ва бар кеши насронӣ буд. Писараш, ки дар адаби арабӣ ва дар улуми замони худ маҳорат дошт, муддате аз умри худро дар зодгоҳи хеш Табаристон гузаронид ва то соли 224 (839м.) дабири Мозёр ибни Қоран буд ва баъд аз барафтодани он амири истиқлолҷӯй ба Бағдод рафт ва ба дабирии ал-Муътасим Биллоҳи халифа баргузида шуд ва баъд аз ӯ дар хидмати ал-Восиқ ва ал-Мутавакил буд ва китоби худ «Фирдавс-ул-ҳикма»-ро дар савумин сол аз хилофати ал-Мутаваккил таълиф кард ва ғайр аз он ҳам китобҳое дар тиббу дорушиносӣ ва масоили дигар доштааст, ки аз он миён китоби «Ад-дин ва-д-давла» ва китоби «Ҳифз-ус-сиҳа» дар даст аст. «Фирдавс-ул-ҳикма», ки нахустин бор ба соли 928 милодӣ дар Берлин ба табъ расид, китобест ҷомеъ дар абвоби тиб, ки бо равиши мантиқӣ ва илмӣ нигориш ёфта ва дар таълифи он аз иттилооти бузургтарин атиббои юнонӣ ва искандарониву ҳиндӣ ва эронӣ истифода шудааст ва ба ҳамин сабаб ин китоб то аҳди муаллиф бузургтарин китоби тиббӣ дар тамаддуни исломӣ шинохта шуда ва яке аз «аркони арбаъа»-и тибби исломиро ҳам пизишкони бузурги эронӣ, яъне Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (қарни савум ва чаҳорум) ва Алӣ ибни Аббоси Маҷусии Аҳвозӣ (қарни чаҳорум) ва Абӯалӣ ибни Сино (қарни чаҳорум ва панҷум) таълиф кардаанд.

### *3. УЛУМИ АДАБӢ*

Ин даста аз улум нозиранд бар кайфияти баёни маъонӣ ба сувари мухталифи онҳо аз қабили китобат ва хитобат ва иншову шеър, ки худ ба улуми хутба, улуми мутааллиқ ба алфоз (илми махориҷи ҳуруф, илми луғат, илми иштиқоқ ва илми сарф) ва улуми мутааллиқ ба мураккабот (наҳв, маъонӣ, баён, бадеъ, арӯз, қавофӣ, қарз-уш-шеър, илми иншо, илми мухозара, илми давовин, илми таърих) тақсим мешаванд. Дар оғози давраи исломӣ «адаб» бад-ин вусъат, ки гуфтаам, набуд, вале батадриҷ бар асари ошноии мусалмонон бо тамаддунҳои гуногун ва донишҳои мухталиф ва низ тавсиаи улум ва услубҳои фикрӣ ва ҳамчунин ҳоҷати миллатҳои ғайриараб ба фаро

гирифтани забони тозӣ ва қавоиди он тавсиаи фаровоне ҳосил кард ва аз ҷумлаи фунуни муҳими роиҷ дар миёни мусалмонон ғардид. Аз авомиле, ки дар ин тавсиа таъсири мустақим дошта, яке нақли кутуби адабу таърих ва қасасу достонҳои миллии Эрон ва ҳикаму амсол ва ахлоқ ва назоири онҳо аз паҳлавӣ ба арабӣ, дигар вуруди иддаи зиёде аз муфрадот ва мураккаботи алфози суриёнӣ ва юнониву эронӣ ба забони арабӣ аз роҳи тарҷумаи кутуб ва тадвини улум ва дигар ошноии мусалмонон бо улуми адабии юнониву суриёнӣ ва паҳлавӣ ва кайфияти кор дар онҳо буд. Ин илал ва назоири онҳо мояи он шуд, ки адаби арабӣ, ки дар оғози амр сода ва дур аз сурати илмӣ буд, қадам дар тариқи тараққӣ ва такомул ниҳад ва адабиёти муҳими исломӣ падид ояд ва чун саҳму асари эрониён дар ин амр мусаллам аст, ногузирем, ки ҳатто ба ихтисор ҳам бошад, дар бораи онҳо сухане гӯем.

Мабдаи улуми адабии арабӣ «илм-ур-ривоя» аст, ки мавзӯи он ҳамаи матолиби марбут ба фарҳанги араб, аъамм аз ашъору амсол ва ҳикоёту таворих ва ансобу ахбор буд ва касе, ки ба ҳифзу ривояти ин матолиб мепардохт, «ровӣ» ё «ровия» номида мешуд. Ровиён ба сабаби иттилооти васее, ки аз афкору осори араби ҷоҳилӣ ва садри ислом доштанд, маншаи ҳар гуна фоидае дар масоили мутанаввеи марбут ба адаби арабӣ будаанд ва ба ҳамин сабаб дар оғози аҳди Аббосӣ, ки давраи тадвини қавоиди забону адаби арабӣ буд, базли таваҷҷӯҳи хоса нисбат ба ин гурӯҳ оғоз шуд ва хулафо амволи фаровон дар роҳи ташвиқу тарғиби онон сарф карданд ва ҳамин амр боиси афзоиши ровиён ва зуҳури иддаи муътанобиҳе аз афроди касир-ул-иттилоъ дар миёни онон шуд, ки ғолиби онон эронӣ ва аз маволӣ будаанд, монанди Ҳаммод ибни Шопури Дайламӣ (ваф. 155ҳ. – 773м.) гирдоварандаи муаллақоти сабъ ва Халаф ибни Ҳайёни Фарғонии маъруф ба «Халаф-ул-аҳмар» (ваф. 180ҳ. – 797м.) ва Абӯамру аш-Шайбонӣ аз маволии Бани Шайбон (ваф. 206ҳ. – 819м.), ки дар илми луғат ва шинохтани ашъори мансуб ба қабоили мухталифи араб машҳур буд ва Абӯубайд Қосим ибни Саломи ҳиравӣ (ваф. 224ҳ. – 837м.) ва Абӯҳотами Сиистонӣ (ваф. 255ҳ. – 869м.) ва ҷуз онон. Таълифоти ин ровиён дар масоили мухталифи адабӣ ва гирдовариҳои онон аз ахбору амсол ва ашъору ансоби арабӣ сармояи аслии уламои адаб дар таҳқиқоту таълифоти адабии онон гардид.

Дар се қарни аввали ҳиҷрӣ мусалмонони эронӣ ба сабаби ҳоҷате, ки ба омӯхтани забони арабӣ доштанд, дар кашфу тадвини қавоиди он кӯшиши бисёр карданд, чунонки бояд гуфт, нахустин тадвинку-

пандагони дастури забони арабӣ онон будаанд. Нахустин марокизи таҳқиқ дар забони арабӣ Басра ва Куфа ду шаҳри қадими эронӣ буд, ки дар он замон ба шаҳри нимарабӣ ва нимэронӣ табдил шуда ва маҳалли талоқии бодиянишинони араб ва шаҳрнишинон ва беҳтарин маҳалли ҷамъоварии иттилоъ аз забони асили арабӣ будааст. Дар ин ду маркази таҳқиқ дар сарфу наҳви арабӣ иддае аз машоҳири уламои эронӣ саргарми кор буданд, мисли Сибавейҳи Форсӣ (ваф. 183ҳ. – 800м.) соҳиби аввалин китоби бузург ва ҷомеъ дар илми наҳв, ки ба «Ал-китоб» мавсум аст ва шогирди ӯ Ахфаши Хоразмӣ (ҳар ду мансуб ба маркази адабии Басра) ва Кисоии Форсӣ (ваф. 189ҳ. – 806м.) ва шогирди ӯ Фарро (ҳар ду мансуб ба маркази адабии Куфа) ва иддаи қобили таваҷҷӯҳи дигаре, ки феълан аз зикри номашон сарфи назар мекунем.

Дар илми луғат ва улуми балоғӣ низ дар ин се қарн кӯшишҳое шудааст ва уламои бузурге мисли Халил ибни Аҳмад (муаллифи «Китоб-ул-айн» дар луғат) ва Абӯубайда Муаммар ибни Мусано, соҳиби китоби «Муҷоз-ул-Қуръон» ва Абӯҳотами Сиистонӣ, соҳиби «Китоб-ул-фасоҳа» зуҳур карданд.

## *ФАСЛИ САВУМ*

# ВАЗЪИ АДАБИИ ЭРОН ДАР СЕ ҚАРНИ АВВАЛИ ҲИҶРӢ

## МУҚАДДИМА

Дар се қарни аввали ҳиҷрӣ ҳамчунонки Эрон майдони нуфузи адёне аз қабили ислом ва кешҳои зардуштиву монавиву исавӣ ва ғайра буд, ба ҳамон наҳв ҳам забонҳои мутааллиқ ба ҳар як аз онҳо, яъне арабиву паҳлавӣ ва суриёнӣ ва ҷуз он дар Эрон ривоҷ дошт, бе онки яке музоҳими дигаре бошад. Яъне дар ҳамон ҳол, ки дастае аз нависандагону гӯяндагони эронӣ дар насру назми арабӣ таҳсили маҳорат ва шӯҳрат мекарданд, дастае ҳам ба адабиёти суриёнӣ ва таълиф ва ё тарҷумаи кутуб ба он саргарм буданд ва гурӯҳи дигар таълифи китобҳоеро ба забони паҳлавӣ дунбол менамуданд. Дар ҳамон ҳол ҳам адабиёти маҳаллӣ дар вилоёти Эрон дунболаи такомули табии худро мепаймуд ва лаҳҷаи маҳаллӣ аз тариқи омезиш бо забони арабӣ тағйиру таҳаввул меёфт ва аз миёни онҳо бархе аз лаҳҷаҳо монанди лаҳҷаи дарӣ омодаи он мешуд, ки дорои адабиёти васее гардад ва саранҷом ҳам, чунонки медонем, дар поёни ин аҳд аст, ки забони дарӣ, яъне лаҳҷаи машриқи Эрон ба унвони як лаҳҷаи адабии мустақил даромад ва то рӯзгори мо ба унвони забони расмии адабӣ ва сиёсии Эрон боқӣ монд.

Пас, адабиёти Эронро дар се қарни аввали ҳиҷрӣ бояд аз ҷиҳоти мухталиф ба мавриди мутолиа даровард, яъне: 1. Адабиёти паҳлавиро аз он рӯй, ки бозмондаи лаҳҷаи расмӣ ва диниву адабии давраи сосонӣ буд ва 2. лаҳаҷоти мухталифи эрониро аз оғози футуҳоти муслимин то оғози адабиёти форсии дарӣ бад-он сабаб, ки ҳадди фосили миёни адаби паҳлавӣ ва адаби дарӣ буд ва 3. адабиёти дариро аз он рӯ, ки забони расмӣ ва сиёсии Эрон дар давраи исломӣ шуд ва 4. адабиёти арабӣ, яъне забон ва насру назми тозиро аз он рӯй, ки ғолиби нависандагону гӯяндагони он дар ин давра эрониназод будаанд.

## *1. АДАБИЁТИ ПАҲЛАВӢ*

### ИДОМАИ АДАБИ ПАҲЛАВӢ

Ҳангоми тасаллути муслимин бар Эрон лаҳҷаи расмии адабӣ ва сиёсиву динии эрониён ҳамон буд, ки ба «порсии миёна» ё «паҳлавии порсӣ» ё «паҳлавии Сосонӣ» машҳур аст. Хилофи он чи

тасаввур мешавад бо ғалабаи араб ин лаҳҷа ё беҳтар бигӯем, забони расмӣ якбора аз Эрон барнаяфтод, балки то чанд қарн дар баъзе навоҳии ин сарзамин ривоҷ дошт ва китобҳову катибаҳо бад-он нигориш ёфт ва бисёре аз он чи ба ин лаҳҷа ва ба хатти паҳлавӣ дар аҳди Сосониён навишта ва таълиф шуда буд, ба арабӣ ва порсии дарӣ даромад, ки баъзе аз онҳо ҳанӯз ҳам дар даст аст. Дар миёни зардуштиёни Эрон, ки то авохири карни чаҳорум ҳанӯз дар бисёре аз навоҳии Эрон ба вуфур дида мешуданд ғайр аз Наскҳои Авасто ҳамаи китобҳои дигари динӣ ё тафсирҳои Авасто паҳлавӣ буд ва ғолиби ин китобҳо ва тафсирҳо ҳам дар се қарни аввали ҳиҷрӣ таълиф шуда ва ҳатто таълифи баъзе аз онҳо ба қасди мубориза бо дини ислом ё оини масеҳ сурат гирифтааст.

Тозиён ҳангоми тасаллут бар мамолики исломӣ, аз он ҷо, ки аз румузи ташкилотӣ иттилое надоштанд, ногузир девонҳои маҳаллиро бо мутасаддиёни онҳо ва забону дафотире, ки мутадовил буд, бар ҷой ниҳоданд. Аз он ҷумла дар Ироқу Эрон, яъне дар қаламрави шоҳаншоҳии Сосонӣ уммоли девон ва хатту забони паҳлавиро, ҳамчунонки буд, нигоҳ доштанд ва ин ҳол идома дошт, то аҳди ҳукумати Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафӣ, ки яке аз котибони эронии мавсум ба Солеҳ ибни Абдурраҳмон ба фикри нақли девон аз паҳлавӣ ба арабӣ афтод. Вай зери дасти Зодонфаррухи соҳибдевон кор мекард ва баъд аз фавти устодаш ҷои ӯро гирифт ва бо он ки писари Зодонфаррух, яъне Мардоншоҳ бо андешаи ӯ мухолифат мекард, фикри худро амалӣ кард. Гӯянд чун Мардоншоҳ донист, ки Солеҳ аз тасмими худ боз намегардад, ӯро нафрин кард ва гуфт: «Худо решаи туро аз ҷаҳон бибурад, ҳамчунонки решаи форсиро буридӣ». Ва боз ҳамчунонки Ибн ан-Надим дар «Ал-феҳрист» навишта эрониён ҳозир шуданд сад ҳазор дирҳам бад-ӯ диҳанд, то аз ин кор изҳори аҷз кунад ва ӯ напазируфт!

Бад-ин тартиб бо хиёнати толеҳе Солеҳ ном забону хатти паҳлавӣ аз девонҳои уммоли араб дар Эрон барафтод, лекин ин воқеа монеи он нашуд, ки хатту забони паҳлавӣ дар миёни эрониёни ғайримусалмон то ҳудуди қарни панҷум каму беш роиҷ бошад, чунонки дар бархе аз навоҳии Эрон катибаҳои абнияро ба хатти паҳлавӣ ё ба хатти куфӣ ва паҳлавӣ ҳар ду менавиштанд, монанди катибаи Бурҷи Лоҷим наздики Зероб дар Мозандарон, ки аз қарни панҷуми ҳиҷрӣ ва як хатти он ба паҳлавӣ ва хатти дигари он ба арабӣ (куфӣ) аст. Ин бурҷ мақбараи Киё Абулфавориси Шаҳриёр ибни Аббоси Шаҳриёр буда ва дар таърихи 413(1022м.) бино шудааст. Бурҷи дигаре ҳам наздики бурҷи Лоҷим аст, ки зоҳиран, дар авоили қарни панҷум бино шуда ва катибаи он ба хатти куфӣ ва

паҳлавист. Бурҷи Родкон наздики бандари Газ низ аз ҳамин гуна бурҷҳои мақбараӣ ва дорои ду катиба ба хатти куфӣ ва паҳлавист.

*Дар қарни чаҳорум ва панҷум бисёре* эрониён ба хатту забони паҳлавӣ ошноӣ доштанд. Ҷамъкунандагони «Шоҳнома»-и Абумансурӣ ва мутарҷимони баъзе аз дафтарҳои паҳлавӣ ба порсӣ дар ҳамин давра рисолоте аз паҳлавӣ монанди «Аёткори Зарирон» ва «Корномаи Ардашери Бобакон» ва «Достони Бахроми Гӯр» ва «Пандномаи Бузургмеҳри Бахтгон» ва «Гузориши шатранг» ва назоири ин рисолотро ба порсии дарӣ ва ба хатти порсӣ нақл карда ва ҷузви «Шоҳнома» қарор дода буданд. Нуфузи лаҳҷаи паҳлавӣ дар ин нақлҳо ба ҳадде буд, ки баъд аз назми онҳо ба порсӣ ба василаи Дақиқӣ ва Фирдавсӣ ҳам вуҷуҳи тақоруби фаровоне миёни онҳо бо асли паҳлавии ҳар як машҳуд аст.

Дар авосити қарни панҷум яке аз китобҳои машҳур, ки гӯё асли он аз давраи Ашконӣ будааст, яъне «Вис ва Ромин» аз паҳлавӣ ба порсӣ гардонда шуд ва сипас ба ҳиммати Фахруддин Асъади Гургонӣ ба назми порсӣ даромад ва дар ин манзума таъсири луғатҳо ва таркибҳои паҳлавӣ бисёр дида мешавад.

Ошноии шоирону нависандагони Эрон бо мутуни паҳлавӣ ва нақли онҳо ба порсӣ то қарни ҳафтум ҳам идома доштааст, чунонки дар ҳамин айём яке аз шоирони машҳур ба номи Заротушт Баҳроми Пажду китоби «Ардовирофнома»-ро аз паҳлавӣ ба шеъри порсӣ даровард.

Нақли ин шавоҳид мусаллам медорад, ки ошноии эрониён бо хатту забони паҳлавии Сосонӣ бо инқирози ҳукумати Сосонӣ якбора аз миён нарафт, балки то дергоҳ идома дошт.

## НАҚЛИ ОСОРИ ПАҲЛАВӢ ВА АРАБӢ

Дар се қарни аввали ҳиҷрӣ бисёре аз китобҳои машҳури паҳлавӣ, ки ҳовии матолиби таърихиву адабӣ ва ҳикаму мавоиз ва уҳуд ва масоили илмӣ буд, ба арабӣ даромад ва аз ҷумлаи муҳимтарини онҳост: «Калила ва Димна», «Худойнома», ки чанд бор тарҷума ва таҳзиб шуд ва муҳимтарин мутарҷими он Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ буд. «Достони Искандар», «Синдбоднома», «Бахтиёрнома», «Балухар ва Бузосаф», «Китоби сирати подшоҳон», «Китоби Сагсикон», «Оиннома», «Гоҳнома», «Достони Баҳроми Чӯбин», «Достони Рустаму Исфандиёр», «Достони Пирони Виса», «Достони Доро ва Бути заррин», «Китоби Зодонфаррух» дар таъдиб ба писараш, аҳди Кисро ба писараш Ҳурмуз ва посухи Ҳурмуз бад-он, аҳди Ардашер

ба писараш Шопур, китоби Мӯбадон мӯбад дар ҳикам ва ҷавомеъ ва одоб, китоби Маздак, «Китоб-ут-тоҷ» дар сирати Анушервон, китоби «Сирати Ардашер», китоби «Сутури пизишкӣ», «Зичи шаҳриёр», «Корномаи Анушервон», «Достони Шаҳрбароз бо Абарвез», «Лухросбнома», «Гузориши шатранҷ», «Номаи тансар» ва бисёре аз кутуби дигар ва таърихy адаб ва қасасу ҳикоёт ва амсолу ҳикам ва масоили динӣ, хоса кутуби динии монавия ва ғайра.

Аз ноқилони ҳамаи ин китобҳо иттилои кофӣ надорем. Ноқилони китобҳои монавия аслан, шинохта нестанд, зеро мутарҷимони онҳо аз бими ҷон номи худро буруз намедоданд, аммо аз касоне, ки китобҳои дигарро ба арабӣ даровардаанд, баъзеро аз роҳи ривоёти муаррихон ва мусаннифон мешиносем, мисли Ҷабала ибни Солим (мутаваффо ба соли 125ҳ. – ) муосири Ҳошим ибни Абдулмалики Умавӣ (Ибн ал-Муқаффаъ, адиби машҳур, Навбахти Аҳвозии мунаҷҷим ва фарзандонаш, Мӯсо ибни Холид, Юсуф ибни Холид, Алӣ ибни Зиёди Тамимӣ, ноқили «Зичи шаҳриёр», Ҳасан ибни Саҳли мунаҷҷим, Муҳаммад ибни Ҷаҳами Бармакӣ, Ҳишом ибни Қосими Исфаҳонӣ, Муҳаммад ибни Баҳроми Исфаҳонӣ, Мӯсо ибни Исо ал-Кисравӣ, Баҳром писари Мардоншоҳ, Умар ибни Фархони Табарӣ, Алӣ ибни Убайда ар-Райҳонӣ, Баҳроми Ҳиравии Маҷусӣ ва иддае дигар.

Инон ғайр аз касоне ҳастанд, ки аз мутуни сурёнӣ ё ҳиндӣ барои тарҷума истифода ва онҳоро ба арабӣ нақл мекарданд ва ҳамчунин ғайр аз касоне ҳастанд, ки ба тарҷумаи китобҳои мутааддиди монавия аз паҳлавӣ ва сурёнӣ ба арабӣ саргарм буданд.

## ТАЪЛИФОТИ ПАҲЛАВӢ

Дар ҳамон ҳол, ки иддае аз эрониён китобҳои паҳлавиро ба қасди ҷилавгирӣ аз инҳидоми қатъии онҳо ба забони арабӣ нақл мекарданд, гурӯҳе аз уламои зардуштӣ китобҳоеро ба хатту забони паҳлавӣ идома медоданд. Ин китобҳо, ки ғолиби онҳо дар даст аст ё тарҷумаву тафсир ва талхиси наскҳои Авасто ва ё кутубе дар масоили мухталифи ахлоқӣ ва диниву таърихӣ ва ҷуғрофиёиву адабӣ ва таърихи таълифи онҳо қарнҳои ҳафтуму ҳаштум ва нуҳуми милодӣ буд. Аз ҷумлаи онҳост:

«Динкарт» – муҳимтарин ва муфассалтарин китоби мавҷуди паҳлавӣ. Ин китоб аслан дар 9 ҷилд буд, ки акнун ду муҷаллади аввали он дар даст нест. Исми аслии он «Занд акосия» (Огоҳӣ аз китоби Занд) ва муаллифи он Озарфарнбағ писари Фаррухзод, муосири Маъмуни халифаи Аббосӣ аст. «Динкарт» маҷмӯаи бузурге аз итти-

лооти динӣ ва одоту ақоид ва ривоёту таърих ва адабиёти Маздясно ва ҳовии хулосаи ҷомсе аз бисту як наски Авастоии аҳди Сосонист ва ба ҳамин ҷиҳот аз ҳайси ҳифзи ривоёти таърихиву динӣ ва милливу илмии эрониёни аҳди Сосонӣ ва авоили давраи исломӣ аз беҳтарин маъхази мавҷуд аст. Ин китобро донишманди порсӣ дастур Пашутани Синҷоно ва писараш Дороб бо ҳавоши ва мулоҳизот ба инглисӣ тарҷума ва дар Бомбай чоп кардаанд.

«Бундаҳишн», ки нусхаи комили онро «Таҳмурас Диншоҷи анкилсориё» дар соли 1908 чоп карда ва чанд тарҷума аз он ба забонҳои урупоӣ сурат гирифтааст. Ин китоб аз ҷумлаи кутуби бисёр маъруфи паҳлавӣ ва ҳовии иттилооти пурбаҳо дар бораи масоили таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ ва динии Эрони давраи Сосонӣ ва авоили аҳди исломист.

«Ардой Вирофномак», ки зоҳиран дар авосити қарни нӯҳуми милодӣ таълиф шуда ва мутазаммини ривояти меъроҷи Ардой Вироф аз муқдисони оини зардуштӣ ва дидани биҳишту дӯзах ва мушоҳидаи савобҳои некӯкорон ва иқобҳои бадкорон аст. Ин китоб ба инглисӣ ва фаронсавӣ тарҷума шуд.

Аз китобҳои дигари паҳлавӣ дар се қарн «Шиканд гумоник вижор» дар масоили каломӣ ва фалсафӣ, «Шоист нашоист» дар зикри вазоиф ва маросими динӣ ва баъзе масоили мазҳабии дигар, «Шатристонҳои Эрон» муҳимтарин китоби паҳлавӣ дар ҷуғрофиёи таърихии Эрон, «Модигон Чатранг» (Шатранҷнома) дар боби пайдо шудани шатранҷ ва ихтирои нард ба дасти Бузургмеҳр ва чандин китобу рисолаи дигар аст, ки ғолиби онҳо ба табъ расидааст.

## *2.ВАЗЪИ УМУМИИ СОИРИ ЛАҲАҶОТИ ЭРОНӢ ТО ОҒОЗИ АДАБИ ФОРСӢ*

### БАҚОИ ЛАҲАҶОТИ МАҲАЛЛӢ

Ҳамдаи араб бар Эрон аз бисёре ҷиҳот асари сатҳӣ доштааст, на умқӣ ва аз он ҷумла аст дар лаҳҷаҳои маҳаллии Эрон, ки пас аз ҳамлаи араб тамоман бо қуввати дерини худ бар ҷой монданд ва ба сайри такомули тадриҷии худ идома доданд ва ба иборати дигар қабули дини ислом ё табаҳҳури иддае аз эрониён дар забону адаби арабӣ ҳеҷ гоҳ сабаб нашуд, ки миллати Эрон забони миллӣ ва лаҳҷаҳои маҳаллии худро раҳо кунад.

Чунонки аз ишороти мухталифи таърихӣ ва ҳамчунин аз тавзеҳоти ҷуғрофиёнависон ва ҷаҳонгардоне, ки Эронро дар се қарни аввал ва

қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ саёҳат кардаанд, бармеояд, дар тамоми давраи тасаллути араб, яъне то авосити қарни савуми ҳиҷрӣ (ва табъан баъд аз он) дар қисматҳои мухталифи Эрон такаллум ба лаҳҷаҳои маҳаллӣ маъмул буд ва такаллум ба забони арабӣ ё фаҳмидани он инҳисор ба табақаи хосе дошт, ки онро ба мақосиди муайяне фаро мегирифтанд ва ба ҳамин сабаб буд, ки муҳоҷирон ё мусофирони араб барои зистан ё саёҳат кардан дар Эрон ниёзманди тарҷумон ё ногузир ба фаро гирифтани лаҳҷаҳои умумии Эрон буданд.

Роҷеъ ба лаҳаҷоти мутадовили аҳди Сосонӣ ва авоили давраи исломӣ баъзе аз нависандагони қадим иттилооте додаанд, аз он ҷумла Абдуллоҳ ибн ал-Муқаффаъ луғот, яъне лаҳҷаҳои эрониро паҳлавву дарӣ ва форсиву (лаҳҷаи форсӣ) хузӣ ва суриёнӣ донистааст ва ҳамин матлабро Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ ба нақли Ёқути Ҳамавӣ аз ӯ дар «Муъҷам-ул-булдон» бо тафсили бештаре зикр кардааст ва албатта он чи ин ду устод ба унвони лаҳҷаҳои эронӣ зикр кардаанд, на ҳамаи онҳо буд ва на ҳамаи муҳимтарин лаҳҷаҳои эронӣ, балки дар давраи Сосонӣ ва овони тавсиаи ислом лаҳҷаҳои адабии муҳими дигаре ҳам монанди суғдиву хоразмӣ ва тахориву табарӣ ва курдӣ ва лаҳҷаҳои ғайримактуби дигаре монанди озарӣ ва лаҳҷаҳои мутадовил дар ноҳияи ҷибол ва назоири онҳо дар навоҳии мухталифи Эрон ривоҷ дошт, ки ҳам аз қисмате аз онҳо осори қобили таваҷҷӯҳе дар даст дорем ва ҳам ҷуғрофиёнависони қарни чаҳорум мисли Ибн Ҳавқал муаллифи «Сурат-ул-арз» ва ал-Муқаддасӣ соҳиби «Аҳсан-ут-тақосим» ва амсоли онон иттилооти судманде дар бораи ҳар як аз онҳо додаанд.

Аз миёни лаҳҷаҳои мазкур, ки ном бурдем, лаҳҷаи суғдӣ мансуб ба ноҳияи Суғд дар Мовароуннаҳр лаҳҷаи бисёр маъруф ва муҳиме буд. Доираи ривоҷи забони суғдӣ бар асари қудрати салотини он ноҳия ва тавсиаи мустамликоти онон гоҳ дар ҳамаи Осиёи марказӣ то сарҳадоти Чин имтидод меёфт. Аз ин забон осори мактуби бисёр дар даст аст, ки қисмати бузурге аз онҳо ба табъ расида ва дастури забону луғатномаи он танзим ёфта ва бештари онҳо байни қарни ҳафтум ва қарни нуҳуми милодӣ падид омадааст.

Хатти суғдӣ бо хатти паҳлавӣ аз як табор ва маншаи хутути алифбои сомист. Аз миёни муҳаққиқони қадим Абӯрайҳони Берунӣ (ваф. 440ҳ. – 1049м.) дар китоби машҳури худ («Осор-ул-боқия») иттилооти судманде дар бораи порае калимот ва хоса тақвими суғдӣ ва асомии шуҳур ва аъвому айёми он додааст.

ЛАҲҶАИ ХОРАЗМӢ аз миёни лаҳҷаҳои мазкур хоҳ дар се қарни аввали ҳиҷрӣ ва хоҳ дар қарнҳои баъд муддате маъмул буда, то бар

тааст дар мавориде, ки як калимаи арабӣ содатар аз як калимаи эронӣ ба назар меомад ва ё калимоти содае буд, ки истеъмоли онҳо мояи кушоише дар забонҳои эронӣ мегардид. Дувум дар мавориде, ки дар қиболи як калимаи арабӣ муодиле ёфта намешуд ва истеъмоли он ҳам лозим ба назар мерасид. Дар ҷузъи навъи дувум калимоту истилоҳоти динӣ ва порае аз истилоҳоти сиёсӣ ва девонӣ ва истилоҳоти илмӣ қарор дошт ва ғоҳ баъзе аз ин истилоҳот, ки аз решаи эронӣ гирифта шуда буд, ба сурати муарраби худ дар лаҳаҷоти мо русух ёфт. Гузашта аз ин ду маврид таъсири луғоти арабӣ дар лаҳаҷоти эронии се қарни аввал бисёр кам буд ва ҳар чи ба ғалабаи араб наздиктар шавем, табъан таъсири онро камтар меёбем ва ҳар чи аз он ҳангом ба қуруни мутааххир мутаваҷҷеҳ шавем, асари забони арабиро дар умуми лаҳаҷоти эронӣ ва алалхусус дар забони адабии форсӣ бештар мебинем.

Аз анвои луғатҳои арабӣ, ки дар ин се қарн дар лаҳҷаҳои Эрон роиҷ буд, наметавон санаде дод, магар он чи дар ашъори се қарни аввали ҳиҷрӣ омада ва ба ҷои баъзе аз луғоти форсӣ ба кор рафтааст ва пайдост, ки тамоми муфрадоте, ки дар ашъори авоили қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ истеъмол шуда, бояд аз навъи калимоте дониста шавад, ки дар авохири қарни савум дар лаҳаҷоти эронӣ роҳ ҷуста буд мунтаҳи истеъмоли онҳо дар шеър бештар ва роиҷтар буд, то дар лаҳҷаи гуфтугӯ ва дар забони наср.

Ин нукта қобили зикр аст, ки луғоту истилоҳоти арабӣ бо тағйироти мухталифе дар лаҳаҷоти эронӣ пазируфта шуда ва ба иборати дигар қавоиду усули лаҳаҷоти эронӣ дар ин маврид тасаллути худро ҳифз кардааст. Масалан, ҳамаи махориҷи ҳуруфи арабӣ дар лаҳаҷоти эронӣ матрук монд магар онҳо, ки бо махориҷи ҳуруфи форсӣ яксон буд – ва аз аввалу охири баъзе аз калимот аҷзое ҳазф шуд – ва иддае аз калимот дар лаҳаҷоти эронӣ тағйири маънӣ дод – ва порае аз афъол ба маънии васфӣ ё исмӣ маъмул гашт – ва наздик ба ҳамаи луғот аз ҳайси мавриди истеъмол бо асли арабии худ тафовут ёфт – ва ҳатто эрониёни қарнҳои нахустин исмҳои арабиро ҳам бо тайғироте дар лаҳаҷоти худ ба кор бурданд.

Бо тасарруфоте, ки эрониён дар завоҳири муфрадоти арабӣ ва маъонии онҳо карданд, вазъе пеш омад, ки луғоти арабиро, ки дар лаҳаҷоти эронӣ роҳ ёфт, андак-андак ба сурате ғайр аз онҷи будааст даровард, чунонки ғолиби онҳоро ҷуз дар реша наметавон арабӣ донист. Албатта дар ин маворид бояд мутаваҷҷеҳ бошем, ки равиши дастае аз ифроткоронро монанди баъзе аз мутарассилону шоирони қарни шашуму ҳафтум ва ҳаштум дар истеъмоли иддаи бисёре аз

луғоти арабӣ ҳеҷ гоҳ наметавон асоси таҳқиқ дар чигунагии таъсири забони арабӣ дар забони форсӣ қарор дод.

Аз илали умдаи ривоҷи забони арабӣ миёни эрониён ва таъсири он дар лаҳаҷоти эронӣ яке он аст, ки бо тасаллути ислом ин забон ҷои забони паҳлавиро гирифт, ба ин маънӣ, ки дар мароҷеъи динӣ (барои мусалмонон) ва сиёсӣ мутадовил гашт ва касоне ҳам, ки қасди вуруд дар умури сиёсӣ ва иҷтимоӣ доштанд, мебоист ин забонро фаро гиранд ва аз румузи такаллум ва китобати он огаҳӣ ёбанд. Ба ҳамин сабаб андак-андак забони арабӣ дар миёни эрониён ривоҷ ёфт. Дар ҳамин ҳол гурӯҳи бузурге аз эрониён шурӯъ ба нависандагӣ ва шоирӣ ба забони арабӣ карданд ва бо ин муқаддимот дар ҳамон ҳол, ки лаҳаҷоти маҳаллӣ ба қуввати худ боқӣ ва забону хатти паҳлавӣ тадриҷан роҳи фаромӯшӣ месупурд, забону хатти арабӣ тавсиа ва ривоҷ меёфт ва дар миёни ҳамаи эрониён маъмул мешуд. Аз тарафе дигар, чун улуми диниву адабӣ ва ақлӣ дар тамаддуни исломӣ ҳама ба забони арабӣ тадвин шуд, барои омӯхтани ин улум ҳамвора забони арабӣ маҳалли ҳоҷат буд ва ин худ василаи бузурге дар тарвиҷи он забон дар Эрон гашт, алалхусус аз вақте ки мадорис дар Эрон падид омад ва ҷуз улуми диниву адабӣ чизе дар онҳо тадрис нашуд. Аз илали дигари таъсири забони арабӣ дар лаҳаҷоти эронӣ лашкаркашиҳои тозиён дар Эрон ва таваққуфи сабозон дар навоҳии мухталифи ин кишвар ва омехтани онон бо эрониён аст ва дигар муҳоҷиратҳое, ки баъзе аз қабоили араб бар Эрон карда ва дар бархе аз навоҳии ин кишвар алалхусус навоҳии марказӣ ва шарқии он сукунат ихтиёр намуда бо эрониён омезиш ёфтанд.

Аз қарни шашуми ҳиҷрӣ ба баъд бар асари таваҷҷӯҳи нависандагон ва мутарассилони порсигӯй ба насри маснӯъ истеъмоли муфрадот ва таркиботи арабӣ дар насри форсӣ ривоҷ гирифт ва ҳамин кор дар назди шоирон низ каму беш маъмул шуд. Бар асари ин таваҷҷӯҳ бисёре аз калимоту ибороти нодарбоисти тозӣ ба забони адабӣ ва аз он ба лаҳҷаҳои маҳаллии эронӣ роҳ ҷуст.

Ривоҷи хатти арабӣ дар Эрон ва нишастани он ба ҷои хатти паҳлавӣ худ яке аз илали бузурги нуфузи забони арабӣ дар забони форсӣ ва аз он роҳ дар лаҳҷаҳои эронист. Зеро бо қабули ин хат ҳар гуна садде миёни забони арабӣ ва забони форсӣ бардошта шуд ва удабои порсигӯй, ки таҳсилоташон ҳама ба забони арабӣ буд, ҳар чиро, ки дар мадарса фаро мегирифтанд, бе ҳеҷ гуна қайду банде ба осори худ роҳ медоданд ва аз ин роҳ осори худро аз муфридоту таркиботи арабӣ меанбоштанд.

## *3. ПОРСИИ ДАРӢ*

Аз миёни тамоми лаҳҷаҳои эронӣ ва забонҳои машҳури адабии пеш аз ислом ва муқорини зуҳури ислом, ки пеш аз ин дар бораи онҳо сухан гуфтаем, танҳо лаҳҷае, ки ба сурати як забони расмӣ даромад ва дар тамоми давраи исломӣ мавриди истифодаи сиёсӣ ва адабиву илмӣ қарор гирифт ва ҳатто муддатҳо забони сиёсии қисмати бузурге аз қораи Осиё шуд, забони форсии дарӣ аст, ки шоирону нависандагони мо онро гоҳ «дарӣ» ва гоҳ «порсӣ» ва ё «порсии дарӣ» номидаанд.

Ваҷҳи тасмияи ин забон ба «дарӣ» интисоби он аст ба дарбори шоҳон, зеро ин қоида аз қадим маъмул будааст, ки забони мавриди такаллум дар дарбор – дастгоҳи давлатӣ ва марокизи подшоҳиро дарӣ мегуфтанд, яъне мансуб ба «дар (=дарбор, даргоҳ). Масалан, Ибн ан-Надим соҳиби «Ал-феҳрист» аз қавли Ибн ал-Муқаффаъ» гуфтааст, ки дар давраи Сосониён лаҳҷаи мутадовил дар шаҳрҳои Мадоинро дарӣ мегуфтанд ва дарбориён бад-он сухан мегуфтанд ва ин луғати «дарӣ» мансуб аст ба дарбор ва ҳамин нуктаро Ҳамза ибн ал-Ҳасани Исфаҳонӣ дар «Китоб-ут-танбеҳ» оварда ва Ёқути Ҳамавӣ аз ӯ дар зайли исми «Фаҳлав» дар китоби худ «Мӯъҷам-ул-булдон» нақл кардааст. Ал-Муқаддасӣ ҳам дар китоби худ «Мӯъҷам-ут-тақосим» ҳангоми зикри забони мардуми Бухоро (ки дар асри ӯ, яъне қарни чаҳорум пойтахти Сомониён буд) онро забони дарӣ медонад ва мегӯяд: «Онро аз он ҷиҳат дарӣ гӯянд, ки забонест, ки номаҳои подшоҳ бад-он навишта мешавад ва аризаҳое, ки бад-ӯ тақдим медоранд, бад-он забон аст ва иштиқоқи он аз «дар» аст ва он ба маънии «боб» аст, яъне он ки забони дарӣ забонест, ки аҳли боб (яъне дарбориён) бад-он сухан мегӯянд».

Ҳамчунонки дар давраи Сосонӣ лаҳҷаи мутадовил дар Мадоинро «дарӣ» мегуфтанд, дар қарни савуму чаҳорум забони Бухоро, пойтахти Сомониёнро бад-ин ном мавсум медоштанд ва аз тарафе дигар тавзеҳоти муставфои Ибн Ҳавқал ва ал-Муқаддасӣ дар бораи забони Хуросонӣ ва қисмате аз Мовароуннаҳр бар мо собит мекунад, ки байни он забонҳо ва забони Бухоро тақоруби фаровон вуҷуд дошта ва ҳавзаи истеъмоли лаҳҷаи дарӣ аз ҳудуди Нишопур ба тарафи машриқ ва шимолӣ-шарқӣ имтидод доштааст. Пас, вақте дар давраи исломӣ номе аз забони дарӣ мебаранд, мурод забони адабии машриқ ва шимолу шарқии Эрони куҳан аст ва иллат он аст, ки давлатҳои эронӣ дар давраи исломӣ нахуст аз ҳамин ноҳия бархостанд ва забони расмӣ дар дарборҳояшон мубтанӣ бар лаҳҷаи мутадовил дар

ҳамин навоҳӣ буд ва чун ин забони мутадовили маҳаллӣ дар дастгоҳҳои ҳукуматӣ ва дар «дар»-ҳо, яъне дарборҳо ба кор мерафт, онро «дарӣ» номиданд ва ҳар ваҷҳи тасмияи дигаре, ки барои забони дарӣ дуруст шуда, маснӯъ ва беарзиш аст. Ва ҳамин забон, ҳамчунонки медонем, *дар нахустин рӯзгорони адаби форсӣ* илова бар дарӣ «порсӣ» ё «порсии дарӣ» ҳам номида мешуд ва порсӣ дар ин ҷо муқобили арабӣ ва тозӣ ё туркӣ аст, на ба маънии забоне, ки маншаи он вилояти Форс бошад ва қавли ховаршиносоне, ки фақат бо иктифо бар тасмияи зоҳирии ин забон онро аз сарзамини Форс донистаанд, ба куллӣ ботил ва ҳокӣ аз ҷаҳли онон аст ва ҳамчунин аст кирдори баъзе, ки мекӯшанд, то «дарӣ» ва «порсӣ»-ро аз якдигар мутамойиз ва ҷудо шуморанд ва ҳол он ки порсӣ дарист ва дарӣ порсӣ.

Дар муқаддимаи китоби «Ганҷи сухан» бо зикри адилла ва шавоҳиди кофӣ нишон додаам, ки забони дарӣ дар пойтахт, ё беҳтар дар Тайсафун ва дигар шаҳрҳои Мадоин, як забони тахотуби пойтахт, ё беҳтар бигӯем, як лаҳҷаи пойтахтӣ ва унсури аслии он забони паҳлавонӣ (паҳлавии ашконӣ) ва баъзе *аносир аз лаҳҷаҳои ғарбии* Эрон буд, ки аз давраи шоҳаншоҳии Ашконӣ ба сурати забони пойтахтӣ ба кор рафт. Ин забони пойтахтӣ андак-андак ба унвони забони иртиботии ҳамаи навоҳии Эрон маъмул ва мунташир шуд, чунонки дар авохири аҳди Сосонӣ ва оғози даврони исломӣ як забони шоеъ ва василаи тафоҳуми эрониён буд ва ба ҳамин иллат аст, ки мебинем, ҳамин, ки ин забон ба ҷои паҳлавии Сосонӣ (порсии миёна) ба унвони забони расмии мусалмонон интихоб гардид, дар забонҳои бисёр наздик ба якдигар дар Сиистон, шаҳрҳои Хуросон, Гургон, Кумус, Самарқанд, Бухоро ва дигар билоди Мовароуннаҳр касоне пайдо шуданд, ки ба як забон ва лаҳҷа шеър сохтанд, бе он ки аз якдигар фаро гирифта ё тақлид карда бошанд ва мусалламан дар ҳамин овон ҳам онро ба сурати забони расмии дарборӣ дар дарбори Саффорӣ ва Сомонӣ ва шояд пеш аз онҳо дар ҳавзаи ҳукумати Тоҳирӣ ба кор бурданд. Мунтаҳӣ чун ин лаҳҷаи иртиботӣ дар ҳақиқат ба василаи қабоил ва ашоири паҳлавонӣ (партӣ) аз Машриқ ба Мағриб (Мадоин) бурда шуда буд, ҳангоме ки дар навоҳии шарқии Эрон адабиёти дарӣ оғоз мешуд, барои мардум забоне ошно буд, хоса, ки ба зудӣ аносири лаҳҷаҳои мухталифи шарқӣ хоҳ лаҳҷаҳои Хуросонӣ ва хоҳ Сиистонӣ ва хоҳ Мовароуннаҳрӣ дар он ба шиддат нуфуз ёфт ва зуҳури устодони мусалламе дар назму наср аз навоҳии мазкур бар мизони ин нуфузи рӯзафзун басе афзуд ва ҷанбаи шарқии адабиёти дариро дар нахустин қарнҳои адаби форсӣ

мусаллам ва муҳарраз сохт. Аммо дар қарнҳои мутааххир, хоса аз қарни шашуми ҳиҷрӣ ба баъд, ки шеъру наср бештар ба дасти гӯяндагони навоҳии марказӣ ва ғарбии Эрон афтод, нуфузи дастаи ғарбии лаҳҷаҳои эронӣ ҳам дар он оғоз шуд ва ин инҳисори адабиёти дариро ба Машриқ аз миён бурд.

Нуктае, ки ҳоҷат ба чандон тавзеҳ надорад, он аст, ки забони шево ва дилангези порсии дарӣ андак-андак бар асари тасарруфоти арабихонандағони порсигӯй аз ҳайати аслии худ дур шуд ва ба сурати як забони мухталит даромад.

## *4. ОҒОЗИ АДАБИ ФОРСӢ*

## РАСМӢ ШУДАНИ ЛАҲҶАИ ПОРСИИ ДАРӢ

Пеш аз ин гуфтаем, ки эрониён бо суқути ҳукумати Сосонӣ ва аз даст додани истиқлоли хеш даст аз идомаи фаъолияти илмӣ ва адабии худ накашиданд ва дар нахустин қарнҳои ҳиҷрӣ чи ба лаҳҷаҳои паҳлавӣ ва суғдиву хоразмӣ ва чи ба забони арабӣ осори фаровон падид оварданд ва ба ҳар ҳол фаъолиятҳои фикрӣ ва илмиву адабии Эрон ба наҳве, ки дар поёни аҳди Сосонӣ доштанд, идома ёфт ва дучори таваққуфу рукуд нагардид.

Аммо дар тамоми ин муддат ҳуккому волиёни вилоёти Эрон, ки ё араб ё аз эрониён буданд, ки бо забони арабӣ ошноӣ доштанд, табъан дар мукотиботи расмӣ ва аҳкоми идориву динӣ забони расмии замон, яъне арабиро ба кор мебурданд ва дар ин ҳавзаҳои қудрат агар шеъре дар таҳнияти аъёд ё мадҳи фармонравоён суруда мешуд, ба тозӣ буд ва шеърҳои маҳаллии Эрон ҷуз осори адабӣ шинохта намешуд ва усулан барои мусалмонон, ки рафта-рафта аксарияти ғолиби миллати Эронро ташкил медоданд, ҳанӯз як забони бо адабиёти расмӣ вуҷуд наёфта буд.

Падид омадани як забони расмӣ ба унвони забони адабӣ ва сиёсиву илмӣ аз вақте имкон ёфт, ки давлати ниммустақили Тоҳирӣ ва давлатҳои мустақили Саффориву Сомонӣ ва Буӣ ва ҳукуматҳои ҷузъи қарни чаҳорум, ки тобеи ҳукуматҳои бузурги мазкур буданд, ба вуҷуд омаданд. Нисбат ба Тоҳириён ҳеҷ қаринаи таърихӣ дар даст нест, ки қасди барандохтани забони расмии арабӣ ва рӯи кор овардани лаҳҷаи дарӣ ба унвони забони расмии дарборӣ доштаанд, лекин баръакси онон силсилаи Оли лайс (Саффориён) ҳомии ҷиддии забони форсӣ буд.

Бо иттилое, ки аз аҳволу афкори Яъқуб писари Лайс дорем, медонем, ки ӯ ба қасди эҷоди як давлати мустақили эронӣ ва барандохтан ё заъиф кардани ҳукумати Бағдод шурӯъ ба фаъолият кард. Аз шеъре, ки ӯ ба Мӯътамиди халифа фиристода буд, ба сароҳат бармеояд, ки мехост дар сояи дирафши ковиён бар ҳамаи умматҳо сиёдат ҷӯяд ва бар сарири мулуки Аҷам барояд ва русуми куҳанро таҷдид кунад. Ба ҳамин сабаб ва низ аз он рӯй, ки бо забони арабӣ ошноӣ надошт, забони арабӣ дар дастгоҳи аморат ва ҳукумати ӯ ба кор намерафт. ба шеъру адаби арабӣ таваҷҷӯҳе намекард ва шоиронИ тозигӯйро наменавохт, балки дӯст дошт, то забонеро, ки худ мефаҳмид ва бад-он сухан мегуфт, забони адабӣ кунад ва шеъри шоиронро бад-он забон бишнавад ва ҳамин алоқаи ӯст, ки боис шуд, то лаҳҷаи дарӣ ба унвони забони расмӣ ва адабӣ дар дарбори ӯ талаққӣ гардад ва маъмул шавад ва ҳатто ба ривояте бар асари ҳамин амр аст, ки сурудани шеър ба лаҳҷаи дарӣ маъмул гашт.

## НАХУСТИН ШОИРИ ПОРСИГӮЙ

Ривоёте, ки дар боби нахустин шоир ё нахустин шоирони порсигӯй дорем, мухталиф ва ғолибан бовар накарданист. Қадимтарин ишорае, ки дар ин боб дорем, он аст, ки дар «Таърихи Сиистон» омадаст. Аҷзои ин китоб чанд бор навишта шуда, вале қисмати нахустин, яъне бахши қадимтари он, чунонки аз сабки таҳрираш ошкор аст, бояд марбут бошад ба қарни чаҳорум ва ба ҳадди ақал оғози қарни панҷуми ҳиҷрӣ. Тамоми ривоёти дигаре, ки дар китобҳое аз қабили «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ (таълиф дар оғози қарни ҳафтум) ва «Ал-мӯъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ (таълиф дар оғози қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ) ва ақволи номӯътабари дигаре (монанди қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» ва қавли Ҳидоят Лиллоҳ Бошӣ дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва амсоли онҳо) агарчи баъид нест, ки аз маъхази қадим нашъат карда бошад, дар кутубе дида мешавад, ки замони таълифи онҳо баъд аз оғози қарни ҳафтуми ҳиҷрист.

Агар ба қавли мазкур дар «Таърихи Сиистон» истинод кунем, аввалин шеъри порсии дарии мактуби мавҷудро яке аз гӯяндагон ва мутарассилони дарбори Яъқуб ибни Лайс ба номи Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ сохт, ки абёте машҳур аст ва бад-ин байт оғоз мешавад:

*Эй амире, ки амирони ҷаҳон хосаву ом,*
*Бандаву чокару мавлову сагбанду ғулом...*

Ин Муҳаммад ибни Васиф аз дабирони Яъқуб ибни Лайс аст, ки аз авоили аҳди қудрати ҷавонмарди Сиистонӣ бо ӯ буд ва давраи умарои баъд аз Яъқубро ҳам дарк карда ва ғайр аз китъаи мазкур чанд қитъа шеъри дигар, ки равонтару саҳлтар аст, аз ӯ бозмондааст. Нахустин шеъри ӯ зоҳиран боист баъд аз соли 251(866м.) сохта шуда бошад, зеро аз фаҳвои иборати вай дар он қитъа маълум аст, ки воқеаи Аммори Хориҷии Сиистонӣ, ки дар соли 251 аз Яъқуб шикаст хӯрда ва кушта шуда буд, мавзӯи асосии он абёт аст. Бинобар ин агар қавли соҳиби «Таърихи Сиистон»-ро бовар дорем, нахустин шеъри мактуби мавҷӯди порсии дарӣ, ки ба тақлид аз қасоиду ашъори арабӣ сохта шуда бошад, мансуб аст ба мунтасифи қарни савуми ҳиҷрӣ ва ашъори ду шоири дигари дарбори Яъқуб ба номи Бассоми Курди Сиистонӣ ва Муҳаммад ибни Мухалладӣ Сиистонӣ ҳам, ки дар «Таърихи Сиистон» муқорини ҳамин замон зикр шуда, бояд аз авосити қарни савуми ҳиҷрӣ бошад.

Фаромӯш накунем, ки дар порае аз маохизи форсӣ (ки пеш аз ин ном бурдаем), ки касони дигаре ба унвони аввалин шоири порсигӯй зикр шудаанд, ки ривоятҳои марбут ба онҳо ё ба кулли маҷҳул ва ё маҳдуш аст ва инон иборатанд аз: Баҳроми Гӯр, Абуҳафс Ҳаким ибни Аҳваси Суғдии Самарқандӣ, Абулаббоси Марвазӣ. Дар бораи батлони аҳволи марбут ба ин «нахустин шоирони сохтагӣ» дар муфассали ин китоб, яъне дар муҷаллади аввали «Таърихи адабиёт дар Эрон» саҳ. 165-172) ба тафсил сухан гуфтаем ва такрори он матолиб дар ин ҷо боиста нест.

Матлаби дигаре, ки зикри он дар ин лозим аст, он ки дар тазкираҳо ва кутуби адаб номи чанд шоири порсигӯй омадааст, ки замони ҳеҷ як аз нимаи аввали қарни савуми ҳиҷрӣ ва ё дар нимаи дувуми он қарн мезистаанд, монанди: Ҳанзалаи бодғисӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ, Фирӯзи Машриқӣ ва Абӯсалики Гургонӣ.

Ҳанзалаи Бодғисиро соҳибони кутуби адабу тароҷими муосири давлати Оли Тоҳир шумурдаанд ва аз ӯ ин абёт дар «Лубоб-улалбоб»-и Авфӣ ва дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ нақл шуда:

*Ёрам сипанд агарчи бар оташ ҳамефиганд,*
*Аз баҳри чашм, то нарасад мар варо газанд.*
*Ӯро сипанду оташ н-ояд ҳаме ба кор,*
*Бо рӯи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд.*

*Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,*
*Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.*

*Ё бузургиву иззу неъмату ҷоҳ,*
*Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.*

Маҳмуди Варроқи Ҳиравиро ҳам аз муосирони подшоҳони Тоҳирӣ шумурда ва вафоташро ба соли 221 (837м.) навишта ва ин ду байтро, ки ба назар қадим намеояд, ба ӯ нисбат додаанд:

*Нигорино, ба нақди ҷон-т надҳам,*
*Гаронӣ, дар баҳо арзон-т надҳам.*
*Гирифтастам ба ҷон домони васлат,*
*Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам.*

Фирӯзи Машриқӣ аз муосирони Амру ибни Лайси Саффорӣ (65-287ҳ. – 879-901м.) буда ва ба соли 282 ҳ. (896м.) вафот ёфтааст. Ин абёт аз ӯст:

*Мурғест хаданг, эй аҷаб дидӣ,*
*Мурғе, ки шикори ӯ ҳама ҷоно.*
*Дода парри хеш каргасаш ҳадя*
*То на баччааш барад ба меҳмоно.*

*Ба хатту он лабу дандон-ш бингар,*
*Ки ҳамвора маро доранд дар тоб.*
*Яке ҳамчун паран бар авҷи хуршед*
*Яке чун шойвард аз гарди маҳтоб.*

*Навҳа гар карда забони чанг ҳазин аз ғами гул,*
*Мӯй бикшодаву бар рӯи занон нохуно.*
*Гаҳ қанина ба суҷуд афтад аз баҳри дуо,*
*Гаҳ зи ғам барфиганад як даҳан аз дил хуно.*

Абӯсалики Гургонӣ аз муосирони Амру ибни Лайс буд ва абёти зайл дар тазкираҳо ба номи ӯ сабт афтодааст:

*Хуни худро гар бирезӣ бар замин,*
*Беҳ, ки оби рӯй резӣ дар канор.*
*Бутпарастанда беҳ аз мардумпараст,*
*Панд гиру кор банду гӯш дор.*

*Ба мижа дил зи ман бидуздидӣ,*
*Эй ба лаб қозиву ба мижгон дузд.*
*Музд хоҳӣ, ки дил зи ман бурдӣ,*
*Ин шигифтӣ ки дид, дузд ба музд!*

## *5. НАСРУ НАЗМИ АРАБӢ ДАР ЭРОН*

Дар давраи мавриди мутолиаи мо эрониён бо алоқаи хосе дар масоили адабии арабӣ ғавр карда ва гузашта аз таҳқиқ дар улуми адабӣ осори гаронбаҳое дар назму наср бар ҷой ниҳодаанд.

Насри арабӣ то мавқее, ки куттоби эронинажод вориди хадамоти девони расоил нашуда буданд, асари қобили таваҷҷӯҳе надошт. Албатта китоби осмонии мо аз ин ҳукм мустасност. номанависӣ дар забони арабӣ то мавқее, ки Ҷабала ибни Солим, мавло ва котиби Ҳишом ибни Абдумалик (ваф. 125ҳ. – 743м.) низому русуме барои он тартиб диҳад, расму оини дурусте надошт. Ҷабала аз қадимтарин касонест, ки ба нақлу тарҷумаи порае аз кутуби адабӣ ва таърихии паҳлавӣ ба арабӣ мубодарат кард. Аз он ҷумла Ибн ан-Надим дар «ал-Феҳрист» тарҷумаи достони Баҳроми Чӯбин ва тарҷумаи китоби Рустам ва Исфандиёрро аз паҳлавӣ ба арабӣ бад-ӯ нисбат додааст. Шогирди Ҷабала яъне Абдулҳамид ибни Яҳё аз маволии Бани Омир ва аз нажоди эронӣ буда ва китобати Марвон ибни Муҳаммадро дар аҳди ҳукумати Арманистон ва сипас дар давраи хилофати ӯ ӯҳдадор буд. Баъд аз қатли Марвон дар соли 132 (750ҳ.) Абдулҳамид чанде назди дӯсти худ Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ нависандаи машҳури эронӣ пинҳон буд, то маъмурони ҳукумати Аббосӣ бар ӯ даст ёфтанд ва ӯро дар ҳамон соли 132 ҳиҷрӣ куштанд. Абдулҳамид нахустин устоди бузург дар тарассули арабӣ шумурда шуд ва аввалин касест, ки китобати расоилро бар мизони саҳеҳ ниҳод ва онро аз эҷоз берун овард ва тамҳидотро дар садри номаҳо бо сувари хосе маъмул сохт. Мартабаи Абдулҳамид дар китобат ба дараҷаест, ки ноқидони сухани тозӣ ибтидои китобати арабиро ба ӯ донистаанд, ҳамчунонки интиҳои онро ба эронии дигаре ба номи Ибн ал-Амид.

Роҳе, ки Абдулҳамид дар китобати расоил пеш гирифт, баъд аз ӯ дар давраи Аббосӣ тавсиа ва имтидод ёфт ва куттоби бузург, ки наздик ба ҳама аз нажоди эронӣ буданд, падид омаданд. Котибони ин аҳд, ки маъмулан аз миёни эрониён интихоб мешуданд, табақаи хосеро ташкил медоданд ва ҳама аз усулу қавоиди эронӣ тақлид мекарданд. Ҳасан ибни Саҳли Сарахсӣ назири Маъмун ва Абдулҳамиди Котиб барои китобат шароите зикр карда ва фаро гирифтани таърихи Эрон ва миқдоре аз иттилооту фарҳанги эрониро барои ҳар китобе лозим донистаанд. Масалан, котиб мебоист андарзҳои Бузургмеҳру Ардашери Бобакон ва суханони Анушервону Шопур ва Абарвиз ва улуму иттилооти эрониёнро аз ҳифз дониста бошад ва аз онҳо ҳангоми нависандагӣ истифода кунад.

Амре, ки ба интишори ин фикр ёварии бисёр мекард, тарҷумаи кутуби мухталиф аз манобеи гуногуни қадим ва аз он ҷумла паҳлавӣ ба арабӣ будааст. Китобҳои паҳлавӣ бештар дар масоили адабӣ ва таърихӣ буда ва ғолиби онҳо бо таваҷҷӯҳ ба усули балоғат нигошта шуда буд аз қабили «Оиннома» ва «Худойнома» ва «Калила ва Димна» ва ғайра. Нақлу тарҷумаи ин китобҳо боиси эҷоди таҳаввули азиме дар мафоҳими адаби арабӣ гардид ва онҳоро аз инҳисор ба чанд хутба ва чанд номаи кӯтоҳи беарзиш ва ё саҷъи кухҳони араб, ки ҷиддан ибтидоӣ ва биёбонӣ будааст, берун овард ва дар алфозу андешаҳо тавассуъе эҷод кард ва саранҷом ба падид омадани сабки сода ва мурсал анҷомид, ки муҳимтарин марҳалаи такомули насри арабӣ ва василаи бузурги тараққӣ ва омодагии он барои баёни мафоҳими илмиву адабӣ шуд.

Касе, ки беш аз ҳама ва нахустин бор мояи эҷоди ин таҳаввули азим дар насри арабӣ шуд ва таълифи кутуби адабиро ба забони тозӣ мутадовил кард, нависандаи бузурги эронӣ Рӯзбеҳ писари Додвеҳи маъруф ба Абдуллоҳ ибн ал-Муқаффаъ аст, ки ба адабиёти паҳлавӣ ва арабӣ ба некӣ огоҳ буда ва дар Басра, яъне яке аз ду марказӣ муҳими адабии забони арабӣ ба сар мебурдааст. Вай ба тарҷумаи кутуби мӯътабаре аз паҳлавӣ ба арабӣ мубодарат кард, аз қабили «Гоҳнома», «Оиннома», «Калила ва Димна», «Худойнома» («Сияр-ул-мулук, «Сирату-мулуки-л-Фурс»), «Номаи Тансар», «Китоби Маздак», «Китоб-ут-тоҷ» ва иддаи зиёде аз кутубу рисолоти дигар. Ин осор ҳама бо маҳорати бисёр ба забони арабӣ даромад. Ва аз ин рӯй ба суръат мавриди таваҷҷӯҳи муслимин қарор гирифт ва фасоҳату ҷазолати калом ва балоғати рӯзбеҳ ба наҳве мавриди қабул шуд, ки осори ӯро ҳамвора масали аълои балоғат донистаанд. Вилодати ӯ дар ҳудуди соли 106 ҳиҷрӣ (725м.) иттифоқ афтод ва дар Басра тарбият шуд ва баъд аз шӯҳрат дар нависандагӣ муддате котиби Довуд ибни Юсуф яке аз вулоти Бани Уммия дар Ироқ буд ва баъд аз заволи давлати Умавӣ дар хидмати Исо ибни Алӣ, амми халифа Абӯҷаъфар Мансури Давониқӣ, дар айёме, ки волии Кирмон буд, даромад ва ба дасти ӯ ислом овард ва ба «Абдуллоҳ» мавсум шуд ва кунияи «Абӯмуҳаммад» ёфт, дар ҳоле, ки пеш аз қабули ислом кунияи «Абӯамру» дошт. Сипас, аз хидмати Исо ибни Алӣ ба назди бародараш Исмоил ибни Алӣ рафт ва муаллими авлоди ӯ шуд ва гӯё дар ҳамин авқот бо Абӯҷаъфар Мансур ошноӣ ёфт ва барои ӯ ба тарҷумаи кутуби илмиву адабӣ аз паҳлавӣ ба арабӣ мубодарат кард, то дар соли 142 ҳиҷрӣ (760м.) ба ишораи он халифаи ҳилагар ба дасти Сӯфён ибни Муъовия омили Басра ба иттиҳоми зиндиқа ба

вазъи бисёр фаҷеъ ва ваҳшиёна кушта шуд. Аҳамияти ӯ дар он аст, ки каломи саҳлу холӣ аз ишколе дорад ва мӯътақид будааст, ки котиб бояд алфози содаро интихоб кунад, вале аз алфози суст ва дур аз фасоҳат дурӣ ҷӯяд. Вай толии Абдулҳамид дар тамҳиди усули китобат ба забони арабӣ ва комилкунандаи тариқаи ӯст ва равише, ки ӯ бунён гузошт, муддатҳо дар миёни нависандагони арабизабон мутадовил буд. Тафовути ӯ бо Абдулҳамид дар он аст, ки ин дар тансиқи усули китобати расоил ва он дар тамҳиди тариқи иншои кутуб ва ба иборати дигар дар «китобат-ут-тасниф ва-т-тадвин» пешрави нависандагони арабист. Се китоби бисёр маъруфи ӯ: «Ас-саҳоба», «Ал-адаб-ус-сағир» ва «Ал-адаб-ул-кабир»-и маъруф ба «Ад-дуррат-ул-ятима» аз ҷумлаи шоҳкориҳои осори адабӣ ба забони арабист.

Яке дигар аз нависандагони донишманди эронӣ дар ин се қарн Абуҳанифа Аҳмад ибни Довуди Динаварист. Вай дар наҳву луғат ва адабу ҳандаса ва ҳисобу нуҷум ва ривоят устод буд. Вафоташ дар ҳудуди соли 281ҳ. (895м.) иттифоқ афтод. Абӯҳанифаи Динаварӣ дар масоили мухталиф таълифоте дорад ва аз он ҷумла аст: «Ал-ахбор-ут-тивол» дар таърих, ки мутазаммини иттилооти зиқимате дар таърихи Эрони пеш аз ислом аст. Дигар «Китоб-ул-фасоҳа» ва «Китоб-ул-васоё», ки аз ҳайси тарҳи мавзӯоти тоза дар адабиёт дар гамаддуни исломӣ шӯҳрат дошт. Дигар Абуабдулоҳ Муҳаммад ибни Қутайбаи Динаварӣ (213-276ҳ. – 829-891м.) аз кибори муаллифон ва аз донишмандони бузург дар улуми адабӣ ва динӣ аст. Аз осори маъруфаш дар адабиёт «Адаб-ул-котиб» ва «Аш-шеър ва-ш-шуъаро», «Маъони-уш-шеър» ва китоби «Уюн-ул-ахбор» ва чанд китоби дигар аст. «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутайба ҳовии намунаҳое аз мусаннифоти адабии аср дар масоили мухталиф аст, ки ҳар даста таҳти унвоне нақл шуда ва бо назари муаллиф дар мавриди онҳо даромехтааст. Дар ин китоб бисёре аз ривоёти эронӣ омада ва аз кутуби машҳури паҳлавӣ, ки ба арабӣ тарҷума шуда буд, монанди китоби «Оиннома», мавриди мутааддид нақл шудааст ва ба ҳамин сабаб яке аз манобеи таҳқиқ дар фарҳанги эрони қадим аст. Китоби «Уюн-ул-ахбор»-и Ибни Қутаба аз ҷумлаи маохизи машҳур дар матолиби таърихист.

Нависандагони машҳури дигаре аз нажоди эронӣ дар ин се қарн бархостаанд, ки ҳар як ба наҳве дар ғанӣ сохтани адаби арабӣ саҳм доранд, монанди Саҳл ибни Ҳоруни Дашти Мишонӣ аз шуъубимазҳабони мутаассиб, нависандаи китоби «Девон-ур-расоил» ва «Тадбир-ул-мулк ва-с-сиёса» ва Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, муаллифи номбардори «Таърих-ур-русул ва-л-мулук» ва Воқидӣ, муаллифи «Китоб-ул-футуҳ» ва гайра.

Дар шеъри арабӣ ҳам хидмати эрониёни ин аҳд инкорнокарданӣ ва муассир будааст. Аз машоҳири тозигӯёни эронинажоди ин аҳданд:

Исмоил ибни Ясори Насоӣ ва бародаронаш Иброҳим ва Муҳаммад, ки ҳар се дар миҳанпарастӣ ва изҳори ақоиди шуъубӣ тундрав будаанд.

Башшор ибни Бурди Тахористонӣ (ваф. 167ҳ. – 784м.) аз шоҳзодагони Тахористон, ки дар кӯдакӣ ба асорати Бани Уқайл Ибни Каъб даромад ва ба зудӣ дар шеъри араб шӯҳрат ёфт. Вай, ки пешрави шуарои муҳдасин шумурда мешавад, дар тафохур ба насаби худ ва таҳқири араб ва васфи чавориву канизакон ва эроди ташбеҳоту истиороти дақиқ ва ба кор бурдани ҳикаму амсол машҳур аст. Аҳамияти хоси ӯ дар омехтани маъонии ғазалӣ бо маъонии мадҳӣ ва пайрезии сабки хосе дар қасидасароист, ки ба зудӣ мақбули шоирони тозигӯй гардид.

Ӯро тозиён ба иттиҳоми зиндиқа ба зарби тозиёна куштанд.

Шоири машҳури эронии ин аҳд, ки ӯро ҳам бояд аз аркони шеъри арабӣ шумурд, Абунувос Ҳасан ибни Ҳонии Хузистонӣ (145-199ҳ. – 763-815м.) соҳиби қасоиди хамрия ва ғазалҳои дилангези машҳур аст.

Муосири Абунувос Абулатоҳия Исмоил ибни Қосим аз пешравони муваллидин ва дар мадҳу ғазал ва андарзгӯӣ устод ва дар тавсиаи бахшидан ба мафоҳиму мазомини шеъри арабӣ дорои асари бисёр буд.

Дигар ал-Мутаваккилӣ Иброҳим ибни Мамшоди Исфаҳонист, ки муддате котиби Мутаваккили халифа буд ва ба ҳамин сабаб ба «Мутаваккилӣ» иштиҳор ёфт ва пеш аз ин номи ӯро дидаем.

Шоирони дигаре дар ҳамин се қарн аз Эрон бархоста ва ба забони тозӣ сухан гуфта ва шӯҳрате ҳосил кардаанд, ки номашонро дар кутуби тарочим мебинем ва зикри ҳамаи онҳо суханро ба дарозо мекашонад.

# БАХШИ ДУВУМ

## ВАЗЪИ СИЁСИВУ ИҶТИМОӢ ВА ИЛМИВУ АДАБИИ ЭРОН ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА НИМАИ ҚАРНИ ПАНҶУМИ ҲИҶРӢ

### *ФАСЛИ АВВАЛ*

### ВАЗЪИ СИЁСИВУ ИҶТИМОӢ ВА ДИНИИ ЭРОН ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА НИМАИ АВВАЛИ ҚАРНИ ПАНҶУМИ ҲИҶРӢ

#### НАЗАРИ КУЛЛӢ ВА УМУМӢ

Қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷуми ҳиҷрӣ муҳимтарин давра аз адвори тамаддуни исломии Эрон ва аз ҷиҳоти мухталиф қобили таваҷҷӯҳ ва мутолиа аст. Ин аср, ки бояд онро асри тиллоии тамаддуни исломии Эрон донист, давраи истеҳсоли эрониён аз кӯшишҳои мутамодии худ дар қарни дувуму савум барои бозёфтани истиқлоли комил ва давраи бахрабардории онон аз кӯшишҳои илмӣ ва адабӣ барои доштани ҳукамову уламо ва удабои дараҷаи аввал ва давраи шукуфтагии назму насри форсист. Оғози ин давра то як қарн бо ғалабаи подшоҳони эронинажод ҳамроҳ ва биннатиҷа давраи дурахшони илму адаб ва озодии афкор буд ва дар авохири ин давра, ки ҳанӯз дурахшандагии тамаддуни эронӣ хиракунанда ва чашмгиранда буд, муқаддимоти ғалабаи ҳукуматҳои ғайриэронинажод фароҳам омад ва даврони ҷадиде дар таърихи мо, ки ба давраи ғалабаи сиёсати динӣ маъруф аст ва табъан авоқиби номатлуби худро дар даврони баъд ба ҷо гузорд, оғоз шуд.

Дар қисмати бузурге аз ин аҳд давлати Сомонӣ бо эҳёи русуми қадим бар Мовароуннаҳру Хуросон ва Сиистону Рай ва Гургон фармонравоӣ дошт ва дар ҳамон аҳвол Оли Зиёр ва Оли Бӯя бо андешаи таҷдиди шоҳаншоҳӣ бо хулафо дар кашокаш буданд ваононро зери сайтараи худ доштанд ва чи ин силсилаҳои подшоҳон, ки гуфтем ва чи силсилаҳои кӯчаки маҳаллии дигар саросари Эронро аз қабзаи тоати хулафо берун овარданд.

Мусалламан, агар сиёсати нажодии хоси ин давра аз авохири қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум ба мавонее боз намехӯрд, ав-

роқи заррине бар таърихи тамаддуни исломии Эрон афзуда мешуд, аммо афсӯс, ки ғалабаи қабоил ва ғуломони турк, ки худ аз натоиҷи сиёсати ғайринажодии ислом аст, орзуҳои касоне монанди Яъқубу Мардовиҷ ва фарзандони Сомонхудо ва авлоди Бӯяи Дайламиро нақш бар об кард. Оли Афросиёб аз ҷонибе давлати хидматгари Сомониро барандохт, Оли Сабуктегин аз ҷонибе дигар қабодаи лиманилмулки кашиданд ва қабоили туркмони Ғуз дар ин фурсатҳо барои ташкили ҳукумати Салҷуқӣ ба такопу афтоданд.

Ҳукумати хулафои Бағдод дар поёни ин давра, яъне дар авосити қарни панҷум бар асари тасаллути Оли Бӯя чунон гирифтори заъф шуда буд, ки дигар ҷуз номе аз он боқӣ намонд ва Алқоим биамриллоҳ (422-46х. – 1031-1075м.) ногузир ду сол аз Бағдод берун рафта буд ва хутба ба номи ӯ набуд, то дар соли 447ҳ. (1059м.) ба ёрии Туғрали Салҷуқӣ ва туркмонони Ғуз ба Бағдод бозгашт.

Агарчи дар поёни ин давра ба ҷои давлати Сомонӣ дар Мовароуннаҳр туркони Қарохонии Оли Афросиёб нишаста ва подшоҳони турkзоди Ғазнавӣ то Рай ва Исфаҳонро ба турктоз гирифта буданд, лекин чун Ғазнавиён суннати Сомониёнро таъқиб мекарданд ва Оли Афросиёб низ дар ташкилоти аҳди Сомонӣ тағйироти умдае надоданд, наметавон натоиҷе, ки бо тамаддуни эронии он аҳд муғоярат дошта бошад, аз тасаллути онон гирифт ва алалхусус давлати Ғазнавиро ғайр аз порае ҷиҳот наметавон дар радифи давлатҳои турк даровард.

## ҲУКУМАТҲО ВА СИЛСИЛАҲОИ ПОДШОҲОНИ ЭРОН

Ҳукуматҳо ва силсилаҳои салотини Эрон дар ин давра мутааддиданд, хоса, ки иддаи зиёде аз хонадонҳои асили қадим дар навоҳии мухталифи сарзамини Эрон аз Мағриб гирифта то Машриқ ҳукуматҳои маҳаллии худро идома медода ва боҷгузори ҳукуматҳои қавитар ва бузургтар будаанд. Ҳамаи ин хонадонҳои бузургу кӯчак дар тавсиаи улум ва адабиёти мо саҳми асосӣ дошта ва ҳамагӣ шоистаи онанд, ки номашон дар саҳоифи таърихи мо мазбут бошад.

Хонадони Саффорӣ, ки аз соли 287ҳ. (900м.) бар асари шикасти Амру ибни Лайс аз Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ инҳисоран дар Сиистон қудрат дошт, то соли 393, ки аҳди ҳукумати Халаф ибни Аҳмад будааст, бо сурати як амораті маҳаллӣ боҷгузори Сомониён буд ва оқибат ба дасти Маҳмуди Ғазнавӣ барафтод. Умарои ин хонадон дар тамоми қарни чаҳорум ба ҷалбу ташвиқ ва тарғиби олимон саргарм буда ва гурӯҳе аз машоҳири илму адаб дар хидмати онон ба сар бурда ё ба даргоҳи эшон пайвастаанд.

Хонадони Сомонӣ муҳимтарин ва бузургтарину пурифтихортарин хонадонҳои ҳукуматии ин аҳд аст. Ҷадди аълои ин хонадон Сомонхудо аз аъқоби Баҳроми Чӯбин буд ва дар аҳди Бани Уммия бар Балх ҳукумат мекард. Вай дар оғози амр дини зардуштӣ дошт ва сипас қабули ислом кард ва баъд аз ӯ писараш Асад ҷои ӯро гирифт ва фарзандони Асад дар инқилоботи Хуросон, ки ба аҳди Ҳорун даргирифта буд, хадамоте ба халифаи ислом карданд ва ба ҳамин сабаб Маъмун ҳукумати чанд шаҳр аз Мовароуннаҳрро бад-онон бахшид (соли 204ҳ. – 820м.) ва бад-ин тартиб авлоди Сомонхудо аз оғози қарни савум бар дурдасттарин навоҳии шимоли шарқи мамолики исломӣ даст ёфтанд ва ба таҳкими мавозиъи иқтидори худ дар он ноҳия пардохтанд, то дар соли 279 (893м.) Исмоил ибни Аҳмад баъд аз вафоти бародараш Наср инҳисоран ҳукумати тамоми Мовароуннаҳрро дар даст гирифт ва ҳашт сол баъд дар ҷанге, ки бо Амру ибни Лайс кард, бар ӯ ғалаба ёфт (287ҳ. – 901м.) ва Хуросонро низ замимаи ҳукумати худ сохт ва дар ҷангҳое баъд аз ин таърих то ҳудуди Рай ва Қазвин пеш ронд ва аз ҷониби Машриқ ҳам қабоили мутаҷовизи туркро бар сари ҷои худ нишонд ва бад-ин тартиб ҳангоме ки вафот меёфт (295ҳ. – 908м.) ҳукумате мустақил ва нирӯманд ба вуҷуд оварда буд, ки то соли 389ҳ. – 998м.) давом ёфт ва бар қисмати бузурге аз Эрон то Синду Кирмону Рай тасаллут дошт ва Сиистону Хоразм боҷгузори он ва тамоми Мовароуннаҳр то савоҳили Сирдарё ва доманаҳои Помир дар ихтиёри он буд.

Аҳамияти умарои Сомонӣ аввалан аз он ҷиҳат аст, ки чун аз як хонадони асил ва қадими эронӣ буданд, ба миллияти худ алоқаи бисёр доштанд ва ба ҳамин сабаб русуму одоби қадими эрониро, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр боқӣ монда буд, ҳифз карданд ва табақоти қадими иҷтимоии Эрон монанди деҳқонону озодон ва аҳли буютотро ҳамвора мавриди икроми худ қарор медоданд ва ин амр мояи тасбити бисёре аз русуми қадим гардид ва чун Ғазнавиён низ тарбиятёфтаи онон буданд, ағлаби он русуму қавоидро нигоҳ доштанд.

Таваҷҷӯҳ ба забону адаби порсӣ ҳам аз хадамоти муҳими шоҳони Сомонист. Ҳама афроди ин хонадон алоқаи шадид ба забони форсӣ ва назму насри он доштаанд ва аз ин рӯй шоирони порсигӯйро мавриди ташвиқ ва инъому икром қарор медоданд ва мутарҷимонро ба тарҷумаи китобҳои мӯътабаре монанди «Синдбоднома» ва «Бахтиёрнома» ва «Калила ва Димна» ва «Таърихи Табарӣ» ва «Тафсири кабир»-и Табарӣ ба насри форсӣ ташвиқ мекарданд ва аз ин роҳҳо бунёни адаби форсиро аз ҳар ҳайс мустаҳкам месохтанд. Баъзе аз умарои тобеи давлати Сомонӣ ҳам дар ин роҳ аз онон пайравӣ мекарданд. Масалан, дар аҳди онон дар Хуросон ба ҳиммати яке аз волиёнашон «Шоҳномаи

Абӯмансурӣ» тадвин ва таълиф шуд ва ё умарои Хоразм (Оли Ироқ), ки фармонбардори Сомониён буданд, худ дастгоҳи мувассъе барои тарбияту ташвиқи уламои эронии замони худ доштанд.

Дар Хоразм як хонадони куҳан ба номи Оли Ироқ (Шоҳия) ва дар Чағониён силсилаи асил ба номи Оли Мухточ ва дар Гурчистони воқеъ дар иртифоъоти шимолии Афғонистони имрӯзӣ умарое бо лақаби «Шор» ва дар Хуросон хонадонҳои аморат ва ҳукумат, махсусан Фареғуниён ва хонадони ҳукуматии Симчӯриён ва амсоли инҳо, ки ҳамагӣ мутобиъони давлати Сомонӣ буданд, ҳар як ба навъе дар тарвичи адабу ҳунар ва дониши эрониён саҳме доштаанд ва зикри хайрашон мустадом аст.

Дар қарни савум Гургону Табаристон ва Руёну Дайламон ба дасти иддае аз содоти Зайдӣ, ки дар таърих ба «Содоти толибия» машҳуранд, аз давлати Оли Аббос мунтазеъ шуда буд. Ин содот то авоили қарни чаҳорум ҳанӯз дар баъзе аз навоҳии мазкур ба сар мебурданд, вале қудрати онон ба ниҳоят расида ва дар иваз аз тарбиятшудагони он давлат сардорони эрондӯсти диловаре дар қарни чаҳорум ба по хостанд, монанди Мокон писари Кокӣ ва Асфор писари Шируя ва Мардович писари Зиёр ва Алӣ писари Бӯя, ки аз авоили қарни чаҳорум ҳар як ба умеди сарварӣ ва подшоҳӣ дар Ироқ ва соири навоҳии Эрон тохту тоз мекарданд ва аз ҳамин диловарони бузург аст, ки ҳукумати Зиёрӣ (Оли Зиёр) ва давлати муқтадири Бӯй (Оли Бӯя) ба вучуд омад.

Ғолиби афроди Оли Зиёр мардуме фозилу донишдӯст ва адабпарвар ва алоқаманд ба ҳифзи русуму одоби эронӣ буданд. Аз миёни онон Шамсулмаъолӣ Қобус писари Вушмагир аз чумлаи донишмандон ва нависандагону шоирони бузург аст ва китоби «Камол-ул-балоға»-и ӯ нишонаи камоли балоғат ва иттилои ӯ аз адабу ҳикмат аст ва ашъори тозиву порсӣ ҳам, ки аз ӯ боқӣ монда, маҳорати ӯро дар шеър нишон медиҳад. Вай аз бузургдошти шоирону олимон низ ғафлат намекард, чунонки Хусравии Сарахсӣ дар дастгоҳи ӯ ротибаи хосе дошт ва Абӯрайҳони Берунӣ аз ниҳояти такриму тачлил бархурдор буд ва китоби «Ал-осор-ул-боқия»-и худро дар соли 391 (1001м.) ба номи ӯ таълиф намуд ва Абулфарач Алӣ ибни ҳинду адиб ва ҳакими бузурги эронӣ (ваф. 420ҳ. – 1029м.) чанде дар хидмати ӯ ба эъзозу икром мезист. Унсурулмаъолии Кайковус, наводаи Қобус, соҳиби «Қобуснома» низ аз мардони донишманди ин тоифа аст ва китоби «Қобуснома»-и ӯ аз умаҳоти кутуби форсӣ ва нишонаи иҳотаи ин марди чалил бар фунуну улум ва одоби аҳди ӯст ва ӯ илова бар ин шеъри порсӣ ва табарӣ низ месуруд.

Ҳукумати фарзандони Бӯяи Дайламӣ (Алӣ, Ҳасан, Аҳмад), ки дар оғози кор фармонбардори Мардович ва аз тарафи ӯ маъмури фатҳи форс ва Хузистон буданд, баъд аз қатли он сардори бузург, яъне аз соли 323 (935м.) билистиқлол оғоз шуд ва дар аҳди шоҳаншоҳии Аздуддавла Фанохусрав (367-372ҳ. – 978-983м.) ба ниҳояти вусъат ва азамат расид ва сипас ба ду шиъаи аслӣ мунқасим гардид. Аъқоби Аздуддавла то соли 447 (1055м.) бар Бағдод ва Хузистону Форс муставлӣ буданд ва аъқоби Фахруддавла то соли 420 бар Рай ва Ҷибол истило доштанд.

Хадамоти ин силсила ва вузарои маъруфашон монанди Ибни Амид ва Соҳиб ибни Аббод ба фарҳангу адаби эронӣ, хоса ба улум ва уламо машҳур ва дар кутуби адабу таърихи тозӣ ва порсӣ мунъакис аст.

Дар поёни ин давра, яъне бо шикасти Сомониён аз туркони Оли Афросиёб ба соли 389 (999м.) Мовароуннаҳр ба дасти он қавм афтод ва дар ҳамон ҳол хонадони Ироқ дар Хоразм ба заъф гароид ва ҷои худро дар он вилоят ба хонадони дигаре ба исми Маъмуниён дод, ки умри даврони қудраташ тӯлонӣ набуд ва ба соли 408ҳ. (1018м.) бар дасти Маҳмуди Ғазнавӣ мунқариз гардид.

Хуросон, ки дар поёни аҳди Сомонӣ бар асари заъфи он силсила ва муборизоти рӯзафзуни сардорон ва волиёни давлати Сомонӣ дар он диёр ба қавли Фирдавсӣ «сарое пур аз ҷанг» шуда буд, ба дасти Сабуктегин ва писараш Маҳмуд афтод. Инон аз як силсилаи ғуломони турк буданд, маъруф ба силсилаи Ғазнавиён, ки Албтегини ҳоҷиб, ғуломи амморатёфтаи Сомониён ба соли 351 (962м.) дар шаҳри Ғазна ташкил дод. Қудрати ин ҳукумат дар аҳди салтанати Маҳмуд ибни Сабуктегин (387-421ҳ. – 998-1029м.) ба камол расид ва ӯ бо футӯҳоте, ки дар вилояти Синд ва баъзе аз навоҳии шимоли Ҳиндустон карда буд ва низ бо комёбиҳое, ки дар Хоразму Сиистон ва Рай дошт, доираи тасаллути худро бисёр вусъат дод ва мамолики паҳноварero дар ихтиёри худ даровард, ки дуруст даҳ сол баъд аз вафоташ бар асари тасаллути туркмонони Салҷуқӣ бар Хуросон (соли 431ҳ. – 1040м.) мунҳасир бар қисмате аз Хуросон ва арозии қабоили Афғон (Афғон) ва арозии мафтуҳаи Ҳиндустон гардид, ба наҳве, ки баъд аз ин биёяд.

Дарбори Ғазнавиён дар давраи аввали ҳукумати онон, яъне то поёни салтанати Султон Масъуд, ки муқорин бо ҳамин давраи мавриди баҳси мост, машҳун буд ба вуҷуди шоирони бузурги порсигӯй, зеро ин аҳд аз вуҷуди касоне бархурдор буд, ки дар авохири аҳди Сомонӣ тарбият шуда ва дар оғози қарни панҷум шӯҳрат ёфта буданд, монанди Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадиву Айюқӣ ва Манучеҳрӣ ва амсоли онон.

# ДАВРОНИ СИЁСАТИ НАЖОДӢ

Қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ дар Эрон даврони ғалаба ва ривоҷи сиёсати нажодӣ хоҳ дар ҳукумат ва идораи кишвар ва хоҳ дар умури иҷтимоӣ ва эҳёву ҳифз ва идомаи русуму одоби миллӣ ва фарҳанги эронист. Дар ин давра миллати Эрон бар асари муҷоҳидоти қуруни пешин тавонист истиқлоли аз даст рафтаро таҷдид кунад ва забони порсиро чун забоне мустақил бо адабиёти пурсарвати он бар курсӣ нишонад. Ин давра аҳди муфохарат ба нажод ва миллияти эронӣ ва озодии афкору ақоиди фирақи мухталиф ва адами таассуби умаро ва ҳифзи сиёсати миллӣ ва нажодии эрониён шумурда мешавад ва ба ҳамин сабаб пояи ҳамосаҳои миллии форсӣ дар ин давра гузошта шудааст. Ин аҳд давраи камоли тамаддуни эронӣ ва асри зуҳури афкору орои мухталифи илмиву фалсафӣ буд, яъне даврае, ки дунболаи тамаддуни Сосонӣ аз роҳи мазҷи он бо аносири олияи тамаддуни исломӣ як қарни тиллоӣ ва як даврони шукуфоии рӯҳи эрониро бо тамоми рангу нигорҳои шукӯҳманди он ба вуҷуд овард. Давроне, ки бо мутафаккири мубтакире чун Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ оғоз шуд ва бо шоири баландпарвози беназире чун Фирдавсӣ поён ёфт.

Хосияти нажодии эронӣ дар ин аҳд ба ҳадди камол буд ва ба ҳамин сабаб дар сиёсати афроде назири Исмоил ибни Аҳмад ва Мардович писари Зиёр ва Алӣ писари Бӯя ва Муъизуддавла бародари ӯ ва Ҷайҳониёну Балъамиён ва Ибни Амиду Соҳиб ибни Аббод ва Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ ва Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ ва назоири онон ва дар илм афроди бузургу номбардоре чун Розиву Форобӣ ва пури Синову Абунасри Ироқ ва Абулвафои Бузҷониву Абӯсаиди Сагзӣ ва Абӯрайҳони Берунӣ ва назоири эшон ва дар адаби форсӣ касоне монанди Рӯдакиву Дақиқӣ ва Фирдавсӣ ва амсоли онон дошт, ки аз тарафе ғолибан бе шоибаи таассуби динӣ ва бо ҷустуҷӯи ҳақиқату талаби дониш барои нафси илм саргарми кору кӯшиш буданд ва аз тарафе дигар дар тариқи сарбаландии миллат ва таҳкими бунёди ифтихороти миллӣ муҷоҳадат мекарданд. Ва ин аҳвол дуруст мутаноқиз бо авзоест, ки аз қарни панҷум ба баъд дар Эрон эҷод шуд ва бар асари он таваҷҷӯҳ ба миллият ва ифтихороти қавмӣ ва ҳуррияти ақоиду озодии оро аз қуюди таассуб матрук монд ва давре, ки бо таҷдиди доираи афкор ва таассуб дар мазоҳиб ва адами таваҷҷӯҳ ба миллият ва улум тавъам буд, оғоз шуд ва он давраест, ки бо тасаллути ғуломони турк дар қаламрави ҳукумати Сомониён ва нуфузи қабоили турк бар асари он шурӯъ шуд.

## ХОНАДОНҲОИ ҚАДИМ ВА РАСМҲОВУ ОИНҲОИ ЭРОНӢ

То поёни қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум ҳанӯз бисёре аз хонадонҳои асили эронӣ бо ҳамаи суннатҳои қадими худ боқӣ буданд. Ин хонадонҳо дар умури сиёсӣ ва хадамоти илмӣ дахолат дошта ва аз ин қарни чаҳорум аз одоти хуби эрониён «эҳтиром ба аҳли буютоти қадим»-ро дониста ва номи иддае аз хонадонҳоро зикр кардаанд, ки аз аҳди Яъқуби Лайс ба баъд дар хадамоти муҳими девонӣ ширкат ва дахолат доштанд. Ҳамроҳи бузургдошти ин хонадонҳо нигаҳдошти силсилаи ансоб ва исботи шарафи насабӣ дар миёни эрониёни ин давра аҳамият дошт ва бархе аз хонадонҳо мекӯшиданд насаби худро чунонки буда ё иддао мекардаанд, ҳифз кунанд ва алалхусус риояти насаб барои подшоҳон зарур буд, чунонки ҳеҷ як аз подшоҳон ва муддаиёни подшоҳӣ дар қарни савум ва чаҳорум набудаанд, ки насаби худро ба навъе ба шоҳону паҳлавонони қадим ё ба Сосониён нарасонанд. Ва ғайр аз ин даста хонадонҳои мутааддид аз табақаи деҳқононро бояд зикр кард, ки то авоили қарни панҷум ҳанӯз ба вуфур дар Эрон, хоса дар Хуросону Мовароуннаҳр боқӣ монда ва ҳамаи русуму одоби худро ниғоҳ дошта буданд ва дар ҳифзи асолати нажодии хонадонҳои худ сахтгирӣ ва сарсахтӣ нишон медоданд.

Бо чунин ҳоле табъан русуму оинҳои эронии қадим дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум ҳамчунон ба қуввати худ боқӣ мемонд ва ҳамчунин ҳам буд, чунонки куллияи аъёду русуми миллӣ хоҳ дар дарборҳои салотин ва хох дар миёни оммаи мардум мутадовил буд. Гоҳшиносии Эрон дар ҳама ҷо то Суғду Хоразм ба русуми қадим идома дошт, бисёре аз мӯътақидоти қадим, ки ғолибан ҷанбаи динӣ дошта бо интибоқ бар ақоиди динии ислом боқӣ монда ва мутадовил будааст. Подшоҳони эронинажоди Сомониву Зиёрӣ ва Бӯиву Хоразмӣ ва Фареғунӣ ба диққат худро муваззаф ба иҷрои вазоиф ва одобе мешумурданд, ки аз дер боз дар андарзномаҳо ва уҳуди салотин барои онон муайян шуда буд ва дар сояи чунин вазъи иҷтимоӣ буд, ки Эрони қарни савум ва чаҳорум макрун ба ободонӣ ва вусъати билод ва касрати куррову қасабот ва фузунии ҷамъияту сокинони онҳо ва сарвати саршори аҳолӣ ва вуҷуди хонадонҳои сарватманди қадим будааст ва ин маъонӣ ба сароҳат аз кутуби ҷуғрофиё ва таърих, ки дар ин қарн ва ё наздик ба он таълиф ва ё аз рӯи мадорики марбут ба он давра навишта шудааст, бармеояд. Чунонки дар васфи камтар шаҳру диёрест, ки сухан аз фаровонии неъмату касрати ҷамъият ва ривоҷу равнақи тиҷорату фалоҳати он наравад ва аз қусуру куҳандижҳо ва қилоъи мутааддид баҳс нашавад. Сарвати шоҳону умаро низ ба ҳамин

нисбат будааст, масалан, ба ривояти Ибн Ҳавқал бо он ки Сомониён дар ахзи молиёт риояти камоли адлу инсофро мекарданд, дар ҳоли оддӣ чиҳил милён дирҳам авоид доштаанд, ки ба расми Эрони қадим ду бор дар сол, ҳар бор бист милён дирҳам ҷамъоварӣ мешуд ва Ибн Ҳавқал тасреҳ мекунад, ки мамлакати Оли Сомон ба вуфури неъмату сарват бисёр маъруф будааст.

## БАРДАГӢ ВА БАРДАГОН

Аз офоти ин неъмати саршор таваҷҷӯҳ ба хариду фурӯхти ғуломону канизакон ва роҳ додани онон ба хонумони эронӣ ва олудани нажод ба василаи онон буд. Ин бардагон маъмулан асироне буданд, ки дар ғазваҳо ва ҳамалоти сарҳадии ғозиёни ислом ба навоҳии Синду Ҳинд ва асқоъи турку Хазар ва Руму Хабашистон ва Занг ба дасти онон меафтоданд ва ё ба тӯтиаи наххосон (бардафурӯшон) аз миёни қабилаву ашираи эшон дуздида ва ба дохилаи мамолики исломӣ оварда мешуданд ва баъд аз он ки тарбият меёфтанд, ба маърази байъу широ дармеомаданд.

Дар дастгоҳи Сомониён ва Даёлама ғуломону канизакони турк бисёр буданд ва аз аҷоиб ин аст, ки эрониёни Хуросону Мовароуннаҳр дар ин туркон ва туркзодагон ҳусне ва малоҳате нишон карда буданд ва ононро бад-ин сифат месутуданд ва дар роҳашон дилнамудагиҳо доштанд. Аз тарафе дигар бино бар бидъате, ки Алмӯътасим Биллоҳ дар ҳукумати исломӣ ниҳода буд, аз ғуломону ғуломзодагони турк-нажод дар Эрон низ дастаҳои сипоҳӣ тартиб медоданд ва ононро ба-тадриҷ аз мартабаи «вушоқ» ба мартабаи «вушоқбошӣ» ва рафта-рафта ба мартабаи аморат ва саранҷом ба сипаҳсолорӣ мерасонданд.

Ба ҳамин ҷиҳот қимати ин бардагони турк бисёр буд ва бино бар ишороти Ибн Ҳавқал дар «Сурат-ул-арз» гоҳ қимати як канизак ё як ғуломи турк ба се ҳазор динор мерасид! Хариду фурӯхти ин колои ҷондор бо ҳамаи гаронӣ ва пурбаҳоӣ қавоиду муқаррароте дошт, ки Унсурулмаъолии Кайковуси Зиёрӣ онҳоро ба тафсил дар «Қобуснома»-и худ овардааст ва Низомулмулки Тӯсӣ низ дар «Сиёсатнома» дар бораи чигунагии иртиқои ғуломони турк аз мартабаи «вушоқ», яъне сарбози содаи пиёда ба сарбози савора ва аз он мартаба ба дараҷаи ҳоҷибӣ ва амириву сипаҳсолорӣ ва ҳукумат бар вилоёту иёлоти кишвар сухан гуфтааст.

Ин туркон бо савобиқи неку бади худ ва бо ҷаврҳое, ки аз наххосон кашида ва балоҳое, ки дида буданд, чун қудрате ҳосил мекарданд, доди дили худ аз халқ меситонданд. Инҳо дар Бағдод ва билоди Эрон

оташҳои бедод барафрӯхтанд ва хирманҳои амну оромиш сӯхта ва молҳо андӯхта ва тухмҳои адоват кошта ва роятҳои худсариву истиқлол барафрошта.

Ин балоҳо, ки эрониён ба ҷону дилашон хоста ва молҳо дар роҳашон пардохта буданд, ба зудӣ даст ба наҳбу горат кушуданд, подшоҳони бузурге чун Аҳмад ибни Исмоил ва Мардович ибни Зиёр, ки ин дувумӣ аз умедҳои эрониён буд, бар дасти ин нокасон ба ҳалокат расиданд ва чун ин набаҳрагон аморату қудрат ёфтанд, бо фарҳанги эронӣ карданд он чи карданд. Хонадонҳо аз дасти онон барафтод, русуму одоб ва одоти миллӣ дар зери мӯзаҳои онон лагадкӯб гашт ва ростиву мардумӣ ва усули сарвариву бузургворӣ бо номардумиҳо ва дунпарвариҳояшон роҳи нестӣ гирифт ва ҳамон пеш омад, ки устоди бебадили Тӯс, ки раҳмати ҳақ бар турбати покаш бод, дар ин абёт фармуд:

*Шавад бандаи беҳунар шаҳриёр,*
*Нажоду бузургӣ наёяд ба кор.*
*Ба гетӣ касеро намонад вафо,*
*Равону забонҳо шавад пурҷафо.*
*Ҳама ганҷҳо зери доман ниҳанд,*
*Бикӯшанду кӯшиш ба душман ниҳанд.*
*Чунон фош гардад ғаму ранҷу шӯр,*
*Ки шодӣ ба ҳангоми Баҳроми Гӯр.*
*На ҷашну ра ромиш, на кӯшиш, на ком*
*Ҳама чораву танбалу созу дом.*
*Зиёни касон аз паи суди хеш,*
*Биҷӯянду дин андар оранд пеш.*
*Чу бисёр аз ин достон бигзарад,*
*Касе сӯи озодагон нангарад.*
*Бирезанд хун аз паи хоста,*
*Шавад рӯзгори меҳон коста...*

Бо ин ҳама эрониён шефтаи ин тангчашмони хурдбин буданд ва шоирон дар ашъори худ ба васфи зебоӣ ва дилороии онон мепардохтанд ва агарчи турк масал буд, аз онон чашми вафодорӣ доштанд! Қасоиди шоирони порсигӯи мо аз авоили қарни чаҳорум то дергоҳ пур аст аз авсофи ин маъшуқагони Халлухӣ ва дилбарони Хитоӣ ва туркони Тирозӣ ва маҳрӯёни Яғмоӣ ва ишқбозиҳову дилбохтагиҳое, ки шоирон бад-ин ғуломону канизакон доштанд ва мураҷиае ба девонҳои шоирон аз ин ишқбозӣ бо мамолик, ки навъи бисёр пасте аз ҳавасҳои ҷисмонист, парда бармедорад.

## ВАЗЪИ ДИНИИ ЭРОН

Дар ин аҳд, хоса то авохири қарни чаҳорум адёни қадим, яъне дини зардуштӣ ва монавиву маздакӣ ва кеши настуриори масеҳӣ ва яҳудӣ ва шуъаби қадиму ҷадиди ҳамаи онҳо дар дуру наздики Эрон аз Озарбойҷон гирифта ҳл ақсо билоди Мовароуннаҳр ва аз Форс гирифта то канораҳои дарёи Табаристон ривоҷ дошт. Шумораи бархе аз пайравони ин кешҳои ғайриисломӣ гоҳ дар баъзе аз шаҳрҳо ва навоҳӣ мисли Форс, ноҳияи Дайлам ва сарзамини Ғур бисёр буд, чунонки бар шумораи мусалмонон фузунӣ мегирифт ва ҳатто шаҳрҳо ва диёрҳое то поёни қарни чаҳорум доштем, ки ҳанӯз ислом бад-онҳо роҳ наёфта ва «дор-ул-куфр» будаанд.

То авохири қарни чаҳорум, яъне то ҳангоме ки ҳукуматҳои эронӣ дар дасти эрониён буд, ба иллати озодии ақоид касе аз ин «аҳли замма» гузир набуд аломате зард, ки онро «ғиёр» мегуфтанд, бар ҷомаи худ бидӯзад, аммо дар Бағдод аз аҳди хилофати Мутаваккил ин бидъат ниҳоду шуда ва аз авоили қарни панҷум ба баъд, хоса аз даврони тасаллути ғуломон ва қабоили туркнажод, ки дар таассуб машҳуранд, ин расми ғайриинсониро дар Эрон ҳам маъмул карданд.

Аммо *мазоҳиби исломии* Эрон дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум дунболаи ду қарни пешин будааст. Пайдост, ки неҳзатҳо ва навовариҳои мазҳабии паёпай ва мустамирре, ки дар қарни дувуму савуми ҳиҷрӣ рух медод, дар ин аҳд камтар воқеъ мешуд, зеро бар рӯиҳам ин давра замони истиқрори вазъи мазоҳиб ва интихоби баъзе ва тарки баъзе дигар будааст. Ҷуғрофиёнависон ва соҳибони кутуби милал ва ниҳал ва тавориху адаб аз мазоҳиби исломии маъмул дар қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум бештар ба ғалабаи ин мазоҳиб дар навоҳии мухталиф ишора кардаанд: шофеъия, ҳанафия, ҳанбалия, наҷҷория, зоҳирия (довудия), саврия, шиъаи имомия, исмоилия, шиъаи ғолия, қаромита, хавориҷ, асҳоби ҳадис, мӯътазила, карромия, суфия, сапедҷомагон (байз-ус-сиёб), ҷахамия, қадария.

Бар рӯиҳам дар Эрони ин аҳд ғайр аз он қисмат, ки дучори тасаллути Маҳмуди Ғазнавӣ шуда буд, таассуб дар адён шадид набуд. Бо ин ҳол дар таворихи ин давра гоҳ ба дргириҳои мардум бар сари ақоиди мазҳабӣ бозмехӯрдем, ки аҳамияти бисёр надорад ва аз ҷумлаи мубориизоти фикрист. Аммо дар Бағдод аз аҳди Мутаваккил ба баъд ин таассубҳои мазҳабӣ гоҳ ба даргириҳои хунолуд меанҷомид ва ҳамин ки туркон дар Эрон нуфуз ёфтанд, ба пайравӣ аз рафтори сахти хулафо ва умарои турки Бағдод шурӯъ ва озори дастаҳое аз мусалмонон, хоса дастаи равшанбини мӯътазилаву ҳукамо ва шиъа карданд ва

рафтори вахшиёнаи Маҳмуди туркзоди Ғазнавӣ дар Рай, яъне оташ задани китобҳои мӯътазила ва ҳукамо ва шиъа ва ба дор кашидани пешвоёни ин фирқаҳо дар соли 421ҳиҷрӣ маъруф ва машҳур аст, ҳамон рафторе, ки Фаррухӣ дар ситоиши он гуфт:

*Дор фурӯ бурдӣ боре дувист,*
*Гуфтӣ, ки ин дархури хӯи шумост!*
*Ҳар ки аз эшон ба ҳаво кор кард,*
*Бар сари ҷӯе хушк андир ҳавост.*
*Бас ки бубинанду бигӯянд, к-ин*
*Дори фалон меҳтару беҳмон киёст.*

Рафтори нописанди Маҳмуд бо Фирдавсии Тӯсӣ низ аз ҳамин қабил буд, зеро он шоири ҳаким кеши шиъӣ дошт ва табъан дар усули ақоид ба мӯътазилиён мепайваст.

Бо сахтгириҳое, ки дар Бағдод ва сипас ба василаи салотини Ғазнавӣ ва Салҷуқӣ дар Эрон нисбат ба мӯътазила пеш гирифта шуд, шикасти ин фирқаи равшанбин оғоз гашт ва ин шикаст, ки ба ғалабаи табақоти зоҳирбини камандешае монанди ашоира ва муҳаддиса ва карромия ва амсоли онҳо анҷомид, муқаддимаи инҳитоти фикрии мусалмонон буд, зеро ғолиби аиммаи мӯътазила пешравони тафаккуру тааққул ва мӯътақидон ба ихтиёру танзеҳ ва дӯстдорони фалсафаву улуми назарӣ ва исботӣ буданд ва бо ҳукумату ғалабаи онон улуми ақлӣ тавсиа ва камол мееёфт, дар сурате, ки шикасти онон василаи ғалабаи таассуб ва сахтгириҳои эътиқодӣ дар миёни мусалмонон ва шикасти ақл ва истидлолу назар ва ҳамчунонки гуфтаем, муқаддимаи инҳитоти тамаддуни исломӣ аз ҳайси тафаккур ва тааққул гардид.

Шикасти мӯътазила ҳамроҳ буд бо зуҳуру шуюъи мазоҳиби ашъарӣ дар пешонии садаи чаҳоруми ҳиҷрӣ. Муассиси ин фирқа Абулҳасани Ашъарӣ аз аъқоби Абӯмусои Ашъарӣ нахуст пайрави аиммаи мӯътазила ва устодаш Абӯалии Ҷабоии Хузистонӣ буд ва баъд аз он ки ба хубӣ асрори мазҳаби мӯътазиларо фаро гирифт, мазҳаби ҷадиде овард, ки аз ҳамаи ҷиҳот мухолифи он аст. Вай бо ихтиёр, назр ва тааққул барои пайҷӯии усули ақоид, тавҳид, яъне танзеҳи Воҷиб-ул-вуҷуд аз ҷисмият ва лавозими он, адл ва амсоли ин матолиб мухолиф буд, ҷабри мутлақ ва мӯътақид ба рӯъяти зоти Ҳақ дар қиёмат ва қоил ба таҷассуми сифоти воҷиб таъолост ва мегӯяд, ҳар чиро, ки дар самъ ворид аст, аз гузаштагон дар бораи умури ғоиба мисли лавҳу аршу курсӣ ва ҷаннату нор ва мизону ҳисоб ва ғайраву ғайра шунида шудааст, бояд бе чуну чаро пазируфт ва истидлол ва

таъвилу тавҷеҳро дар бораи онҳо ба каноре ниҳод. Хулоса он ки ӯ ислом ва усули ақоиди онро ҳамон тавр дарк кард, ки мутааббидин аз оғоз бе чуну чаро мепазируфтанд ва аз ин роҳ тамоми заҳамоти мӯътазиларо, ки мехостанд ба усули ақоиди исломӣ ҷанбаи фалсафӣ ва истидлолӣ бахшанд, нақш бар об намуд ва ҳама ҷо кӯшид то акси ақвол ва мақолоту қазоёи ононро собит кунад.

Хушбахтона дар тамоми қарни чаҳорум ҳанӯз мӯътазила дар Эрон нирӯманд буданд ва ақоидашон шуюъ ва ривоҷи мутлақ дошт ва соири фирқаҳои усулӣ дар ақаллият буданд ва қуввати онон аз замоне оғоз шуд, ки Маҳмуди Ғазнавӣ ва дигар мутаассибони замон шурӯъ ба осору куштори мӯътазила ва ҳукамо дар Эрон карданд, яъне аз давраи ғалабаи ғуломони турк ва туркмонон ба баъд, вагарна он фирқаҳо қарни чаҳоруми ҳиҷриро ба сиёҳчоли ақоид ва афкори худ бадал менамуданд.

Дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум фиреқи шиъа, хоҳ шиъаи исноашария ва хоҳ шиъаи исмоилия вазъи хубе доштанд. Иллати ин амр он буд, ки дар тамоми қаламрави содоти Толибия ва ҳамчунин дар қаламрави умарои Табарӣ ва Дайламӣ, яъне Асфор ва Мокон ва Зиёриёну Буиён (Оли Буя, Бувайҳиён) ташайӯъ метавонист як мазҳаби аланӣ ва машрӯъ қаламдод шавад ва дар ҳамон ҳол Исмоилия, ки бо ташкили давлати Фотимии Миср (дар соли 297ҳ. – 900м.) қуввате ёфта ва ба таблиғоти васеи худ дар Эрон пардохта буданд, рӯз ба рӯз пайравони бештаре ба даст меоварданд ва ҳатто шӯъбае аз он мазҳаб, яъне мазҳаби қаромита бо қиёмҳои низомӣ, ки пайравонаш дар атрофи халиҷи Форс ва ҷануби Ироқ ва Сурия карда буданд, тавонист соҳиби пойгоҳҳои низомӣ шавад. Фаъолиятҳои шиъа дар ин даврон филвоқеъ мабдаи тараққиёти ин фирқа дар қуруни оянда гардид ва ба зуҳури осори маъруфи уламои шиа дар ҳамин қарн ва қарни панҷуму шашум анҷомид ва чун ошёнаи воқеии он Эрон буд ва ҳомиёни гармрави он эрониён, ба таъсироти фикрии бисёр аз эрониён дар мазҳаби мазкур мунҷар шуд.

Аҳди мавриди мутолиаи мо аз ҳайси нашри ақоиди фирқаи суфия дар Эрон ҳам аҳамияти бисёр дорад. Тасаввуфи исломӣ, ки дар оғози амр навъе аз зуҳду пашминапӯшӣ ва тарки умури дунёвӣ буд ва сипас ба сурати мактабе аз наҳваи тафаккур дар шинохти ҳақоиқи олами вуҷуд ва шуҳуди айнии ҳастии мутлақ даромад, аз қарни савуми ҳиҷрӣ дар Эрон рахна кард, чунонки дар он қарн ба номи иддае аз машоихи олимақоми тасаввуф дар Хуросон бозмехӯрем, ки Боязиди Бастомӣ (ваф. 261 ё 304ҳ. – 876 ё 917м.) дар раъси онҳост. Дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум дунболаи таълимоти ин машоих

идома дошт ва мардони бузурге аз миёни суфиён дар Хуросон ва дигар навоҳии Эрон бархостанд, ки аз ҳама номвартар инонанд: Ҳусайн ибни Мансури Байзовӣ маъруф ба Ҳаллоҷ (мақтул ба соли 309ҳ. – 922м.) нашири бузурги андешаи ваҳдати вуҷуд дар Бағдод, Абӯабдуллоҳ Муҳаммад Хафифи Шерозӣ (ваф. 371 ё 391ҳ. – 982 ё 1001м.), Абулҳасан ибни Ҷаъфари Хариқонӣ (ваф. 420ҳ. – 1029м.), Абӯсаъид ибни Абилхайри Миҳанӣ (ваф. 440ҳ. – 1049м.) ва Абдурраҳмони Суламии Нишопурӣ (ваф. 412ҳ. – 1022м.) соҳиби китоби «Табақот-ус-сӯфия» ба арабӣ, ки андаке баъд аз ӯ мавриди истифодаи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф. 481ҳ. – 1091м.) дар таълифи китоби «Табақот-ус-суфия»-и вай ба забони форсӣ қарор гирифт.

Инон, ки баршумурдаем, чанд тани маъдуд аз машоихи бузурги ин давраанд, вагарна танҳо ба қавли Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ дар ин давра танҳо дар Хуросон сесад тан аз машоихи бузург саргарми нашри таълимоти суфия будаанд.

Таълифи кутуб дар мақомоти суфия ва дар шарҳи мабонии тасаввуф ҳам аз қарни чаҳорум шуд, монанди «Китоб-ут-таъарруф» аз Абубакр ибни Исҳоқи Бухорӣ ва тарҷумаву шарҳи он ба форсӣ аз Абӯиброҳим Мустамлии Бухорӣ ва китоби «Қувват-ул-қулуб»-и Абӯтолиби Маккӣ (ваф. 386ҳ. – 996м.) ва «Китоб-ул-ламъ»-и Абӯнасри Сарроҷи Тӯсӣ (ваф. 378ҳ. – 989м.).

Баҳсу таҳқиқ дар усули ақоиди сӯфия ва мутолиа дар мақолоти машоих ва таълили каромоти онон ҳам дар қарни чаҳорум шуюъ ёфт ва натиҷаи мабоҳисе, ки дар ин боб даргирифта буд, ба Абӯалӣ ибни Сино (ваф. 428ҳ. – 1036м.) мунҷар шуд. Вай дар ду намати ахир аз «Китоб-ул-ишорот ва-т-танбеҳот»-и худ баҳси дақиқе дар усули ақоиди урафо ва таърифи зоҳиду ориф ва кайфияти иттисоли нуфус ба ақли фаъъол ва иттилоъ ба ҳақоиқи умур аз ин тариқ ва мароҳили камолу сайри рӯҳии урафо ва мавзӯи кашфу шуҳуд ва каромоти авлиё оварда ва бо иттико бар мабонии фалсафии худ ин умурро исбот кардааст ва аз ин гузашта дар қисмате аз рисолоти худ ишорот ва румузи таҳқиқотӣ дар масоили марбут ба тасаввуф дорад, махсусан дар саргузашти «Ҳай ибни Яқзон» ва дар «Рисолат-ул-ишқ» ва саргузашти «Саломон ва Абсол» ва «Рисола фи калимот-ис-суфия» ва «Хассу-з-зикр» ва «Моҳият-ул-ҳузн».

*ФАСЛИ ДУВУМ*

# УЛУМ ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА НИМАИ АВВАЛИ ҚАРНИ ПАНҶУМ

Давраи мавриди мутолиаи мо аз ҳайси такомул ва ривоҷи улум ва зуҳури уламои бузург ва танаввуи афкору касрати таълифоти асосӣ дар шуъаби мухталифи дониш муҳимтарин давра аз адвори тамаддуни исломии Эрон аст. Теъдоди марокизи таҳқиқ ва китобхонаҳову мадорис дар саросари Эрони ин аҳд бисёр зиёд ва ташвиқи подшоҳону умаро ва вузаро ва хонадонҳои мутамаккин нисбат ба аҳли илм ва таҳризи онон ба таълиму таълиф қобили таваҷҷӯҳу таҳсин аст. Хадамоти эрониён дар ин давра дунболаи хадамотест, ки онон дар давраи пешин нисбат ба пешрафти улум анҷом дода ва ховаршиносони қарни нуздаҳуму қарни бистуми милодӣ ё аз ҷаҳлу адами иттилоъ ва ё ба ғаразу мақосиди хос ҳамаи онҳоро ба ҳисоби «араб» гузошта ва касонеро, ки аз форсу Хузистон ва Раю Исфаҳон ва Хуросону Самарқанд ва Хоразму Гургон ва дигар навоҳии пуштаи Эрон ва аз нажоди холиси ориёӣ бархоста ва аз пешрафтҳои илмии аҳди Сосонӣ бархурдор будаанд, факат ба гуноҳи он ки забони илмии навсохтаашон забони арабӣ буд, араб шумурда ва дар ин роҳ пофишорӣ кардаанд ва ҳанӯз ҳам мекунанд!

## *1. УЛУМИ ШАРЪӢ*

Эрониён дар ин аҳд бо нирӯи бештаре аз собиқ ба тавсиаи улуми шаръии исломӣ ёрӣ мекарда ва кӯшиши деринро дар таълифи китобҳое ба порсӣ ва тозӣ дунбол менамудаанд.

Дар тафсири Қуръон пас аз кори асосии Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (ваф. 310ҳ. – 923м.), ки пеш аз ин дар бораи ӯ сухан гуфтем, иқдоми муҳими тоза тарҷумаи он буд ба фармони Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ ба порсӣ. Дар бораи ин тарҷума, ки аз осори муҳим ба порсии дарист, пас аз ин тавзеҳ хоҳем дод. Аз корҳои муҳими дигар дар ин боб кӯшишҳои пешвоёни мӯътазила буд дар тафсирҳои макрун ба таъвил. Чунонки Абӯалии Ҷабоии Хузистонӣ (ваф. 303ҳ. – 925м.) ва Абӯбакри Наққоши Мӯътазилӣ (ваф. 351ҳ. – 962м.) ва Абдуссаломи Қазвинӣ карданд. Бе он ки тавҷеҳҳо ва таъвилҳои дуру дарозашон мақбули дигар мусалмонон бошад, бо ин ҳол аз тафсири Ҷабоӣ тарҷумае ба форсӣ нишон додаанд, ки ҳам дар қарни чаҳорум тартиб ёфт.

Абӯзайди Балхӣ (ваф. 322ҳ. – 934м.) файласуф ва мутакаллими маъруфи Хуросон, зимни таълифоти мутааддиди худ як китоб дар тафсири Қуръон дошт ба номи «Назм-ул-Қуръон», ки Ёқут дар «Мӯъҷам-ул-удабо»-и худ аз он ёд карда ва Абӯали ибни Сино чанд тафсир аз сураҳои Қуръон ба мазоқи файласуфон тартиб дод, монанди тафсири «Суммаставо иласcамои ва ҳия духон» ва тафсири «Сурат-ул-ихлос» ва «Сурат-ул-аъло» ва «Сурат-ул-фалақ» маъруф ба «Ал-маъузат-ул-увло» ва «Сурат-ун-нос» машҳур ба «Ал-маъузат-ус-сония».

Дар илми ҳадис ва илми фиқҳ ва фурӯъи онҳо таълифоти эрониёни ин аҳд мутааддид аст ва уламое, ки дар ҳар ришта зуҳур кардаанд, бисёранд ва ҳамчунинанд дар илми калом, ки аз миёни ашоира Абӯҳомиди Исфароинӣ (ваф. 406ҳ. – 1016м.) ва Ибни Фавраки Исфаҳонӣ (ваф. 406ҳ. – 1016м.) машҳуранд ва аз миёни мӯътазила Абӯҳошими Ҷабоӣ (ваф. 429ҳ. – 1038м.) раиси фирқаи Бахшамия, писари Абӯалии Ҷабоии мазкур ва Абӯзайди Балхӣ (ваф. 322ҳ. – 934м.) муаллифи китобҳои «Ақсом-ул-улум» ва «Шореъ-ул-адён» ва «Китоб-ус-сиёсат-ил-кабир ва-с-сағир» ва ғайра. Гӯянд, ки ин Абӯзайд аз устодони Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ буд.

Дар ин аҳд дар бораи ҳадис ва ахбори шиъа ва тадвини онҳо дар кутуби мӯътабар корҳои асосӣ сурат пазируфт ва аз он миён чаҳор китоби маъруф, ки онҳо аркони арбаъаи ҳадис ва ахбори шиъаи имомия донистаанд, дар ин даврон таълиф шуд, яъне китоби «Кофӣ» аз Калинӣ (ваф. 329ҳ. – 941м.) ва китоби «Ман ло яҳзурҳу-л-фақеҳ» аз Ибн Бобуяи маъруф ба Шайхи садуқ (ваф. 381ҳ. – 991м.) ва ду китоби таҳзиб ва истибсор аз Шайх-ут-тоифа Муҳаммад ибни Ҳасани Тӯсӣ (ваф. 460ҳ. – 1068м.).

Яке аз мазоҳиби каломӣ, ки дар ин қарн нашъат кард, мазҳаби мотридия аст, ки муассиси он Абӯнасри Мотридӣ (ваф. 333ҳ. – ) аҳли Мотриди Самарқанд аз пешвоёни фирқаи ҳанафия дар Мовароуннаҳр буд. Мазҳаби Мотридӣ дар усул ба мазҳаби Ашъарӣ наздик ва бо он муташобеҳ буд ва ҳар ду дар мухолифат бо мӯътазила бо якдигар иштирок доштанд. Аз таълифоти муҳими Мотридӣ «Китоб-ут-тавҳид», «Авҳом-ул-мӯътазила» ва «Маохиз-уш-шароеъ» аст.

## *2. УЛУМИ АҚЛӢ*

Ҳамчунон ки дар муқаддимаи ин фасл гуфтем, қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум давраи бисёр муҳиме дар таърихи улум аст. Дар ин давра эрониён, ки аз натоиҷи муҷоҳидоти илмии худ дар дав-

ронҳои пешин бархурдории тамом доштанд, тавонистанд дар абвоби мухталифи ҳукумат ва донишҳои ақлӣ ба тараққиёти бузурге ноил гарданд ва мардони машҳуре аз оғоз то поёни ин аҳд саргарми таълиф дар улуми гуногун бошанд ва ба чунон мартабае аз иқтидори илмӣ бирасанд, ки ҳеҷ гоҳ аз шӯҳрати ҷаҳонии онон коста нашавад.

Аз ин донишмандон баъзе мунҳасиран дар фунуни хоса аз улум монанди тиб ё танҷим ва риёзиёту фалсафа ва ё дар ҳамаи онҳо маҳорат дошта ва таълифоте намуда ва иддае аз онон низ дар адаби форсӣ аъамм аз наср ё назм соҳиби мақому мартабае шудаанд.

Дар фалсафа устодони бузурги ин аср Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (ваф. 313ҳ. – 926м.), Абӯнаср Муҳаммад ибни Муҳаммади Форобӣ (ваф. 339ҳ. – 961м.) ва Абӯсулаймон Муҳаммад Тоҳири Мантиқии Сиистонӣ (ваф. баъд аз 391ҳ. – 1001м.) ва Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммади маъруф ба Ибни Мискавейҳ (ваф. 421ҳ. – 1030м.) ва Абулфараҷ ибни Ҳинду (ваф. 410 ё 420ҳ. – 1020 ё 1029м.) ва Абӯалӣ Сино (ваф. 428ҳ. – ) ва «Ихвон-ус-сафо» ҳастанд. Дар бораи ин бузургон ҷудогона сухан хоҳем гуфт.

Улуми риёзӣ ва ҳайату нуҷум дар Эрони қарни чаҳорум ва панҷум ба ниҳояти эътилои худ расид, чунонки ин давраро бояд аз адвори бисёр муҳими пешрафти улуми риёзӣ дар таърихи умумии улум донист. Ғайр аз ҳукамое, ки ном бурдаем ва баъзе аз онон ба ваҷҳе дар улуми риёзӣ соҳиби мақоманд, дар ин давра чандин риёзидони бузург, ки аз онон осори мутааддиде бозмондааст, мезистанд, ки баъзе аз онон иборатанд аз: Абулвафои Бузҷонии Нишопурӣ (328-387ҳ. – 940-997м), Абӯҷаъфари Хозини Хуросонӣ (ваф. дар фосилаи 349-360ҳ. – 960-971м.) Абӯсаҳл Виҷан ибни Рустами Кӯҳии Табарӣ, Абӯсаъид Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абдуҷалили Сағзӣ (ваф. 414ҳ. – 1023м), Абулҳусайн Абдурраҳмон ибни Умари Суфии Розӣ (291-376ҳ. – 906-987м.), устоди Аздуддавла дар улуми риёзӣ ва муаллифи китоби машҳури «Сувар-ул-кавокиб», ки тарҷумаи форсии он мавҷуд аст ва ба табъ расида, Кушёр ибни Лабони Гилӣ, Абулаббоси Сарахсӣ (ваф. 346ҳ. – 957м.) ва Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунии Хоразмӣ, мутафакир ва олими олимиқдор, ки шарҳи ҳолашро ҷудогона хоҳем овард.

Дар илми тиб номвартарин муаллифони исломӣ аз ҳамин даврон бархоста ва ҳамаи онон эронӣ будаанд. Аввалин ва бузургтарини онон Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (ваф. 313ҳ. – 925м.) аст, ки шарҳи ҳол ва осорашро ба зудӣ хоҳем дид. Дувумин рукн аз аркони арбаъаи тибби исломӣ, яъне «Китоб-ул-ҳови» аз ин устод аст ва тамоми он ба лотинӣ тарҷума шуда буд ва акнун 25 ҷузъи он бад-он забон дар даст аст.

Пизишки бузурги дигари ин аҳд Абӯмансур Ҳасан ибни Нӯҳи Бухорӣ соҳиби китоби «Ғани ва мунӣ» аст. Гӯянд, ки ӯ устоди Абӯалӣ Сино дар пизишкӣ буд.

Дигар Алӣ ибни Аббоси Маҷусии Аҳвозӣ табиби Аздуддавла Фанохусрави Дайламист. Вай шогирди пизишки бузурги эронӣ Абӯмоҳир Мӯсо ибни Сайёри Қумӣ буд. Вафоташ ба соли 384 (994м.) иттифоқ афтод ва чун бар дини зардуштӣ буд, ӯро маҷусӣ мегуфтанд. Китоби машҳураш «Комил-ус-синоа» аст, ки ба «Ат-тиб-ул-маликӣ» ва «Канони Азди» ҳам маъруф аст ва чанд бор ба табъ расида ва тарҷумаи лотинии онро низ чанд бор табъ кардаанд. Ин китоб, ки савумин рукн аз аркони арбаъаи тибби исломист, пеш аз «Қонун» комилтарин китоб дар фанни тиб шинохта шуда ва баъд аз таълифи он ҳам ҳеҷ гоҳ аз аҳамият наяфтодааст.

Дӯст ва муосири Ибни Сино Абӯсаҳл Исо ибн Яҳёи Масеҳии Ҷурҷонӣ аз насрониёни Гургон буд ва муддате бо Ибни Сино дар дарбори Оли Маъмуни Хоразм мезист ва оқибат аз бими Маҳмуди Ғазнавӣ ҳамроҳи дӯсташ аз он ҷо гурехт ва ба соли 403ҳ. (1013м.) дар биёбони мобайни Хоразму Гургон ҷон дод. Китоби машҳур ва муҳимаш «Ал-муъта фи синоати-т-тиббия» ном дорад.

Бузургтарин пизишки ин давра Абӯалӣ Синост, ки тарҷумаи ҳолашро ҷудогона хоҳем дид. Китоби «Ал-қонун»-и ӯ, ки чаҳорумин рукн аз аркони арбаъаи тибби исломист, шӯҳрати оламгир дорад ва матни арабӣ ва тарҷумаи лотинии он борҳо ба табъ расидааст.

Дар ин аҳд, ки дар бораи он сухан мегӯем, донишҳои дигар низ мавриди таваҷҷӯҳ буд. Аз он ҷумла аст дорушиносӣ (= Ас-сайдана ё сайдала). Дар ин фан китоби машҳури Абӯрайҳон ба ҳамин ном (яъне «Ас-сайдана») ба арабӣ ва китоби Абӯмансури Муваффақ ибни Алии Ҳиравӣ ба порсӣ мавсум ба «Ал-абния ъан ҳақоиқи-л-адвия» маъруфтарин осори ин аҳд шумурда мешавад.

Дигар илми кимиёст, ки беҳтарин осорро дар ин фан Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ навишт ва асари маъруфи дигар мавсум аст ба «Айн-ус-санъа ва ъавн-ус-синоъа», ки асли арабӣ ва тарҷумаи форсӣ ва тарҷумаи инглисии он ба табъ расидааст. Муаллифи ин китоб як донишманди хоразмист ба номи Муҳаммад ибни Абдулмалики Солеҳӣ.

Дар илми ҷуғрофиё қадимтарин китоби ин давра аз Абӯзайди Балхӣ донишманди машҳур аст, ки пеш аз ин номи ӯро чанд бор дидаем. Асари Абӯзайд дар ҷуғрофиё «Сувар-ул-ақолим» ном дошт ва агарчи асли арабии он мафқуд аст, вале тарҷумаи қисмате аз он ба форсӣ чанд сол пеш ба даст омада, ки ахиран ба табъ расидааст. Аса-

ри маъруфи дигар аз ҳамин аҳд дар ҷуғрофиё китоби «Масолик-ул-мамолик» аст, ба арабӣ аз Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Форсии Истахрӣ. Ал-Истахрӣ дар таълифи худ ба китоби «Сувар-ул-ақолим»-и Абӯзайди Балхӣ назар дошт. Як китоби форсии маъруф аз ин давра дар ҷуғрофиё дорем ба номи «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-Машриқ илал Мағриб», ки ба сабаби иштимол бар иттилооти зиқимат роҷеъ ба Хуросону Мовароуннаҳр ва Туркистон арзиши бисёр дорад. Ин китоб то кунун чанд бор ба табъ расида ва дар бораи он таҳқиқоти судманде ба дасти Бартолд ва Минорски, ки ҳар ду аз муҳаққиқони русӣ будаанд, анҷом гирифт. Китоби дигари бисёр муътабаре дар ин илм аз ҳамин аҳд дорем ба номи «Мо лил Ҳинд» аз Абӯрайҳони Беруни, ки дар зайли аҳволи ӯ дар он боб сухан хоҳем гуфт. Ду китоби маъруфи дигар аз ҳамин давра дар ҷуғрофиё дорем, ки муаллифони онҳо эронӣ нестанд, вале ба сабаби иштимол бар иттилооти бисёр судманд дар бораи Эрон аз мароҷиъи муҳим дар боби эроншиносӣ шумурда мешаванд. Аз ин ду яке «Суратул-арз» аст ва аз Ибни Ҳавқали Бағдодӣ муосири Мансур Ибни Нӯҳи Сомонӣ (350-366ҳ. – 961-977м.) ва дигар «Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил-ақолим» аз Шамсуддин Абӯабдуллоҳ ал-Муқаддасӣ.

Акнун, ки мутолиаи иҷмолиро дар бораи улуми ақлӣ дар ин аҳд ба поён бурдаем, лозим аст, ки ба аҳволу осори иддае аз машоҳири ҳукамо ва уламои замон низ ишорае мухтасар кунем, яъне дар бораи 1. Ихвон-ус-сафо, 2. Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, 3. Форобӣ, 4. Абӯалии Мискавейҳ, 5. Абӯалии Сино, 6. Абӯрайҳони Берунӣ.

Ихвон-ус-сафо ва халон-ул-вафо як табақа аз ҳукамои эронӣ ҳастанд, ки бинобар расми Фисоғуриён ҷамъиятҳое сиррӣ дошта ва дар ин ҷамъиятҳо таълими хосе барои тарбияти аъзои фирқаи худ, ки онҳоро бародар (ах) меномидаанд, аз ҳайси улум ва иттилооти мухталиф ва тамсилоти ахлоқиву тарбиятӣ медодаанд. Дар ин ҷамъиятҳои сиррӣ гурӯҳе аз донишмандону шоҳзодагон ва вазирону ҳокимон ва котибону ашрофзодагон ва деҳқонону бозаргонон ва ҳатто фуқаҳову уламои динӣ ва тоифае аз авлоди санъаткорону аҳли ҳираф узвият доштанд ва мақсудашон аз ҳамаи таълимоти худ таҳзиби нафс ва такомули рӯҳи инсонӣ аз роҳи дину ҳикмат барои вусул ба мадориҷи олияи маънавият ва суъуди нафсонӣ ба малакути осмонӣ будааст ва аз ҳайси иҷтимоӣ вазифаашон ёрӣ ба якдигар дар фароҳам доштани рафоҳи моддӣ ба манзури иштиғол ба маънавиёт буд.

Аз лиҳози илмӣ аҳамияти кори Ихвон-ус-сафо танзими рисолоти соддаест дар чаҳор даста аз улуми динӣ, риёзӣ, табиӣ ва илоҳӣ, ки шумораи онҳо бо як рисолаи муқаддима ва як рисолаи хотима ба 54

мерасад ва маҷмӯи онҳо чанд бор ба табъ расида ва низ тарҷумаҳое аз онҳо ба форсӣ тартиб ёфтааст, ки муҳимтар аз ҳамаи онҳо талхисе ба номи «Муҷмал-ул-ҳикма» аст ба василаи Сироҷиддини Урмавӣ донишманди бузурги қарни ҳафтуми ҳиҷрӣ (ваф. 682ҳ. – 1283м.) ва тарҷумаи комили дигаре ба форсӣ аз он дар даст аст, ки ба соли 1884 милодӣ дар Бомбай ба табъ расид. Матлаби муҳиме, ки дар ин рисолот қобили таваҷҷӯҳ аст, илова бар сода кардани улуми замон ва таҳрири онҳо ба забоне, ки қобили фаҳми мардумони ғайри зифан бошад, наздик кардани фалсафа ва аҷзои он аст бо шариат, бо ин ки ихвон дар пинҳон кардани номи муаллифони рисолоти худ кӯшиш доштанд, номи панҷ тан аз онон маълум аст, ки муҳимтар аз ҳама ва касе, ки назорат бар таҳрири ҳамаи рисолот бар ӯҳдаи ӯ буд, Абусулаймон Муҳаммад ибни Муашшари Бустӣ аст.

Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ, ки маъмулан ба сабаби аҳамияти ӯ дар пизишкӣ номашро дар адоди пизишкон меоваранд, файласуфе мутафаккир ва мубтакир ва дорои ақоиди хосу мунфарид аз муосирони худ дар бисёре аз усули ақоиди ҳукамо будааст. Вилодати ӯ дар ғураи Шаъбони соли 251 (865м.) дар Рай иттифоқ афтод ва дар ҳамин шаҳр ба таҳсилоту мутолиоти жарфи худ дар кимиёву табииёт ва тиббу фалсафа пардохт. Муаллими ӯ дар тиб маълум нест ва дар фалсафа баъзе ӯро шогирди Абӯзайди Балхии масбуқуззикр ва Абулаббоси Эроншаҳрӣ, файласуф ва мутафаккири маъруф ва озодандеши эронии қарни савум донистаанд, ки мубаллиғи ақоиди ҳукамои қадими Эрон буд. Розӣ пас аз маҳорат ба илми пизишкӣ ба хидмати Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқи Сомонӣ ҳокими Рай (аз ҷониби Сомониён) даромад ва ба зудӣ раёсати бемористонеро, ки дар он шаҳр таъсис шуда буд, бар ӯҳда гирифт. Бинобар даъватҳое, ки халифаи вақт ва подшоҳон аз ӯ карданд, сафарҳое дошт, аммо қарори ӯ ҷуз дар зодгоҳаш набуд ва ҳамон ҷо панҷ рӯз гузашта аз Шаъбони соли 313 (926м.) вафот ёфт. Розӣ дар авохири умр аз касрати хондану навиштан ва таҷрубаҳои кимиёвӣ ба обрезии чашм ва сипас ба кӯрӣ дучор шуд, вале аз кор бознаистод, бо чашмҳои дигарон мехонд ва бо дастҳои дигарон менавишт ва ёддоштҳои худро ба ёрии шогирдон гирди ҳам меовард.

Осори ӯ дар кимиё ва тиббу фалсафа фаровон аст. Абӯрайҳони Берунӣ, мутафаккир ва донишманди камназири қарни чаҳорум ва панҷум рисолае дар феҳристи осори мутааддиди ӯ тартиб дод ва акнун аз осори фалсафии ӯ миқдори каме, ки ҳама арзишманд ва қобили таваҷҷӯҳанд, дар даст аст ба-ин шарҳ: «Ал-қавонин-ут-табиъия фи ҳикмат-ил-фалсафия», «Ат-тиб-ур-руҳонӣ», «Ас-сират-ул-фалсафия», «Мақола фи мобаъд-ут-табиа», қитъаоте аз «Китоб-ул-лазза», «Ал-

ъилм-ул-илохи», «Ал-қавл фи-л-қудамо-ил-хамса», «Ал-қавл фи-л-ҳаюло», «Ал-қавл фи-з-замон ва-л-макон», «Ал-қавл фи-н-нафс ва-л-ъолам». Аз рӯи ҳамин миқдор осори бозмонда аз Розӣ метавон ақоиду орои фалсафии ӯро ба некӣ шинохт. Вай ҳамаи осорашро бинобар расми замон ба забони арабӣ навишта ва қисмати зиёде аз афкори ӯро, хоса он чи дар «Китоб-ул-лазза» омада буд, Носири Хусрав ба порсӣ тарҷума карда ва дар китоби «Зод-ул-мусофирин»-и худ овардааст. Паул Краус, донишманди фақиди олмонӣ маҷмӯае аз осори бозмондаи Розӣ тартиб додааст ба номи «Расоил-ул-фалсафия ли Абибакр Муҳаммад ибн Закариё ар-Розӣ».

Ихтисоси Розӣ дар фалсафа бештар дар он аст, ки ӯ хилофи бисёре аз муосирони худ дар ин ришта ақоиди хосе, ки ғолибан мухолиф бо орои Арасту буд, доштааст. Таассури ӯ дар хикмат бештар аз ҳикмати табиъияи Фисоғурс ва аз назариёти мобаъдутабиъии эрониёни қадим, хоса осори Монӣ ва билахасс назарияҳои он пайғомбари эронӣ дар китоби «Сафар-ул-асрор»-и ӯ будааст. Вай танҳо касест, ки назари эрониёни қадимро дар бораи «қудамои Хамса» /яъне Урмузд/ холиқ /, гоҳ /замон/, ҷой /макон/, тум /ҳаюло/, хало /таъйид ва такрор кардааст.

Розӣ дар ахлоқ мӯътақид ба зӯҳду тарки дунё ва инзиво нест ва мутаваҷҷеҳ ба ширкат дар умури иҷтимоӣ бо покдоманӣ ва иффат аст. Ӯ лаззатро амри вуҷудӣ намедонад, балки онро бозгашти ҷисм ба ҳолати табиӣ ва аламро хуруҷи ҷисм аз ҳолати табии худ мешуморад. Мӯътақид аст, ки истфода аз лазоиз бояд фақат ба қадри ҳоҷати ҷисм бошад ва бояд аз боқии лазоиз чашм пӯшид ва ба ҷустуҷӯи камоли нафсонӣ, ки натиҷаи он ташаббуҳ ба Худованд аз тариқи илму адл ва таҳорат аст, пардохт.

Розӣ дар бораи нубувват низ эътиқоди тозае дошт ва онро ба далоиле рад мекард ва ин назарро дар ду китоб – «Ан-нубувват» ва «Ҳиял-ул-мутанаббийин» шарҳ додааст.

Таҳқиқот ва таҷоруби Розӣ дар кимиё ба ҳадде илмӣ ва дақиқ аст, ки бояд ӯро бузургтар аз ҳамаи касоне донист, ки дар тамаддуни исломӣ дар ин фан ворид шуда ва китоб таълиф кардаанд. Аз натоиҷи таҷоруби Розӣ дар илми кимиё кашфи ҷавҳари гӯгирд (зайт-уз-зоҷ) ва Алкул (Ал-куҳл, ал-куҳул) аст.

Аммо шӯҳрати ғайри қобили инкори Розӣ дар пизишкист, чунонки бетардид бояд ӯро яке аз бузургтарин атиббои олам ва ҷонишини билистеҳқоқи Ҷолинус донист. Таълифоти тибби ӯ мутааддид ва бинобар сурате, ки Абӯрайҳони Берунӣ дар «Феҳристи кутуби Муҳаммад ибни Закариё ар-Розӣ» зикр карда, мутаҷовиз аз панҷоҳу шаш китоби бузургу кӯчак будааст. Муҳимтарин таълифи тиббии ӯ «Китоб-ул-

ҳови» аст, ки аз оғози қарни чаҳорум ба баъд ҳамвора аз умаҳоти кутуби бузурги тиб шумурда мешудааст. Ин китоби ҳикам доиратулмаорифи бисёр муфассале аз илми тиб дорад ва адади аҷзои он дар даст нест, балки маҷмуи он чи аз матни арабии он дар даст аст, ҳудуди нисфи он китоб аст, хол он ки аҷзои тарҷумашуда ба лотинӣ ба бисту панҷ болиғ мешавад. «Китоб-ул-ҳови»-ро шоғирдони Розӣ баъд аз ӯ ба дастури Абн ал-Амид вазири машҳури Буиён аз рӯи ёддоштҳои устод мураттаб ва аз мусаввада хориҷ карданд. Аҳамияти ин китоби муфассал дар иштимоли он аст бар анвои шуъаб ва фунуни илми тиб ва иҳтиво бар комилтарин иттилооте, ки то аҳди муаллиф вуҷуд доштааст ва Розӣ бисёре аз таҷоруби шахсӣ ва ёддоштҳои таҷрибиро, ки дар муддати муолиҷот ва кори рӯзона дар бемористони Рай фароҳам оварда буд, дар он гунҷонида ва ҷанбаи таҷаррубии хосе бад-он бахшидааст. Тарҷумаҳо ва таҳқиқоте, ки урупоиён аз давраи адабиёти лотин ба баъд дар бораи ин китоб кардаанд, бисёр аст ва дар ин ҷо фурсати зикри ҳамаи онҳо нест.

Дигар аз китобҳои машҳури Розӣ дар тиб «Китоб-ул-Мансурӣ» ё «Ат-тибб-ул-Мансурӣ» аст, ки мавсум аст ба исми Мансур ибни Исҳоки Сомонӣ, ҳокими Рай аз ҷониби Сомониён ва агарчи аз «Китоб-ул-ҳови» кӯчактар аст, вале ба сабаби ҳамин ихтисор ва иштимол бар тамоми мабоҳиси тиб ҳамвора аз кутуби мавриди муроҷиаи пизишкон будааст ва дар қуруни вусто чанд бор ба лотинӣ даромада ва баъд ба дафаъоти мутаъаддид чоп шудааст. Ғайр аз ин ду китоб чанд рисолаи тиббии кӯчаки Розӣ ба дасти мутарҷимони лотинӣ бадон забон даромада ва баъд аз ихтирои чоп ба табъ расидааст. Розӣ чанд китоби маъруфи дигар дар тиб дорад, мисли «Ал-ҷадри», «Алфохир», «Дафъу музор лиағзия», «Ал-фусул», «Ал-мадхал», «Баръ-ус-соъа», ки мутазаммини муолиҷоти сареъ барои амроз аст. «Ман ло яҳзурҳу-т-табиб»-и машҳур ба «Тиб-ул-фуқаро» ва «Китоб-уш-шукук», ки Розӣ дар он эродоте бар Ҷолинус ворид кардааст.

Аҳамияти Розӣ дар тиб аввалан ба сабаби иттилооти бисёр васеъ ва комил ва илмии ӯ дар ин фан аст. ба наҳве, ки ӯ ҷонишини билистеҳқоқи Букрот ва Ҷолинус дар дунёи қадим шуд ва сониян дар таълифоти мутанаввеест, ки дар ин илм ба мақсуду манзурҳои мухталифи тибби анҷом дода ва солисан дар таҷрубаҳо ва таҳқиқоти ҷадид, ки мунҷар ба ёфтани доруҳои тоза ва муолиҷоти тоза ё кашфи муолиҷаи баъзе аз амроз мисли обила ва амсоли онҳо гардидааст ва дуруст аст, ки Алӣ ибн Рабани Табарӣ пеш аз ӯ тавонист аввалин китоби ҷомеи илми тибро дар дунёи ислом ба вуҷуд оварад, вале Розӣ ҳаққан бунёнгузори воқеии тиб ва пешвои пизишкон дар тибби исломии эронӣ аст.

**АБУНАСРИ ФОРОБӢ.** Муҳаммад ибни Муҳаммад аз Пороби (Фороби) Моварооуннаҳр бар канораи Сирдарё (руди Сайҳун) буд. Виладаташ ба соли 259ҳ. (873м.) иттифоқ афтод ва падараш аз сардорони сипоҳи Сомониён ва аз нажоди эронӣ буд. Турк донистани ӯ, чунонки баъзе пиндоштаанд, хатост. Ибн ан-Надим, ки муосири он файласуф буд, аслан ба турк будани ӯ ишорае надорад, балки тасреҳ ба турк будани Форобӣ дар осори қарни шашуми ҳиҷрӣ ва баъд аз он дида шудааст, аз вақте ки нохияи Пороб ва Испечоб манзилгоҳи чодарнишинони турк шуда ва ҷои шаҳри Поробро шаҳри туркии Утрор гирифта буд.

Форобӣ аз Моварооуннаҳр ба қасди таҳсили улум ба Бағдод рафт ва дар маҳзари Абӯбушри Матто ибни Юнус ал-Қиноӣ, устоди бузурги мантиқ ва ҳикмат ҳозир шуд ва сипас аз устоде Юҳанно ном мансуб ба шаҳри Ҳаррон, ки аз тарбиятшудагони ҳавзаи илмии Марв буд, қисмате аз мантиқ ва улуми фалсафиро фаро гирифт ва ҳамаи кутуби Арастуро мутолиа кард ва бар маъонии онҳо воқиф шуд. Пас аз Бағдод ба Миср ва аз он ҷо ба Шом рафт ва дар хидмати Сайдуддавла ибни Ҳамдон ат-Тағлибӣ, амири маъруфи Шом (333-356ҳ. – 955-967м.) дар Ҳалаб ва Димишқ мезист ва ба таълифу таълим машғул буд, то дар соли 339 (951м.) ба ҳаштодсолагӣ даргузашт.

Аҳамияти Форобӣ бештар дар шарҳҳои ӯст бар осори Арасту, хоса бар мантиқиёти муаллими аввал ва чун бо корҳои ӯ мантиқи Арасту ба беҳтарин ваҷҳе бо муслимин шиносонда шуда буд, ӯро толии муаллими аввал, яъне Арасту диниста «Ал-муаллим-ус-сони» лақаб додаанд. Аммо фаъолияти илмии ӯ дар ин ҳад намонд, балки худ низ осори муҳиме ибдоъ кард, ки қисмати бузурге аз онҳо дар даст аст ва бисёре то кунун табъ ва ба забонҳои мухталиф тарҷума шуда ва аз он ҷумла аст: «Рисола фи мабодии орои аҳли-л-маданият-ил-фозила», ки ҳовии назарияи Форобӣ дар ахлоқ аст, «Ал-ҷамъ байна раъйи-л-ҳакимин Афлотун ал-илоҳи ва Арасту», ки Форобӣ дар он кӯшидааст, то усули ақоиди Афлотун ва Арастуро бо ҳам вифқ диҳад, «Ағроз мобаъдуттабиа», ки шарҳу таҳрири равшанест аз «Китоб-ул-ҳуруф»-и Арасту дар мобаъдуттабиа, «Фусус-ул-ҳикам», «Ъуюн-ул-масоил», «Эҳсо-ул-улум» ва чандин китобу рисолаи дигар. Ба Форобӣ ашъоре ба порсӣ нисбат дода ва навиштаанд, ки ин ду рубоӣ аз ӯст:

*Асрори вуҷуд хому нопухта бимонд,*
*В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.*
*Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,*
*Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд.*

*Эй он, ки шумо пиру ҷавондидоред,*
*Азрақпӯшони ин куҳан деворед.*
*Тифле зи шумо дар бари мо маҳбус аст,*
*Ӯро ба халосӣ ҳиммате бигморед.*

Китоби Форобӣ дар илми мусиқӣ ҳамвора ба унвони муҳимтарин китоб дар ин фан маҳсуб шуда, чанд бор ба табъ расида ва тарҷумае аз он ба фаронсавӣ тартиб ёфтааст.

Форобӣ монанди ҳамаи донишмандоне, ки дар тамаддуни исломӣ унвони файласуф доштаанд, аз саросари улуми аҳди худ мутталеъ ва дар онҳо соҳиби тасониф будааст. Иттилооти вай дар риёзиёту мусиқӣ хуб, вале дар тиббу табииёт мутавассит будааст. Равиши фалсафии ӯро бояд дар ҳақиқат як равиши навафлотунии исломӣ номид. Ӯ таҳти таъсири се равиши умдаи Афлотуну Арасту ва Флутинс соҳиби тосуъот ва дар ҳамон ҳол таҳти таъсири мустақими ирфон аз тарафе ва усули ақоиди исломӣ аз тарафе дигар қарор дорад ва мазҷу таркиби хосе, ки аз ин мабодӣ ҳосил шуда равиши хоси устоди Форобро дар ҳикмат ба вуҷуд овардааст.

Асари Форобӣ дар ҳукамои баъд аз худ бисёр будааст, чунонки ҳар гоҳ сухан аз ҳикмати машоъ ва ё фалсафа ба таври аъамм дар тамаддуни исломӣ рафтааст, ӯ ва Пури Сино ба унвони ду фарди шохис аз миёни муслимин ва дар канори ҳам ва ҳамроҳи Афлотуну Арасту зикр шудаанд.

Ибни Мискавейҳ, Абӯали Аҳмад ибни Муҳаммад аз кибори ҳукамо ва уламову муаррихони Эрон дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷуми ҳиҷрист. Чун ӯ раиси китобхонаи Ибн ал-Амид буд, ба «Хозин» мулаққаб шудааст ва номи ӯро дар табақоти ҳукамо «Абӯали ал-хозин» ҳам менависанд. Вай баъд аз вафоти Ибн ал-Амид чанде дар хидмати Аздуддавлаи Дайламӣ ва писараш Самсомуддавла гузаронд, то ба соли 421ҳ. (1030м.) даргузашт. Абӯалӣ ба улуми авоил маърифати бисёр дошт ва аз он ҷумла ба фалсафаву тиб ва кимиё беш аз ҳама моил буд ва дар улуми адабиву таърих низ шӯҳрати фаровон дорад. Аз ҷумлаи осори маъруфи ӯст: «Таҳзиб-ул-ахлоқ», ки чанд бор ба табъ расид, «Ҷовидон хирад», ки чанд бор ба табъ расид ва қисмати бузурге аз он дар бораи матолиби марбут ба ахлоқ назди эрониёни қадим ва маъхуз аст аз китобе ба ҳамин ном, «Ат-таҳора» ё «Таҳорат-ул-иъроқ», ки аз китобҳои бисёр муҳим дар илми ахлоқ аст ва ҳамон аст, ки Хоҷа Насируддини Тӯсӣ дар таълифи «Ахлоқи Носирӣ» онро асоси кори худ қарор дод. «Таҷоруб-ул-умам» дар таърих, ки ба сабаби иштимол бар иттилооти бисёр судманд дар бораи Эрон ва низ ит-

тилооти дасти аввал дар бораи подшоҳону фармонравоёни Дайламӣ дорои аҳамият ва эътибори хосест. Осори Абӯалии Мискавейҳ ҳама ба арабист.

**ИБНИ СИНО.** Ҳуҷҷат-ул-ҳақ, Шайхурраис, Шарафулмулк Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино, ки одатан Абӯалии Сино ё Пури Сино номида мешавад, хотами ҳукамои машриқ ва аз ҷумлаи бузургтарин ҳукамои ислом ва яке аз аҷиллаи уламои олам ва толиву ҷонишини Арасту дар тамаддуни исломист. Вилодаташ ба соли 370ҳ. (980м.) дар қарияи Ҳурметан аз аъмоли Бухоро иттифоқ афтод. Падараш кеши Исмоилӣ дошт ва аз омилони давлати Сомонӣ буд. Ҷадди аълои ин хонадони эронӣ марде Сино ном буд ва чун насиби хонадон бад-ӯ мунтақӣ шуд, Буалӣ ба Ибни Сино иштиҳор ёфт. Таҳсилоташ дар Бухоро анҷом гирифт ва ӯ баъд аз касби муқаддимот назди Абӯабдуллоҳи Нотилии Табаристонӣ, аз уламои бузурги қарни чаҳорум дарс хонд ва ба суръат кутуби мантиқи Уқлидусу ал-Маҷастиро, қисмате назди он устод ва қисматеро ба ҳушу заковати худодод фаро гирифт, то Нотилӣ аз Бухоро ба Хоразм рафт. Он гоҳ Абӯалӣ танҳо ба таҳқиқу мутолиа дар илми илоҳӣ ва табиӣ ва тиббу риёзӣ пардохт ва дар ҳамаи ин улум устувор шуд ва сипас бар асари муолиҷаи подшоҳи Сомонӣ ба дастгоҳи Сомониён роҳ ҷуст ва аз китобхонаи мӯътабари он хонадон истифода кард ва чун ба ҳаждаҳсолагӣ расид (=388ҳ. – 998м.) ба ёрии ҳуши аҷиб ва истеъдоди шигифтиовари худ аз тааллуми ҳамаи улум фориғ шуда буд ва чунонки худ гуфта дар ин ҳангом аз ҳайси ҳифз ва ҳузури зеҳн аз айёми баъд пештар, вале баъд аз он дар пухтагӣ ва итқои бартар будааст ва илло дар миқдори илми вай баъд аз он таърих тафовуте ҳосил нашуд. Аз бисту яксолагӣ шурӯъ ба таълиф кард ва дар бисту ду солагии ӯ падараш даргузашт ва ӯ чанде дар Бухоро мутақаллиди шуғли падар буд ва чун дар ин овон бар асари ғалабаи Оли Афросиёб бар Бухоро кори он сомон ошуфта буд, ӯ аз Бухоро ба қасди Гургонҷ (Ҷурҷония, Урганҷи имрӯзӣ) пойтахти Маъмуниёни Хоразм берун рафт ва ба хидмати Хоразмшоҳ Алӣ ибни Маъмун ибни Муҳаммад расид ва чанде дар он диёр ба сар бурд ва баъд аз он дар натиҷаи нуфузи Маҳмуди Ғазнавӣ аз бими он подшоҳи мутаассиб ба ҳамроҳии Абӯсаҳли Масеҳӣ пеш аз соли 403ҳ. (1013м.) аз роҳи биёбони Хоразм ба Гургон гурехт ва чанде дар он ҷо монд ва баъзе аз китобҳои худро дар он ҷо таълиф кард ва муқорини соли 405ҳ. (1015м.) ба Рай рафт ва Маҷдуддавла Абӯтолиб Рустам ибни Фахруддавлаи Дайламиро (387-420ҳ. – 997-1029м.) муолиҷа кард ва сипас ба Қазвин ва Ҳамадон шитофт ва дар ҳудуди нӯҳ сол дар

шаҳри ахир бимонд ва ҳамон ҷо баъд аз соли 406 ва пеш аз соли 411 (1021м.) вазорати Шамсуддавла Абӯтоҳир Шоҳхусрави Дайламӣ, писари дигари Фахурддавлаи дайламиро ёфт, ки аз соли 387 (997м.) то 412 (1022м.) бар Ҳамадон ва ҷибол салтанат мекард. Абӯалӣ дар муддати вазорат аз таълиму таълиф фориг набуд ва қисмати табииёти «Китоб-уш-шифо»-ро дар ҳамин муддат навишт. Баъд аз марги Шамсуддавла писараш Самоуддавла ба ҷояш нишаст ва ба Абӯалӣ таклифи вазорат кард, вале ӯ напазируфт ва ба итмоми қисмати табииёт ва илоҳиёти «Шифо» пардохт ва шурӯъ ба таҳрири илми мантиқ аз он китоб намуд, то ба иттиҳоми мукотиба бо Алоуддавлаи Кокуя, амири дайламии Исфаҳон дар қалъаи Фарҷон (воқеъ дар ноҳияи Фароҳони кунунӣ) маҳбус шуд ва чаҳор моҳ дар он қалъа зиндонӣ буд ва дар ин муддат «Китоб-ул-ҳидоя» ва рисолаи «Ҳай ибни Яқзон» ва «Китоб-ул-кулинҷ»-ро таълиф намуд ва баъд аз раҳоӣ аз ҳабс бо шогирди худ Абӯбайди Ҷузҷонӣ ва бародару ду ғуломи худ ношинос ва дар ҷомаи сӯфиён аз Ҳамадон ба Исфаҳон гурехт ва дар хидмати Алоуддавлаи Кокуя ба ҳурмати тамом пазируфта шуд ва ҳамвора дар сафару ҳазар бо ӯ буд ва ба таълифу тасниф ва таълим иштиғол дошт, то дар соли 428 (1037м.), ки бо Алоуддавла ба Ҳамадон мерафт, бемор шуд ва дар он шаҳр даргузашт ва ҳамон ҷо мадфун шуд ва инак қабри ӯ он ҷост.

Ибни Сино дар ҳамаи улуми аҳди худ мутталеъ ва зифан ва дар ҳар боб аз абвоби он донишҳо дорои таҳқиқу таълиф буд. Дар адаб низ мақоми ӯ баланд ва дар назму насри порсиву арабӣ соҳиби маҳорат ва мартаба аст. Бо он ки дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷуми ҳиҷрӣ навиштани китобҳои илмӣ ба забони форсии дарӣ тоза оғоз шуда ва ҳанӯз ин забон чунонки бояд омодаи баёни мақосиди илмӣ нагардида буд, Ибни Сино аз таснифу таълиф бад-ин забон ғофил намонд ва дар ҷамъоварӣ ва аҳёнан эҷоди истилоҳоти илмиву фалсафӣ ба забони модарии худ пешравӣ нависандагони баъдии Эрон гардид. Аз ин гузашта Ибни Сино дар яке дигар аз фунун, яъне шеър ҳам ворид шуда ва ашъоре ба тозиву порсӣ аз худ боқӣ гузоштааст. Аз ин ашъор қисмате манзумаҳои илмӣ ё урҷузаҳои ӯст ва қисмате дигар қасоиди арабии вай, ки аз ҳама маъруфтар қасидаи айнияи рӯҳия аст дар зикри кайфияти ҳубути рӯҳ ва ҳулули он дар ҷисм ва бозгашти он ба олами муҷарради рӯҳонӣ ва матлаи он чунин аст:

*Ҳабатат илайка минал маҳаллил арфаи*
*Варқоа зота таъзаз ва тамнаъ.*

Ашъори порсии мансуб ба Шайхурраис ҷамъан бисту ду қитъа ва рубоӣ ва адади ҳамаи абёти онҳо шасту панҷ аст ва аз он миён ин се рубоӣ нақл мешавад:

*Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,*
*Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.*
*Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,*
*В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.*

*Куфри чу мане газофу осон набувад,*
*Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.*
*Дар даҳр чу ман якеву ӯ ҳам кофир,*
*Пас дар ҳама даҳр як мусалмон набувад.*

*Рафт он гуҳаре, ки буд пирояи умр,*
*В-овард замона тоқи сармояи умр.*
*Аз мӯи сапедам сари пистони умед,*
*Бингар, ки сиёҳ меканад доячи умр.*

Осору таълифоти Бӯалӣ Сино бисёр аст ва ба ҳудуди 238 китоб ва рисолаву нома болиғ мешавад ва ӯ танҳо ҳакими бузургест, ки наздик ба тамоми осораш боқӣ монда ва бисёре аз онҳо ба табъ расида ва ба забонҳои мухталиф тарҷума шудааст ва бар бисёре аз он шарҳҳо ва тафсирҳо навиштаанд. Танаввӯъи осораш ҳам аз масоили қобили таваҷҷӯҳ аст ва аз танаввуи иттилоот ва маълумоташ ҳикоят мекунад. Зикри ҳамаи ин осори фалсафиву тиббӣ ва табииву риёзӣ ва ирфонӣ ва тафсири Қуръон ва ғайраву ғайра дар ин ҷо душвор аст ва мо фақат ба зикри умаҳоти онҳо иктифо мекунем:

«Ал-ишорот ва-т-танбеҳот» хулосаи ҷомеъ аз мақосиди Шайх дар ҳикмат, ки дар мантиқ ва илми табииву илоҳӣ навишта ва аз муҳимтарин шурӯҳи он шарҳи Хоҷа Насируддини Тӯсӣ (ваф. 672ҳ. – 1274м.) ба номи «Ҳалли мушкилоти «Ал-ишорот» аст.

«Китоб-уш-шифо», ки муҳимтарин ва муфассалтарин китоби Ибни Сино дар ҳикмат ва шомили чаҳор қисмат – мантиқ ва табиёту риёзиёт ва илоҳиёт аст ва ҳар як аз ин қисматҳо худ ба фунуну мақолот ва фусул тақсим мешавад ва аз он ва аҷзоаш тарҷумаҳое ба арабӣ ва лотиниву олмонӣ ва фаронсавиву форсӣ дар даст аст.

«Китоб-ун-наҷот» хулосаест аз «Шифо», ки Шайх тартиб дода ва бад-ин сабаб ҳовии хулосае ҷомеъ аз иттилооту ақоиди Шайх дар мантиқу фалсафа аст. Қисмати риёзии ин китобро Абӯубайди

Ҷузҷонӣ, шогирди Шайх аз қисмати риёзии «Китоб-уш-шифо» талхис карда ва бар он афзудааст.

«Рисолаи набз» ба форсӣ дар бораи шинохтани рагҳо ва набз ва анвоу кайфияти он.

«Рисолаи меъроҷия» ё «Меъроҷнома» ба форсӣ, ки Шайх онро ба хоҳиши яке аз дӯстон нигошт ва дар он исбот кард, ки меъроҷ рӯҳонист на ҷисмонӣ.

Китоби «Ал-қонун» дар тиб, ки муҳимтарин китоб ва таълифоти мутааддиди Ибни Сино дар пизишкӣ ва аз ҷумлаи муҳимтарин кутуби тиббии исломӣ ва аз аркони ин илм дар дунёи қадим аст. «Ал-қонун» дар панҷ китоб ва ҳар китоб дар чанд «фан» аст. Аз он ба тамомӣ ё ба аҷзо тарҷумаҳое ба лотинӣ ва соири забонҳо шуда, ки чандин бор ба табъ расидааст. Шарҳҳои мутааддиде ба василаи уламои бузурги эронӣ бар он навишта шуда ва мухтасароте аз он танзим гашта ва ҳавошии мутааддид бар он нигориш ёфтааст.

Аҳамияти Ибни Сино дар таърихи фалсафа ва улуми инсонӣ дар он аст, ки ӯ бо ҳушу истеъдоди хорикулодааш тавонист нахуст ҳамаи иттилооти илмии даврони худро ба инзимоми он чи аз фарҳанги исломии эронӣ то аҳди вай фароҳам омада буд, дар зеҳни ваққод ва ҳофизаи нирӯманди худ гирд оварад ва дар мағзи мантиқии худ онҳоро назму тартиби илмӣ бахшад ва сипас ба танзиму тартиб ва таҳриру таълифи онҳо ба наҳве ки шоистаи фарогирӣ бошад, мубодарат ҷӯяд ва дар ҳар боб, махсусан дар ҳикмат ва тиб ба маълифи китобҳои муҷмалу муфассал бипардозад, ба наҳве ки дар дараҷоти мухталифи тааллум дар ду забон – форсӣ ва арабӣ ба кор ояд. Ӯ ҷомеътарин ва муназзамтарин ва хушбаёнтарин олиме буд, ки тамаддуни исломии то аҳди ҳаёташ ба худ дида буд ва баъд аз ӯ ҳам, чун улуми ақлӣ дар тамаддуни исломӣ роҳи инҳитот паймуд, касе болодасти ӯ дар он донишҳо наёмад, магар дар равишҳои дигаре аз тафаккур, ки акнун матраҳ нест. Нуктаи дигар дар бораи Ибни Сино он ки ӯ дар талфиқи миёни андешаҳои исломӣ ва юнонӣ дар масоили мобаъдуттабиӣ кӯшиши кофӣ кард ва ин кӯшишҳои худро ба Қуръон ва тафсири баъзе аз сураҳо ва оёташ кашонид, то магар дугонагии шадидеро, ки дар ин ду наҳваи тафаккур вуҷуд дорад, аз миён бардорад. Дуруст аст, ки ӯ дар ин кор дур аз тавфиқ набуд, вале замона корашро написандид ва тақрибан як қарн баъд аз ҳаёти ӯ бозтоби он нохурсандиҳо дар осори касоне монанди Ғаззолӣ ва Фариди Гелонӣ, ки сухангӯёни фарҳанги воқеии исломӣ ва эронии аҳди худ буданд, мушоҳида шуд.

Аз хушбахтиҳои Пури Сино доштани шогирдони мубаррizи вафодорс буд монанди: Абӯубайд Абдулвоҳид ибни Муҳаммади Ҷузҷонӣ (аз Гузгонони Хуросон), ки аз соли 403ҳ. (1013м.) то поёни умри устод покбозона дар хидмати ӯ буд. Ва Баҳманёр ибни Марзбон, ки аз зардуштиёни Озарбойҷон буд ва ҳангоме ки Пури Сино ба Ироқ омад, ба хидматаш пайваст. Вафоташ дар соли 458 (1066м.) сӣ сол пас аз марги устод буд. Ӯ бузургтарин шогирди Ибни Синост ва таълифи муҳим ва мӯътабараш «Ат-таҳсил» ё «Ат-таҳсилот» дар мантиқу табиийёт ва илоҳиёт аст ба номи Баҳром ибни Хуршед ибни Яздиёр, ки доии Баҳманёр буд. Ин китоб дар қарни панҷум ва шашум аз ҷумлаи кутуби муҳими дарсӣ буд. Ӯ китобҳои дигар низ дар абвоби ҳикмат дорад, ки ҳамаи онҳо ба тозист.

Дигар аз шогирдони маъруфи Ибни Сино Абӯабдуллоҳи Маъсумист, ки мегӯянд дар ғалабаи Маҳмуди Ғазнавӣ бар Рай ва куштори ваҳшиёнаи ҳукамо ва пешвоёни мӯътазилаву шиъа шаҳид шуд (420ҳ. - 1029м.). Асари маъруфаш «Исбот-ул-муфориқот» дар қарни панҷуму шашум шӯҳрати бисёр дошт. Тарҷума ва шарҳи форсии рисолаи «Ҳай ибни Яқзон»-и Бӯали Синоро баъзе муҳаққиқон аз ӯ медонанд.

**АБӮРАЙҲОНИ БЕРУНӢ,** Муҳаммад ибни Аҳмади Хоразмӣ, мутафаккири бузургу соҳибназар ва мубтакири эронӣ, риёзидон ва мунаҷҷими олиқадри дунёи қадим ва донишманди маъруфу касир-ул-иттилои камназир аст, ки ҳанӯз чунонки бояд қадри ӯ дар тамаддуни исломӣ ошкор нашуда ва ба кунҳи мақомаш пай набурдаанд. Вилодаташ ба соли 362 (973м.) дар ҳумаи шарҳи Коси Хоразм, ки пойтахти силсилаи эронии Оли Ироқ дар он вилоят буд, иттифоқ афтод. Таҳсилоташ дар Хоразм анҷом ёфт ва дар он ҷо улуми адабиву ҳикамӣ ва табиийёту риёзиётро назди устодон фаро гирифт ва махсусан аз тарбияту истиноъи Абӯнаср Мансур ибни Алӣ ибни Ироқ, риёзидони бузурги авохири қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум бархурдор будааст ва баъд аз он бар асари заъфу табоҳии кори силсила Оли Ироқ Хоразмро тарк гуфт ва ба Хуросон ва аз он ҷо ба Рай ва ҷиболи Шарвин дар Табаристон ва сипас ба Гургон рафт ва муддате ба иззату эҳтироми бисёр дар хидмати Шамсулмаъолӣ Қобус ибни Вушмагир ба сар бурд ва китоби «Ал-осор-ул-боқия»-и худро ба номи ӯ дар соли 391 (1001м.) таълиф кард ва чанд сол баъд ба Хоразм бозгашт ва ба хидмати Хоразмшоҳони Оли Маъмун даромад ва ба мартабаи надимӣ ва мушоварати Абулаббос Маъмун ибни Маъмун расид, вале чунонки медонем, дар ҳамин овон Маҳмуди Ғазнавӣ ба баҳонаҳое шурӯъ ба дахолат дар умури Хоразм кард ва онро бо қатли ом ва асорати иддаи

зиёде аз аҳолӣ ва ғорати амволи онон, чунонки одати ӯ буд, тасарруф намуд ва хонадонҳои эронии он сомонро ҳам барандохт ва ин воқеа мусодиф буд бо соли 408ҳ. (1018м.). Баъд аз ин воқеа Абӯрайҳон, ки аз ҳамаи ғаноими Хоразм барои Маҳмуд пурарзиштар буд, бо ҳамроҳи сипоҳаш ба Ғазнин бурда шуд ва аз он пас ба унвони мунаҷҷими ӯ ва ҷонишинонаш дар дарбори Ғазнавӣ хидмат кард ва ҳамроҳи Маҳмуд сафарҳое ба Ҳиндустон намуд ва бо уламои он диёр муошарат ёфт ва аз онон забони санскрит ва ҳикмату риёзиёт ва нуҷуми ҳиндӣ ва русуму дин ва эътиқодоти мазҳабиву иҷтимоии ононро омӯхт ва дар масоили ҷуғрофиёии он сомон таҳқиқоти дақиқ кард ва аз ҳосили ин ҳама мутолиот шоҳкори беназири худ китоби «Мо лил ҳинд»-ро падид овард ва ҳамчунон дар аҳди Масъуд ва писараш Мавдуд хидмат мекард, то ба соли 440 ҳиҷрӣ (1049м.) дар шаҳри Ғазна даргузашт.

Таълифоти Абӯрайҳон дар масоили мухталиф аст, зеро ӯ мутафаккир ва муҳаққиқе буд, ки бе инқитоъ дар масоили гуногун ба таҳқиқу тадқиқ мепардохт ва ҳосили онҳоро ба сурати таълифоти ҷадид дармеоvard. Ӯ худ феҳристе аз осори хеш то шасту панҷсолагӣ дода ва он шомили яксаду сездаҳ китоб аст, ки дар масоили мухталифе аз қабили ҳайат, тиб, ҳикмат, ҳисоб, мабоҳиси физикӣ, азмина ва авқот, осор-ул-улвия, аҳкоми нуҷум, асмору аҳодис, таърих, ҷуғрофиё, дорушиносӣ ва ақоид аст. Ва баъд аз ин таърих то поёни умри ҳафтоду ҳаштсолаи худ боз китобҳои мӯътабари дигаре бар он якаду сездаҳ китоб афзуд, ки баъзе аз онҳо мисли «Ал-ҷамоҳир», «Ад-дастур», «Ал-қонун-ул-Масъудӣ», аз умаҳоти кутуби исломӣ дар фунуни марбут ҳастанд.

Аз осори мутааддиди Абӯрайҳон имрӯз дар ҳудуди бисту анд асари машҳур бозмонда, ки аз он миён муҳимтар аз ҳама инҳо ҳастанд:

1. «Ат-тафҳим ли авоили синоат-ит-танҷим», ки дар ду таҳрир – форсӣ ва арабӣ дар илми ҳисобу ҳандаса ва ҳайату нуҷум ва устурлоб навишта шуда ва ҳар ду таҳрир ба табъ расидааст. таҳрири форсии ин китоб аз ҳайси иштимол бар бисёре аз истилоҳоти риёзӣ ва нуҷумӣ ва форсӣ, ки ғолибан аз решаи паҳлавист, арзиши фаровон дорад ва аз ҷумлаи аввалин китобҳои арзишманди илмии форсӣ шумурда мешавад. Абӯрайҳон ин китобро ба соли 420ҳ. (1029м.) ба номи Райҳона, духтари Ҳусайни Хоразмӣ наишт. 2. Китоби «Мақолид илм-ул-ҳай'а», ки устод онро ҳамнгоми хуруҷ аз Рай ва таваққуф дар Табаристон ба номи Марзбон ибни Рустам ибни Шарвин, испаҳбади Табаристон навишт. 3. «Ал-истиъоб фи санъат-ил-устурлоб», аз ҷумлаи таълифоти аввалияи устод ва дар зумраи беҳтарин китобҳои марбут ба таҳия ва

сохтани анвои устурлоб аст. 4. «Ал-осор-ул-боқия ъан-ил-қуруни-л-холия», шоҳкори ҷовидони Абӯрайҳон дар шинохти тақовим ва айёму аъёди машҳури милали қадим, ки илова бар онҳо ҳовии иттилооти бисёр нодир ва зақимати таърихӣ ва назарҳои ҷадиди устод дар баъзе масоили дигар аст. 5. «Ал-қонун-ул-Масъудӣ» дар ҳайат ва нуҷум, ки онро толии «Ал-маҷасти»-и Батлимус донистаанд ва ҳақиқат ҳам аз ин берун нест. Ин китоб, ки бо номи султон Масъуди Ғазнавӣ навишта шуда, ҳукми доиратулмаорифи бузурге аз улуми риёзӣ ва ҳайату нуҷум дорад ва дар он нисбат ба итилооти қудамо изофату ибтикороти бисёр вуҷуд дорад. 6. «Мо лил Ҳинд мин мақудатин мақбула фи-л-ақл ав марзула», аз шоҳкорҳои фанонопазири устод дар ҳиндшиносӣ, ки ҳанӯз ҳам муҳимтарин маъхаз дар замина ба шумор меояд ва Абӯрайҳон фақат бо таълифи чунин китобе бо равиши илмии дақиқе, ки дар он ба кор бурда, метавонист ҳазор сол аз давраи худ пештар бошад. Китоби «Таҳдиди ниҳоёт-ул-амокин» дар ҷуғрофиёи риёзӣ. Дар ин китоб устод шеваи ихтироъии худро, ки дар китоби дигараш – «Тастеҳ-ус-сувар ва табтеҳ-ул-кувар» низ шарҳ дода, яъне илми нақшакашӣ (картография) мавриди тавзеҳ қарор додааст. 8. «Ал-ҷамоҳир фи маърифат-ил-ҷавоҳир» аз кутуби зиқимати қадим дар таҳқиқи физикӣ нисбат ба аҳҷори карима ва порае аз фулузот. Шевае, ки устод дар ин китоб барои таъйини вазни махсуси иддае аз аносир ва аҷсом ба кор бурда, бисёр ибтикорӣ ва дақиқ ва натоиҷи ҳосила наздик ба натоиҷи макшуфаи асри мо дар ҳамин замина аст.

Абӯрайҳони Берунӣ аз донишмандон ва мутафаккирони бузургест, ки дар дунёи қадим камтар назир доранд. Равиши ӯ дар таҳқиқ ба ҳадде дақиқ ва ақволаш ба дараҷае мувассақ аст, ки ҳеҷ гоҳ арзиши илмии худро аз даст нахоҳад дод. Ин марди дақиқунназар диққат ва исобати раъйи худро ба воқеъ мадюни мутолиоти фалсафии хеш кард, аммо ӯ дар фалсафа пайрави равиши мутаорифи аҳди худ набуд, балки бо ақоиди хос ва равиши мунфарид ва шукуку эродоти худ бар Арасту мумтоз аст. Фикри дақиқи риёзии ӯ дар фалсафа хоҳони ҳақоиқе фориғ аз тасаввуроту авҳом ва ба иборати дигар хоҳони ҳақоиқест, ки монанди усули риёзии мусаллам ва ғайри қобили инкор бошад. Бо ҳамин сабаб аст, ки Абӯрайҳон танҳо ба мутолиаи равиши Арасту ё пайравони ӯ ё дигар ҳукамои Юнон иктифо накард ва ба ақоиди фалсафии соири милал, хоса ҳиндувону эрониёни қадим низ таваҷҷӯҳ намуд. Дар суолҳо ва ҷавобҳои ӯ ва Абӯали ва эродоте, ки бар ҷавобҳои Абӯалӣ гирифт, умқи иттилооти фалсафии устод ва адами таваққуфи ӯ дар баробари равиши фалсафии машоийин ба некӣ ошкор аст.

## 3. УЛУМИ АДАБӢ

Улуми адабии арабии ин аҳд ҳам дар партави кӯшишҳои удабои эронӣ ба мунтаҳои тараққии худ расид ва бисёре аз кутуби асосии ин фан дар ҳамин даврони дурахшон таълиф шуд. Дар даврони пешин фунуни адабии арабӣ, ки дар оғози пайдоӣ ва тадвини худ бештар ба равиши истиқроӣ ҷамъоварӣ ва имло мешуд, аммо дар ин давра, ки мавриди мутолиаи мост, бар асари ривоҷи улуми ақлӣ ва ошноии зеҳни мусалмонон бо мантиқ ва падид омадани муаллифоте, назми мантиқӣ ва илмӣ дошта, дар кайфияти мутолиаи удабо дар улуми адаби тағйире ҳосил шуд ва бар асари он, махсусан сарфу наҳви арабӣ ҳайъати илми мудавванеро бо қавоиди мураттаб ва мабоҳиси муназзам гирифт.

Дар илми луғат низ ҳамин тағйири равиш мулоҳиза мешавад, бадин маънӣ, ки ба василаи Ҷавҳарии Форобӣ (398ҳ. – 1008м.) танзими луғати арабӣ ба тартиби абетесеи (алифбоӣ) ва ба таваҷҷӯҳ ба мабонии иштиқоқӣ такомул ёфта ва маъмул гардида ва аз он пас ҳамвора ҳамин қоида дар таълифи китобҳои асосии луғат ба кор рафтааст. Аз луғавиёни бузурги дигари ин аҳд, ки дар луғатноманависии арабӣ кор кардаанд, яке соҳиби «Кофӣ» Исмоил ибни Аббод (ваф. 385ҳ. – 995м.) вазири машҳури Дайламиён аст. Асари машҳури ӯ «Ал-муҳит» аз умаҳоти кутуби луғати араб шумурда шудааст. Донишманди дигари эронӣ дар ҳамин боб Абӯмансури Азҳарии Ҳиравӣ (ваф. 370ҳ. – 981м.) соҳиби «Китоб-ут-таҳзиб» аст, ки он ҳам аз китобҳои асосии луғати арабист. Дигар Ибни Форси Розӣ (ваф. 390ҳ. – 1000м).

Дар соири улуми адабӣ аз он ҷумла дар улуми балоғат низ эрониён чи ба забони арабӣ ва чи ба забони форсӣ китобҳое пардохтанд, монанди: Абулҳасан Алӣ ибни Абдулазизи Ҷурҷонӣ (ваф. 366ҳ. – 977м.) ва хусусан Абдулқодири Ҷурҷонӣ (ваф. 474ҳ. – 1082м.) соҳиби «Далоил-ул-аъҷоз» ва китоби «Асрор-ул-балоға». Аз муҳимтарин асарҳое, ки дар ин давра ба забони форсӣ дар улуми балоғат тартиб дода шуда буд, китобест, ки Абӯюсуф ё Юсуфи Арӯзӣ (қарни чаҳорум) дар арӯзи форсӣ навишт. Баҳроми Сарахсӣ (қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум) низ се китоб ба номи «Ғоят-ул-арӯзайн», ва «Канз-ул-қофия» ва «Ҳуҷастанома» дар илми арӯз дошта, ки бисёр машҳур буд.

## *ФАСЛИ САВУМ*

# ВАЗЪИ АДАБИИ ЭРОН ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА НИМАИ АВВАЛИ ҚАРНИ ПАНҶУМИ ҲИҶРӢ

### *1. ВАЗЪИ УМУМИИ ЗАБОН ВА АДАБИ ФОРСӢ*

Даврае, ки мавриди мутолиаи мост, бо он ки ибтидои тараққии адаби форсист, яке аз муҳимтарин адвори адабии мо ҳам маҳсуб мегардад. Дар ибтидои ин аҳд Рӯдакӣ, устоди шоирон ва дар авохири он Фирдавсӣ ва Унсурӣ ду устоди мусаллами шеъри форсӣ зиндагӣ мекардаанд. Шоирони дигари ин даврон низ ҳар як соҳиби шӯҳрату аҳамияти хос дар таърихи адабиёти форсӣ ҳастанд. Камтар даврае аз ин адвори адабии форсист, ки ин ҳама шоири устод ва бузург, он ҳам аз як ноҳияи маҳдуд, дар он зиндагӣ карда бошанд ва камтар аҳдест, ки дар он фасоҳату ҷазолати калом то ин ҳад мафтур ва малакаи гӯяндагон бошад. Касрати шеър ва тааддуди осори гӯяндагон, чунонки хоҳем дид, яке аз хасоиси умдаи ин даврон аст.

Иллати асосии ин тавсиа ва ривоҷи рӯзафзуни шеър ташвиқи бесобиқаи шоҳон аз шоирону нависандагон буд. Ҳамаи амирону шоҳони машриқ дар он даврон нисбат ба гӯяндагони порсисарой ва нависандагону шоирони тозигӯйи риояти камоли этиромро мекардаанд ва ин ҳукм ҳатто дар бораи Маҳмуди Ғазнавӣ, ки шоиронро ба манзалаи авомили таблиғоти худ ба кор мегумошт, содиқ аст, магар дар рафтори ноҷавонмардонаи ӯ нисбат ба устоди Тӯс, ки он худ достони дигаре дар қаламрави масоили нажодӣ ва мазҳабӣ дорад.

Силоти гарон ва неъматҳои фаровон, ки амирону шоҳон дар ин давра дар роҳи ташвиқи шоирон сарф мекарданд, ба ҳадде буд, ки ононро ба дараҷоти баланде аз сарвату танаъъум мерасонид. Дар бораи Рӯдакӣ навиштаанд, ки бунаи ӯро чаҳорсад шутур мекашид ва Хоқонӣ дар бораи Унсурӣ гуфтааст:

*Шунидам, ки аз нуқра зад дегдон,*
*Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.*

Баъзе аз шоирони ин аҳд аз касрати сарват маҳсуди ину он буданд ва гурӯҳе аз онон аз вуфури неъмат чун амирон бо ғуломони симинкамар ва זарринкамар ҳаракат мекарданд. Ин вазъ натиҷаи

мустақими ташвиқи подшоҳон ва харидории мадоеҳу ашъори шоирон ба баҳои газоф буд. Дар миёни салотину амирон ва вазирони ин аҳд бисёр касон дорем, ки ё худ шоиру нависанда будаанд (монанди Шамсулмаъолии Қобус, Оғочӣ, Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ, Абулмузаффари Чағонӣ, Ибн-ал-Амид, Соҳиб ибни Аббод, Утбӣ, Ҷаҳонӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абӯалии Балъамӣ ва назоири онон) ва ё аз ташвиқу бузургдошти наивсандагону шоирони порсигӯй ва тозигӯй ғафлат надоштанд.

Сомониён хусусан ба насру назми порсӣ шоиқ буданд, шоирони порсигӯйро такрим менамуданд ва барои эҷоди манзумаҳое мисли «Шоҳнома» ё тарҷумаи китобҳое монанди «Калила ва Димна»-и писари Додвеҳ ва «Таърихи Табарӣ» ва «Тафсири кабир»-и Табарӣ фармонҳое мустақиман содир мекарданд ва бархе аз вазиронашон ҳамчун Абулфазли Балъамӣ мушаввиқи шоирон дар назми достонҳо ва китобҳое аз қабили «Калила ва Димна» мешуданд, ё вазироне чун Абӯалии Балъамӣ худ ба таълифи китоб ба забони порсӣ ҳиммат мегумоштанд.

Шояд яке аз илали бузурги тарвиҷи назму насри порсӣ ба василаи Сомониён таъқиби фикри истиқлоли адабии эрониён ва дунбол кардани ҳамон назаре буда, ки Яъқуби Лайс дар ин замина дошт ва иллати дигар он ки Сомониён мекӯшиданд пойтахташон Бухоро ҳамон мартабату мақомеро ҳосил кунад, ки Бағдод зери тасаллути хулафо дошт ва гӯё ҳамин фикр буд, ки мӯҷиби сурудани абёте аз ин қабил мешуд:

*Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост,*
*Куҷо мири Хуросон аст, пирӯзӣ он ҷост.*

Ғайр аз Бухоро, ки муҳимтарин маркази адабии Эрон дар қарни чаҳорум буд, марокизи муҳими дигаре ҳам то авосити қарни панҷум монанди Заранҷи Сиистон, Ғазнину Гургон ва Нишопуру Рай ва Самарқанд барои адаби форсӣ вуҷуд дошт, ки албатта фаъолияти баъзе аз онҳо баъд аз ин даврон ҳам идома ёфт. Бар рӯи ҳам дар билоди шарқии пуштаи Эрон то авосити қарни панҷум кӯшиш дар эҳё ва идомаи адаби форсӣ бештар ва бисёр бештар аз билоди ғарбӣ буд, зеро дар ин билоди ахир шеъру насри порсӣ то авоили қарни панҷум равнақу ривоҷе чунонки бояд, надошт ва аз ин ҳангом аст, ки таваҷҷӯҳи умарои Дайламии Ироқ (хоса Рай ва Исфаҳон) ба эҷоди осоре аз лаҳҷаи дарӣ натоиҷи судманде ба бор овард.

Забони порсии дарӣ дар қарни чаҳорум бар асари омезиши бештар бо забони арабӣ ва қабули иддаи ҷадиде аз истилоҳоти илмиву

адабӣ ва диниву сиёсӣ ва ба кор бурдани онҳо барои баёни мафоҳиму мазомини мухталифи шеърӣ ва мақосиди илмӣ ва ғайра нисбат ба қарни савум такомул ва тавсиаи бештаре ёфт. Бо ин ҳол агар забони шоирону нависандагони ин аҳдро бо адвори адабии баъд бисанҷем, теъдоди луғоти арабиро ба нисбати маҳсусе камтар ва ғалабаи луғоти асили порсӣ ва ҳатто нуфузи забони паҳлавиро дар он бештар мебинем ва алалхусус ин нукта қобили таваҷҷӯҳ аст, ки шоирону нависандагони ин аҳд камтар таҳти нуфузи қавоиди дастурии забони арабӣ буданд ва қавоиди забони порсиро бештар риоят мекарданд ва масалан, ба нудрат вазнҳои ҷамъи арабиро дар мунтаҳои порсӣ меёбем ва ё таркибҳои тозиро дар онҳо бисёр кам мебинем. Ин нукта ҳам қобили зикр аст, ки шоирону нависандагони ин аҳд хилофи он чи бархе меандешанд, тааммуде дар овардани калимоти порсӣ ба ҷои арабӣ надоштанд, балки чун забони форсӣ дар он аҳд ҳанӯз ба нисбати каме бо забони арабӣ омехта буд ва шоирону нависандагон ҳам аз лаҳҷаи умумӣ дар кори худ пайравӣ мекарданд, табъан луғоти арабиро камтар ба кор мебурданд, магар дар мавориде, ки зарурат иқтизо мекард.

## 2. *ШЕЪРИ ПОРСӢ ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА НИМАИ АВВАЛИ ҚАРНИ ПАНҶУМ*

### ИХТИСОСОТИ ШЕЪРИ ПОРСӢ

1. Қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷум, яъне аҳде, ки дар бораи он баҳс мекунем, ба вуҷуди шоирони бузург ва ба ривоҷи ашъори гуногун ороста аст. Фузунии адади шоирон яке аз хасоиси умдаи ин аҳд аст. Иддаи гӯяндагоне, ки номашон ба мо расида ва дар сафинаҳои тазкираҳо ва луғатномаҳо ва кутуби адаби ин аҳд ё аҳди қариб ба он сабт шуда, бисёр аст, бо он ки муҳити шеъри форсии дарӣ тақрибан аз ҳудуди машриқи Эрон таҷовуз намекардааст ва ҳанӯз дар саросари Эрон монанди қарни шашум гӯяндагоне зуҳур накарда буданд.

2. Маҳорати гӯяндагон ва қудрати онон дар талфиқи калом ва баёни мазомину афкори бадеъ ва фасоҳати худ аз масоили бисёр муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ дар ин аҳд аст, чунонки шоирони ин давра ҳамвора сармашқи суханварони давронҳои оянда будаанд. Иллати бузурги ин амрро илова бар омодагии муҳит барои зуҳури афкори бадеъ ва равшан, бояд табиӣ будани забон барои гӯяндагон би-

донем, яъне шоирони ин аҳд барои омӯхтани забони дарӣ ва огоҳӣ аз румузи он ба таҳсилу муморасат бисёр камтар ниёз доштанд, хилофи суханварони қарни шашум дар Ироқу Озарбойҷон ва дигар навоҳии Эрон, ки барои касби иттилоъ аз дақоиқи забони порсии дарӣ мӯҳтоҷ ба мутолиаи мумтадд дар девонҳои шоирони Хуросону Мовароуннаҳр будаанд.

3. Касрати шеър дар ин аҳд аз масоили қобили таваҷҷӯҳ аст. Абёте, ки ба Рӯдакӣ нисбат додаанд, бисёр аст ва «ба сад дафтар бар меомад» ва адади ашъори Фирдавсӣ шаст ҳазор буд ва барои дигар шоирони ин аҳд ҳам ашъори касир дар тазкираҳо ёд шудааст, ки аз он ҷумла миқдоре ба унвони истишҳод дар кутуби мухталиф нақл шуда ва бархе ҳам бо ашъори гӯяндагони дигар даромехта ва миқдори фаровоне аз миён рафтааст.

4. Аз хасоиси шеъри порсии дарӣ дар ин аҳд содагӣ ва равонии калом ва фикр дар он аст. Матлаби муҳим дар ин ашъор он аст, ки фикри гӯянда дар онҳо ба суҳулат ва бидуни даст овехтан ба мазомини борик, хеле табиӣ ва бидуни такаллуф баён шудааст. Аз таъкиду ибҳом ва хаёлоти борики дур аз зеҳн дар онҳо камтар асаре дида мешавад. Камтарин ошноӣ бо лаҳҷаи кӯҳнаи қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум моро дар фаҳми зебоӣ ва фасоҳати мӯъҷизаосои ашъори он аҳд ёдоварӣ мекунад ва барои дарёфтани ҳеҷ байте ва сухане аз гӯяндагони он замон ба таъвилу тавҷеҳ ва тафсир ҳоҷат надорем.

5. Таҳаввули авзони шеърӣ ва такомули онҳо дар ашъори форсии авоили қарни чаҳорум нисбат ба қарни панҷум ошкор аст ва ин сайри такомулиро дар ашъори тамоми қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум мушоҳида мекунем. Бар асари ин сайри такомулӣ гунҷонидани алфоз дар буҳур саҳлтар гашт ва авзон равонтару матбӯътар шуд. Пайдост, ки ҳанӯз авзоне дар забони форсӣ мутадовил буд, ки мебоист дар давронҳои оянда тарк шавад ва ин худ натиҷаи мустақими таҳаввули авзони мусиқӣ ва низ самараи таҳаввули тадриҷии забони форсӣ дар қуруни баъд будааст, ки амрест бисёр табиӣ. Илова бар ин ривоёте дорем, ки нишон медиҳанд бисёре аз ашъор дар ин даврон ҳамроҳ бо алҳони мусиқӣ хонда мешуд ва пайдост, ки дар чунин ҳол хондани абёт ба ҳар вазн, хоҳ саҳлу хоҳ саъб ишколе надошт ва ҳол он ки хондани ҳамон абёт, холӣ аз лаҳни хоси он суратеноматбӯъ бад-онҳо медиҳад.

6. Тоза будани мазомин ва афкори шеърӣ ҳам яке аз хасоиси шеър дар ин даврон аст, зеро шоирон бо мавзӯоти тозае сару кор доштаанд, ки пеш аз он сохта нашуда буд, ҳато он чи аз адаби арабӣ иқтибос

мешуда ва бар завқи порсигӯён интибоқ меёфтааст. Пайдост, ки дар чунин ҳоле гӯянда ногузир буд ба ҷои тақлиду мутобаат аз пешиниён ба ибтикор даст занад. Асари рӯҳии ин вазъ тақвияти нирӯи ибтикор дар шоир ва муҳайё кардани ӯст барои вуруд дар маворид ва мазоиқи гуногун ва хуруҷ аз онҳо бе он ки дучори заъфу хато гардад. Овардани таркиботи тоза, истиороти наву дилпазир, анвои ташбеҳот, аъамм аз маҳсусу маъқул ва хаёливу ваҳмӣ ва муфраду мураккаб, маҳорат дар анвои авсоф аз хасоиси шеъри ин аҳд аст.

7. Аз хусусиёти шеъри ин давра яке инъикоси сареҳи аҳволи иҷтимоӣ ва зиндагонии шоирон ва вазъи дарборҳову ҷараёноти низомӣ ва сиёсӣ дар он аст. Иллати асосии ин амр ҳамон воқеъбинӣ ва ошноии шоирон бо муҳити моддиву хориҷӣ ва таваҷҷӯҳи камтари онон ба аволими хаёлӣ ва авҳому хаёлот аст, бад-ин маънӣ, ки баёни лашкаркашиҳои салотин ва сухан аз зиндагии хусусии шуаро ва афрод ва вуруд дар масоили мухталифи ҳаётӣ бештар тарафи таваҷҷӯҳ қарор мегирифтааст, то печидан ба авҳому хаёлоти борик, магар дар ашъори ғиноӣ ва ғазалӣ.

8. Дар поёни ин аҳд шуаро ба истихроҷи маъонии дақиқ ва овардани таркиботи тоза ва мазомини мубтакир ва ташбеҳоти нодир таваҷҷӯҳи хос карданд ва ба ҳамин сабаб аст, ки дар сабки шеъри онон нисбат ба авоили аҳди Сомонӣ тағйироте ҳосил шуд ва ҳатто дар назди дастае аз шуаро монанди Унсурӣ истифода аз афкори илмӣ барои эҷоди мазомини илмӣ ҳам маъмул гардид.

9. Зиндагонии мураффаҳи ғолиби гӯяндагони ин аср ва муошарат бо умарову вузаро ва риҷоли сарватманд ва хушгузарониҳои онон дар маҷолиси пуршукӯҳ василаи бузурге шудааст барои он ки дар шеъри ин аҳд ҳамвора сӯҳбат аз комрониҳо ва айшҳову ишратҳо шавад ва камтар аз нокомиву номуродӣ ва яъсу бадбинӣ ва инзивову инқитоъ аз халқ ва назоири ин масоил дар он сухан равад. Аз ин ҷост, ки хонанда бо хандани ашъори ин аҳд аз ҳолате макрун ба нишот бештар баҳра мебарад, то аз як рихват ва халса, ки натиҷаи хондани ашъори хаёлангез ё ғамовар аст ва ҳатто дар мавориде, ки сухан аз бевафоии ҷаҳон ва номуродии одамиён равад, низ шоирон натоиҷи мусбат аз суханони худ мегиранд.

## АНВОИ ШЕЪРИ ПОРСӢ ВА МАВЗӮОТИ ОН

Шоирони ин аҳд дар анвои мухталифи зоҳирии шеър аз маснавиву қасида ва ғазалу мусаммат ва тарҷеъбанду рубоӣ ва дубайтиву қитъа ва ғайра табъозмоӣ кардаанд. Баъзе аз ин анвоъ монанди

тарҷеъбанду мусамматро дар авохири ин аҳд мебинем ва мубтакири мусаммат Манучеҳрӣ шоири поёни ин давра аст. Маводу матолиби ин ашъор ҳам, ки тартибдиҳандаи анвои маънавии шеъри ин давра аст, холӣ аз танаввӯъ набуд, чунонки мадҳу васф ва ғазалу ҳамоса ва ҳаҷву ҳазл ва достону қисса ҳамагӣ дар ашъори ин давра буд ва бархе аз онҳо ба мо расида ва бархе низ аз миён рафтааст.

1. Муҳимтарин давраи шеъри ҳамосӣ ҳамин аҳд аст. Равнақи ҳамосаҳои миллӣ дар ин давра ба дараҷаест, ки муҳимтарин осори ҳамосии Эрон ва яке аз беҳтарин ҳамосаҳои миллии олам, яъне «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар ҳамин даврон ба вуҷуд омадааст. Дар авоили ин аҳд Масъуди Марвазӣ (нахустин нозими таърихи достони Эрон) ва дар авосити ин давра Дақиқӣ ва дар авохири он устоди бузург Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ се асари ҳамосии худро падид оварданд ва назми достонҳои мансури қаҳрамонӣ ва миллиро мутадовил карданд ва баъд аз онон дар асри Салҷуқӣ чандин достони ҳамосии дигар ба тақлид аз Фирдавсӣ ва дар дунболи кори ӯ ба назм даромад.

2. Ғазал ва ашъори ғиноии ин аҳд дунболаест аз он чи дар авохири қарни савум ва авоили қарни чаҳорум мебинем. Дар оғози ин қарн ду ғазалсарои машҳур буданд, ки шоирони баъд ононро ба устодӣ дар ин навъ шеър сутудаанд, аз он ду яке Рӯдакӣ ва дигар Шаҳид аст. Қудрати Рӯдакӣ дар ғазал ба дараҷае буд, ки Унсурӣ бо ҳамаи диққати хаёл ғазалҳои ӯро сутуда ва худро аз овардани мазомини дақиқи онҳо ҷоиз дониста ва гуфтааст:

*Ғазал Рӯдакивор некӯ бувад,*
*Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест.*
*Агарчи бикӯшам ба борик ваҳм,*
*Бад-ин парда андар маро бор нест.*

Лутфи сухани Шаҳид ва риққати эҳсосоти ӯ ва дилангезии ғазалҳояш масали хубе ва диловезе шумурда ва маъшуқи дилорои худро бад-ин гуна васф кардааст:

*Аз дилоромиву нағзӣ чун ғазалҳои Шаҳид,*
*В-аз диловезиву хубӣ чун тарона (и) Бӯталаб.*

Тағаззулҳое, ки дар оғози қасоиди ин аҳд дида мешавад, навъе аз ашъори ғиноии дилпазирест, ки махсусан аз авосити аҳди Сомонӣ ба баъд роиҷ буд. Аввалин шоире, ки тавонист аз ӯҳдаи сурудани

тағаззулоти ширин дар оғози қасоид ба хубӣ бароянд ва дар эҷоди иртибот миёни тағаззул ва мадҳ маҳорату қудрат нишон диҳад, Дақиқист ва чанд ғазале ҳам, ки аз ӯ ба даст омад, лутфи хос дорад. Тағаззулоти қасидасароён майдони васее барои васфи муошикоти шуаро бо маъшуқагони худ эҷод карда ва ҳар як аз гӯяндагон дар ин майдон ба наҳве ҷилвагар шудаанд ва муболиға нест агар бигӯем, олитарин ва матбӯътарин тағаззулҳои ин аҳдро дар қасоиди Фаррухии Сиистонӣ мебинем, зеро ӯ равонии каломи содагии фикр ва сароҳати гуфтори худро бо эҳсосоти рақиқ тавре омехта ва бо чунон малоҳат сухан гуфтааст, ки ҳар хонандаро дар ҳар асру замон, ки бошад, маҷзуб мекунад ва бад-ӯ лаззат мебахшад.

Дар авохири аҳде, ки мавриди мутолиаи мост, чанд шоири ғазалсарои хуб монанди Унсурӣ Фаррухӣ дорем. Дар осори дигар шоирони қарни чаҳоруму панҷум низ абёти ғиноии бисёр мебинем, аъамм аз он ки аз навъи ғазал ва тағаззул бошанд ё ҳар навъ каломи дигаре, ки баён аз авотифу эҳсосоти гӯянда кунад.

3. Шеъри мадҳӣ ё мадҳсароӣ аз оғози адаби форсӣ ба пайравӣ аз шеъри арабӣ маъмул буд. Дар тамоми ин аҳд шуарои бузурги дарборӣ ба мадҳи подшоҳон ва риҷоли дарбории онон саргарм буданд. Маъмулан ҳар шоири маддоҳ вазифа ва ротибае дошт ва дар баробари он муваззаф буд, подшоҳро дар аъёду айёми расмӣ ва футуҳот ва ғайра мадҳу таҳният гӯянд ва пайдост, ки бо ҳар мадҳе мумкин буд, силоти ҷадид низ дарёфт дорад. Силоти вузаро ва умарои бузург ҳам авоиди тозае барои шоирон тартиб медод. Шоҳони Сомонӣ ва баъд аз онон салотини Ғазнавӣ бо тамаввули саршори худ инъоми ҷазил ва силоти гарон ба маддоҳони худ медоданд ва аз миёни онон хусусан Маҳмуди Ғазнавӣ аз сарвати бекароне, ки гирд оварда буд, силаҳои бесобиқае ба шоирон мебахшид. Ин нукта ҳам шоёни таваҷҷӯҳ аст, ки яке аз илали бахшидани моли фаровон дар баробари мадоеҳи шуаро алоқае буд, ки шоҳон ба бақои ном ва касби шӯҳрату аҳамият дар миёни мардум доштанд ва дар ҳақиқат аз маддоҳон ба унвони васоиле барои таблиғ баҳра бармедоштанд. Нахустин касе, ки сохтани қасоиди комили мадҳиро бо ташбиб ва мадҳу дуо маъмул кард, Рӯдакист ва дигарон дар ин боб ҳама тобеи ӯ шумурда мешаванд ва ҳамчунонки дар бисёре аз абвоби шеър пешвои гӯяндагони қадим буд, дар ин фан ҳам роҳнамои онон шумурда шудааст.

4. Навъи шеъри андарзӣ ва ҳикамӣ ҳам аз анвоест, ки дар ин аҳд шурӯъ шуда ва дар даврони Салҷуқиён такомул ёфтааст. Овардани мавоизу насоеҳ дар ашъори порсӣ аз авоили қарни чаҳорум маъмул гардида буд ва гӯяндагон шурӯъ ба сурудани қитъаоти кӯчак ва

кӯтоҳс дар ин боб карданд, лекин касе, ки воқеан бад-ин кор ҳиммат гумошт ва қасоиди тамому комил дар ин мавзӯъ сохт, Кисоии Марвазӣ аст ва равише, ки ӯ эҷод кард, баъд аз ӯ тарафи тақлиди Носири Хусрав қарор гирифт.

5. Бар рӯи ҳам зиндагонии мураффаҳ ва хушгузарониҳои шуарои ин аҳд бештар ононро ба тарафи лаҳв ва овардани афкору мазомине, ки лозимаи он бошад, кашонидааст. Аз ин рӯй дар ашъори шоирони ин давра ғолибан ба қитъаот ё ташбеҳоте, ки намояндаи ин фикр бошад, бозмехӯрем, алалхусус дар порае аз абёти бозмондаи Рӯдакӣ ва дар ашъори Мунҷику Фаррухӣ.

6. Достонсароӣ ва қиссапардозӣ ва овардани ҳикоёту амсол ҳам дар ашъори ин аҳд маъмул будааст. Рӯдакӣ ғайр аз манзумаи «Калила ва Димна», ки нахустин манзумаи ҳикамии ин аҳд ва дар ҳамон ҳол шомили қасасу достонҳои кӯтоҳ буд, шаш манзумаи дигар дар вазнҳои мухталиф дошта ва маълум аст, ки баъзе аз онҳо ҳовии достонҳои ошиқона будааст. Ғайр аз ин манзумаҳо достонҳои ошиқонаи манзуми дигаре ҳам дар ин аҳд доштаем, ки аз бархе абёти парокандае ва аз баъзе танҳо ному нишоне дар даст аст, монанди маснавии «Юсуф ва Зулайхо»-и Абулмуайяди Балхӣ ва маснавии «Офариннома» аз Абӯшаккури Балхӣ ва маснавиҳои дигаре аз ӯ ба баҳри ҳазаҷи мусаддас ва баҳри хафиф ва маснавиҳои «Шодбаҳр ва Айн-улҳаёт» ва «Сурхбут ва Хингбут» ва амсоли онҳо аз достонҳои манзуми ошиқонаи ин аҳд, ки хушбахтона ба дасти мо расида ва феълан дар зумраи қадимтарин осор аз достонҳои манзум аст, яке «Вомик ва Узрои»-и Унсурист, ки қисмати муҳиме аз он боқӣ монда ва дигар «Варқа ва Гулшоҳ»-и Айюқист, ки ба мавқеъ дар бораи он сухан хоҳем гуфт.

## *3. ШОИРОНИ БУЗУРГИ ПОРСИГӮЙ ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА НИМАИ АВВАЛИ ҚАРНИ ПАНҶУМИ ҲИҶРӢ*

### 1. РӮДАКӢ

Рӯдакӣ шоири устоди оғози қарни чаҳорум аст, ки ӯро ба сабаби мақоми баландаш дар шоирӣ ва ба иллати пешвоии порсигӯён ва оғозидани бисёре аз анвои шеъри порсӣ ба ҳақ «Устоди шоирон» лақаб додаанд. Дар қадимтарин ва дурусттарин маъхазе, ки аз ӯ ёд шуда, яъне дар «Ал-ансоб»-и Самъонӣ куния ва ному насабаш

Абӯабдуллоҳ Ҷаъвар ибни Муҳаммад ва иллати иштиҳораш ба Рӯдакӣ интисоби ӯ ба ноҳияи Рӯдаки Самарқанд дониста шудааст. Самъонӣ мегӯяд, қария, яъне қасабаи марказии ноҳияи Рӯдак Бануҷ ном дорад ва Рӯдакӣ аз он ҷост. Ин калимаи «Бануҷ» зоҳиран сурати муҳаррафи «панҷдеҳ» аст, ки имрӯз ҳамчунон ба исми худ дар ноҳияи Самарқанд боқист.

Вилодати Рӯдакӣ ба ҳадси қариб ба яқин боист авосити қарни савуми ҳиҷрӣ буда бошад. Аз оғози ҳаёти ӯ ва кайфияти таҳсилоташ иттилои дақиқ дар даст нест. Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» гуфта, ки «чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон тамомат ҳифз кард ва қироат биёмӯхт ва шеър гуфтан гирифт ва маонии дақиқ мегуфт, чунонки халқ бар вай иқбол намуданд ва рағбати ӯ зиёдат шуд ва ӯро офаридгори таъоло овози хушу савте дилкаш дода буд ва ба сабаби овоз дар мутрибӣ афтода буд ва аз Абулабаки Бахтиёр, ки дар он санъат соҳибихтиёр буд, барбат биёмӯхт ва дар он моҳир шуд ва овозаи ӯ ба атрофу акнофи олам бирасид ва амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ, ки амири Хуросон буд, ӯро ба қурбати ҳазрати худ махсус гардонид ва кораш боло гирифт».

Авфӣ дар муқаддимаи ҳамин суханон навиштааст, ки «аз модар нобино омада» ва шоирони наздик ба аҳди ӯ ҳам, ки дар ҳамон муҳити зиндагонияш мезиста ва шоирӣ мекардаанд, ба ин матлаб ишора намудаанд ва аз тарафе дигар дар ашъори ӯ гоҳ ба ишороте, ки дол бар биноияш дар муддате аз ҳаёти ӯ буда, бозмехӯрем, монанди ин ду байт:

*Пӯпак дидам ба ҳаволии Сарахс,*
*Бонгак бурда ба абр андаро.*
*Чодараке дидам рангин бар ӯ,*
*Ранг басе гуна бар он чодаро.*

Ин ду гуна ишороти мутаноқиз мояи ҳайрати хонанда мешавад, чунонки бояд ё дар сиҳҳати яке аз ин ду даста суханон тардид кард ва ё бад-ин натиҷа расид, ки Рӯдакӣ дар қисмате аз зиндагонии худ бино буд ва баъд ба иллате, ки ба мо маълум нест, нобино шуд. Иттифоқан як ишораи таърихӣ дар ин боб вуҷуд дорад, ки моро аз ин таҳайюр мераҳонад ва он тасреҳи Муҳаммад ибни Умари Наҷотист дар китоби «Басотин-ул-фузало ва раёҳин-ул-уқало фи шарҳи «Таърих-ил-Утби», ки ба соли 709ҳ. (1309м.) таълиф шуда, бар ин ки Рӯдакӣ дар охири умри худ кӯр шуд. (Ва қад сумила фи охири умриҳи).

Вафоти Рӯдакиро Самъонӣ ба соли 339 ҳиҷрӣ навишта ва гуфтааст, ки ӯ дар мавлиди худ Бунҷ (Панҷдеҳ) даргузашт ва ҳамон ҷо ба хок супурда шуд.

Мамдӯҳи Рӯдакӣ амири саъид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил буд, ки аз соли 301 (914м.) то 331 (943м.) подшоҳӣ кард ва баъид нест, ки пеш аз амир Наср дарбори падари ӯ Аҳмадро, ки ба соли 301 (194м.) бар дасти ғуломони турки худ кушта шуда буд, низ дарк карда бошад. Рӯдакӣ дар хидмати Амир Наср тақарруби бисёр дошт ва дар сафару ҳазар бо ӯ буд ва аз ситоиши ӯ ва вазираш Абулфазли Балъамӣ ва силоту ҷавоизи онон моли фаровон андӯхт ва ҷоҳу ҷалоли бисёр ёфт ва ғайр аз ин ду риҷоли дигареро низ мадҳ гуфт, монанди: Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммади Саффорӣ, ки аз соли 311 (924м.) то 353 (964м.) бар Сиистон фармонравой мекард ва Мокон ибни Кокӣ, аз умарои машҳури Дайламӣ, ки то Райро зери фармон дошт ва бо Сомониён гоҳ бар сари сулҳ буд ва гоҳ аз дари ҷанг бармеомад, то дар ҷанге, ки ба соли 329 (941м.) бо Абӯалии Мӯҳточи Чағонӣ, сардори Сомониён мекард, тире бар мақтали ӯ расид ва аз асп дарафтоду мурд. Аз миёни ин мамдӯҳон Абулфазли Балъамӣ, вазири донишманди Сомониён ба Рӯдакӣ эътиқоде вофир дошт ва ӯро миёни шоирони Арабу Аҷам беназир медонист ва зоҳиран, мушаввиқи Рӯдакӣ дар назми «Калила ва Димна» ҳамин вазири адабдӯст буд.

Рӯдакӣ назди ҳамаи шоирон ва адибони муосири худ дар Хуросону Мовароуннаҳр ба азамати мақоми шоирӣ шинохта ва тавсиф шудааст. Баъд аз ӯ низ бисёре аз шоирони бузург монанди Дақиқиву Кисоӣ ва Фирдавсиву Фаррухӣ ва Унсуриву Рашидии Самарқандӣ ва Низомии Арӯзӣ ва ҷуз онон ӯро ба бузургии мартабат сутуда ва басо, ки аз ӯ бо унвони «Устоди шоирон» ва «Султони шоирон» ёд кардаанд.

Ашъори ӯ бисёр буд. Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» навиштааст, ки «ашъори ӯ сад дафтар баромадааст» ва Рашидии Самарқандӣ, шоири қарни шашум гуфтааст, ки «шеъри ӯро баршумурдам сездаҳ раҳ сад ҳазор». Ба назари ман маънии мисроъ он аст, ки сездаҳ бор шеъри ӯро баршумурдам ва сад ҳазор буд, лекин ин мисроъро аз дер боз чунин маънӣ кардаанд, ки шеъри ӯро шумурда кардаам, ба як милёну сесад ҳазор байт баромадааст! Ва ин бисёр мустабъад ба назар меояд.

Ба ҳар ҳол мусаллам аст, ки ӯ табиатан шоир буд ва бе такаллуфу заҳмате шеър месохт, чунонки тарҷумаи «Калила ва Димна»-ро, ки ба амри Наср ибни Аҳмад сурат гирифта буд, бар ӯ мехонданд ва ӯ

мешуниду ба шеър дармеовард. Пайдост, ки чунин касе метавонист, шеъри бисёр суруда бошад ва чунин низ буд, аммо акнун аз он ҳама ашъор ҷуз чанд китъа ва қасида, ки дар кутуби қадим нақл шуда ва баъзе абёти пароканда, ки дар ҷунгҳо ва кутуби луғату тазкираҳо омадааст, чизе дар даст нест. Миқдоре аз ашъори Рӯдакӣ дар девони Қатрони Табрезӣ роҳ ҷуста ва девоне ҳам, ки аз Рӯдакӣ роҳ ҷуста ва девоне ҳам, ки аз Рӯдакӣ ба табъи санги расида, ҳовии ашъоре аз Қатрон аст. Яке аз илали ин ихтилот он аст, ки номи мамдӯҳи Рӯдакӣ (Наср) барои ғайри аҳли таҳқиқ қобили иштибоҳ бо кунияи мамдӯҳи Қатрон (Абӯнаср Мамлон ибни Ваҳсудон, ҳукмрони Озарбойҷон) будааст.

Муҳимтарин асари Рӯдакӣ, ки акнун ҷуз абёти парокандае аз он боқӣ намонда, «Калила ва Димна»-и манзум аст. Ин китоб аз матни арабии Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба амри Наср ба форсӣ тарҷума шуд ва сипас гӯё ба ташвиқи Абулфазли Балъамӣ Рӯдакӣ онро ба шеъри форсӣ (баҳри рамали мусаддас) нақл кард. Ин чаҳор байтро аз абёти бозмондаи он манзума бихонед:

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз рози дониш бениёз.*
*Мардумони бихрад андар ҳар замон,*
*Рози доништо ба ҳар гуна забон.*
*Гирд карданду гиромӣ доштанд,*
*То ба санг андар ҳаме бингоштанд.*
*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*

Ғайр аз ин манзума Рӯдакӣ чанд манзумаи диғар ба авзони мухталиф дошт, ки гӯё ҳар як достоне буд ва аз онҳо низ абёте пароканда дорем ва аммо аз қасоиду ғазалҳои ӯ акнун андаке дар даст аст, то магар рӯзе дасти ҳаводис девони гумшудаи ӯро ба мо бозгардонад. Аз ӯст:

*Меҳтарони ҷаҳон ҳама мурданд,*
*Маргро сар ҳама фурӯ карданд.*
*Зери хок андарун шуданд онон,*
*Ки ҳаме кӯшкҳо бароварданд.*
*Аз ҳазорон ҳазор неъмату ноз,*
*На ба охир ҷуз аз кафан бурданд.*
*Буд аз неъмат он чи нӯшиданд,*
*В-он чи доданд, в-он чиро хӯрданд.*

*Шод зӣ бо сиёҳчашмон шод,*
*Ки ҷаҳон нест ҷуз фасонаву бод.*
*З-омада тангдил набояд буд,*
*В-аз гузашта накард бояд ёд.*
*Ману он ҷаъдмӯи голиябӯй,*
*Ману он моҳрӯи ҳурнажод.*
*Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,*
*Шӯрбахт он ки ӯ нахӯрду надод.*
*Боду абр аст ин ҷаҳону фусус,*
*Бода пеш ор ҳар чи бодо бод.*

*Замона панде озодвор дод маро,*
*Замонаро чу накӯ бингарӣ, ҳама панд аст.*
*Ба рӯзи неки касон гуфт, то ту гам махӯрӣ,*
*Басо касе, ки ба рӯзи ту орзуманд аст.*

*Гули садбаргу мушку анбару себ,*
*Ёсамини сапеду мурди базеб.*
*Ин ҳама яксара тамом шудаст,*
*Назди ту эй бути мулук фиреб.*
*Шаби ошиқат лайлатулқадр аст,*
*Чун ту берун кунӣ рух аз ҷалбиб.*

*Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,*
*Он шиносад, ки дил-ш бедор аст.*
*Некии ӯ ба ҷойгоҳи бад аст,*
*Шодии ӯ ба ҷои тимор аст.*
*Чи нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,*
*Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст.*
*Куниши ӯ на хубу чеҳраш ҳуб,*
*Зишткирдору хубдидор аст!*

*Зиндагонӣ чи кӯтаҳу чи дароз,*
*На ба охир бимурд бояд боз.*
*Ҳам на чанбар гузор хоҳд буд,*
*Ин расанро агарчи ҳаст дароз.*
*Хоҳӣ андар анову шиддат зӣ,*
*Хоҳӣ андар амон ба неъмату ноз.*
*Хоҳӣ андактар аз ҷаҳон бипзир,*
*Хоҳӣ аз Рай бигир то ба Тироз.*

*Ин ҳама боду буди ту хоб аст,*
*Хобро ҳукм не магар ба маҷоз.*
*Ин ҳама рӯз магар яксонанд,*
*Нашиносӣ зи якдигаршон боз.*

## 2. ШАҲИДИ БАЛХӢ

Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Ҷуҳудонакии Балхӣ шоири устод ва донишманду ҳакими маъруфи аҳди худ будааст. Рӯдакӣ аз ҳамаи ҳамасрони худ танҳо ӯро шоир ва дигаронро ровии ашъори ину он медонист. Вай аз бузургони ҳукамо ва мутакаллимон ва дар улуми авоил устод будааст. Ибн ан-Надим дар «Ал-феҳрист» гӯяд, ки Шаҳид ибни Ҳусайн таълифоте дорад ва ӯро ба Розӣ мунозироте (мактуб) буда ва ҳар як дигаре накзе ва радде доштааст. Ёқути Ҳамавӣ дар китоби «Муъҷам-ул-булдон» номи ӯро зайли калимаи «Ҷуҳудонак» Абулҳасан шаҳид ибни Ҳусайни Балхӣ ал-варроқ ал-мутакаллим овардааст. Варроқ, яъне китобфурӯш ва аз ин ҷо шугли оддии Шаҳид маълум мешавад. Номи ӯро Абӯсулаймони Мантиқии Сиистонӣ, файласуфи маъруфи қарни чаҳорум, дар китоби «Савон-ул-ҳикма», ки инак ихтисоре аз он дар даст аст, оварда ва китоби «Тафзил лаззот-ин-нафс ъала лаззот-ил-бадан»-ро бад-ӯ нисбат дода ва хулосаи назари Шаҳидро дар бораи мавзӯи лаззат ва тақсими он ба лаззоти ҷисмонӣ ва лаззоти нафсонӣ овардааст. Ба назари Шаҳид лаззоти ҷисмонӣ фузуниҷӯӣ ва нонойдор ва лаззоти нафсонӣ мақрун ба фазилати рӯҳонӣ ва пойдору бартарҷӯй аст ва моро ба камоли табъи инсон наздик мекунад. Назарияи Шаҳид дар ин китоб дар ҳақиқат изҳори мухолифатест бо Розӣ, ки лаззатро як амри адамии ҷисмонӣ ва «бозгашти ҷисм ба ҳолати табиии» худ медонист.

Шаҳид дар хат устод буд. Фаррухӣ дар мадҳи мамдӯҳи худ гӯяд:

*Хат нависад, ки бинашносад аз хатти Шаҳид,*
*Шеър гӯяд, ки бинашносад аз шеъри Ҷарир.*

Ва устод Рӯдакӣ, ки ӯро дар шумори ақл аз ҳазорон тан бештар мепиндошта, дар рисои ӯ фармудааст:

*Корвони Шаҳид рафт аз пеш,*
*З-они мо рафта гиру меандеш.*
*Аз шумори ду чашм як тан кам,*
*В-аз шумори хирад ҳазорон беш.*

Ба ҳар ҳол Шаҳид дар назди уламо ва удабои асри худ аз афозили аҳл маҳсуб мешуда ва номи ӯ дар чанд маъхаз аз маохизи қарни чаҳорум бо эҳтиром зикр шуда ва шоирӣ яке аз чанд фазилати вай будааст. Аз мамдӯҳони ӯ яке Наср ибни Аҳмади Сомонӣ буд ва дигар Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ аз хонадони маъруфи Ҷайҳонӣ, ки муддате вазорати Сомониён мекард ва аз уламои машҳури қарни чаҳорум буд.

Вафоти Шаҳидро дар соли 325 навиштаанд. Ашъори ӯ дар назди шуарои баъд аз вай то авохири қарни шашум ба фасоҳат ва латофат маъруф ва хоса ғазалҳои ӯ дар диловезиву дилпазирӣ масал буд. Аз ашъори ӯст:

*Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,*
*Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.*
*Дар ин гетӣ саросар гар бигардӣ,*
*Хирадманде наёбӣ шодмона.*

*Донишу хоста аст наргису гул,*
*Ки ба як ҷой нашкуфанд ба ҳам.*
*Ҳар киро дониш аст, хоста нест,*
*В-он киро хоста аст, дониш кам.*

*Маро ба ҷони ту савганду саъб савганде,*
*Ки ҳаргиз аз ту нагардам, на бишнавам панде.*
*Диҳанд пандаму ман ҳеҷ панд напзирам,*
*Ки панд суд надорад ба ҷои савганде.*
*Шунидаам, ки биҳишт он касе тавонад ёфт,*
*Ки орзу бирасонад ба орзуманде.*
*Ҳазор кабк надорад дили яке шоҳин,*
*Ҳазор банда надорад дили худованде.*
*Туро агар малики чиниён бидидӣ рӯй,*
*Намоз бурдиву динор барпарокандӣ.*
*Туро агар малики ҳиндувон бидиди мӯй,*
*Суҷуд кардиву бутхонаҳош баркандӣ.*
*Ба манҷаниқи азоб андарам чу Иброҳим,*
*Ба оташи ҳасаротам фиганд хоҳандӣ.*
*Туро саломат бод, эй гули баҳору биҳишт,*
*Ки сӯи қиблаи рӯят намоз хонандӣ.*

## 3. АБУЛМУАЙЯДИ БАЛХӢ

Абулмуайяди Балхӣ, ки номи ӯро дар шумори нависандагони қарни чаҳорум ҳам хоҳем дид, аз шоирони машҳури он қарн ҳам шумурда мешавад. Номаш дар иддае аз маохизи қарни чаҳорум ва панҷуму шашуми ҳиҷрӣ такрор шудааст. Мавлидаш шаҳри Балх буд ва бо ҳамаи шӯҳрате, ки дошт, аз аҳволи ӯ иттилои комиле дар даст нест ва ҳамин қадар медонем, ки дар нимаи аввали қарни чаҳорум зиндагӣ мекарда ва машҳур будааст, зеро номаш дар таърихи Балъамӣ, ки муқорини соли 352 ҳиҷрӣ таълиф шудааст, омада. Асари маъруфаш дар наср «Шоҳномаи бузурги Муайядӣ» буд, ки баъд аз ин дар бораи он сухан хоҳем гуфт ва илова бар он осори манзум ҳам дошт ва аз шоирони бузурги аҳди худ шумурда мешуд. Вай нахустин касест, ки достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба назми порсӣ кашид ва ғайр аз он ашъоре дошт, ки маъдуде аз онҳо дар тазкираҳо ва китобҳои луғати форсӣ мин боби истишҳод нақл шудааст. Аз ӯст:

*Ангуштро зи хуни дили ман кунад хизоб,*
*Каффе, к-аз ӯ балои тану ҷони ҳар кас аст.*
*Уннобу сим агар набудам раво бувад,*
*Унноб бар сабикаи симини ӯ бас аст.*

*Набиде, ки нашносӣ аз офтоб,*
*Чу бо афтобаш кунӣ муқтаран.*
*Чунон тобад аз ҷом, ки гӯи ҳаст,*
*Ақиқи Яман дар Суҳайли Яман.*

## 4. АБӮШАКУРИ БАЛХӢ

Абӯшакури Балхӣ бетардид аз шоирони бузург ва устоди қарни чаҳорум аст ва он чи аз ӯ бозмонда нишон аз маҳорати ӯ дар шеър медиҳад. Бо ин ҳол номашро дар ҳеҷ як маохиз, ки аз ӯ сухан гуфтаанд, наёварда ва ҳама ҷо ба зикри куннияи ӯ (яъне Абӯшакур ё Бушакур) иктифо кардаанд. Асри ӯ муҳаққақан мусодиф ба авохири аҳди Рӯдакӣ ва авоили даврони Фирдавсист ва ба ибораги дигар авохири айёми ҳаёти нахустин ва авоили умри дувуминро дарк карда ва ин маънӣ аз мазмунҳое, ки Бӯшакур аз Рӯдакӣ гирифта ва Фирдавсӣ аз Бӯшакур ахз кардааст, бармеояд.

Аз аҳволи вай дар оғози ҳаёт иттилое надорем ва танҳо маълум аст, ки аз мавтани худ Балх муҳоҷират карда ва дар он ҷо зиндагиро

ба маддоҳии умаро ва ричол мегузаронидааст. Аз осори ӯ абёти парокандае дар даст аст, ки баъзе аз онҳо бозмондаҳои қасоиди ӯст.

Асари муҳимаш манзумае буда ба баҳри мутақориб мавсум ба «Офариннома», ки ба соли 336ҳ. (948м.) ба итмом расид ва абёте, ки аз он монда, нишон медиҳад, ки гӯяндаи он ба андарзу баёни ҳикам ва амсол дар шеъри худ таваччӯҳи хос мекард ва аз ин рӯй «Офариннома» бештар чанбаи шеъри ҳикамӣ доштааст. Шеъри Бӯшакур дар «Офариннома» равону холӣ аз суъубот ва ишкол буда ва иштимоли онҳо бар насоеҳу андарзҳои ҳакимона бад-он чилое хос бахшидааст. Вай илова бар «Офариннома» ду маснавии дигар низ дошта, ки аз онҳо ҳам абёти парокандае дар даст дорем ва ғайр аз инҳо бозмондаҳое аз қасоиду қитаот ва рубоии ӯ низ мавчуд ва ҳама гувоҳ бар устодӣ ва маҳорати ӯ дар суханварист. Ин абёт аз «Офариннома»-и ӯ нақл мешавад:

*Ба душман барат устуворӣ мабод,*
*Ки душман дарахтест талх аз ниҳод.*
*Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,*
*Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.*
*Ҳамон меваи талх орад падид,*
*Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид.*
*Зи душман гар эдун, ки ёбӣ шакар,*
*Гумон бар, ки заҳраст, ҳаргиз махур.*
*Хирадманд гӯяд, хирад подшост,*
*Ки бар хосу бар ом фармонравост.*
*Хирадро тани одамӣ лашкар аст,*
*Ҳама шӯҳрату орзу чокар аст.*
*Чаҳонро ба дониш тавон ёфтан,*
*Ба дониш бувад риштану бофтан.*

*Зодаи мардро чӯб бар тори хеш,*
*Беҳ аз бозгаштан зи гуфтори хеш.*
*Зи доно шунидам, ки паймоншикан,*
*Зани чофи чоф аст, бал кам зи зан.*

*Бад-он кӯш, то зуд доно шавӣ,*
*Чу доно шавӣ, зуд воло шавӣ.*
*На донотар он кас, ки волотар аст,*
*Ки волотар он кас, ки донотар аст.*
*Набинӣ ба шоҳон, ки бар тахтгоҳ,*
*Зи донандагон боз чӯянд роҳ.*

*Агарчи бимонанд дepy дароз.*
*Ба доно бувадшон ҳамеша ниёз.*
*Нигаҳбони ганҷи ту аз душманон,*
*Ва дониш нигаҳбони ту ҷовидон.*
*Ба дониш шавад мард парҳезкор,*
*Чунин гуфт он бихради ҳушёр.*
*Ки дониш зи тангӣ паноҳ оварад,*
*Чу бероҳ гардӣ, ба роҳ оварад.*

## 5. ДАҚИҚӢ

Устод Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмад Дақиқӣ аз фуҳули шуарои аҳди Сомонӣ ва дувумин шоирест, ки ба назми «Шоҳнома» қиём кард. Соли вилодаташ ба таҳқиқ маълум нест, вале ба эҳтимоли ақво дар авосити нимаи аввали қарни чаҳорум будааст. Дар мавлиди ӯ низ ихтилоф аст. Авфӣ ӯро Тӯсӣ дониста ва Ҳидоят (дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо») гуфтааст, ки баъзе ӯро Балхӣ ва бархе Самарқандӣ донистаанд ва Лутфалибеки Озар ӯро дар шумори шоирони Самарқанд зикр кардааст. Вай оини зардуштӣ дошт, вале бино бар расми замон куния ва исми мусалмонӣ ихтиёр карда буд. Аз ашъори ӯ тааллуқаш ба кеши беҳӣ ошкор аст ва ӯ то поёни ҳаёт бар дини худ боқӣ буд.

Чунонки аз мутолиа дар аҳволи ӯ бармеояд, дар ҷавонӣ ба шоирӣ пардохт ва ҳам дар ҷавонӣ мақтул шуд ва ин воқеа, ки ба дасти ғуломе иттифоқ афтод, муҳаққақан марбут буд ба пеш аз соли 370 ё 371ҳ. (980-981м.) зеро Фирдавсӣ, ки дар ин сол назми «Шоҳнома»-ро оғоз карда буд, аз кушта шудани Дақиқӣ сухан гуфта ва аз тарафи дигар медонем, ки ӯ ба амри Нӯҳ ибни Мансур (салтанат аз соли 365 (976м.) то соли 384 (994м.) ба назми «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ пардохт. Пас, ногузир қатли вай баъд аз соли 365 ва пеш аз соли 370 иттифоқ афтода ва ба ҳукми ақл бояд марбут буда бошад ба вақоеи байни солҳои 367-369 (978-980м.).

Аҳамияти Дақиқӣ дар ашъори мадҳии ӯст ва ӯ аз подшоҳони Сомонӣ Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (350-365ҳ. – 961-976м.) ва Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур (365-387ҳ. – 976-997м.) ва аз умарои тобеи Сомониён амир Фахруддавла Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳтоҷ амири Чағониёнро мадҳ гуфта ва гӯё ба умарои Чағониён тааллуқи хосе дошта ва маддоҳи махсуси аморати дастгоҳи онон будааст ва боз аз ҳамин хонадони Чағонӣ амир Абӯсаъд Музаффар ва амир Абӯнаср ибни Абӯалиро сутудааст.

Аз Дақиқӣ қасоиду ғазалҳо ва қитъаоту абёти парокандае дар кутуби тазкира, хоса «Лубоб-ул-албоб» ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва кутуби таъриху адаб монанди «Таърихи Байҳақӣ» ва «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» ва «Ал-муъҷам» ва кутуби луғат, хусусан «Луғати Фурс»-и Асадӣ боқӣ мондааст ва ҳамаи онҳо далолати том бар устодиву маҳорат ва диққати хаёлу латофати маънӣ ва равонии алфози ин шоири устод мекунад, аммо асари ҷовид ва мухими ӯ «Гуштосбнома», яъне қисмате аз «Шоҳнома» аст дар шарҳи салтанати Гуштосб ва зуҳури Зардушт ва ҷанги мазҳабии миёни Гуштосбу Арҷосби тӯронӣ.

Шурӯъ ба назми «Шоҳнома» пас аз таълифи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ (346ҳ. – 958м.) ва иштиҳору ривоҷи он дар аҳди подшоҳии Нӯҳ ибни Мансур, ки ҷулусаш дар соли 365 (976м.) буда ва ба амри ӯ сурат гирифт, вале шоир ҳанӯз ҳазор байти онро бештар насуруда, ба дасти ғуломе кушта шуд. Ин ҳазор байт ба байти зайл оғоз мешавад:

*Чу Гуштосбро дод Луҳросб тахт,*
*Фуруд омад аз тахту барбаст рахт.*
*Ва бад-ин байт поён меёбад:*
*Ба овози Хусрав ниҳоданд гӯш,*
*Супурданд ӯро ҳама гӯшу ҳуш.*

Ва шояд иллати интихоби ин қисмат аз таърихи шоҳони Эрон барои назм, иштимоли вақоеи он ба зуҳури Зардушти пайғомбар мавриди эътиқоди Дақиқӣ ва табаррук ҷустани ӯ ба зуҳури оини ниёгонаш буда бошад. Матолиби ин ҳазор байт ҷуз дар баъзе мавориd мунтабиқ аст бар китоби паҳлавии «Аёткори Зарирон», ки зоҳиран, ҳангоми нигориши достони Гуштосб дар «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ аз он истифода шудааст.

Дақиқӣ бетардид яке аз бузургтарин шоирони қарни чаҳорум аст. Вуруди ӯ дар анвои мухталифи шеър ва қудрате, ки дар ҳамаи абвоби он нишон дода, далели боризест бар фасоҳати калом ва равонии сухан ва нирӯи табъу қуввати баён ва ҳиддати зеҳни ӯ. Тағаззулоти бадеъ ва ғазалҳои латифу мадоеҳи олӣ ва авсофи роиҷи ӯ бо маъонии борик ва мазомини тозаву дилангезе, ки дар ҳамаи онҳо ба кор бурда, ба шеъри ӯ диловезӣ ва равнақу ҷилои хос мебахшад. Вай махсусан қасоиди мадҳиро камол бахшид ва худ ҳам мутаваҷҷеҳи маҳорати хеш дар ин боб буда ва гуфтааст:

*Мадеҳ то ба бари ман расид, урён буд,*
*Зи фарру зинати ман ёфт тайласону изор.*

Ва баъзе аз қасоиди ӯ чунон матбӯи тибоъ афтода буд, ки пас аз вай чанд бор мавриди истиқболи шоирони устод қарор гирифт ва суханварони бузург номи ӯро дар радифи гӯяндагони тавоно чун Фаррухӣ овардаанд. Аз ӯст:

*Паричеҳра буте айёру дилбар,*
*Нигоре сарвқадду моҳманзар.*
*Сияҳчашме, ки то рӯяш бидидам,*
*Сиришкам хун шудасту бар мушаҷҷар.*
*Агар на дил ҳаме хоҳӣ супурдан,*
*Бад-он мижгони заҳролуд мангар.*
*В-агарна бар бало хоҳӣ гузаштан,*
*Бар оташ бигзару бар дар-ш магзар.*
*Ба сони оташи тез аст ишқаш,*
*Чунон чун ду рухаш ҳамранги озар.*
*Ба сони сарви симин аст қаддаш,*
*Валекин бар сараш моҳи мунаввар.*
*Фареш он рӯи деборанги чинӣ,*
*Ки рашк орад бар ӯ гулбарги тар бар*
*Фареш он лаб, ки то эдар наёмад,*
*Зи хулд оини бӯса н-омад эдар.*
*Аз он шаккарлабон аст ин ки доим*
*Гудозонам чу андар об шаккар.*
*Аз он лоғармиён аст ин ки ишқам,*
*Чунин фарбе шудасту сабр лоғар.*
*Ба чеҳра Юсуфи дигар, валекин,*
*Ба ҳиҷронаш манам Яъқуби дигар.*
*Агар бутгар чун ӯ пайкар нигорад,*
*Марезод он хуҷаста дасти бутгар.*
*В-агар Озар чун ӯ донист кардан,*
*Дуруд аз ҷони ман бар ҷони Озар.*
*Санавбар дидаму ҳаргиз надидам,*
*Дарахти сим, к-аш бар сар санавбар.*
*Маро гӯяд зи чандин шеъри шоҳон,*
*Ба чандин ошиқона шеъри дилбар.*
*Кам аз шеъре, ки сӯи мо фиристӣ,*
*Наям андархури гуфтору аз дар?*

*Магар худ шеър бар ман барназебад,*
*Магар худ нестам, эй дӯст, дархур.*
*Чаро нанвисиям боре мадеҳе,*
*Зи мири номдорон, шоҳи меҳтар.*
*Ба ман деҳ, то бидорам ёдгоре,*
*Ба парда(и) чашм бинвисам ба анбар.*
*Ба ҳалқа(и) зулфаки хешаш бибандам,*
*Чу таъвизе фурӯ овезам аз бар.*
*Чу номи он нигор омад ба гӯшам,*
*Фурӯ боридам аз чашм оби аҳмар.*
*Фироқам сурате шуд пешам андар,*
*Хаёле дидамаш макрӯҳу мункар.*
*Битарсидам, ки ногоҳон канорам,*
*Тиҳӣ гардонад аз бӯстони абҳар.*
*Чу аз ман бигсалад, кай бинамаш боз,*
*Кай ояд ин гузашта ранҷро бар.*
*Фурӯ борид абри дидагонам,*
*Бар он хуршед, к-аш боло санавбар.*
*Ҳаме бигристам, то з-оби чашмам,*
*Чу рӯи ёри ман шуд рӯи кишвар.*
*Чу рӯи ёри ман шуд даҳр гӯӣ,*
*Ҳаме ораз бишӯяд б-оби кавсар.*
*Ба кирдори дарафши ковиёнӣ,*
*Ба нақши вушшиву куфӣ саросар.*
*Бипӯшида либоси фарвадинӣ,*
*Бияфканда либоси моҳи озар.*
*Гул андар бӯстонон бишкуфида,*
*Ба сони гулбунони боғ пар бар.*
*Ту гӯӣ ҳар яке ҳури биҳиштест,*
*Ба дасти ҳар як аз ёқут миҷмар...*

## 6. МУНҶИК

Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммад Мунҷики Тирмизӣ аз шоирони бузурги нимаи аввали қарни чаҳорум аст, ки баъд аз Дақиқӣ дар дарбори Чағониён ба сар мебурда ва маддоҳи онон, алалхусус амир Абуяҳё Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ ва амир Абулмузаффар Аҳмад ибни Муҳаммади Чағонӣ будааст. Вай шоире забоновару суханпардоз ва некӯхаёлу балеғ ва нуктадон буд. Авфӣ каломи ӯро аз рӯи ҳақ бад-ингуна васф кардааст: «Шеъре ғарибу алфозе хуб ва маъонии

бикру иборote балеғ ва истиороте нодир» ва ин авсоф, ки Авфӣ баршумурда, ҳама дар шеъри Мунҷик содиқ аст. Девонаш дар қарни панҷум ва шашум дар Эрон машҳур ва мавриди истифодаи аҳли адаб ва шеър буд, чунонки Носири Хусрав достони истифодаи Қатрони Табрезиро аз он девон дар «Сафарнома»-и худ овардааст. Мунҷик илова бар қудрате, ки дар мадҳ ва сохтани қасоиди бузурги мадҳӣ ва васфиву ғазал дошт, дар ҳаҷв низ саромади шоирони аҳди худ шумурда мешуд ва ба қавли Ҳидоят «касе аз тири таънаш нарастӣ ва аз каманди ҳаҷваш наҷастӣ». Ашъораш дар ҷунгҳо ва тазкираҳо ва кутуби луғат пароканда аст ва аз онҳост:

*Эй ба дарёи ақл карда шино(ҳ)*
*В-аз баду неки рӯзгор огоҳ.*
*Чун кунӣ табъи поки хеш палид,*
*Чи кунӣ рӯи сурхи хеш сиёҳ.*
*Нон фурӯ зан ба оби дидаи хеш,*
*В-аз дари ҳеҷ сифла шир махоҳ.*

*Эй хубтар зи пайкари дебои арманӣ,*
*Эй поктар зи қатраи борони баҳманӣ.*
*Он ҷо, ки мӯи ту барзан ба зери мушк,*
*В-он ҷо, ки рӯи ту ҳама кишвар ба равшанӣ.*
*Андар Фурот гарқам, то дида бо ман аст,*
*В-андар баҳори ҳуснам, то ту бари манӣ.*
*Ар ангубинлабӣ, сухани талх мар чарост,*
*В-ар ёсаминбарӣ, ту ба дил чигуна оҳанӣ.*
*Мангар ба моҳ, нураш тира шавад зи рашк,*
*Мангар ба бог, сарви сиҳӣ пок бишканӣ.*
*Хуррам баҳор хонд ошиқ туро, ки ту,*
*Лоларуху бунафшахату ёсуман танӣ.*
*Моро ҷигар ба тири фироқи ту хаста гашт,*
*Эй сабр, бар фироқи бутон нек ҷавшанӣ.*

*Рухсори он нигор ба гул бар ситам кунад,*
*В-он рӯйро намоз барад моҳи мустанир.*
*Эй офтоби чеҳраи бутзоди сарвқад,*
*К-аз зулф мушк борӣ в-аз гамза тир.*
*Бингошта чунин набувад дар баҳори Чин,*
*Тимсоли рӯи Юсуф Яъқуб бар ҳарир.*
*Аз барги лола ду лаб дорӣ фароз рӯй,*
*Як мушт ҳалқаи зираҳ аз мушку аз абир.*

*Гӯӣ, ки Озар аз паи Зӯҳра нигор кард*
*Симин-ш оразину бар ӯ гесувон чу қир.*
*Гӯӣ каманди Рустам гашт он каманди зулф,*
*В-аз бӯстон гирифта гули сурхро асир.*
*Гӯӣ худош аз маи чун лаъл офарид,*
*Ё доягон-ш дода зи ёқути сурх шир.*

## 7. МАНТИҚӢ

Абумуҳаммад Мансур ибни Алии Мантиқии Розӣ аз муосирони Соҳиб ибни Аббод ва дар шеъри дарӣ устод будааст ва шояд битавон ӯро қадимтарин шоири порсигӯи Ироқ донист. Вай зоҳиран, дар байни санавоти 367 (978м. ибтидои вазорати Соҳиб) ва 380 (981м. яъне соле, ки Бадеъуззамони Ҳамадонӣ ба хидмати Соҳиб пайваста ва қитъае аз Мантиқиро ба хоҳиши ӯ ба арабӣ тарҷума ва назм карда буд), вафот ёфт. Аз абёти ӯст:

*Як мӯй бидуздидам аз ду зулфат,*
*Чун зулф задӣ, эй санам, ба шона.*
*Чунон-ш ба сахтӣ ҳаме кашидам,*
*Чун мӯр, ки гандум кашад ба хона.*
*Бо мӯй ба хона шудам, падар гуфт:*
*Мансур кадом аст аз ин дугона.*

*Як лафз н-ояд дили ман, в-аз даҳони тӯ*
*Як мӯй н-ояд аз тани ман, в-аз миёни ту.*
*Шояд будан, ки ояд ҷуфте камон хуб,*
*З-ин ҳам гирифта пушти ману абрувони ту.*
*Шизу шабаҳ надидаму мушки сиёҳу қир,*
*Монанди рӯзгори ману зулфакони ту.*
*Моно, ақиқ н-орад ҳаргиз кас аз Яман,*
*Ҳамранги ин сиришки ману ду лабони ту.*

*Маҳи гардун магар бемор гаштаст,*
*Бинолиду танаш бигрифт нуқсон.*
*Сипаркирдори симин буду акнун,*
*Баромад бар фалак чун нӯки чавгон.*
*Ту гуфтӣ хинги Соҳиб тохтан кард,*
*Фиганд ин наъли заррин дар биёбон.*

## 8. КИСОӢ

Ҳаким Абулҳасан Маҷдуддин Кисоии Марвазӣ аз шоирони тавонои порсигӯй дар нимаи дувуми қарни чаҳорум будааст. Вилодаташ ба соли 341ҳ. (953м.) дар Марв иттифоқ афтод ва чун ба пирӣ расида ва умри зиёд карда буд, бояд қоидатан чанд соле аз оғози қарни панҷумро низ дарк карда бошад ва бинобар ин зиндагонии ӯ дар авохири даврони Сомонӣ ва авоили аҳди Ғазнавӣ сипарӣ шудааст. Вай дар оғози кор шоире маддоҳ буд ва аз мадоеҳи ӯ қитаоте дар тазкираҳо мавҷуд аст, вале дар авохири умр аз ин кор пушаймон шуд ва дар ашъори худ ба мавъиза ва андарз таваҷҷӯҳ кард ва дар ин роҳ пешво ва пешқадами Ҳаким Носири Хусрав гардид ва ишороти мутааддиди Носир ибни Хусрав ба ӯ ва ба ашъори ӯ ва ҷавоб гуфтани баъзе аз қасоиди мадҳии вай ҳама далоили бориз бар пайравии он устоди тавоно аз ин шоири чирадаст аст. Аз ашъори Кисоӣ чандон боқӣ намонда ва маҷмӯи ашъораш иборат аст аз он чи дар тазкираҳо ва кутуби луғату адаб омадааст ва аз ҳамаи онҳо устодӣ ва маҳораташ дар суханварӣ лоеҳ аст. Вай бетардид яке аз устодони мусаллами аҳди худ буда ва дар ибдоъи мазомину баёни маъонии борик ва тавсифоти ганиву эроди ташбеҳоти латифи табиӣ қудрати бисёр доштааст. Илова бар ҳамаи ин чирадастиҳо аҳамияти хоси ӯ дар ифтитоҳи боби мавъиза ва андарз дар шеъри порсист ва агарчи устоди Самарқанд зимни ибдоъи басе аз анвоъи шеъри порсӣ дар ин роҳ низ қадам гузорда буд, лекин Кисоӣ аввалин касест, ки қасоиди хосеро бад-ин маънӣ ихтисос дода ва дар онҳо маъонии ҳикамиро матраҳ сохта ва муқаддимаи зуҳури шоири моҳире чун Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар ин замина гардида буд. Аз ашъори ӯ ба эроди ин абёт иктифо мешавад:

*Рӯз омаду аломати масқул баркашид,*
*В-аз осмон шамомаи кофур бардамид.*
*Гӯӣ, ки дӯст қуртаи шаъри кабуди хеш,*
*То ҷойгоҳи ноф ба амдо фурӯ дарид.*
*Хуршед бо Суҳайл арӯсӣ кунад ҳаме,*
*К-аз бомдод кулаҳи масқул баркашид.*
*В-он акси офтоб нигаҳ кун алам-алам,*
*Гӯӣ ба лоҷвард маи сурх барчакид.*

*Ё бар бунафшазор гулнор соя кард,*
*Ё барги лолазор ҳаме барфитад ба хед.*

*Ё отаиш шуоъ зи машриқ фурӯхтанд,*
*Ё парниёни лаъл касе боз густарид.*
*Чун хуш бувад набид бар ин теғи офтоб,*
*Хоса, ки акси он ба набид андарун падид.*
*Ҷоми кабуду сурх набид ор, к-осмон*
*Гӯӣ, ки ҷомҳои кабуд аст пурнабид.*
*Ҷоми кабуду сурх набиду шуъои зард*
*Гӯӣ, ки шақоиқ асту бунафша асту шанбалид.*
*Он равшанӣ, ки чун ба пиёла фурӯ чакад,*
*Гӯӣ ақиқи сурх ба лӯълӯ фурӯ чакид.*
*В-он софие, ки ба кафи даст чун бар ниҳӣ,*
*Каф аз қадаҳ надонӣ, не аз қадаҳ набид.*

*Гул неъматест ҳадя фиристода аз биҳишт,*
*Мардум каримтар шавад андар наъими гул.*
*Эй гулфурӯш, гул чи фурӯшӣ ба ҷои сим,*
*В-аз гул азизтар чи ситонӣ ба сими гул.*

*Бар пилгӯш қатраи борон нигоҳ кун,*
*Чун ашки чашми ошиқи гирён ҳаме шуда.*
*Гӯӣ, ки парри бози сапед аст барги ӯ,*
*Минқори боз лӯълӯи носуфта барчида.*

*Дасташ аз парда бурун омад чун оҷи сапед,*
*Гуфти аз меғ ҳаме теғ занад Зӯҳраву моҳ.*
*Пушти дасташ ба масал чун шиками қоқуми нарм,*
*Чун дами қоқум карда сари ангушт сиёҳ.*

*Аз хизоби ману аз мӯй сияҳ кардани ман,*
*Гар ҳаме ранҷ хурӣ, беш махур ранҷ мабар.*
*Ғаразам з-ӯ на ҷавонист, битарсам, ки зи ман*
*Хиради пирон ҷӯяндy наёбанд асар.*

## 9. РОБИАИ БАЛХӢ

Робиаи Қуздории Балхӣ аз шоирони қарни чаҳоруми ҳиҷрист, ки сухани ӯ дар лағофат ва иштимол бар маъонии дилангез ва фасоҳату ҳусни таъсир маъруф аст. Шарҳи зиндагонияш афсонаомез ва ҳамроҳ бо хаёлоти достонсозон аст. Мегӯянд, ки падараш Каъб аз аморатҷӯёни араб буд ва аз Балх то Сиистон ва Қандаҳор комрониҳо дошт, вале намедонем, ки чунин амири муқтадире кай буд! Ба ҳар ҳол афсонасароён гуфтаанд, ки духтари ин Каъб ба бандае Бектош

ном аз бандагони бародараш ишқ варзид ва бародар ба бадгумонӣ ва таассуб ӯро кушт. Ин достонро, ки гӯё махлуқи афсонапардозон аст, Ризоқулихони ҳидоят ба назм кашид ва номи он манзумаро «Гулистони Ирам» ниҳод. Сӯфиён низ аз достонсозӣ нисбат ба ин шоири латифсухани некӯбаён ғофил нанишастанд ва кӯшиданд, ки ишқи маҷозии ӯро ишқе ҳақиқӣ ҷилва диҳанд. Аммо Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» сухане кӯтоҳ дар бораи ӯ оварда ва гуфтааст, ки зане ошиқпеша ва шоҳидбоз буд ва ба порсиву тозӣ шеър месохт ва ӯро ба сабаби он ки дар шеъри худ таркиби «магаси рӯин» ба кор бурда буд, бад-ин лақаб хонданд. Мусалламан иллати иштиҳори ӯ ба ишқбозӣ ва шуюъи достони маъруф дар бораи ӯ иштимоли ғазалҳои латифи ӯст ба маъонии дилпазири ошиқона ва ривоҷи он дар миёни орифу омӣ. Аз ғазалҳои ӯст:

*Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,*
*Кӯшиши бисёр н-омад судманд.*
*Ишқ дарёе карона нопадид,*
*Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд.*
*Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,*
*Баски бипсандид бояд нописанд.*
*Зишт бояд диду ангорид хуб,*
*Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд.*
*Тавсанӣ кардам, надонистам ҳаме,*
*К-аз кашидан тангтар гардад каманд.*

*Маро ба ишқ ҳаме муҳтамал кунӣ ба ҳиял,*
*Чи ҳуҷҷат орӣ пеши худои азза ва ҷал.*
*Ба ишқат андар осӣ ҳаме наёрам шуд,*
*Бад-инам андар тоат ҳаме шавам ба масал.*
*Наъим бе ту нахоҳам, ҷаҳим бо ту равост,*
*Ки бе ту шакар заҳр асту бо ту заҳр асал.*
*Ба рӯи некӯ такя макун, ки то якчанд,*
*Ба сунбул андар пинҳон кунанд наҷми Зуҳал.*
*Ҳар оина на дурӯғ аст он чи гуфт ҳаким:*
*Фа ман такаббара явман фа баъда иззи зал.*
*Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,*
*Чаман ранги артанги Моно гирифт.*
*Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,*
*Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт.*
*Ба май монад андар ақиқин қадаҳ,*
*Сиришке, ки дар лола маъво гирифт.*

*Сари наргиси тоза аз зарру сим,*
*Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.*
*Чу раҳбон шуд андар либоси кабуд,*
*Бунафша магар дини тарсо гирифт.*

## 10. ФИРДАВСӢ

Устоди бузурги бебадил ҳаким Абулқосим Мансур ибни Ҳасан Фирдавсии Тӯсӣ, шоири бузурги ҳамосасарои Эрон ва яке аз шоирони машҳури олам ва ситораи дурахшони осмони адаби форсӣ ва аз мафохири номбардори миллати Эрон аст ва ба сабаби ҳамин азамати мақому мартабат саргузашти ӯ монанди дигар бузургони дунёи қадим бо афсонаҳо ва ривоёти мухталиф даромехтааст. Мавлиди ӯ қарияи Бож аз қурои ноҳияи Тобирон (ё Табарони) Тӯс буда, яъне ҳамон ҷо, ки имрӯз оромгоҳи ӯст ва ӯ дар он деҳ дар ҳудуди соли 329-330ҳ. (941-942м.) дар хонаводае аз табақаҳои деҳқонон чашм ба ҷаҳони ҳастӣ кушуд.

Чунонки медонем, деҳқонон як табақа аз моликон буданд, ки дар давраи Сосониён (ва чаҳор-панҷ қарни аввал аз аҳди исломӣ) дар Эрон зиндагӣ мекарда ва яке аз табақоти иҷтимоии фосили миёни табақаи кишоварзон ва ашрофи дараҷаи аввалро ташкил медода ва соҳиби як навъе аз «ашрофияти арзӣ» будаанд. Зиндагонии ин даста дар коххое, ки дар арозии худ доштанд, мегузашт ва ба василаи рустоиён аз он арозӣ баҳрабардорӣ менамуда ва дар ҷамъоварии молиёт бо давлати Сосонӣ ва сипас дар аҳди ислом бо давлати исломӣ ҳамкорӣ доштаанд ва то ҳудуди ҳамлаи муғул ба тадриҷ бар асари фитнаҳо ва ошӯбҳову тазйиқоти гуногун аз байн рафтанд. Инон дар ҳифзи нажоду насабу таърих ва риояти одобу русуми миллӣ таассуб ва сахтгирии хос мекарданд ва ба ҳамин сабаб аст, ки ҳар вақт дар давраи исломӣ касеро «деҳқоннажод» бидонанд, мақсуд сиҳати нажоди эронии ӯст ва низ ба ҳамин далел аст, ки дар мутуни форсии пеш аз муғул «деҳқон» ба маънии эронӣ ва муқобили «турк»-у «тозӣ» низ истеъмол мешуд.

Фирдавсӣ аз чунин табақаи иҷтимоии Эрон ва ба ҳамин рӯй аз таърихи Эрон огоҳ буд. Ба Эрон ишқ меварзид, ба зикри ифтихороти миллӣ алоқа ва аз саргузашти ниёгони хеш огоҳӣ дошт. Вай аз хонадоне соҳибмакнат ва зиёъу иқор буд ва ба қавли Низомии Арӯзӣ соҳиби «Чаҳор мақола» дар деҳи Бож шавкате тамом дошт ва ба мадхали он зиёъ аз амсоли худ бениёз буда, вале ин бениёзияш пойдор намонд, зеро ӯ ҳамаи судҳои моддии худро ба каноре ниҳод

ва вакте таърихи миҳани худ ва ифтихороти гузаштаи онро дар хатари нестӣ ва фаромӯшӣ ёфт, ҳам худро ба эҳёи таърихи гузашта масруф ва аз балоғату фасоҳати мӯъҷизаосои худ дар ин роҳ ёрӣ гирифт, аз тиҳидастӣ наяндешид, сӣ сол ранҷ бурда ва ба ҳеҷ рӯй, ҳатто дар марги писараш аз идомаи кор бознаистод, то «Шоҳнома»-ро бо ҳамаи равнаку ҷило ва шукӯҳу ҷалолаш ҷовидона барои Эроне, ки мехост ҷовидонӣ бошад, боқӣ ниҳод, «ки раҳмат бар он турбати пок бод».

Фирдавсӣ зоҳиран, дар овони қатли Дақиқӣ (ҳудуди 367-369ҳ. – 978-980м.) ба назми достонҳои мунфариде аз миёни достонҳои эронӣ саргарм буд, мисли достони «Бежан ва гурозон», ки баъдҳо *онҳоро дар* «Шоҳнома»-и худ гунҷонид ва гӯё ин корро ҳатто дар айни назми «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» ё баъд аз он низ идома медод ва достонҳои мунфариди дигареро монанди ахбори Рустам, достони Рустаму Сӯҳроб, достони Аквондев, достонҳои маъхуз аз саргузашти Баҳроми Гӯр ҷудогона ба назм дармеовард. Аммо таърихи назми ин достонҳо мушаххас нест ва танҳо баъзе аз онҳо дорои таърихи нисбатан равшан ва ошкорест. Масалан, достони Сиёвуш дар ҳудуди соли 387ҳ. (997м.) суруда шуда ва назми достони нахчир кардани Рустам бо паҳлавонон дар шикоргоҳи Афросиёб дар 389ҳ. (999м.) шурӯъ шуд.

Оғози назми «Шоҳнома». Аммо назми «Шоҳнома», яъне «Шоҳнома»-е, ки дар соли 346ҳ. (958м.) *ба амри* Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ, сипаҳсолори Хуросон фароҳам омада буд, дунболаи иқдоми Дақиқии шоир аст дар ҳамин маврид. Пеш аз ин гуфтем, ки Дақиқӣ баъд аз соли 360ҳ. (976м.), ки соли ҷулуси Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ буд, ба амри ӯ шурӯъ ба назми «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» кард, вале ҳанӯз беш аз ҳазор байти онро ба назм дарнаёварда буд, ки ба дасти бандае кушта шуд.

Баъд аз шӯҳрати кори Дақиқӣ дар даҳаи дувум ва нимаи дувуми қарни чаҳорум ва расидани овозаи он ва нусхае аз назми ӯ ба Фирдавсӣ, устоди Тӯс бар он шуд, ки кори шоири ҷавони дарбори Сомониро ба поён барад. Вале маъхазеро, ки Дақиқӣ дар даст дошт, молик набуд ва мебоист чанде дар ҷустуҷӯи он бигзаронад. Иттифоқро яке аз дӯстони ӯ дар ин кор ба вай ёварӣ кард ва нусхае аз «Шоҳнома»-и мансури Абӯмансуриро бад-ӯ дод ва Фирдавсӣ аз он ҳангом ба назми «Шоҳнома» даст ёзид, бад-ин қасд, ки китоби мудавван ва мураттабе аз достонҳо ва таърихи куҳан тартиб диҳад. Таърихи ин воқеа, яъне шурӯъ ба назми «Шоҳнома» сареҳан маълум нест, вале бо истифода аз қароини мутааддиде, ки аз «Шоҳнома»

мустафод мегардад ва интибоқи онҳо бар вақоеи таърихӣ метавон оғози назми «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ»-ро ба василаи устоди Тӯс соли 370-371ҳ. (981-982м.) маълум кард.

Ин кори бузург хилофи он чи тазкиранависон ва афсонасозон ҷаъл кардаанд, ба амри ҳеҷ як салотин, хоҳ Сомонӣ ва хоҳ Ғазнавӣ анҷом нагирифт, балки устоди Тӯс ба сарофати табъ бад-ин муҷоҳадати азим даст зад ва дар оғози кор фақат аз ёварии дӯстони худ ва яке аз муқтадирини эронинажоди маҳаллӣ дар Тӯс баҳраманд шуд, ки намедонем, ки буд, вале чунонки Фирдавсӣ худ мегӯяд, ӯ дер намонд ва баъд аз ӯ марде дигар ҳам аз мутамаккинон ва бузургони маҳаллии Тӯс ба номи Хӯя ё Ҳусайн ибни Қутайба шоирро зери боли риоят гирифт ва дар умури моддӣ, ҳатто пардохти хироҷи солона ёварӣ намуд ва марде дигар ба номи Алии Дайламӣ ҳам дар ингуна ёвариҳо ширкат дошт. Аммо инон ҳама аз ёварону дӯстон ва бузургони маҳаллии Тӯс ё ноҳияи Тобирон буданд ва ҳеҷ як подшоҳу султони номоваре набуд.

Тазкиранависон дар шарҳи ҳоли Фирдавсӣ навиштаанд, ки ӯ ба ташвиқи Султон Маҳмуд ба назми «Шоҳнома» пардохт ва иллати ин иштибоҳ он аст, ки номи Маҳмуд дар нусахи мавҷуди «Шоҳнома», ки дувумин нусхаи «Шоҳнома»-и Фирдавсист, тавассути худи шоир гунҷонида шуда, чунонки ба мавқеъ хоҳем гуфт ва нусхаи аввали «Шоҳнома», ки мунҳасир буд ба манзум сохтани матни «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ», мавқее оғоз шуда буд, ки ҳанӯз 19 сол аз умри давлати Сомонӣ боқӣ буд ва агар Фирдавсӣ тақдими манзумаи худро ба подшоҳе лозим мешумурд, ногузир ба даргоҳи Оли Сомон, ки харидори ин гуна осор буданд, рӯй менамуд ва ба ҳар ҳол наметавонист дар он таърих ба даргоҳи султоне, ки ҳанӯз рӯи кор наёмада буд, биштобад. Маҳмуди туркзоди Ғазнавӣ на танҳо дар эҷоди «Шоҳнома»-и устоди Тӯс таъсире надошт, балки танҳо кори ӯ қасди қатли гӯяндаи он ба гуноҳи дӯст доштани нажоди эронӣ ва эътиқод ба ташайӯъ будаасту бас.

Итмоми аввалин нусхаи «Шоҳнома»: гуфтем, ки Фирдавсӣ муддате пеш аз ба даст овардани нусхаи «Шоҳнома»-и мансури Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Тӯсӣ дар даврони ҷавонӣ ва пеш аз чиҳилсолагӣ саргарми назми баъзе аз достонҳои қаҳрамонӣ буд то бинобар шарҳе, ки гузашт, дар ҳудуди соли 370-371 ҳиҷрӣ нусхаи «Шоҳнома»-и мансури Абӯмансурро ба ёрии яке аз дӯстони Тӯсии худ ба даст овард ва ба назми он ҳиммат гумошт ва пас аз сездаҳ ё чаҳордаҳ сол, дар соли 384, яъне даҳ сол пеш аз ошноӣ бо дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ онро ба поён расонид. Таърихи

мазкур дар порае аз нусахи қадими «Шоҳнома» дида мешавад. Масалан, дар як нусхаи «Шоҳнома»-и мавҷуд дар музеи Британиё дар Ландан. Таърихи хатми он чунин аст:

*Саромад кунун қиссаи Яздигурд,*
*Ба моҳи сифандормад, рӯзи ард.*
*Зи ҳиҷрат се сад солу ҳаштоду чор,*
*Ба номи ҷаҳондовари кирдигор.*

Ва дар як нусхаи дигар аз китобхонаи шаҳри Истразбург (Фаронса) таърихи хатми китоб бад-ин гуна аст:

*Гузашт аз он сол сесад шумор,*
*Бар ӯ бар фузун буд ҳаштоду чор.*

Ва дар тарҷумае, ки Фатҳ ибни Алии Бундории Исфаҳонӣ ба ҳудуди соли 620-624ҳ. (1223-1227м.) аз «Шоҳнома» ба арабӣ тартиб дод, боз таърихи хатми «Шоҳнома» соли 384 аст.

Муқоисаи тарҷумаи ал-Бундорӣ бо «Шоҳнома»-и маъмул ин нуктаро бар мо равшан мекунад, ки бисёре аз матолиби мавҷуд дар «Шоҳнома»-ҳои мутадовил дар он тарҷума мавҷуд нест ва аз ин ҷо дарёфта мешавад, ки нусхаи мавриди истифодаи ал-Бундорӣ кӯтоҳтар ва мухтасартар буд. Иллат он аст, ки Фирдавсӣ нахустин бор, ки «Шохнома»-ро ба назм дармеовард, аз «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» истифода кард, яъне аз китобе, ки хеле аз достонҳои изофӣ, ки Фирдавсӣ аз маохизи дигар ба даст оварда буд, дар он вуҷуд надошт, дуруст мисли китоби «Ғурару ахбори мулук-ул-Фурс»-и Саъолабӣ, ки маъхази асосии он ҳам ҳамон «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» буд.

Хатми дувумин нусхаи «Шоҳнома»: Дувумин нусхаи «Шоҳнома» маҳсули таҷдиди назари чандинсолаи Фирдавсӣ дар манзумаи худ ва афзоиши матолибе бар он аз маохизи дигар махсусан аз ахбори Рустам таълифи Озодсарв номест, ки дар авохири қарни савум ва авоили қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ мезистааст. Дар ҳоле, ки ин афзоишҳо бар нахустин нусхаи «Шоҳнома» сурат мегирифт, мавзӯи ошноии шоир бо уммоли Маҳмуди Ғазнавӣ ва дарбори он подшоҳи ҷаҳонҷӯй ҳам пеш омад. Ҳусули ин ошноӣ муқорин буд бо шасту панҷ ё шасту шаш солагии шоир, яъне соли 394 ё 395 (1004-1005м.) ва даҳ сол баъд аз хатми нусхаи аввали «Шоҳнома»-и манзум ва гӯё, ки ин иртибот ба василаи Абулаббоси Исфароинӣ, нахустин вазири Маҳмуд (азлу ҳабси ӯ дар соли 401ҳ. – 1011м. итти-

фоқ афтод) ва бародари султон, яъне Наср ибни Носируддини Сабуктегин (ваф. 412ҳ. – 1022м.) иттифоқ афтода бошад. То ин таърих, яъне то соли 394-395ҳ. (1004-1005м.) нахустин нусхаи манзуми «Шоҳнома» шӯҳрати бисёр ёфта буд ва толибон аз он нусхаҳо бардоштанд ва бо он ки падидоварандаи он шоҳкор ба пирӣ гароида буд ва тиҳидастӣ бар ӯ ниҳеб мезад, ҳеҷ як аз бузургону озодагони бодониш, ки аз манзумаи зебояш баҳраманд мешуданд, дар андешаи подоше барои он озодмарди бузургвор набуданд, дар ҳоле, ки ӯ ниёзманди ёрии онон буд ва мегуфт:

*Чу бигзашт сол аз барам шасту панҷ,*
*Фузун кардам андешаи дарду ранҷ.*
*Ба таърихи шоҳон ниёз омадам,*
*Ба пеш ахтари дерсоз омадам.*
*Бузургону бодониш озодагон,*
*Набиштанд яксар сухан ройгон.*
*Нишаста назора ман аз давраишон,*
*Ту гуфтӣ, ки будам пеш муздурашон.*
*Ҷуз аҳсант аз эшон набуд баҳраам,*
*Бикафт андар аҳсанташон заҳраам.*
*Сари бадраҳои куҳан баста шуд,*
*В-аз он банд равшан дилам хаста шуд.*

Дар чунин ҳоле буд, ки даллолони таблиғотии Маҳмуди туркзод ба андешаи истифода аз шӯҳрати деҳқонзодаи бузургвори Тӯс афтоданд ва ӯро ба силоти ҷазили Маҳмуд, ки барои густурдани ному овозаи худ ба шоирон медод, умедвор карданд ва бар он доштанд, ки «Шоҳнома»-и худро, ки то он ҳангом ба номи ҳеҷ кас набуд, ба исми ӯ даровармад. Ӯ низ пазируфт ва бад-ин тартиб яке аз зулмҳои фаромӯш ношудании таърих анҷом ёфт. Фирдавсӣ боз ба таҷдиди назар ва тартибу танзими ниҳоии «Шоҳнома» ва афзудани достонҳои навсуруда бар он ва гунҷонидани мадҳи Маҳмуди Ғазнавӣ дар мавориди мухталифе аз он пардохт ва нусхаи дувуми «Шоҳнома» дар соли 400 ё 401 ҳиҷрӣ омодаи тақдим ба дастгоҳи раёсат ва салтанати Маҳмудӣ шуд ва Фирдавсӣ аз иртикоби ин иштибоҳ он дид, ки мебоист!

Ихтилоф бо Маҳмуд ва фирор аз Ғазнин: Пас аз хатми «Шоҳнома» чунонки Низомии Арӯзӣ гуфтааст, Алии Дайламӣ онро дар ҳафт муҷаллад навишт ва Фирдавсӣ онро аз Тӯс ба Ғазнин бурд ва ба Маҳмуд тақдим кард ва хилофи интизоре, ки дошт, маҳалли таваҷҷӯҳ ва муҳаббати подшоҳи Ғазнин қарор нагирифт ва бо он ки

бинобар риоёти мухталиф подшоҳи Ғазнавӣ тааҳҳуд карда буд, ки дар баробари ҳар байт як динор бад-ӯ диҳад, ба ҷои динор дирҳам дод ва ин кор мояи хашми деҳқони бузургманиши Тӯс гашт, чунонки бинобар ҳамон ривоёт ҳамаи дароҳими Маҳмудро ба ҳаммомӣ ва фуқоӣ бахшид! Илали ихтилофи Фирдавсӣ ва Маҳмуд бисёр сахт ва муҳимтарини онҳо ихтилофи назари он ду бар сари масоили сиёсӣ ва нажодиву динист. Фирдавсӣ монанди ҳамаи эрониёни асили он рӯзгор ба сиёсати нажодӣ, ки пеш аз ин шарҳ додаем, мӯътакид буд ва ин маънӣ аз номаи Рустами Фаррухзод, ки дар поёни ин мақол накл хоҳад шуд, ба некӣ бармеояд. Илова бар ин ӯ дар «Шоҳнома» борҳо ба туркон тохта буд ва ҳол он ки Маҳмуд турկзода буд ва сардорону ҳоҷибони ӯ ҳама туркон буданд ва ӯву фарзандонаш фақат бо «тоҷикон» ба порсӣ сухан мегуфтанд ва бо ин аҳвол табъан таҳаммули дашномҳои Фирдавсӣ ба обову аҷдоди ӯ бароя душвор буд. Бадтар аз ҳамаи инҳо Фирдавсӣ шиъӣ буд ва монанди ҳамаи шиъиён дар усули дин ба мӯътазилиён наздикӣ дошт ва болотар аз инҳо машраби фалсафии ӯ ҳам аз ҷой-ҷои «Шоҳнома» ошкор аст. Аммо Маҳмуд душмани ҳар шиъӣ ва кушандаву бар дор кунандаи ҳар мӯътазилӣ ва ҳар фалсафимашраб буд. Ӯ суннии мутаассиб ва карромии хушки хомандеше буд ва фақат бо хомандешоне, ки бар гирди ӯ забон ба таъйиди аъмолаш дар Хуросону Рай ва Ҳиндустон мекушуданд, сари созгорӣ дошт, на бо озодмарди дурустандеши озодфикре чун Фирдавсӣ, ки аз пушти озодагону бузургон омада буд. Ба ҳар ҳол Фирдавсӣ ногаҳон ҳарбаи такфирро болои сари худ дид ва таҳдид шуд, ки ба ҷурми илҳод дар зери пои пилон соида хоҳад шуд. Пас, ногузир аз доми бало гурехт ва аз Ғазнин ба Ҳирот рафт ва ба Исмоили Варроқ, падари Азрақии шоир паноҳ бурд ва шаш моҳ дар хонаи он озодмард пинҳон буд, то толибони Маҳмуд ба Тӯс расиданд ва бозгаштанд ва чун Фирдавсӣ эмин шуд, аз Ҳирот ба Тӯс ва аз он ҷо ба Табаристон назди подшоҳи шиъимазҳаби Бовандии он диёр ба номи сипаҳбади Шаҳриёр рафт ва бад-ӯ гуфт, ки дар ин «Шоҳнома» ҳама сухан аз ниёгони бузурги ту меравад. Биг-зор то онро ба номи ту кунам. лекин ӯ, ки аз бими теғи Маҳмуд ларзон буд, бад-ин кор тан дарнадод. Аз Фирдавсӣ хоҳиш кард, то сад байт ҳаҷвномаи Маҳмудро, ки бар оғози «Шоҳнома» афзуда ва дар он ба илали аҳдшикании «парасторзода»-и Ғазнавӣ ишора карда буд, ба сад ҳазор дирҳам бад-ӯ вогузорад, то ба об бишӯяд. Фирдавсӣ низ чунин кард, аммо он ҳаҷвнома хилофи он чи бархе пиндоштанд, ба тамомӣ аз миён нарафт, зеро баъид нест, ки Фирдавсӣ онро пеш аз рафтан ба Табаристон мунташир карда буда бошад.

Баъд аз ин ҳаводис Фирдавсӣ аз Табаристон ба Хуросон бозгашт ва охирин солҳои навмедӣ ва нокомии худро ба таҷдиди назарҳои ниҳоӣ дар «Шоҳнома» ва баъзе афзоишҳо бар абёти он гузаронид, то ба соли 411 ҳаҷрӣ (1021м.) дар зодгоҳи худ Бож даргузашт ва дар боғе, ки мулки ӯ буд, мадфун гардид. Ҳамон ҷо, ки акнун мазори ӯст.

Ба Фирдавсӣ ғайр аз «Шоҳнома» чанд байте аз китъаву ғазал ва амсоли онҳо ва низ манзумаи «Юсуф ва Зулайхо» ба баҳри мутақориб, ки ба табъ низ расидааст, нисбат дода шудааст ва ин манзумаи ахир мусалламан аз Фирдавсӣ нест ва далоили батлони ин интисоб дар асли ин китоб ба тафсил омадааст. Ҳамин қадар бояд бидонем, ки манзумаи мазкурро яке аз дарбориёни Туғоншоҳ ибни Алп Арслони Салҷуқӣ чандин сол баъд аз марги Фирдавсӣ дар Ҳирот сохта ва ба он подшоҳзода тақдим кардааст.

Ва аммо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мутазаммини таърихи достонии Эрон аст. Решаҳои ривоёти он аз Авасто, хусусан аз яштҳо ва ясноҳо оғоз шуд ва бо ривоёти диниву таърихии давраҳои ашконӣ ва Сосонӣ такомул ёфта, ба давраи исломӣ кашид ва сипас аз нимаи дувуми қарни савум дар «Шоҳнома»-ҳои мансур ва румонҳои қаҳрамонӣ тадвин шуда ба даврони ҳаёти Фирдавсӣ расид ва барои он ки асолати ривоёти Фирдавсиро дар «Шоҳнома»-и ӯ бишиносем, бояд ба қисмати наср аз ҳамин давра, хоса он ҷо, ки аз «Шоҳнома»-ҳои мансур ва аз ривоёти қаҳрамониву миллии мактуб сухан гуфтаем, мурочиа шавад.

«Шоҳнома» чи аз ҳайси ҳифзи ривоёти куҳани миллӣ ва чи аз лиҳози таъсири шадиди он дар нигаҳбонии забони порсии дарӣ бузургтарин сармояи фарҳанги миллии мост ва беҳуда нест, ки онро «Қуръони Аҷам» ном ниҳодаанд. Андешаҳову андарзҳо ва ҳикматҳои ниёгони мо ва роҳу расми онон дар дифоъ аз обу хоки худ ва ҷонфишонияшон дар муҳофизати марзҳои Эрон аз душманону муҳоҷимон ҳама дар ин асари азими эъҷобангез, ки мақрун ба фасоҳате мӯъҷизаомез аст, дарҷ шуда ва иҷтимои ин сифот онро ба дараҷае расонидааст, ки муҳаққиқони ҷаҳон дар радифи бузургтарин ҳамосаҳои миллии ҷаҳонаш даровардаанд.

Дар бораи ин асари ҷовидонӣ таҳқиқоту мутолиоти мутааддиде ба забони форсӣ ва бисёре аз забонҳои зиндаи олам шуда ва чандин тарҷума аз он ба забонҳои мухталиф аз арабиву туркӣ гирифта то забонҳои урупоӣ тартиб ёфтааст.

Забони Фирдавсӣ дар баёни афкори мухталиф содаву равон ва дар ҳамон ҳол ба ниҳоят ҷазлу матин аст ва баёни мақсуд дар «Шоҳнома» одатан ба содагӣ ва бидуни таваҷҷӯҳ ба саноеи лафзӣ

сурат мегирад, зеро улувви табъ ва камоли маҳорати гӯянда ба драҷаест, ки тасаннӯъро мағлуби равонӣ ва инсиҷом мекунад ва агар ҳам шоир гоҳ ба саноеи лафзӣ таваҷҷӯҳ карда бошад, қудрати баён ва шевоиву равонии он хонандаро мутаваҷҷеҳи он саноеъ наменамояд. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки Фирдавсӣ дар айни содагӣ ва равонии калом ба интихоби алфози фасеҳу зебо ҳам алоқаманд аст ва ба ҳамин сабаб суханаш дар як ҳол ҳам сода аст ва ҳам мунтахаб, ҳам равон аст ва ҳам ҳисобшудаву дақиқ, чунонки равонтар аз он наметавон гуфт ва баргузидатар аз он наметавон овард ва чунин суханест, ки сифати «саҳли мумтанеъ» ба он медиҳанд. Беҳуда нест, ки Низомии Арӯзӣ, ки худ марде суханшинос буд, дар бораи каломи устоди Тӯс гуфтааст: «Алҳақ ҳеҷ боқӣ нагзошт ва суханро ба осмони алиййин бурд ва дар узубат ба мои маъин расонид» ва боз фармудааст: «Ман дар Аҷам сухане ба ин фасоҳат намебинам ва дар бисёре аз сухани араб ҳам».

Интихоби шеър аз китобе, ки саропо мақрун ба фасоҳату зебоист, душвор аст, пас дар ин ҷо ба нақли «Номаи Рустами Фаррухзод» иктифо мешавад, ки аз майдони ҷанги *Кодисия ба бародараш* навишта буд ва муштамил аст бар тавзеҳоти равшане дар бораи вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва динии Эрон дар оғози қарни панҷум. Мусалламан назарҳо ва афкори муаллифони «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» дар интиқод аз вазъи ошуфтае, ки бар асари тасаллути тозиён ва ғалабаи ғуломони турк ва туркзодони аморатҷӯй дар поёни қарни чаҳорум падид омада буд, дар ин санади бисёр бузурги таърихӣ муассир будааст:

*Биёвард суллобу ахтар гирифт,*
*Зи рӯзи бало даст бар сар гирифт.*
*Яке нома сӯи бародар ба дард,*
*Набишту суханҳо ҳама ёд кард.*
*Нахуст офарин кард бар кирдигор,*
*К-аз ӯяст неку бади рӯзгор.*
*Дигар гуфт, к-аз гардиши осмон,*
*Пажӯҳанда мардум шавад бадгумон.*
*Гунаҳкортар дар замона манам,*
*Азеро гирифтори Аҳриманам.*
*Ки ин хона аз подшоҳӣ тиҳист,*
*На ҳангоми пирӯзиву фарраҳист.*
*Зи чорум ҳаме бингарад офтоб,*
*Ба ҷанги бузургон-ш ояд шитоб.*

*Зи Баҳрому Зуҳра-ст моро газанд,*
*Нашояд гузаштан зи чархи баланд.*
*Ҳамон Тиру Кайвон баробар шудаст,*
*Аторуд ба бурҷи ду пайкар шудаст.*
*Чунин асту коре бузург аст пеш,*
*Ҳаме сер гардад дил аз ҷони хеш.*
*Ҳама буданиҳо бубинам ҳаме,*
*В-аз он хомӯшӣ баргузинам ҳаме.*
*Чу огоҳ гаштам аз ин рози чарх,*
*Ки моро аз ӯ нест ҷуз ранҷ барх.*
*Ба эрониён зору гирён шудам,*
*Зи Сосониён низ бирён шудам.*
*Дарег он сару тоҷу аврангу тахт,*
*Дарег он бузургиву он фарру бахт.*
*К-аз ин пас шикаст ояд аз тозиён,*
*Ситора нагардад магар бар зиён.*
*Бад-ин солиён чорсад бигзарад,*
*К-аз ин тухма гетӣ касе наспарад.*
*Надонад касе рози гардон сипеҳр,*
*Дигаргуна гаштаст бо мо ба чеҳр.*
*Чу нома бихонӣ ту бо меҳтарон,*
*Барандозу барсоз лашкар равон.*
*Ҳама гирд кун хоста ҳар чи ҳает,*
*Парастандаву ҷомаҳои нишаст.*
*Ҳаметоз то Озарободагон,*
*Ба ҷои бузургону озодагон.*
*Зи Зобулситон гар зи Эронсипоҳ,*
*Ҳар он кас, ки оянд зинҳорхоҳ.*
*Бидору ба пӯзиш биёрой меҳр,*
*Нигаҳ кун бад-ин кори гардонсипеҳр.*
*К-аз ӯ шодмонему з-ӯ пурниҳеб,*
*Замоне фарозу замоне нишеб.*
*Сухан ҳар чи гуфтам, ба модар бигӯй,*
*Набинад ҳамоно маро низ рӯй.*
*Дурудаш деҳ аз мову бисёр панд,*
*Бад-он то набошад ба гетӣ нажанд.*
*В-ар аз ман бадогоҳӣ орад касе,*
*Мабош андарин кор ғамгин басе.*
*Чунон дон, ки андар сарои сипанҷ,*
*Касе, к-ӯ ниҳад ганҷ бо дастранҷ.*

*Зи ганҷи ҷаҳон ранҷ пеш оварад,*
*Аз он ранҷи ӯ дигаре бар хурад.*
*Ҳамеша ба яздон ситоиш кунед,*
*Ҷаҳонофаринро ниёиш кунед.*
*Ки ман бо сипоҳе ба сахтӣ дарам,*
*Ба ранҷу ғаму шӯрбахтӣ дарам.*
*Раҳоӣ наёбам саранҷом аз ин,*
*Хушо боди нӯшини Эронзамин.*
*Чу гетӣ шавад танг бар шаҳриёр,*
*Ту ганҷи тану ҷон гиромӣ мадор.*
*К-аз он тухмаи номдор арҷманд,*
*Намондаст ҷуз шаҳриёри баланд.*
*Нигаҳ дор ӯро ба рӯзу ба шаб,*
*Ки то чун бувад кори ман бо араб.*
*Зи кӯшиш макун эҷ сустӣ ба кор,*
*Ба гетӣ ҷуз ӯ нест парвардигор.*
*Зи Сосониён ёдгор асту бас,*
*К-аз ин пас набинад аз ин тухма кас.*
*Дареғ он сару тоҷу он меҳру дод,*
*Ки хоҳад шудан тахти шоҳӣ ба бод.*
*Ту бадруд бошу беозор бош,*
*Ҳамеша ба пеши ҷаҳондор бош.*
*Гар ӯро бад ояд, ту сар пеши ӯй,*
*Ба шамшер биспору ёва магӯй.*
*Чу бо тахт минбар баробар шавад,*
*Ҳама ном Бӯбакру Уммар шавад.*
*Табаҳ гардад ин ранҷҳои дароз,*
*Нишебӣ дароз аст пеши фароз.*
*На тахту на дайҳим бинӣ на шаҳр,*
*Зи ахтар ҳама тозиёнрост баҳр.*
*Чу рӯз андар ояд ба рӯзи дароз,*
*Шавадшон сар аз хоста бениёз.*
*Бипӯшанд аз эшон гурӯҳе сиёҳ,*
*Зи дебо ниҳанд аз бари сар кулоҳ.*
*На тахту на тоҷу на заррина кафш,*
*На гавҳар, на афсар, на рахшон дирафш.*
*Биранҷад яке, дигаре бар хурад,*
*Ба доду ба бахшиш касе нангарад.*
*Шитобон ҳама рӯзу шаб дигар аст,*
*Камар бар миёну кулаҳ бар сар аст.*

*Зи паймон бигардандý аз ростӣ,*
*Гиромӣ шавад кажживу костӣ.*
*Пиёда шавад мардуми размҷӯй,*
*Савор он ки лоф ораду гуфтугӯй.*
*Кишоварзу ҷангӣ шавад беҳунар,*
*Нажоду бузургӣ наёяд ба бар.*
*Рабояд ҳаме ин аз он, он аз ин,*
*Зи нафрин надонанд боз офарин.*
*Ниҳонӣ батар з-ошкоро шавад,*
*Дили мардумон санги хоро шавад.*
*Бадандеш гардад падар бар писар,*
*Писар ҳамчунин бар падар чорагар.*
*Шавад бандаи беҳунар шаҳриёр,*
*Нажоду бузургӣ наёяд ба кор.*
*Ба гетӣ намонад касеро вафо,*
*Равону забонҳо шавад пурҷафо.*
*Аз Эрону аз турку аз тозиён,*
*Нажоде падид ояд андар миён.*
*На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,*
*Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.*
*Ҳама ганҷҳо зери доман ниҳанд,*
*Бикӯшанду кӯшиш ба душман диҳанд.*
*Чунон фош гардад ғаму ранҷу шӯр,*
*Ки ромиш ба ҳангоми Баҳроми Гӯр.*
*На ҷашну на ромиш, на гавҳар, на ном,*
*Ба кӯшиш зи ҳар гуна созанд дом.*
*Зиёни касон аз паи суди хеш,*
*Биҷӯянду дин андар оранд пеш.*
*Набошад баҳор аз зимистон падид,*
*Наёранд ҳангоми ромиш набид.*
*Ба пешиву бешӣ надоранд ҳуш,*
*Хӯриш нони кашкину пашминапӯш.*
*Чу бисёр з-ин достон бигзарад,*
*Касе сӯи озодагон нангарад.*
*Бирезанд хун аз паи хоста,*
*Шавад рӯзгори бад ороста.*
*Дили ман пур аз хун шуду рӯй зард,*
*Даҳон хушку лабҳо пур аз боди сард.*
*Ки то ман шудам паҳлавон аз миён,*
*Чунин тира шуд бахти Сосониён.*

*Чунин бевафо гашт гардон сипеҳр,*
*Дижам гашту аз мо бибрид меҳр.*
*Агар найза бар кӯҳи Қоран занам,*
*Гузора кунам, з-онки рӯинтанам.*
*Кунун тиру пайкони оҳангу зор,*
*Ҳаме бар бараҳна наёяд ба кор.*
*Ҳамон теғ, к-он гардани пилу шер,*
*Фигандӣ ба захм андар овард зер.*
*Набуррад ҳаме пӯст бар тозиён,*
*Зи дониш зиён омадам бар зиён.*
*Маро кошкӣ гар хирад нестӣ,*
*К-аз огоҳии рӯзи бад нестӣ.*
*Бузургон, ки дар Қодисӣ бо мананд,*
*Дуруштанду бо тозиён душмананд.*
*Гумонанд, к-ин беша пурхун шавад,*
*Зи душман замин рӯди Ҷайҳун шавад.*
*Зи рози сипеҳрӣ кас огоҳ нест,*
*Надонанд, к-ин ранҷ кӯтоҳ нест.*
*Чу бар тухмае бигзарад рӯзгор,*
*Чи судояд аз ранҷу аз корзор.*
*Туро, эй бародар, тан обод бод,*
*Дили шоҳи Эрон ба ту шод бод.*

## 11. ФАРРУХИИ СИИСТОНӢ

Абулҳасан Алӣ ибни Ҷулуғ Фаррухии Сиистонӣ шоири бузурги авохири қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷуми ҳиҷрӣ ва аз ҷумлаи саромадони сухан дар тамоми адвори адаби форсист. Дар бораи ибтидои аҳволаш иттилооти мубҳам ва ноқисе дар даст аст. Гӯё падараш аз хидматгузорони Халаф ибни Аҳмад, охирин подшоҳи Саффории Сиистон буд, ки бисоти ҳукуматаш дар соли 393ҳ. (1003м.) ба дасти Маҳмуди Ғазнавӣ барчида шуд ва Фаррухӣ, ки дар оғози ҷавонӣ фурсати касби иттилооте аз адаби форсӣ ва озмоиши табъи худ дар шеър ёфта буд, муддате аз зиндагониро ба хидмати яке аз деҳқонони Сиистон гузаронид ва дар ҳамон ҳол суроғи бореро мегирифт, ки харидори шеъри ӯ бошад, то саранҷом ба дар-Чағониён рӯй ниҳод ва хидмати амир Абулмузаффари Чағонӣ аз машоҳири умарои Оли Мӯҳточро ихтиёр кард ва ӯро дар қасоиди бисёр машҳур ва зебое сутуд ва баъд аз он ба хидмати Маҳмуди Ғазнавӣ, ки дар он замон қудрату шӯҳрати бисёре ҳосил карда буд,

даромад ва то поёни умр дар дарбори Ғазнавӣ монд ва Маҳмуд (ваф. 421ҳ. – 1031м.) ва писараш Муҳаммаду Масъуд (421-432ҳ. – 1031-1041м.) ва бародарони Маҳмуд Наср ибни Сабуктегин (ваф. 412ҳ. – 1022м.) ва амир Юсуф ибни Сабуктегин (ваф. 423ҳ. – 1032м.) ва вузарои дарбори Ғазнавӣ ва ричоли дигари он дастгоҳро мадҳ гуфт, то ба соли 429 (1038м.) даргузашт.

Фаррухӣ яке аз беҳтарин шоирони қасидасарои форсист. Суханонаш дар миёни қасидагӯён ба содагиву равонӣ ва истеҳкому матонат мумтоз аст. Вай дар истифода аз афкору эҳсосоти оддӣ ва баёни онҳо ба забони содаву равшан ва равон чандон маҳорат ба кор бурда, ки аз ин ҳайс дуруст ҳамонанди Саъдӣ, шоири бузурги ду қарну ним баъд аз худ аст, яъне ҳамон содагӣ ва лутфи завқ ва риққати эҳсосоту ширинии баёнро, ки Саъдӣ дар миёни ғазалсароён дорад, Фаррухӣ дар миёни қасидагӯён дорост ва чунонки гуфтаанд, сухани саҳли мумтанеъ дар арабӣ хоси Абуфирос ал-Ҳамадонӣ (ваф. 357ҳ. – 968м.) ва дар форсӣ вижаи Фаррухӣ буд.

Тағаззулҳои Фаррухӣ аз ҳайси иштимол бар маъонии бадеи ишқӣ ва эҳсосоту авотифи бепирояи шоир, ки гоҳ бе парда изҳор шуда, машҳур аст ва ӯ дар ин тағаззулҳо анвои эҳсосотеро, ки бар ошиқ дар аҳволи мухталиф даст медиҳад, баён дошта ва дар мадҳ низ қудрати халлоқаи худро дар авсофи роеъи мамдӯҳон ба кор андохтааст. Ҳама чо аз сухани ӯ чирадастӣ дар васф ошкор аст ва дар анвои тавсифҳои ӯ аз қабили авсофи табиату маъошиқ ва мамдӯҳону аъмоли онҳо ва майдонҳои чанг ва назоири инҳо осори ин маҳорат дида мешавад. Шӯхтабъии шоир ва густохии ӯ дар баробари мамдӯҳони хеш низ равнақе хос ба ашъораш бахшидааст. Ғазалҳои Фаррухӣ ҳам дар миёни ғазалҳои замони ӯ холӣ аз латофат нест. Девонаш дар ҳудуди нӯҳ ҳазор байт аст ва ба табъ расида. Аз абёти машҳури ӯст:

*Хостам аз лаъли ӯ ду бӯсаву гуфтам*
*Тарбияте кун ба оби лутф хасеро.*
*Гуфт: яке бас буду гар ду ситонӣ,*
*Фитна шавӣ, озмудаем басеро.*
*Умри дубора аст бӯсаи ману ҳаргиз,*
*Умри дубора нададанд касеро.*

*Дили мардум ба накӯӣ битавон бурд аз роҳ,*
*Бар накӯкорӣ ҳаргиз накунад халқ зиён.*
*Мардумонро хираду ақл бад-он дод худой,*
*То бидонанд бад аз неку суруд аз Қуръон.*

*Неку бад ҳар ду тавон кард, лекин суханест,*
*Нек душвор тавон кардану бад сахт осон.*
*Ту ҳаме ранҷ ниҳӣ бар тан, то ҳар чи кунӣ,*
*Ҳама неку бувад, аҳсанту зеҳ, эй некӯдон.*

*Шарафу қимату қадри ту ба фазлу ҳунар аст,*
*Ни ба дидору ба динору ба суду ба зиён.*
*Ҳар бузургеро, ки ба фазлу ба ҳунар гашт бузург,*
*Нашавад хурд ба бад гуфтани беҳмону фалон.*
*Гарчи бисёр бимонад ба ниём андар тег,*
*Нашавад кунду нагардад ҳунари тег ниҳон.*
*В-арчи аз чашм ниҳон гардад моҳ андар мег,*
*Нашавад тираву афрӯхта бошад ба миён.*
*Шер ҳам шер бувад, гарчи ба занҷир бувад,*
*Набарад банду қалода шарафи шери жаён.*
*Боз ҳам боз бувад, гарчи, ки ӯ баста бувад,*
*Шарафи бозӣ аз боз фигандан натавон.*

*Сари зулфи ту на мушк аст ба мушки ноб монад,*
*Рухи равшани ту, эй дӯст, ба офтоб монад.*
*Ҳама шаб зи ғам нахусбам, ки нахуспад он ки ошиқ*
*Манам он касе, ки бедории ман ба хоб монад.*
*Зи фироқи рӯю мӯи ту зи дида хун чаконам,*
*Аҷабаст сахт хуне, ки ба равшан об монад.*
*Сари зулфро матобон, сари зулфро чи тобӣ,*
*Ки дар он ду зулф нотофтагӣ ба тоб монад.*
*Ту ба офтоб монӣ в-аз ишқи рӯи хубат,*
*Рухи ошиқи ту, эй дӯст, ба маҳтоб монад.*

## 12. УНСУРӢ

Устод Абулқосим Ҳасан ибни Аҳмад Унсурии Балхӣ саромади суханварони порсӣ дар дарбори Маҳмуд ва Масъуди Ғазнавӣ ва устоди мутлақ дар мадҳу ғазал баъд аз Рӯдакӣ то замони хеш аст. Аз оғози ҳаёташ иттилои равшане дар даст нест, ҷуз он ки медонем, ки аз хонадоне мутамаккин бархоста ва дар айни танаъъум ба шеъру адаб рӯй карда ва дар ин фан шогирдии Абулфараҷи Сагзӣ, шоири авохири қарни чаҳорум ва маддоҳии Симҷӯриёнро ихтиёр намуда ва илова бар шеъру адаб ва улуми авоил низ баҳрае андухта буд. Замони булуғи Унсурӣ дар шеър мусодиф буд бо оғози давраи қудрату

шӯхрати Маҳмуди Ғазнавӣ ва ҳукумати бародараш Наср ибни Носируддини Сабуктегин дар Хуросон ва ба василаи ҳамин Наср ибни Носируддин буд, ки Унсурӣ ба дарбори султон Маҳмуд муаррифӣ шуд ва дар хидмати султони Ғазна тақарруб ёфт ва ба сабаби ин қидмат ва собиқаи хидмат ва низ аз он ҷо, ки муаррифи ӯ бародари султон буд, бар шоирони дигар тақаддум ҳосил кард ва дар назди султон тақарруб ёфт ва дар шумори нудамои ӯ даромад ва аз силоти вофири Маҳмуд сарвати фаровоне ба чанг овард, чунонки ба молу неъмати бисёр дар миёни шоирони баъд аз худ машҳур буд. Хоқонӣ дар бораи ӯ гуфтааст:

*Бале, шоире буд соҳибқирон,*
*Зи мамдӯҳи соҳибқирон Унсурӣ.*
*Зи маъшуқи некӯву мамдӯҳи нек,*
*Ғазалгӯ шуду мадҳхон Унсурӣ.*
*Ба даври карам бахшише нек дид,*
*Зи Маҳмуди кишварситон Унсурӣ.*
*Ба даҳ байт сад бадраву барда ёфт,*
*Зи як фатҳи Ҳиндустон Унсурӣ.*
*Шунидам, ки аз нуқра зад дегдон,*
*Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.*

Унсурӣ дар ғолиби сафарҳои Маҳмуд бо ӯ ҳамроҳ буд ва мамдӯҳи аслии ӯ ҳамин подшоҳ аст ва пас аз ӯ дар хидмати писараш Масъуд низ ҳамон тақарруб ва мақомро ҳифз кард ва ӯро мадҳ гуфт. Ва илова бар ин ду подшоҳ Наср ибни Носируддин Сабуктегинро низ дар қасоиди ғаррои худ сутуд. Вафоти ӯро дар соли 431 навиштаанд.

Ин шоири устод, чунонки аз ашъори ӯ ошкор аст, марде баландҳиммату бузургманиш буд ва бо он ки қасоиди худро ба мадҳ ихтисос дода, дар онҳо гоҳ ба баёни мазомини ахлоқӣ низ таваҷҷӯҳ намудааст. Виқору матонати устод ҳатто дар тағаззулҳо ва ғазалҳои ӯ ошкор аст.

Девони Унсуриро қариб се ҳазор байт навиштаанд ва он чи имрӯз аз ашъори ӯ дар маохизи мухталиф ва дар нусахи девонаш мавҷуд аст, андаке аз ду ҳазор байт таҷовуз мекунад ва муштамил аст бар қасоид ва чанд ғазалу рубоӣ ва абёти парокандае аз маснавиҳояш. Вай ғайр аз девонаш маснавиҳое низ дошт ба номи «Шодбахр ва Айнулҳаёт» ва «Вомиқу Узро» ва «Хингбут ва Сурхбут». Ин маснавиҳо ҷуз қисмате аз «Вомиқ ва Узро», ки ба баҳри мутақориб сохта шудааст, дар даст нест.

Унсурӣ шоире тавоно ва ҳунарманд буд. Дар баёни маъонии дақиқу хаёлоти борик маҳорат дошт ва камтар байти ӯст, ки аз мазмуне нав холӣ бошад. Аз хасоиси шеъри ӯ вуҷуди фикри мантиқӣ дар он аст, мунтаҳӣ дар ин ҷо қиёсоти мунтаҷҷа мубтанист бар муқаддимоти муваҳҳама ва истидлоли устувор аст бар мабонӣ ва аҷзои хаёлӣ, ки шоир бо маҳорат аз онҳо барои баёни мақосиди шеърии худ истифода намудааст ва ҳамин истинтоҷҳо ғолибан ба абёти Унсурӣ ва махсусан мисроъҳои охири ӯ сурати масали соир додааст. Унсурӣ аз ҷумлаи нахустин шоиронест, ки ба истифода аз афкору истилоҳоти илмӣ, аз тариқи омезиши онҳо бо тахайюлоти шоирона ва гоҳе бидуни тасарруфе дар онҳо, истифода кардааст ва ба ҳамин сабаб ва низ ба иллати диққати хаёлу борикии андеша ва саъйи ӯ дар эроди мазомини наву ибдоъӣ фаҳми ашъораш то ҳадде душвор шуда ва аз ин роҳ дар нусахи девони ӯ ғалатҳои бисёр роҳ ёфтааст. Аз ашъори ӯст:

*Миёни зоғи сиёҳу миёни бози сапед,*
*Шунидаам зи ҳакиме ҳикояте дилбар.*
*Ба боз гуфт ҳаме зоғ ҳар ду ёронем,*
*Ки ҳар ду мурғем аз ҷинсу асли якдигар.*
*Ҷавоб дод, ки мурғем ҷуз ба ҷои ҳунар*
*Миёни табъи ману ту миёнаест магар.*
*Хуранд аз он ки бимонад зи ман мулуки замин,*
*Ту аз палидиву мурдор пур кунӣ жоғар.*
*Маро нишаст ба дасти мулуку дайру сарост,*
*Туро нишаст ба вайронаву сутудон бар.*
*Зи роҳат аст маро рангу ранги ту зи азоб,*
*Ки ман нишона зи маъруфаму ту аз мункар.*
*Мулук майл сӯи ман кунанду сӯи ту на,*
*Ки майли хайр ба хайр асту майли шар сӯи шар.*

*Аҷаб мадор, ки номард мардӣ омӯзад,*
*Аз он хуҷаста русуму аз он сутуда сияр.*
*Ба чанд гоҳ диҳад бӯи анбар он ҷома,*
*Ки чанд рӯз бимонд ниҳода бо анбар.*
*Диле, ки ромиш ҷӯяд, наёбад он దониш,*
*Саре, ки болиш ҷӯяд, наёбад он афсар.*
*Чу шуд ба дарё оби равону кард қарор,*
*Табоҳу бемазаву талх гардаду бебар.*
*Зи баъди он ки сафар кард, чун фуруд ояд,*
*Ба лутфи рух фуруд ояду ба таъми шакар.*

*Сада чашни мулуки номдор аст,*
*Зи Афридуну аз Чам ёдгор аст.*
*Замин имшаб ту гӯи кӯҳи Тур аст,*
*К-аз ӯ нури тачаллӣ ошкор аст.*
*Гар ин рӯзаст, шаб хондаш набояд,*
*В-агар шаб рӯз шуд, хуш рӯзгор аст.*
*Ҳамоно, к-ин диёр андар биҳишт аст,*
*Ки бас пурнуру рӯҳонӣ диёр аст.*
*Фалакро бо замин анбозие ҳаст,*
*Ки ваҳми ҳар ду тан дар як шумор аст.*
*Ҳама ачроми он аркони нур аст,*
*Ҳама ачсоми ин ачзои нор аст.*
*Агар на кони бечода-ст гардун,*
*Чаро боди ҳаво бечодабор аст.*
*Чи чиз аст он дарахти рӯшноӣ,*
*Ки баргаш аслу шохаш сад ҳазор аст.*
*Гаҳе сарви баланд асту гаҳе боз,*
*Ақиқин гунбади заррин нигор аст.*
*В-ар эдун, к-ӯ ба сурат равшан омад,*
*Чаро тиравашу ҳамранги қор аст.*
*Гар аз фасли зимистон аст Баҳман,*
*Чаро имшаб чаҳон чун лолазор аст.*
*Ба лола монад ин, лекин на лола-ст,*
*Шарори оташи Намруду нор аст...*

*Аз мушк ҳисори гули худрӯй ки дид,*
*Бар гул хатте зи мушки хушбӯй ки дид.*
*Гулрӯй буте бо дили чун рӯй ки дид,*
*Бар пушти замин низ чунон рӯй ки дид.*

*Дар ишқи ту кас пой надорад чун ман,*
*Бар шӯра касе тухм накорад чуз ман.*
*Бо душману бо дӯст бадат мегӯям,*
*То ҳеч касат дӯст надорад чуз ман.*

## 13. ҒАЗОИРӢ

Муҳаммад ибни Алӣ Ғазоирии Розӣ аз шоирони бузурги Ироқ ва аз маддоҳони умарои ахири Дайламӣ дар Рай ва ситоишгари султон Яминуддавла Маҳмуди Ғазнавист. Лақаби шоирии ӯро Ғазоирӣ ва Ғазорӣ ҳар ду навиштаанд ва ин сурати дувумро фақат Манучеҳрӣ

дар шеъри худ ба кор бурдааст, зеро Манучеҳрӣ марде арабидон буд ва медонист, ки нисбат ба «ғазора» (яъне гиле, ки бад-он сафол созанд), ғазорист, на ғазоирӣ. Аммо шоир худ лақаби шоирии худро Ғазоирӣ оварда ва роҳи ҳар гуна баҳсу эродро бар аҳли чуну чаро бастааст.

Ибтидои даврони шоирии ӯ дар маддоҳии Дайламиёни Рай гузашт ва ин айём мусодиф буд бо давраи иқтидори Маҳмуди Ғазнавӣ ва алоқаи ӯ бо пешрафтҳои низомӣ дар ҷониби Рай ва дигар билоди Ироқ ва ба ҳамин сабаб султони Ғазна амволи касир дар ин навоҳӣ, хоса дар Рай сарф мекард, то ашъори шоиронро барои густурдани ному овозаи худ харидорӣ кунад. Дар ин миён қуръаи фол ба номи Ғазоирӣ зада шуд ва ашъори ӯ дар дарбори султони Ғазна мақбули тибоъ афтод, чунонки бо бадраҳои динор ӯро тавонгарӣ бахшид, то ба ҷое, ки аз касрати мол изҳори малолат кард ва қасидаи ломияи маъруфи худро дар ҳамин боб ба матлаи зайл аз Рай ба Ғазнин фиристод:

*Агар камол ба ҷоҳ андар асту ҷоҳ ба мол,*
*Маро бубин, ки бубинӣ камолро ба камол.*

Бо таваҷҷӯҳ ба ишороти шоир қадимтарин таърихи иртиботи ӯ бо дарбори Маҳмуд марбут мешавад ба соли фатҳи Норийин дар Ҳинд ба соли 400 ҳиҷрӣ (1010м.), ки Ғазоирӣ дар таҳнияти он фатҳ ду бадраи зар аз султони Ғазна ситонд:

*Ду бадра зар гирифтам ба фатҳи Норийин,*
*Ба фатҳи Румия сад бадра гираму хартол.*

Ва баъд аз он таърих робитаи шеърии ӯ бо дарбори султон Маҳмуди Ғазнавӣ ҳамвора имтидод дошт ва шоир қасоиди мадҳии худро аз Рай ба Ғазнин мефиристод, бе он ки сафаре ба шаҳри ахир карда бошад. Таърихи вафоти ӯро соли 426ҳ. (1035м.) навиштаанд ва бинобар ин ӯ шоҳиди фатҳи Рай ва куштори шиъиёну фалсафимашрабони он диёр ба ҳукми Маҳмуди Ғазнавӣ буд. Аз ашъори ӯст:

*Ҷоми май овард бомдоду ба ман дод,*
*Он ки маро бо лабон-ш кор фитодаст.*
*Гуфтам: меҳр чист? гуфт: меҳраш парвард,*
*Гуфтам: моҳ аст? Гуфт: моҳаш зодаст.*
*Бода ба ман дод аз латофат, гуфтам:*
*Ҷом ба ман дод, лекин бода нododаст.*

*Мутрибе хубрӯю барбати ӯ*
*Чу яке кӯжпушт ошиқи пир.*
*Нолаи ширхор дорад, лек,*
*Ба канор андарун нахоҳад шир.*

*Саҳаргоҳон яке амдо ба саҳро баргузар, бингар*
*Ду гардад осмон гӯӣ яке зеру яке аз бар.*
*Чу барқ аз меғ бидрахшад, ту пиндорӣ яке зангӣ,*
*Зи хиргоҳе ба хиргоҳе давонад пораи ахгар.*
*В-аз он ахгар бисӯзад дасташ аз гармиву бетобӣ,*
*Аз он осеб бихрӯшад, равоне бифканад озар.*

## 14. АСҶАДӢ

Абӯназар Абдулазиз ибни Мансур Асҷадии Марвазӣ аз шоирони аҳди Маҳмуди Ғазнавӣ ва фарзандони ӯ ва маддоҳи онон будааст ва зиндагонии ӯ то ба аҳди Мавдуд ибни Масъуди Ғазнавӣ (432-440ҳ. – 1041-1049м.) ва айёми қудрати Чағрибеки Салҷуқӣ, амири Хуросон (аз 429 то 450ҳ. – 1038–1059м.) имтидод ёфт ва ононро дар қасоиди худ сутуд. Вале соли вафоташ маълум нест ва ин ки Ҳидоят соли маргашро дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» 432 (1041м.) навиштааст, савоб ба назар намеояд. Асҷадӣ аз шоиронест, ки дар фатҳи Суманот ба дасти султон Маҳмуд (соли 416ҳ. – 1025м.) қасидае дар таҳният сохта ва он қасида дар кутуби тароҷим забт шуда ва машҳур аст. Аз абёти маъруфи ӯст:

*Чаро на мардуми оқил чунон бувад, ки ба умр,*
*Чу дарди сар кунадаш мардумон, дижам гардад.*
*Чунончи мебояд будан, ки гар сараш бибурӣ,*
*Ба сар бурдани ӯ дӯстон хурам гардад.*

*Зи бас хунҳо, ки мерезӣ ба ғамза,*
*Шумори куштагон н-ояд ба ёдат.*
*Гар аз хун рехтан шармат наёяд,*
*Зи ранҷи ғамза боре шарм бодат.*

*Соқӣ ба обгинаи Бағдод дарфиканд,*
*Ёқути ранги бодаи хушхори мушкбӯ.*
*Гӯӣ, ки пеши ошиқ маъшуқи меҳрубон-ш,*
*Бигристу барафтод ба рухсора ашки ӯ.*
*Аз дил бароварид дами сарду оҳи гарм,*
*Бифшурд оби дидаву бигдохт ранги рӯ.*

*Субҳ асту сабо мушкфишон мегузарад,*
*Дарёб, ки аз кӯи фалон мегузарад.*
*Бархез, чи хусбӣ, ки ҷаҳон мегузарад,*
*Бӯе бисистон, ки корвон мегузарад!*

*Дил дӯш ҳазор чорасозӣ мекард,*
*Бо ваъдаи дӯст ишқбозӣ мекард.*
*То бар кафи пои ту тавонад молид,*
*Дилро ҳама шаб дида намозӣ мекард.*

## 15. МАНУЧЕҲРӢ

Абунаҷм Аҳмад ибни Қавс ибни Аҳмад Манучеҳрии Домғонӣ аз ҷумлаи шоирони тирози аввали Эрон дар нимаи аввали қарни панҷуми ҳиҷрист. Вилодаташ дар авохири қарни чаҳорум ё нахустин солҳои қарни панҷум ва вафоташ дар ҷавонӣ ба соли 432ҳ. (1041м.) иттифоқ афтод. Иллати иштиҳораш ба «Манучеҳрӣ» интисоби ӯст ба Манучеҳр ибни Шамсулмаъолӣ Қобуси Зиёрӣ, (403-423ҳ. – 1013–1038м.) амири Гургону Табаристон, ки шоир авоили даврони суханвариро дар хидмати ӯ гузаронид ва гӯё баъд аз Манучеҳр ё дар авохири айёми ҳаёти ӯ аз Гургон ба Рай, ки ба тозагӣ дар тасарруфи давлати Ғазнавӣ даромада буд, шитофт ва нахустин касе аз вобастагони давлати Ғазнавиро, ки дар ин шаҳр мадҳ гуфт, Тоҳири Дабир, ҳокими Рай аз ҷониби султон Масъуд буд, ки дар соли 424ҳ. (1033м.) аз ин хидмат барканор шуд ва ҷои ӯро ба Абӯсаҳли Ҳамдӯӣ супурданд.

Иқомати Манучеҳрӣ аз таърихи мазкур дар Рай идома дошт, то дар соли 426 (1035м.) султон Масъуд ба қасди Гургону Табаристон аз Нишопур бад-он ҷо лашкар кашид ва Манучеҳриро ба хидмати худ хонд ва аз Рай ба Сорӣ рафт ва дар он ҷо ба урдуи султони Ғазнавӣ пайваст ва ба зудӣ дастгоҳу мартабате ёфт, чунонки маҳсуди ақрон шуд ва ин маънӣ аз баъзе қасоиди ӯ ба сароҳат бармеояд. Боқии умри кӯтоҳи шоир дар дарбори Ғазна сипарӣ шуд, то ба соли 432ҳ. (1041м.) даргузашт ва ӯ дар ин муддат ғайр аз султон Масъуд чанд тан аз риҷоли маъруфи дарбори вай, хоса Унсурӣ, Алӣ ибни Убайдуллоҳи маъруф ба Алии Доя, сипаҳсолори султон Масъуд, Хоҷа Аҳмад ибни Абдуссамад, вазири султон ва иддае дигарро дар қасоиду мусамматоти худ мадҳ гуфт.

Аз ашъори Манучеҳрӣ иттилооти вофири вай аз адаби арабӣ, хоса аз шуарои араб ва осорашон ба хубӣ ошкор аст ва ӯ нахустин ка-

аст, ки маҳфузоти адабиро дар ашъори худ роҳ дода ва илова бар истиқбол аз қасоиди машҳури тозӣ ишороти мукаррар ба асомии шоироне машҳур ва осори маъруфашон ва тазмини абёте аз онон намудааст. Иттилооти ӯ аз адаби форсӣ ва шоирони маъруфи порсигӯи пеш аз ӯ ҳам қобили таваҷҷӯҳ аст.

Иллати умдаи эроди асомии шоирони тозигӯй ё зикри қасоиди машҳури онон ва ишора ба иттилооти адабӣ дар ашъори худ он аст, ки Манучеҳрӣ ба изҳори илм дар шеъри худ исрор дошт ва гӯё мехост аз ин тариқ ҷавонии худро дар баробари шоирони солхӯрдаи дарбори Ғазна ҷуброн кунад. Ин одати шоир ба изҳори илм боиси истеъмоли луғоту истилоҳоти маҳҷури арабӣ дар шеъри ӯ шуда ва гоҳ онро ба хушунату дуруштӣ мақрун сохтааст. Лекин бояд изъон дошт, ки ҳатто он ашъор, ки бо чунин таркиботе ба вуҷуд омада, низ ҷаззобияту шукӯҳи хосе дорад, то чи расад ба соири ашъори ӯ, ки ғолибан азбу устувор аст. Дар шеъри ин шоири устод навъе мусиқӣ ва оҳанге хос вуҷуд дорад, чунонки ҳангоми хондани ашъори ӯ гӯӣ хонанда бо оҳанге аз мусиқӣ саргарм аст. Ин мусиқӣ хушоянду равонӣ ва содагии фикр ва сароҳати Манучеҳрӣ дар сухан ва ҷавониву шодобии рӯҳи шеъри ӯро беандоза тарабнок ва дилангез сохтааст. Вай дар эроди ташбеҳоту таркиботи ташбеҳӣ ва истиъорӣ маҳорате аҷиб дорад, дар истеъмоли баъзе аз таркиботи ибдоъи бепарвост ва барои қабули афкору мазомини шоирони араб монанди ъубур аз баводӣ, васфи шутур, нудба бар атлолу даман, зикри ароиси шеъри арабӣ ва амсоли инҳо ҳадде намешиносад. Маҳораташ дар васф шоистаи таҳсин аст ва ӯ манозири мухталифи табиатро аз биёбону кӯҳу ҷангал ва гулзору марғзор ва осмону абр ва борон то мавҷудоти гуногуни дигар барои тавсиф дар қасоиди худ баргузида ва аз ӯҳдаи тавсифу таҷсими онҳо ба беҳтарин ваҷҳ баромадааст.

Манучеҳрӣ бо эҷоди тавсиае дар санъати тасмит навъи тозае аз шеър ба номи «мусаммат» сохта ва дар ин навъ шеър ҳам ҳамвора ба унвони устоди шохис шинохта шудааст. Беҳтарин мавзӯе, ки дар мусамматоти ӯ мулоҳиза мешавад, васфи шароб аст, ки Манучеҳрӣ хостааст, то дар онҳо қасоиди хамрияи шоирони тозигӯйро ҷавоб гуфта бошад. Васфи табиат ва манозири мухталифи он низ аз мавзӯоти дилчаспи ин мусамматҳост. Аз ашъори ӯст:

*Шабе гесӯ фурӯ ҳишта ба доман,*
*Палосин миъҷару қирина гарзан.*
*Ба кирдори зане зангӣ, ки ҳар шаб,*
*Бизояд кӯдаке булғорӣ он зан.*

*Кунун шӯяш бимурду гашт фартут,*
*В-аз он фарзанд зодан шуд сутурван.*
*Шабе чун чоҳи Бежан тангу торик,*
*Чу Бежан дар миёни чоҳи ӯ ман.*
*Сурайё чун Малика бар сари чоҳ,*
*Ду чашми ман бар ӯ чун чашми Бежан.*
*Ҳаме баргашт гирди қутби Ҷуддӣ,*
*Чу гирди бобзан мурғи мусамман.*
*Банотуннаъш гирди ӯ ҳамегашт,*
*Чу андар дасти марди чап фалохан.*
*Яке палла-ст ин минбар муҷарра,*
*Зада гирдаш нуқат аз оби рӯян.*
*Наъоим пеши ӯ чун чор хотиб,*
*Ба пеши чор хотиб чор муъзан.*
*Маро дар зери рон андар кумайте,*
*Кашанда неву саркаш неву тавсан.*
*Инон бар гардани сурхаш фиганда,*
*Чу ду мори сияҳ бар шох чандан.*
*Думаш чун тофта банди бирешим,*
*Сумаш чун з-оҳану фӯлод ҳован.*
*Ҳамерондам фарасро ман ба тақриб,*
*Чу ангуштони радди арғунунзан.*
*Сар аз Албурз барзад қурси хуршед,*
*Чу хунолуда дузде сар зи макман.*
*Ба кирдори чароғи ниммурда,*
*Ки ҳар соат фузун гардад-ш равған.*
*Баромад боде аз ақсои Бобул,*
*Ҳубубаш хорадарру бораафган.*
*Ту гуфтӣ аз ситеғи кӯҳ селе,*
*Фуруд орад ҳаме аҳҷор сад ман.*
*Зи рӯи бодия бархост гарде,*
*Ки гетӣ кард ҳамчун ҳаззи адкан.*
*Чунон, к-аз рӯи дарё бомдодон,*
*Бухори об хезад моҳи Баҳман.*
*Баромад зоғрангу мегпайкар,*
*Яке мег аз ситеғи кӯҳи Қоран.*
*Чунон чун сад ҳазорон хирмани тар,*
*Ки амдо дарзанӣ оташ ба хирман.*
*Биҷастӣ ҳар замон з-он мег барқе,*
*Ки кардӣ гетии торик равшан.*

*Чунон оҳангаре, к-аз кӯраи танг,*
*Ба шаб берун кашад рахшанда оҳан.*
*Хурӯше баркашидӣ тунд тундар,*
*Ки мӯи мардумон кардӣ чу сӯзан.*
*Ту гуфтӣ нои рӯин ҳар замоне,*
*Ба гӯш андар дамидӣ як дамидан.*
*Биларзидӣ замин аз зилзила сахт,*
*Ки кӯҳ андар фитодӣ з-ӯ ба гардан.*
*Фурӯ борид бороне зи гардун,*
*Чунон чун барги гул борад ба гулшан.*
*Ва ё андар тамузе маҳ биборад,*
*Чу роди мунташир бар бому барзан.*
*Зи саҳро селҳо бархост ҳар сӯ,*
*Дарозоҳангу беҷону заминкан.*
*Чу ҳангоми ғароим зи муаззам,*
*Ба так хезанд саъбонони Риман.*
*Чу бардорад зи пеши рӯи авсон,*
*Ҳиҷоби мори дай дасти Бараҳман.*
*Падид омад ҳилол аз ҷониби кӯҳ,*
*Ба сони заъфарон олуда миҳҷан.*
*Чунон чун ду сар аз ҳам боз карда,*
*Зи зарри мағрибӣ дасти Аварҷан.*
*Ва ё пироҳани нилӣ, ки дорад,*
*Зи шаъри зард ниме заҳ ба доман.*
*Расидам ман ба даргоҳе, ки давлат,*
*Аз он хезад чу руммонӣ зи маъдан.*

*Омад Наврӯзу ҳам аз бомдод,*
*Омаданаш фарруху фархунда бод.*
*Боз ҷаҳон хурраму хуб истод,*
*Мурд зимистону баҳорон бизод.*
*З-абри сиёҳ рӯи суман бӯи род,*
*Гетӣ гардид чу дароулқарор.*

*Рӯи гули сурх биёростанд,*
*Зулфаки шамшод биперостанд.*
*Кабкон бар кӯҳ ба так хостанд,*
*Булбулкаон зеру сито хостанд.*
*Фохтагон ҳамбар биншостанд,*
*Нойзанон бар сари шохи чанор.*

*Лола ба шамшод баромехтанд,*
*Жола ба гулзор даровехтанд.*
*Бар сари он мушк фурӯ бехтанд,*
*В-аз бари ин дурр фурӯ рехтанд.*
*Нақшу тамосил барангехтанд,*
*Аз дили хоку ду рухи кӯҳсор.*

*Қумриякон ной биёмӯхтанд,*
*Сулсулакон мушки Тибет сӯхтанд.*
*Зардгулон шамъ барафрӯхтанд,*
*Сурхгулон ёқут андӯхтанд.*
*Сарвбунон ҷомаи нав дӯхтанд,*
*З-ин сӯву он сӯ ба лаби ҷӯйбор.*

*Тӯтиякон бар гулакон тохтанд,*
*Оҳувакон гӯш барафрохтанд.*
*Гӯрхарон майманаҳо сохтанд,*
*Зоғон гулзор бипардохтанд.*
*Бедилакон ҷону равон бохтанд,*
*Бо туркони Чигилу Қандаҳор.*

*Боз ҷаҳон хурраму хуш ёфтем,*
*Зи сумону савсан биштофтем.*
*Зулфи парирӯён бартофтем,*
*Дил зи ғами ҳиҷрон бишкофтем.*
*Хубтар аз бӯқаламун ёфтем,*
*Буқаламуниҳо дар навбаҳор...*

### *4. НАСРИ ПОРСӢ ВА НАВИСАНДАГОНИ БУЗУРГ ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА НИМАИ АВВАЛИ ҚАРНИ ПАНҶУМ*

Таваҷҷӯҳ ба иқболе, ки ба забони форсӣ дар аҳди Сомониён шуд, боиси он гардид, ки насри порсӣ монанди назм ривоҷу равнақе гирад ва китобҳое ба забони дарӣ дар анвои матолиб таълиф шавад ва ё аз тозӣ ба порссӣ дарояд.

Маҷмӯи осоре, ки аз ин давра ба мо расидааст, агарчи ба танҳоӣ қобили таваҷҷӯҳ аст, лекин аввалан аз осори мутааддиди дигаре ҳам хабар дорем, ки дар ин аҳд ба насри порсӣ навишта шуда ва дар давраҳои баъд аз миён рафтааст ва сонияи бо қиёс бо осори мавҷуд ё осоре, ки аз вуҷуди онҳо дар қарнҳои гузашта иттилоъ дорем ва бо

тавачҷӯҳ ба неҳзати илмиву адабии нирӯманде, ки дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум дар Эрон вуҷуд доштааст, қабули ин ҳақиқат осон аст, ки осори мансури бисёр дар ин аҳд вуҷуд дошта ва дар адвори баъд ё бар асари адами таваҷҷӯҳи мардум ба онҳо ва ё дар натиҷаи бурузи ҳаводиси мухталиф ва ҳуҷумҳои паёпай ва қатлу ғорат ва вайрониву парешонӣ монанди садҳо ва ҳазорҳо асари порсиву арабӣ дигар аз миён рафта ва ҳатто гоҳ номе ҳам аз онҳо ба мо нарасидааст.

Тақрибан ҳамон таваҷҷӯҳ ва иқболеро, ки подшоҳон ва риҷоли қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум ба шеъру шуаро доштанд, нисбат ба насру нависандагон, алалхусус муаррихону муаллифони кутуби илмӣ базл менамуданд ва барои таълифу тасниф ё тарҷумаи кутуб силоту ҷавоизе медоданд, ё дар ин боб изҳори майлу алоқае мекарданд. Достони гирд овардани «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» ба амри Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ ва махориҷу заҳамоте, ки он сипаҳсолори эрондӯст ва вазираш дар ин роҳ таҳаммул кардаанд, машҳур аст ва ҳамчунин аст иқдоми подшоҳоне аз қабили амир Наср ибни Аҳмад ба тарҷумаи «Калила ва Димна» ва Мансур ибни Нӯҳ ба тарҷумаи «Таърих» ва «Тафсир»-и Табарӣ ва Алоуддавлаи Кокуя барои нигориши «Донишнома» ба порсии дарӣ ва тарҷумаи рисолаи «Ҳай ибни Яқзон» аз тозӣ ба порсӣ ва амсоли инҳо.

Яке аз вазирони Ғазнавиён, яъне Абулаббос Фазл ибни Аҳмади Исфароинӣ дар авосити ҳамин аҳд ба нақли девон аз арабӣ ба форсӣ иқдом кард ва аз авохири ин давра иттилоъ ва шавоҳиди мухталиф дар даст аст, ки номаҳои подшоҳи Хуросон ба ҳуккоми ҷузъӣ ва салотини дигар, ҳатто ба хонони Туркистон ба форсӣ навишта мешуд ва ҳамин амр худ василаи бузурге барои ривоҷи наср ва таълифи кутуб ба форсӣ будааст.

Ҳамчунонки шеъри порсӣ ба воқеъ дар ин аҳд бунёд гирифт, асоси насри форсӣ ва расм кардани таълифи кутуби мухталиф дар мавзӯоти гуногун, алалхусус дар мавзӯоти илмӣ, ки душвортар аз мавозеъи дигар аст, ҳам дар ин давра ниҳода шуд ва дар ҳамин аҳд аст, ки чандин китоб ва рисолаи порсӣ дар масоили илмӣ аз мантиқу тиб ва дорушиносиву нуҷум ва риёзиёт навишта шуд ва роҳ барои касоне, ки хостанд давраи баъд ба ин кори душвор даст зананд, ҳамвор гашт.

Насри ин аҳд содаву равон ва холӣ аз ҳар гуна такаллуфу тасаннӯъ аст. Тамоми хасоиси насри содаи ибтидоӣ, ки фақат барои баёни мақсуд ба кор меравад, дар насри ин аҳд дида мешавад. Аз он ҷо, ки забони порсӣ дар ин давра нисбат ба давраҳои баъд ба

миқдори каме бо луғоти арабӣ омехта буд, дар кутуби порсии ин давра луғоти тозӣ андак аст ва ҳатто дар кутуби илмӣ ҳам кӯшиш шудааст, ки то ҳадди имкон аз овардани калимоту таркиботи тозӣ худдорӣ шавад, чунонки метавон аз рӯи онҳо ҷадвали ғанӣ ва пурсарвате аз истилоҳоти илмии порсӣ дар масоили тиббӣ ва фалсафӣ ва риёзӣ ва ғайра тартиб дод. Пайдост дар мавриди тарҷумаи бархе аз кутуб аз тозӣ ба порсӣ вуруди муфрадот ва таркиботи арабӣ бештар иттифоқ меафтод. Масалан, «Таърихи Балъамӣ» дар он мавorид, ки аз «Таърихи Табарӣ» тарҷума шуда бештар аз мавориде, ки зоҳиран, тарҷума нест ва ё аз кутуби порсӣ нақл гардидааст, луғоти арабӣ дида мешавад ва ҳамин ҳолро ҳам метавон дар «шоҳнома»-и манзуми Фирдавсӣ мушоҳида кард, ки ҳар ҷо мабнои нақли ӯ аз наср ба назми кутуби порсӣ буда, асари луғоти арабӣ дар онҳо камтар ва ҳар чи, ки нақлаш аз кутуби мутарҷам аз тозӣ ба порсӣ будааст, монанди «Ахбори Искандар» луғоти арабӣ бештар аст. Ва дар баъзе аз муншаоти ин давра монанди «Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» бояд луғоти арабиро ба заҳмат ёфт, магар дар мавриди асомии хос ва чанд мавриди маъдуди дигар. Луғоти арабӣ, ки дар кутуби ғайриманқул дида мешавад, ғолибан луғоти сода ва аз навъи калимотест, ки дар лаҳҷаи умумии мардум, ба далолате, ки пеш аз ин гуфтем, роҳ ёфта ва истеъмоли онҳо умумият доштааст, вагарна овардани луғоти ғайрилозими арабӣ дар насри порсӣ аслан мутадовил набудааст. Ҳатто бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ дошт, ки истеъмоли калимоти тозӣ дар шеъри ин аҳд бештар аз наср будааст, зеро дар шеър, ки сару кори шоир бо вазну қофия аст, ҳоҷати ӯ ба калимоти мухталифу мутародиф ва ҳаққи истифодаи ӯ аз онҳо бештар мешавад ва эй басо калимоти арабӣ, ки танҳо барои ҳифзи вазн ва сиҳҳати қофия дар шеъри шоирони он аҳд роҳ ёфта ва баъд аз он давра дар шеъру наср ва дар забони омма мутадовил шудааст.

Дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум такрори равобит ва афъолу таркибот ва гоҳ ҷумал бе ҳеҷ қайду банде мутадовил будааст ва ин хосияти насрҳои эронист, ки такрор дар онҳо айб набуда ва агар дар қуруни баъд ҷузви уюби фасоҳат шумурда шуда бошад, тахти таъсири забону адаби арабист. Чун насри ин аҳд маснӯъ ва фаннӣ набуд, табъан овардани истилоҳоти илмӣ ва ашъору амсоли араб дар ғайри мавриди худ маъмул набудааст. Пайдост, ки чун насру назми қарни чаҳорум мабнӣ бар лаҳҷаи тахотуби машриқ, яъне лаҳҷа ва луғати дарӣ будааст, миқдори фаровоне аз калимот, ки имрӯз матрук аст, дар онҳо вуҷуд дошта ва маълум аст, ки ба кор

рафтани ин калимот аз он ҷиҳат, ки дар қуруни баъд матрук шуда, латмае ба фасоҳати осори он аҳд намезанад. Ҳамчунин бисёре аз муфрадот ва таркиботи порсии он аҳд дар адвори баъд аз миён рафта ва ҷои худро ба муфрадоту таркиботи арабӣ додааст.

Дар ҷузъи кутуби бисёр қадими форсӣ китобҳое монанди тарҷумаи китоби «Шонок» (Чонокиё) пизишки ҳиндӣ ва китоби Беҳофарид писари Моҳфарвадинро ном бурдаанд. Агарчи дар маохизи мавҷуд гуфта шуда, ки ин кутуб ба забони форсӣ будааст, лекин мусаллам нест, ки мурод аз форсӣ дар ин ҷо порсии дарӣ будааст ё лаҳҷаи дигаре аз лаҳаҷоти эронӣ ва ҳамчунин гумон намеравад хатте, ки ин китобҳоро бад-он нигоштанд, хатти арабӣ буда бошад.

Аз авоили қарни чаҳорум то авоили қарни панҷум вуҷуди чанд китобро ба порсӣ хабар додаанд, ки акнун аз онҳо дар даст нест ва аз он ҷумла аст тафсире аз Қуръон, ки Абӯалии Ҷабоӣ мӯътазилии машҳури қарни савум (235-303ҳ. 850-916м.) ба форсӣ навишт ва дигар китоби «Ал-мӯъолиҷа-л-Буқротия», таълифи Аҳмад ибни Муҳаммад ат-Табарӣ, пизишки Рукнуддавлаи Дайламӣ, ки бинобар баъзе аҳвол нахуст ба порсӣ нигошт ва сипас аз порсӣ ба арабӣ даровард. Нусхаи арабии «Ал-муъолиҷат-ул-Буқротия» дар даҳ ҷузъ ва ҳовии муолиҷоти анвои амроз дар аъзои мухталифи одамӣ ва ташреҳи аъзост. Ва дигар рисолатест дар луғоти порсӣ ва Абӯҳафси Суғдӣ, ки баъид нест ҳамон Абӯҳафс Ҳаким ибни Аҳваси Суғдии Самарқандӣ бошад, ки дар оғози қарни чаҳорум мезистааст ва номи ӯро дар шумори шоирони овардаем. Аз ин китоб Ҷамолуддини Ҳусайни Инҷу дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва Муҳаммадқосим Сарварии Кошонӣ дар «Маҷмаъ-ул-Фурс» хабар додаанд.

Аз кутуби дигаре ҳам монанди китобҳое, ки Абӯюсуф ё Юсуфи Арӯзӣ ва Абулалои Шуштарӣ дар арӯз ва порсӣ нигоштаанд ва «Хуҷастанома» аз Баҳромии Сарахсӣ соҳиби китоби «Ғоят-ул-арӯзайн» ва «Канз-ул-қофия» дар кутуб ва маохиз ном бурдаанд, ки ба зикри ҳамаи онҳо ҳоҷат надорем.

Аз ҷумлаи қадимтарин кутуб, ки ба насри форсӣ дар қарни чаҳорум нигориш ёфта, «Шоҳнома»-ҳо ва достонҳои қаҳрамонии мансур будааст. Иллат он аст, ки эрониён дар дунболи неҳзати миллии худ, ки дар тамоми қарни дувум ва савум имтидод дошт ва ба даст овардани истиқлоли сиёсиву адабӣ ба фикри тадвини таърихи қадим ва зикри саргузашти ниёгони хеш афтоданд ва дар ин кор алалхусус касоне, ки аз хонадонҳои бузург буданд, самти тақаддум ва пешвоӣ доштанд. Таълифи ин кутуб нахуст ба тақлид аз «Худойнома»-и паҳлавӣ ва тарҷумаҳои арабии он сурат гирифт ва

сипас ба сурати гирд овардани достонҳои парокандаи қадим дар боби шоҳону *паҳлавонон ва ё тарҷумаву* нақли онҳо аз паҳлавӣ ба дарӣ даромад. Ин кутуб поя ва асоси воқеии манзумаҳои ҳамосии мо ва мояи таҳрики форсизабонон ба назми достонҳои куҳан гашт.

Аз миёни «Шоҳнома»-ҳои мансурӣ форсӣ, ки дар қарни чаҳорум таълиф шуда, гӯё қадимтар ва муҳимтар аз ҳама «Шоҳнома»-и Абулмуайяди Балхӣ будааст.

«Шоҳнома»-и Абулмуайяд китобе азим дар шарҳи таърих ва достонҳои Эрони қадим буд ва онро «Шоҳномаи бузург» ва «Шоҳномаи Муайядӣ» ҳам мегуфтаанд. Ин китоби бузург шомили бисёре аз ривоёту аҳодиси эрониён роҷеъ ба паҳлавонону шоҳон буд, ки ағлаби онҳо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва соири манзумаҳои ҳамосӣ матрук монда ва аз онҳо номе нарафта ва ё ба ихтисор сухан гуфта шудааст, монанди «Ахбори Оғаш ва Ҳодон» (аз паҳлавонони аҳди Кайхусрав) ва Кайшикан (бародарзодаи Кайковус) ва Гаршосб.

Илова бар инҳо дар «Шоҳнома»-и Абулмуайяд ахбори Наримону Сом ва Кайқубоду Афросиёб ва Лӯҳросб ҳар як ба тафсили бисёр омада буд, чунонки онҳо дар кутубе монанди «Таърихи Сиистон» ва «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қасас» ҳар як китобе ҷудогона навиштаанд. Ин китоби бузург ба сабаби тафсили он ва баъд аз он ки қисмати бузурге аз *достонҳои* қаҳрамонӣ дар қарнҳои чаҳоруму панҷум ва шашум ба назм даромад ва мардумро дигар ба навиштану нависондан ва ҳифзи он ҳоҷате набуд, аз миён рафтааст ва танҳо қисмате, ки аз он дар даст монда, қитъае аз китоби Гаршосб аст, ки соҳиби «Таърихи Сиистон» онро ба муносибате дар китоби худ нақл кардааст.

Қадимтарин маъхазе, ки дар он ба «Шоҳнома»-и Абулмуайяди Балхӣ ишора шуда, китоби «Таърихи Балъамӣ»-ст ва чун ин китоб муқорини соли 352 (963м.) таълиф шудааст, пас «Шоҳнома»-и Абулмуайяд ва аҷзои он дар нимаи аввали қарни чаҳорум ва зоҳиран, дар авоили он қарн навишта шуда буд ва бинобар ин қитъаи манқул аз китоби Гаршосб дар «Таърихи Сиистон», бо он ки дур аз тасарруф нест, феълан аз қадимтарин қитъаоти мансурест, ки аз қарни чаҳорум ба мо расидааст ва аз ин рӯй нақли онро дар ин ҷо лозим медонем ва он чунин аст:

«Булмуайяд андар китоби Гаршосб гӯяд, ки:

Чун Кайхусрав ба Озарбодагон рафт ва Рустами дастон бо вай ва *он торикӣ* ва патёраи девон ба фарри эзад таъоло бидид, ки Озаргушасп пайдо гашт ва рушноӣ бар гӯши аспи ӯ буд ва шоҳӣ ӯро шуд

бо чандон мӯъҷиза. Пас Кайхусрав аз он ҷо бозгашт ва ба Туркистон шуд ба талаби хуни Сиёвуш, падари хеш ва ҳар чи нарина ёфт андар Туркистон ҳамекушт ва Рустам ва дигар паҳлавонони Эрон бо ӯ. Афросиёб гурез гирифт ва ба сӯи Чин шуд ва аз он ҷо ба Ҳиндустон омад ва аз он ҷо ба Сиистон ва гуфт: Ман ба зинҳори Рустам омадам. Ва ӯро ба Бункӯҳ фуруд оварданд, сипоҳи ӯ ҳамеомад фавҷфавҷ. Андар Бункӯҳ анбори ғалла буд, чунонки андар ҳар ҷонибе аз он бар се сӯ миқдори сад ҳазор кил галла доим ниҳода будандӣ ва ҷодувон бо ӯ гирд шуданд ва ӯ ҷоду буд, тадбир кард, ки ин ҷо алаф ҳаст ва ҳисор маҳкам, аҷз набояд овард, то худ чи бошад. Ба ҷодуӣ бисохтанд, ки аз ҳар ду сӯй ду фарсанг торик гашт. Чун Кайхусрав ба Эрон шуд ва хабари ӯ бишнид, он ҷо омад, бад-он торикӣ андар наёрист шуд ва ин ҷойгаҳ, ки акнун оташгоҳи Каркӯ аст маъбадҷои Гаршосп буд ва ӯро дуо мустаҷоб буд ба рӯзгори ӯ. Ва ӯ фармон ёфт, мардумон ҳам ба умеди баракот он ҷо ҳамешудандӣ ва дуо ҳамекардандӣ ва эзад таъоло муродҳо ҳосил ҳамекардӣ. Чун ҳол бар ин ҷумла буд, Кайхусрав он ҷо шуд ва палос пӯшиду дуо кард. Эзад таъоло он ҷо рушноӣ фародид овард, ки акнун оташгоҳ аст. Чун он рушноӣ баромад баробари торикӣ, торикӣ ночиз гашт ва Кайхусраву Рустам ба пои қалъа шуданд ва бар манҷаниқ оташ андохтанд ва он анборҳо ҳама оташ гирифт, чандинсола, ки ниҳода буд ва он қалҷа бисӯхт ва Афросиёб аз он ҷо ба ҷодуӣ бигрехт ва дигар касон бисӯхтанд ва қалъа вайрон шуд. Пас Кайхусрав ин бор ба як нимаи он шористони Сиистон бикард ва оташгоҳи Каркуя ва он оташ гӯянд он аст, он рушноӣ, ки фаро дид ва габргон чунин гӯянд, ки он ҳуши Гаршосп аст ва ҳуҷҷат оранд ба суруди Каркуй...»Абулмуайяди Балхиро асари дигаре низ ҳаст, ки берун аз «Шоҳнома»-ҳо ба зикри он мепардозем ва шарҳи ҳол ва дигар осори ӯ ҳам дар шумори шоирони ин аҳд омадааст.

Дувумин «Шоҳнома»-и мансур, ки дар кутуби қадим ба номи он бозмехӯрем, «Шоҳнома»-и Абӯалӣ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Балхӣ аш-шоир аст, ки танҳо як бор аз ӯ дар «Осор-ул-боқия» сухан рафтааст. Аз ин Абӯалӣ Муҳаммад ибни Аҳмади Балхии шоир иттилое дар даст надорем ва аз замони ҳаёту чигунагии аҳволи ӯ огоҳ нестем, аммо чун номи вай дар «Осор-л-боқия» омадааст, ночор пеш аз даҳаи ахири қарни чаҳорум мезист. Чунонки аз гуфтори Абӯрайҳон мустафод мешавад, «Шоҳнома»-и ин мард китобе муттақан ва мӯътабар ва мустанад ба асноди муҳими замон буд ва ӯ аз «Сияр-ул-мулук»-и Абдуллоҳ ибн ал-Муқаффаъ ва Муҳаммад ибн ал-Ҷаҳим ал-Бармакӣ ва Ҳишом ибн ал-Қосим ва Баҳром ибни Мар-

доншоҳ ва Баҳром ибни Меҳрон ал-Исфаҳонӣ ва аз таърихе мутааллиқ ба Баҳром –ал Ҳиравӣ ал-Маҷусӣ дар нигориши китоби худ истифода карда ва он чи дар боби Каюмарс овардааст, бо ривоёти мазҳабии зардуштиён ба дурусти вифқ дорад ва аз ин рӯй бояд гуфт, ки «Шоҳнома»-и Абӯалӣ зоҳиран, бештар мубтанӣ ва мустанад бар ривоёти мактуб буд, то ривоёти шифоҳӣ.

Савумин «Шоҳнома»-и маъруф ва муҳими ин аҳд «Шоҳнома»-и Абумансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ аст. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ чанд бор ба ишорате мерасем, ки маъхазе мактуб роҷеъ аст ва муҳимтар аз ҳамаи онҳо хабарест, ки Фирдавсӣ дар оғози «Шоҳнома» дар боби як китоби бузург медиҳад:

*Яке нома буд аз гаҳи бостон,*
*Фаровон бад-ӯ андарун достон.*
*Пароканда дар дасти ҳар мӯбаде,*
*Аз ӯ баҳрае бурда ҳар бихраде.*
*Яке паҳлавон буд деҳқоннажод,*
*Далеру бузургу хирадманду род.*
*Пажӯҳандаи рӯзгори нахуст,*
*Гузашта суханҳо ҳама бозҷуст.*
*Зи ҳар кишваре мӯбаде солхӯрд,*
*Биёварду ин номаро гирд кард.*
*Бипурсидашон аз нажоди каён,*
*В-аз он номдорону фаррух гавон.*
*Бигуфтанд пешаш якояк меҳон,*
*Суханҳои шоҳону гашти ҷаҳон.*
*Чу бишнид аз эшон сипаҳбад сухун,*
*Яке номвар нома афканд бун.*
*Чунин ёдгоре шуд андар ҷаҳон,*
*Бар ӯ офарин аз кеҳону меҳон.*

Дар ин абёт сухан аз китобе меравад, ки ба амри паҳлавоне деҳқоннажод анҷом ғирифт ва ба фаҳвои абёти дигари «Шоҳнома» нахуст Дақиқӣ аз он истифода кард ва он гоҳ Фирдавсӣ. Ин китоб, чунонки бо истинод ба шавоҳиди мухталиф аз манобеи дигар мусаллам мешавад, «Шоҳнома» ва он паҳлавони деҳқоннажод ва ё он сипаҳбад Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ сипаҳсолори Хуросон буд. Ин мард аз бузургзодагони Тӯс ва аз нажоди деҳқонон буда ва дар оғози кор, яъне дар ҳудуди 335 (947м.) ё чанде пештар аз он аз ҷониби Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Музаффари Чағонӣ сипаҳсолори Хуросон, ҳокими Тӯс буд ва дар ҳамин сол бар

асари туғёни Абуалӣ бар подшоҳи Сомонӣ дар ҷузъи шӯришиён даромад ва Абӯалӣ ҳангоми ҳамла ба Марву Бухоро Абӯмансур Муҳаммадро ба ҷои худ ба сипаҳсолории Хуросон нишонд, вале Абӯмансур аз уммоли Сомонӣ шикаст ёфт ва чанде дар Рай ва Озарбойҷон фирорӣ буд ва саранҷом бо подшоҳи Сомонӣ аз дари дӯстӣ даромад ва ба Тӯс бозгашт ва дар соли 349 (967м.) расман ба сипаҳсолории Хуросон баргузида шуд, вале ҳамон сол аз ин мақом маъзул гардид ва Албтегини ҳоҷиб ба ҷои ӯ муайян гашт. Ва чун Албтегин дар соли 350 (962м.) барканор шуд, Абӯмансур боз мақоми сипаҳсолории Хуросон ёфт, вале ба зудӣ масмум шуд ва дар ҳамон соли 350 даргузашт. Абӯмансур монанди иддае аз умаро ва амиратҷӯёни он рӯзгор насаби худро ба шоҳони қадим мерасонидааст ва насабномаи ӯ дар муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» нақл шуда ва аз ин иқдоми Абӯмансур чунин дарёфта мешавад, ки ӯ доъияи салтанат ва аморат доштааст ва шояд бар асари ҳамин фикр ва ё бар асари таассуби нажодӣ ва дӯстдории Эрон ба таълифи «Шоҳнома»-и ҷомее қиём карда бошад.

Абӯмансур барои гирд овардани «Шоҳнома»-и худ чанд тан аз донишмандону деҳқононро аз Хуросону Сиистон таҳти назари вазири хеш Абӯмансури Муаммарӣ бад-ин кор гумошт ва онон бо истифода аз маохизи қадим ва баъзе аз ривоёти мувассақи шифоҳӣ «Шоҳнома»-е тартиб доданд, ки ба соли 346 ҳиҷрӣ (958м.) ба поён расид ва Абӯмансури Муаммарӣ муқаддимае бар он нигошт. Ин муқаддима акнун дар даст ва яке аз қадимтарин намунаҳои мавҷуди насри порсист, вале аз асли «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ чизе боқӣ нест ва фақат медонем, ки се тан аз он истифода кардаанд: нахуст Дақиқии Тӯсӣ дар назми ҳазор байт аз «Шоҳнома», ду дигаре Фирдавсӣ дар назми «Шоҳнома» ва се дигар Абӯмансур Абдумалик ибни Муҳаммади Саъолабӣ (ваф. 429ҳ. – 1038м.) дар таълифи китоби «Ғурару ахбори мулу-ил-Фурс ва сиярихим».

Ғайр аз «Шоҳнома»-ҳо, ки дар аҳди Сомонӣ падид омада буд, аз вуҷуди чанд достони мансури қаҳрамонӣ дар он рӯзгор хабар дорем, ки бархе мавриди истифодаи ҳамосасароён қарор гирифт ва бархе матрук монд ва аз миён рафт ва аз он ҷумла аст достонҳое, ки дар бораи хонадони Гаршосп вуҷуд дошт, монанди «Достони Гаршосп», «Достони Наримон» ва достонҳои Сому Зол ва Рустаму Фаромурз ва Сӯҳробу Барзу ва Шаҳриёру Бонугушасп ва баъзе достонҳои мутафарриқи дигар.

Баъзе аз ин достонҳои мунфарид мисли достони «Рустам ва Исфандиёр» ва достони «Рустаму Сӯҳроб» ва «Ахбори Рустам» ба

мавриди истифодаи Фирдавсӣ даромад ва устоди Тӯс онҳоро дар «Шоҳнома»-и худ ҷой дод ва баъзе дигарро шоироне аз қарни шашум ба баъд мавзӯи кори худ дар сурудани манзумаҳои ҳамосӣ монанди «Гаршоспнома», «Фаромурзнома», «Озарбарзинннома», Сомнома» ва амсоли онҳо қарор доданд.

Инак, мепардозем ба зикри баъзе осори мавҷуди насри порсӣ дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум.

«Рисола дар аҳкоми фиқҳи ҳанафӣ», ки аз он нусхае дар як маҷмӯаи куҳансоли мутааллиқ ба марҳум дуктур Маҳдии Баёнӣ ва нусхае дигар дар Истанбул мавҷуд аст. Қисмате аз ин рисола, яъне матни он таснифи ҳаким Абулқосим ибни Муҳаммади Самарқандӣ (ваф. 343ҳ. – 955м.) ва муқаддимаву хотимаи он аз Хоҷа Муҳаммад Ҳофизи Бухороии маъруф ба «Хоҷаи Порсо» аст, ки дар қарни ҳаштум мезиста.

«Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ». Чунонки дидаем, Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Муаммарӣ вазири Абӯмансур ибни Абдурраззоқ аз ҷониби ӯ маъмури гирд овардани мутталиъини Хуросон барои навиштани «Шоҳнома»-е ба насри порсӣ шуда буд. Вай баъд аз он ки кори таълифи «Шоҳнома» ба анҷом расид, муқаддимае бар он нигошт (346ҳ. – 958м.), ки ба «Муқаддимаи қадими «Шоҳнома» маъруф аст ва инак намунае аз он дар муқаддимаи баъзе аз нусахи қадими «Шоҳнома» дар даст дорем.

Ин Абӯмансур ал-Муаммарӣ, чунонки дар муқаддимаи «Шоҳнома» омадааст, аз аъқоби яке аз сардорони аҳди Сосонӣ ва аз асилзодагони Тӯс буд ва насре, ки аз ӯ бозмонда баъд аз қитъаи мансуб ба Абулмуайяд ва шояд баъд аз китоби «Аҷоиб-ул-булдон», ки бояд зикр кунем ва китоби «Фиқҳи Ҳанафӣ» аз соири осори насри порсии қадимтар аст. Дар ин муқаддима калимоти арабӣ нодир аст ва шеваи нигориши он бисёр содаву табиист ва аз он метавон ба унвони табиитарин намунаи забони порсии дарӣ истифода кард.

«Аҷоиб-ул-булдон». Инкитоб мансуб аст ба Абулмуайяди Балхӣ ва нусхаи мавҷуди он таҳрири ҷадидест аз китобе, ки Абулмуайяд таълиф карда ва дар қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум машҳур будааст. Аз ин китоб дар «Таърихи Сиистон» чанд бор ёд шудааст ва дар он аз аҷоиби барру баҳр ва ё аҷоиби билод сухан рафта буд ва соҳиби «Таърихи Сиистон» бисёре аз матолиби худро дар боби аҷоиби Сиистон аз он китоб нақл кардааст.

«Таърихи Балъамӣ». Ин китоб машҳур аст ба «Тарҷумаи «Таърихи Табарӣ», лекин чун басе матолиб аз кутуби дигаре ғайр аз

«Таърих-ул-умам ва-л-мулук»-и Табарӣ дар он нақл шуда ва китоб аз сурати тарҷума ба ҳайати таълиф даромадааст, онро ба исми Балъамӣ меномем. Албатта ин китобро Балъамӣ, вазири амир Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ ба фармони он подшоҳ аз соли 352 (963м.) ба унвони тарҷума аз китоби «Таърихи табарӣ» оғоз кард, лекин баъдан аз манобеи мухталифи дигаре роҷеъ ба таърихи Эрон истифода бурда ва матолиберо ҳам аз китоби «Таърихи Табарӣ» ҳазф намудааст. Дар оғози ин китоб ва дар «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қасас» аз чигунагии фармони Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ ва оғози кори мутарҷим ва муаллиф дар соли 352 (963м.) сухан рафтааст. Аз ин китоб нусахи хаттии мутааддид дар даст аст ва яке ду бор, дар Ҳинд ва Эрон чоп шудааст. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Балъамӣ, вазири маъруфи амир Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ мутарҷим ва муаллифи «Таърихи Балъамӣ» аз акобири риҷоли қарни чаҳорум аст. Падараш Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Балъамӣ аз соли 279 (893м.) вазири Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ва писараш Аҳмад ва писари Аҳмад Наср буда ва дар соли 326 (938м.) аз вазорат барканор шуда ва дар соли 330 даргузаштааст ва иллати шӯҳрати ӯ ба Балъамӣ интисоби ӯ ва ниёгони вай аст ба Балъамон аз қӯрои Марв. Бархе иллати шӯҳрати ӯро бад-ин ном интисоби ниёгони ӯ донистаанд ба Балъам аз билоди Рум. Писари Абулфазл, яъне Абӯалӣ Муҳаммад чанде вазири Абулфаворис Абулмалик ибни Нӯҳ (343-350ҳ. – 955-962м.) ва Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (350-366ҳ. – 962-977м.) буда ва ба амри ин подшоҳи ахир аст, ки ба тарҷума ва таълифи «Таърихи Балъамӣ» мубодарат кард. Вафоти ӯро Гардезӣ дар соли 363х. (973м.) навиштааст.

«Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»: Ин китоб тарҷумаест аз «Ҷомеъ-ул-баён фи тафсир-ил-Қуръон» аз Муҳаммад ибни Ҷарир ат-Табарӣ, ки ҳам ба фармони Абусолеҳ Мансур ибни Нӯҳ муқорини ҳамон таърихе, ки дастури тарҷумаи «Таърихи Табарӣ»-ро содир карда буд, шурӯъ ба тарҷумаи он ба забони порсӣ шуд. Аз вуҷуҳи аҳамияти ин китоб яке азамати он ва дигар иштимоли он аст бар миқдори фаровоне аз луғоту муфрадоти форсӣ, ки дар баробари тарҷумаи муфрадоту таркиботи Қуръон оварда шудааст. Аз ин китоб аҷзое дар китобхонаҳои салтанатии Теҳрон ва китобхонаи остони қудси Разавӣ мавҷуд аст.

«Китоб-ул-бариъ: дар мадхали аҳкоми нуҷум, таълифи Абӯнаср Ҳасан ибн Алӣ мунаҷҷими Қумӣ, ки дар ҳудуди соли 367ҳ. (977м.) ё андаке баъд аз он таълиф шуда ва нусхаи ноқисе аз он дар китобхонаи миллии Берлин мавҷуд аст.

«Тафсири Қуръон»: Чанд нусха аз тафосири қадим дар китобхонаҳо мавҷуд аст, ки ба эҳтимоли қавӣ аз қарни чаҳоруми ҳиҷрист, монанди тафсире, ки аз муҷаллади савуми он нусхае дар китобхонаи донишгоҳи Кембриҷ мавҷуд аст ва қитъае аз китоби тафсир, ки дар китобхонаи фотеҳи Истанбул боқист. Тафсири нахустин мусалламан дар қарни чаҳорум нигориш ёфтааст, зеро муаллиф аз бузургоне, ки баъд аз соли 400 (1010м.) зистаанд, номе набурдааст. Насри ин тафсир шево ва равон аст ва ҳатто дар тарҷумаҳое, ки аз оёт шуда на дар айни риояти ҷониби амонат зебоии калом ва гӯёии иборот ҳам дар назар будааст.

«Ҳидоят-ул-мутааллимин фи-т-тиб»: таснифи Абӯбакр (ё Абӯҳаким) Рабеъ ибни Аҳмад Ахавайнии (ё Аҷавайнӣ) Бухорӣ, шогирди Абулқосими Муқонеӣ аз шогирдони Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ. Ин китоб дар авосити дуюми қарни чаҳорум таълиф шуд ва дар шумори кутуби мутавассити тиб аст. Нусхае аз ин китоб дар китобхонаи Фотеҳи Истанбул ва нусхае дигар дар китобхонаи Бодлеан дар Инглистон мавҷуд аст ва ба табъ низ расида. Низомии Арӯзӣ «Ҳидоя»-ро аз «кутуби васат», яъне мутавасситот дар тиб шумурда ва дар шумори китобҳое овардааст, ки мебоист баъд аз «Муҷмалот» хонда шавад.

«Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқ ила-л-мағриб»: ин китоб аз ҷумлаи кутуби ҷугрофиёст ба форсӣ, ки ба соли 372 (983м.) дар сифати замин ва ниҳоду инқисомоти он ва навоҳиву билод ва ақвоми мухталиф ва аҳволи онҳо ва назоири ин умур навишта шуда ва дар муқаддимаи он чунин омадааст:

«... Ба фаррухиву пирӯзӣ ва некахтарии амиру-с-сайийд, ал-малик-ул-одил Абил Ҳорис Муҳаммад ибни Аҳмад мавло Амирулмӯъминин атолаллоҳу бақоҳу ва саъодати рӯзгори вай, оғоз кардем ин китобро андар сифати замин дар соли сесаду ҳафтоду ду аз ҳиҷрати пайғамбар салавотуллоҳи алайҳ ва пайдо кардем ҳамаи ноҳиятҳои замин ва подшоҳиҳои вай, он чи маъруф аст, бо ҳоли ҳар қавме, ки андар ноҳиятҳои мухталиф ва расмҳои мулуки эшон чунонки андар ин рӯзгори мо ҳаст, бо ҳар чизе, ки аз он ноҳият хезад. Ва пайдо кардем ҳама шаҳрҳои ҷаҳон, ки хабари ӯ биёфтем андар китобҳои пешинагон (ва ёдкарди) ҳакимон, бо ҳоли он шаҳр ба бузургӣ ва хурдӣ ва андакӣ ва бисёрии неъмат ва хоставу мардум ва ободониву вайронии вай ва ниҳоди ҳар шаҳре аз кӯҳу рӯд ва дарёву биёбон бо ҳар чизе, ки аз он шаҳр хезад. Ва пайдо кардем ниҳоди дарёҳои ҳамаи ҷаҳон ва ҷойҳои вайро аз хурду бузург ва мурдобҳое, ки ӯро халиҷ хонанд бо ҳар чизе, ки аз он дарё хезад. Ва пайдо кар-

дем дарёҳои ҳама ҷазираҳое, ки бузург аст ва ободонии вай ва вайронии вай ва ҳоли мардуми вай ва ҳар чиз, ки аз он ҷазира хезад. Ва пайдо кардем ҳамаи кӯҳҳои аслӣ, ки андар ҷаҳон аст ва маъданҳои гуногун, ки андар вай аст ва ҷонвароне, ки он ҷо бошанд. Ва пайдо кардем ҳамаи рӯдҳо, ки андар ҷаҳон аст бузург, аз он ҷо, ки пайдо шавад то он, ки андар дарё афтад ё ба кор шавад андар кишту барз, хоса он рӯдҳо, ки андар ӯ киштӣ тавонад гузаштан, аз он ки обҳои хурдро адад падид нест. Ва пайдо кардем ҳамаи биёбонҳо ва регҳое, ки маъруф аст андар ҷаҳон бо миқдори вай ба дарозо ва паҳно...»

Муаллифи ин китоби гаронбаҳо мутаассифона маълум нест, вале соли таълифро чунонки дидаем, ба сароҳат маълум карда ва онро ба Абулҳорис Муҳаммад, муосири Абулқосим Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ ва аз Оли Фареғун ё Фареғуниён буда, ки дар Гузгонон иқомат доштанд ва аз хонадонҳои машҳури Хуросон буданд ва ба дасти султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз миён рафтанд.

«Нур-ул-улум»: мансуб ба Шайх Абулҳасани Хариқонӣ, орифи машҳури қарни чаҳорум (ваф. 425ҳ. – 1034м.) аст дар мабонии ирфонӣ, ки нусхаи мавҷуди онро яке аз шогирдонаш баъд аз марги муршиди худ интихоб карда ва дар даҳ боб тадвин намудааст. Аз ин китоб нусхаи мунҳасире дар музеи Британиё маҳфуз аст, ки Бертелс, ховаршиноси русӣ онро дар соли 1929 дар маҷаллаи «Эрон», ки ба забони русӣ нашр меёбад, табъ кардааст. «Нур-ул-улум» иншое бисёр содаву равон ва ширину дилангез дорад.

«Китоб-ул-абния ан ҳақоиқ-ил-адвия»: таълифи Абӯмансур Муваффақ ибни Алӣ ал-Ҳиравӣ дар зикри адвияи муфрада ба тартиби ҳуруфи мӯъҷам. Аз аҳволи Муваффақ, муаллифи китоб иттилое дар даст нест ва маълум нест китоб ба номи кадом подшоҳ навишта шуда ва оё нависандаи он дар қарни чаҳорум мезистааст ё дар қарни панҷум, Иборати китоб нишон медиҳад, ки бояд нависанда дар авоили қарни панҷум буда бошад, на дар қарни чаҳорум. Нусхаи мунҳасири ин китоб дар китобхонаи Вена ба хатти Асадии Тӯсии шоир аст, ки дар Шавволи 447 (1056м.) ба итмом расонида. Мусанниф кӯшидааст номи ҳамаи доруҳоеро, ки то он ҳангом мешинохтанд дар китоби худ биёварад ва иншои ӯ бисёр сода ва вофӣ ба мақсуд ва дорои хасоиси дигар насрҳои куҳан аст.

Кутуби форсии Ибни Сино: Аз Абӯалӣ Сино, файласуфи бузург чанд китоб ба забони порсӣ боқӣ мондааст, ки беҳтар донистем, ки ҳамаро зайли як унвон мазкур дорем. Интисоби баъзе аз ин китобҳо ба Ибни Сино муҳаққақ ва нисбати бархе дигар мавриди тааммул аст, чунонки метавон онҳоро тарҷумаҳое аз осори Шайх донист ва

ғолиби онҳо дорои ихтисосоти насри қарни шашум ва ё баъд аз он аст. Аз миёни кутуби Шайх нисбати «Донишномаи Алоӣ» ва «Китоби набз» бад-ӯ мусаллам аст. «Донишномаи Алоӣ» ё «Донишномаи Алоия» ё «Ҳикмати Алоӣ» ё «Ҳикмати Алоия»-ро Шайх ба хоҳиши Алоуддавлаи Кокуя навишта ва бинобар ончи дар оғози он оварда, онро ба қасди таҳқиқ дар мантиқу табииёт ва ҳайату мусиқӣ ва мобаъдуттабиъа тасниф кард, лекин ҷуз ба таҳрири қисмати мантиқ ва илоҳиёту табииёт тавфиқ наёфт ва таълифи боқии китоб (ҳайат, ҳандаса, ҳисоб, мусиқӣ)-ро баъд аз у шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ бо тарҷума аз кутуби мухталифи Шайх бар ӯҳда гирифт ва аз он ҷумла мусиқиро аз қисмати мусиқии «Китоб-уш-шифо» тарҷума кард. Аз ин китоб нусахи мутааддид дар даст аст ва се бор ба табъ расида ва аҳамияти он нахуст дар он аст, ки шомили як давраи комил аз ҳикмати машоъ аст, ки аввалин бор ба забони форсӣ нигориш ёфта ва дувум он ки шомили бисёрс аз истилоҳоти мантиқӣ ва фалсафӣ ба форсӣ аст. Ва аммо «Рисолаи набз» шомили баҳс дар кайфияти офариниши аносир ва амзиҷаву табоеъ ва таҳқиқ дар даврони дамм ва набз ва анвоу чигунагии шинохти он аст. Ин китоб аз ҷумлаи нахустин кутубест, ки дар фанни тиб нигошта шуда ва ҳовии истилоҳоти илмии мутааддид ба форсист. Боқии рисолоти мансуб ба Ибни Сино маъмулан тарҷумаҳоест аз рисолоти ӯ, ки ба арабӣ навишта буд ва ҳамаи онҳо баъд аз рӯзгори ӯ ба забони форсӣ даромада.

«Шарҳи таарруф» ё «Нур-ул-муридин ва фазиҳат-ул-муддаъин»: Асли ин китоб ба арабӣ ва таълифи Абӯбакр ибни Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Иброҳим Яъқуби Бухории Килободӣ (мутаваффо ба соли 380ҳ. – 990м.) ва мавсумаст ба «Ат-таъарруф лимазҳаб-иттасаввуф», ки аз қадимулайём миёни машоихи сӯфия шӯҳрат дошта ва дар бораи он гуфтаанд: «Лав ло-т-таъарруф ламо урифа-ттасаввуф». Ба сабаби ҳамин аҳамият китоби «Таъарруф» чанд бор шарҳ шуда ва аз он ҷумла аст шарҳи Имом Абӯиброҳим Исмоил ибни Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ал-Мустамли ал-Бухорӣ (мутаваффо ба соли 434ҳ. – 1043м.) ба форсӣ. Шарҳи Абӯиброҳим Мустамлӣ аз ҷумлаи кутуби бисёр мӯътабари тасаввуф ба порсӣ ва дар зумраи қадимтарини онҳост, ки дар чаҳор муҷаллад тартиб ёфтааст. Абӯиброҳим дар оғози шарҳи хӯд гуфтааст: «Асҳоби ман аз ман хостанд, то китобе ҷамъ кунам ба порсӣ муштамил бар диёноту муомилот ва ҳақоиқу мушоҳадот ва румузу ишорот, то фаҳми эшон онҳоро дарёбад. Иҷобат кардам ба ҳасбат ва бино кардам ба китобе, ки шайхи мо Абӯбакр ибни Абиисҳоқ Муҳаммад ибни Иброҳим иб-

ни Яъқуб ал-Бухорӣ ал-Килободӣ таълиф кардааст, номи ӯ «Китоб-ут-таъарруф лимазҳаби-т-тасаввуф» ва он китобро шарҳ кардам, то ба сухани пирон ва мутақаддимон табаррук карда бошам ва ҳар чи гуфтам, муаккад кардам ба ояте аз китоби худой таъоло ё ба хабаре аз ахбори Мустафо алайҳиссалом ё ба масъалаи фиқҳӣ. Ва дар ин китоб эътиқод ва тавҳиду диёнот ва аҳволу мақомот ва ҳақоиқу мушоҳадот ва румузу ишорот ва сухани машоиху ҳикоёт бар тариқи суннату ҷамоат ёд кардам. Равиши Абӯиброҳим он аст, ки ибораті кӯтоҳе аз Абӯбакри Килободиро, ки ба тозист, меоварад, нахуст онро тарҷума мекунад ва он гоҳ шарҳи онро мегӯяд ва дар шарҳ ҳамчунонки худ гуфтааст, аз иттилооти мухталифи хеш дар каломи ҳадис ва фиқҳ ва назоири он истифода мекунад ва дар зимни шарҳу баён ҳар ҷо, ки лозим донад, аз машоиху риҷоли исломӣ ақволе барои исботи сухани худ нақл мекунад ва ба оёти қуръонӣ истишҳод менамояд. Бисёре аз мабоҳиси каломӣ ҳам дар ин китоб омада ва ба тафсил шарҳ шуда ва ақоиди дастаҳои мутакаллимини исломӣ ба муносибат оварда шудааст, монанди баҳс дар масъалаи тавҳид, ваъду ваъид, баҳс дар сарнавишти соҳибони кабоир ва амсоли онҳо. «Шарҳи «Таъарруф» дар чаҳор муҷаллад аст ва ин муҷалладоти чаҳоргона дар Лакҳнав ба соли 1912 ба табъи сангӣ чоп шудааст. Нусхаи чопии мазкур аз рӯи нусхаест, ки мусалламан дар он тасаррруфоти умда сурат гирифтааст ва ин вазъ дар ғолиби кутуби мутасаввифа машҳуд аст, зеро ҳамвора дар хонақоҳҳо ё ба василаи нассох дар онҳо тағйироте роҳ меёфт то ибороту иншоҳои кӯҳна барои соликони тариқат мафҳум гардад ва кӯҳнагии калом дар онон эҷоди малолати хотир нанамояд ва ин амал ҳатто дар шеър ҳам дида шудааст, ки дар хонақоҳҳо бар манзумоти ирфонӣ абёти илҳоқии бисёр афзуданд (хоса дар «Маснавӣ»-и Мавлавӣ, ки аз авохири қарни ҳафтум ба баъд мавриди таваҷҷӯҳ ва истифодаи бештари мутасаввифа будааст). Ҳамин амр боис шудааст, ки дар иншои «Шарҳи «Таъарруф» тағйироти умда роҳ ҷӯяд ва онро аз сурати иншои авоили қарни панҷум дур кунад, вале ба ҳар ҳол асл ва мабнои каломи Абӯиброҳими Мустамлӣ дар ҳама ҷои китоб боқӣ мондааст. Аз Абӯиброҳими Мустамлӣ китоби дигаре ба номи «Кашф-ул-маҳҷуб» дар даст аст, ки нусхае аз он дар китобхонаи Қлич Алӣ Пошо дар Истанбул мавҷуд аст ва китоби дигаре низ дар тафсири Қуръон дошт, ки дар даст нест.

*«Ал-тафҳим лиавоили синоати-т-танҷим»:* Аз устоди бузурги қарни чаҳорум ва панҷум Абӯрайҳони Берунӣ, ки нахуст ба порсӣ ба номи Райҳона – духтари Ҳусайни Хоразмӣ навишта шуда (соли

420ҳ. – 1029м.) ва сипас худи устод онро ба арабӣ дароварда ва инак ҳар ду нусхаи арабӣ ва форсии ин китоб дар даст аст. Ин китоб аввалин ва муҳимтарин китоби порсист, ки хоси илми нуҷум ва ҳандасаву ҳисоб навишта шуда ва аз боби он ки нависандаи он яке аз уламои маъруф дар илм аст, аҳамияти бисёр дорад. Абӯрайҳон кӯшидааст дар ин китоб, то он ҷо, ки мумкин аст аз истилоҳоти мавҷуди форсӣ барои илми риёзӣ истифода кунад. Ғолиби ин истилоҳот айнан истилоҳотест, ки аз авохири аҳди Сосонӣ дар нуҷум ва риёзиёт вуҷуд доштааст, монанди «пурӣ» ё «пурҳонӣ» барои имтилои ҳолати нури қамар, «баҳр» ва «баҳра» ба маънии қисмат, бахш, «соли худоҳ», (солхудоҳ» ба маънии рабб-ус-сана ва соҳиб-ус-сана ва ҷуз онҳо, ки ҳама мавриди истифодаи устод қарор гирифтааст, баъзе истилоҳот ва таъбирот низ аз мабонии ҳиндӣ ва санскрит аст. Истеъмоли калимоти арабӣ дар ин китоб кам аст ва он чи аз луғоти арабӣ омадааст, сода ва мустаъмал дар забони форсии он рӯз аст.

Тарҷума ва шарҳи рисолаи «Ҳай ибни Яқзон»: «Ҳай ибни Яқзон» аз осори тамсилии ирфонии Шайхурраис Абӯалии Синост. Ин достони ирфониро Шайх дар қалъаи Фардҷон навишт ва дар он шарҳи ҳоли пире аз аҳли Байтулмуқаддас ба номи Ҳай писари Яқзон омадааст. Мурод аз ин Ҳай ибни Яқзон ишора ба ақли фаъъол аст, ки *сӯфии зоҳидро дар вусул ба Ҳақ ёварӣ мекунад*. Ҳай ибни Яқзон ба васияти падар ба гардиш дар билод мубодарат ҷуста ва Яшқон мифтоҳи ҳама улумро ба писар дода буд. Ҳай нависандаи китобро бо худ ба саёҳати олам бурд. Нахуст ӯро ба чашмае аҷиб назири чашмаи ҳаёт, ки дар достони Искандар мебинем, роҳнамоӣ кард. Ҳар кас аз ин чашма бинӯшад, аз биёбонҳои сахту кӯҳҳои баланд метавонад гузашт. Ин чашма дар он сӯи зулмат ва дар биёбоне равшану нуронӣ воқеъ аст (яъне фалсафа дар он сӯи ҷаҳл). Сипас аз ду қисмати олам, олами модда ва олами маънӣ ва таййи мароҳилу вусул ба Ҳақ ба тариқи рамз сухан рафта ва ин баҳс бо баёне ширин ба васфи Воҷибулвуҷуд хатм шудааст. Достони «Ҳай ибни Яқзон»-и Шайх бисёр мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ шуда ва аз ҷумлаи кутубест, ки ҳам дар асри нависанда тарҷума шудааст. Тарҷума ва шарҳи форсии ин китоб ба амри Алоуддавлаи Кокуя ва дар дарбори ӯ анҷом гирифт ва мутарҷиму шореҳи он зоҳиран, яке аз шогирдони Шайх ва бинобар ақидаи баъзе Абӯубайди Ҷузҷонист. Дар ин тарҷума ва шарҳ нахуст матни арабии ҳар як аз иборот ва сипас тарҷумаи он ба унвони «тафсир» ва баъд аз он «шарҳи» он қисмат омадааст. Фасоҳату саломати калом ва салосати баён дар ин рисола ба ҳадди аълост ва агарчи муфрадоти куҳан ва таркиботи қадими форсӣ дар

он фаровон аст, лекин калимоти арабӣ ҳам дар он чандон кам нест. Ин тарҷума ва шарҳ, чунонки аз муқаддимаи он бармеояд, дар ҳаёти Абуалӣ фароҳам омада ва бинобар ин таърихи таълифи он пеш аз (соли 428ҳ. – 1037м.) аст ва ба ҳар ҳол ин таърих наметавонад аз таърихи 433ҳ. (1042м.), яъне таърихи фавти Алоуддавлаи Кокуя мутааххир бошад.

«Шаш фасл» ва «Рисолаи истихроҷ»: Ду асари нуҷумӣ аз Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Айюб Ҳосиби Табарӣ аз қудамои мунаҷҷимини эронист: «Шаш фасл» рисолаест дар устурлоб ва чунонки муаллиф худ гуфтааст, дар ҷавоби суолҳое, ки аз ӯ шуда нигориш ёфта ва дар он ҳамаи вуҷуҳи илмӣ ва амалии устурлобро баён доштааст. Китоби «Истихроҷ» дар шинохтани умр ва бақои он аст, ки яке аз мабоҳиси нуҷум шумурда мешавад.

«Таърихи Сиистон»: аз кутуби мӯътабари форсӣ, ки қисмати бузурге аз он дар ҳамин аҳд навишта шуда, «Таърихи Сиистон» аст. Ин китоб шомили ду қисмати мутамойиз аз якдигар аст, ки ду сабки мухталиф аз ду давраи мутафовит дорад ва ба василаи ду тан нигориш ёфтааст. Қисмати аввали он то ҳаводиси соли (444-445ҳ. – 1053-1054), яъне авоили аҳди тасаллути Салоҷиқа, ки мусодиф аст бо поёни аҳде, ки мавриди мутолиаи мост, навишта шуда ва қисмати дувум баъд аз он таърихро то ҳаводиси соли (725ҳ. – 1325м.) шомил аст ва дар авоили қарни ҳаштум нигориш ёфта ва он чи мавриди мутолиа ва алоқаи мо дар ин фасл аст, ҳамон қисмати нахустини китоб аст. Дар ин қисмат баъзе аз маворид маъхуз аст аз кутуби қадимтаре монанди насри Абулмуайяди Балхӣ ва мо бақи, яъне қисмати аъзами китоб иншои муаллифи номаълуми он аст. Равиши нигориши ин муаллиф бисёр сода ва табиист ва ин содагиву наздикӣ ба табиъат ва фасоҳати нависанда ба ҳаддест, ки насри ӯро ҳамдӯши фусаҳои бузурги қадим монанди Балъамӣ кардааст ва агарчи ин китоб дар поёни аҳди мавриди таҳқиқи мо нигориш ёфта, боз ҳам аз луғоти арабӣ ва таркиботи мушкили тозӣ ба нисбати бисёр зиёде холист ва маъмулан аз калимоти содаи мусталеҳ ва ё порае таркибот аст, ки ба мавриди ва ғолибан аз забони арабӣ истеъмол мешавад, монанди субҳоналлоҳил азим ва аъаззаллоҳул амира ва амсоли инҳо. Осори кӯҳнагии забон ва калимоту таркибот аз баъзе мавориди китоб ба дараҷае машҳуд аст, ки онро ба насри аҳди Сомонӣ ба шиддат наздик мекунад. Кӯтоҳии ҷумлаҳо ва расо будани иброту тамом будани афъол ва ба кор рафтани таркиботи хос, ки баъзе аз қабили таркиботи маҳаллии нависанда аст, аз хасоиси умдаи ин китоб шумурда мешавад.

«Кашф-ул-маҳҷуб»: Ин китоби муҳими фалсафӣ аз осорест, ки дар авоихири аҳди мавриди баҳси мо ба вуҷуд омадааст ва аз ҷумлаи муҳимтарин осори Исмоилия шумурда мешавад. Муаллифи он Абӯяъқуб Исҳоқ ибни Аҳмади Сагзист, ки дар авохири қарни чаҳорум мезиста. Мавзӯи ин китоб, ҳамчунонки гуфтем, ҳикмат бар мазоқи Исмоилиён ва шомили ҳафт асл ё мақолат аст, ки ҳар мақолат мунқасим мешавад ба чанд ҷистор: Мақолати аввал дар тавҳиди борӣ таъоло ва мақолати дувум дар халқи аввал (хирад) ва мақолати савум дар халқи сонӣ (нафс) ва мақолати чаҳорум дар халқи солис (табиат) ва мақолати панҷум дар халқи робиъ (мавҷудоти рӯи замин) ва мақолати шашум дар халқи хомис (нубувват) ва мақолати ҳафтум дар халқи шашум (барангехтан, яъне баъсу нушур = маъод). Равиши сухан дар ғолиби мавориди ин китоб ба тарҷума мемонад ва баъид нест, ки ин китоб тарҷумае аз асли таълифи Абӯяъқуби Сагзӣ бошад ва як ҷо иборати китоб ин фикрро таъйид мекунад ва он чунин аст: «Оғоҳ бош, ки андар ақовили ҳукамои адён рафтааст, ки нафс суратест барангехта аз ақли аввал ва аз баҳри он ӯро ақли сонӣ хонанд ва бидонки андар сухани араб барангехтан ба маънии кардан бувад, чунонки Або Яъқуб гӯяд: Ал-инбиъосу инфиъол ман-ал-баъси ва-л-мунбаъису ал-мунфаъил вал-мабъусу ал-мафъулу». Бо ин ҳол сабки нигориши китоб бисёр қадим аст ва агарчи калимоти арабӣ дар он бисёр аст, аммо ҳайати иншо ва истеъмоли бисёре аз калимоту таркиботи куҳан мерасонад, ки набояд таърихи таҳрири ин нусхаи форсӣ аз авоили қарни панҷум ҷадидтар бошад.

Расоили Абунасри Мушкон: Абӯнаср Мансур ибни Мушкон аз куттоби бузурги аҳди Ғазнавист ва зоҳиран, баъд аз интихоби Шамсулкуфот Аҳмад ибни Ҳасани Маймандӣ ба вазорат (401ҳ. – 1011м.) ва холӣ мондани маҳаллу мансаби соҳиби девони расоил ба амри Маҳмуд ба ин самат баргузида шуд ва дар аҳди Масъуд ҳамвора ин шуғлро бо камоли амонату тадбир бар ӯҳда дошт, то соли (431ҳ. – 1040м.) даргузашт. Абӯнаср дар насри порсиву арабӣ ҳар ду даст дошт ва аз ӯ осоре дар арабӣ ва форсӣ зикр намудаанд ва Байҳақӣ чанд номаи порсии ӯро дар таърихи худ нақл карда ва аз он ҷумла аст номаи аъёни давлати Ғазнавӣ ба султон Масъуд ва даъвати ӯ ба Ғазнин ва номаи султон Масъуд ба Қадархон ва номаи султон Масъуд ба Алтунтоши Хоразмшоҳ.

Қисмати риёзии «Донишномаи Алоӣ»: Пеш аз ин гуфтаем, ки Абӯалӣ Сино ба фармони Алоуддавлаи Кокуя бар он шуда буд, ки китоби ҷомее дар анвои улуми ҳикамӣ, яъне мантиқу илоҳиёт ва

табииёту риёзиёт ба забони порсӣ бинависад, лекин қисмати риёзии он китоб зоҳиран аз байн рафт. Ин корро шогирди ӯ Абӯубайди Ҷузҷонӣ ба анҷом расонид. Абӯубайд ҳамин корро ҳам дар такмили китоби «Наҷот»-и Шайх кард, яъне китоби риёзиро бар он афзуд. Абӯубайд дар оғози қисмати риёзии «Донишнома» гуфтааст, ки онро аз рӯи кутуби риёзии Шайх тартиб дода ва ба порсии дарӣ навишта ва ба китоби «Донишнома» пайвастааст.

«Зайн-ул-ахбор»: Аз ҷумлаи кутуби мӯътабари таърихист, ки дар авохири ин аҳд таълиф шуд. Муаллифи ин китоб Абӯсаъид Абулҳай ибни Маҳмуди Гардезии Ғазнавӣ муосири Ғазнавиён аст ва китоби ӯ шомили вақоеъ аз ибтидои хилқат то поёни давраи Мавдуд ибни Масъуди Ғазнавӣ (432-440ҳ. 1041-1049м.) ва мутазаммини иттилооте дар таворихи аъёд ва русуми милал ва ҳаводиси олам ва дорои насре равону сода аст. Аз мухтассоти каломи Гардезӣ риояти ҷониби эъҷоз ва зикри равиши ҳаводис ва иҷтиноб аз исҳобу татвил ва адами вуруд дар ҷузъиёт аст. Бо он ки дар каломи Гардезӣ луғоти тозӣ ба андозаи кофӣ роҳ ёфта, маъа золик равиши нигориши ӯ кӯҳна ва наздик ба равиши давраи Сомониён аст.

«Қасас-ул-анбиё»: Аз Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Мансур ибни Халафи Нишопурӣ, ки матолиби он манқул аст аз ривояти Калбӣ (ваф. 146ҳ. – 764м.) аз Ибни Аббос дар зикри қасаси Қуръон. Исҳоқ ибни Иброҳим миёни ривояти худ ва Калбӣ ҳафт восита зикр кардааст ва бинобар ин бояд қоидатан дар миёнаи қарни панҷум, яъне дуруст дар поёни даврае, ки мавриди мутолиаи мост, зиста бошад. Иборати китоб ва ба кор рафтани калимоти вофири арабӣ дар онҳо ва дар айни ҳол кӯҳнагии қисмате аз таркиботу калимот, моро бар он медорад, ки тасаввури тасарруфотеро дар ин китоб бикунем ва ин амр нисбат ба як китоби динӣ, ки мавриди алоқа ва истифодаи омма ва дастхуши татовули нассохи мухталиф будааст, мустабъад ба назар намерасад.

## *5. ТОЗИГӮЁНИ ЭРОН ДАР ҚАРНИ ЧАҲОРУМ ВА ОҒОЗИ ҚАРНИ ПАНҶУМ*

Қарни чаҳорум ва авоили қарни панҷум муҳимтарин давраи зуҳури нависандагон ва шоирони бузурги тозигӯ дар Эрон ва давраи камоли тараққии адаби арабӣ дар ин сомон аст. Дар радифи нависандагону шоирони бузурги порсизабони Эрон, ки дар ин давра ба сар мебурданд, гурӯҳи бузурге аз шоирону нависандагон ва удабову

муаррихон, ки ба забони арабӣ насру назм доштаанд, дар хидмати салотин бо эъзозу икром мезистанд ва аз онон дар ин муддат осори маъруф бар ҷой мондааст. Баъзе аз шоирону нависандагони порсӣ дар ин аҳд аз ҷумлаи шоирону нависандагони тозигӯи бузурганд, монанди Шаҳиди Балхӣ ва Абӯалӣ ва Шамсулмаъолии Қобус ва Абулфатҳи бустӣ ва Бӯнасри Мушкон ва ҷуз онон ва чун вазирон аз миёни дабирони бузург, ки ломаҳола бо улум ошноии комил доштаанд, интихоб мешуданд, нависандагони бузурге аз Эрон, ки ба забони арабӣ назму наср доштаанд, ба вазорат расиданд. Ва пайдост, ки вуҷуди онон дар нашри адаби арабӣ дар Эрон ва гирд овардани удабо ва шуарову нависандагони арабигӯй дар дарборҳо ва ташвиқи онон бисёр муассир будааст. Равиши таҳсили забону адаби арабӣ дар ин қарн ҳамчунонки зимни таҳқиқ дар улуми адабии ин аср дидаем, тавре буд, ки мӯҷиби маҳорати толибони улум дар иншо мешуд ва ба ҳамин сабаб адади шоирону нависандагони арабизабони порсинажод дар ин аҳд бисёр аст.

## НАСРИ АРАБӢ

Дар қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум дар насри арабӣ ду ҷараёни мухталиф мушоҳида мешавад: яке таваҷҷӯх ба насри маснӯъ ва дигар таваҷҷӯҳ ба насри мурсал ва дур аз саноеъ, ки хоси нависандагони кутуби илмӣ ва баъзе аз удабо монанди Абӯҳаййёни Тавҳидӣ будааст. Абуҳайёни Тавҳидӣ дар нигориши кутуби худ ба саноеъ таваҷҷӯҳе надошт.Ҳар ҷо он саноеъ ба табиат бар қалами ӯ ҷорӣ мешуд, аз онҳо истифода мекард ва дар ғайри ин сурат аз овардани онҳо худдорӣ менамуд. Мисли он аст, ки Абӯҳайён таваҷҷӯҳ ба саноеи гуногун ва фидо кардани маъониро барои хотири онҳо намеписандид ва ин маънӣ аз масолибе, ки барои Соҳиб ибни Аббод шумурдааст, бармеояд.

Нависандагони таворих аз қабили Абӯмансури Саъолабӣ ва Абулфараҷи Исфаҳонӣ ва Ҳамза ибн ал-Ҳасани Исфаҳонӣ ва ҷуз онҳо ҳам маъмулан ҳамин равишро доштанд. Магар баъзе аз онон мисли Утбӣ, ки аҳёнан таърихро ҷавлонгоҳи саноеъ қарор медоданд ва дар ин роҳ аз ифрот ва тундравӣ ҳам имтиноъе надоштанд.

Мавзӯи муҳим дар насри арабии қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷум шуюъи фан ва санъат аст дар он. Дар қарни дувуму савум ва авоили қарни чаҳорум нависандагони забони арабӣ таҳти таъсири адаби паҳлавӣ ва юнонӣ аз тасаннӯъ дурӣ меҷустанд ва осори он айём ҳама ба насри мурсал ва холӣ аз ҳар гуна такаллуф

аст. Содагӣ ва равонии каломи нависандагони ин давраро ба ҷои таваҷҷӯҳ ба завоҳири алфоз мутаваҷҷеҳи баёни маъонӣ ва матолиби муҳим ва баҳсҳои судманд дар мавориди мухталиф мекард, лекин дар қарни чаҳорум назари нависандагон бештар мутаваҷҷеҳи алфоз шуд ва омодаги забони араб барои истифода аз саноеъ ҳам ононро дар ин кор ташҷеъ намуд, чунонки ба зудӣ осори мухталифе ба ин сабк падид омад ва аксари нависандагон мутаваҷҷеҳи ин тарика шуданд. Саҷъ дар насри арабии авохири давраи ҷоҳилият ба вуфур дида мешавад, алалхусус дар ибороти куҳҳон ва хутабо, валекин баъд аз зуҳури ислом ин равиш матрук монд ва ҷои онро содагии иборат гирифт. Вақте нависандагони забони арабӣ хостанд, ба равиши қадими насри арабӣ бозгарданд, муқаддимоти амр барои онон омода буд ва ба ҳамин сабаб тараққии равиши ҷадид ҳоҷат ба вақти бисёр ва сарфи муҷоҳадоти фаровон надошт. Вуҷуди кутубе, ки дар луғоти муτародиф ё асмои мухталиф аз ашёи муайян ба василаи рувот ва луғавиён фароҳам омада буд ва нашри маъоҷими мутааддид аз Давраи Халил ибни Аҳмад ба баъд ва вусъати доираи забони арабӣ бар асари вуруди луғоти касир аз забонҳои юнонӣ ва эронӣ ва ғайра ҳам дар ин роҳ ба нависандагон ёварии бисёр кард ва овардани мутародифот ва ба кор бурдани саҷъ ва ҷинос ва вуруд дар саноеъро аз қабили мумосала ва тарсеъ ва ғайра барои онон осон сохт.

Таваҷҷӯҳ ба саноеъ бештар аз китобати расоил сарчашма гирифт ва усулан китобати расоил асари бисёр дар балоғати араб дошт ва василаи хубе барои тафаннун буд ва дар забони форсӣ ҳам саҷъ ва соири саноеи лафзӣ бештар ба василаи мутарассилон шуюъ ёфт. Расоил аъамм аз «султониёт» ва «ихвониёт»-и Майдонӣ барои ба кор бурдани саноеъ ва ворид кардани истилоҳоту амсол ва оростани калом ба зеварҳои гуногуни лафзӣ ва маънавӣ буд. Ғолибан, маъонии кам дар онҳо бо алфози бисёр ва бо тафаннуну танаввуқ намуда мешуд ва мутарассилини дастгоҳҳои мухталифи ҳуккому умаро ва хулафову салотин дар ин амр бо якдигар рақобат меварзиданд ва ҳамин рақобат худ бар тавсиаи доираи саноеъ дар калом меафзуд.

Дар ин давра танаввӯъ дар мавзӯоти наср бисёр будааст, зеро дастаҳои мухталифи илмӣ ва мазҳабиву адабӣ ҳар як барои худ мавзӯоти хосе дар китобат доштанд.

Дар раъси нависандагони ин аҳд Ибн ал-Амид Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн қарор дорад. Вай аз мардуми Қум буд ва валодату нашъаташ дар он ҷо иттифоқ афтод ва ҳамон ҷо наздикӣ аз удабои бузург ба номи Абӯалӣ Аҳмад ибни Исмоил ибни Абдуллоҳи Қумии маъруф ба Ибн Самака аз ҳукамову удабо ва мутарас-

силини аҳди худ таламмуз кард ва монанди устоди худ мазҳаби аҳли адлу тавҳид (эътизол)-ро пазируфт ва ба ҳамин сабаб хилофи Соҳиб Аббод ба ҳукумат алоқаи том дошт ва адаби ӯ мамзуҷ ба улуми ақлия буд ва ба ҳамин ҷиҳат мунодимон ва муҷолисони ӯ ҳам аксар аз ин табақа будаанд, монанди Абӯмуҳаммади Ҳинду ва Абӯалии Мискавейҳ ва Ибни Самака. Падари Ибн-ал-Амид, яъне Абӯабдуллоҳ Ҳусайни маъруф ба «кулаҳ», дабири Мокони Кокӣ буд ва баъд аз кушта шудани Мокон ба асорат ба Хуросон рафт ва дар он ҷо ба аҳди салтанати Нӯҳ ибни Наср соҳиби девони расоил шуд ва ба Амид маъруф гардид ва ба ин ҷиҳат Абулфазлро Ибн ал-Амид гуфтаанд. Ибн ал-Амид баъд аз падар дар хидмати Рукнуддавла Ҳасан ворид шуд ва ба вазорати ӯ расид ва то поёни ҳаёти худ, яъне сол 360 дар вазорати Оли Бӯя барқарор буд. Аҳамияти Абн-ал-Амид бештар дар он аст, ки саноеи лафзиро дақиқ гирд овард ва дар балоғат ба дараҷае расид, ки ӯро толии Абулҳамид овარданд ва гуфтанд: «Бада'ат-ул-китобату би Абдилҳамид ва хатамат би Ибн ал-Амид».

Шогирди Ибн ал-Амид, соҳиби «Кофӣ» Абулқосим Исмоил ибни Аббод аз аҳли Толиқон буд. Ибтидо назди Ибни Форс таламмуз мекард ва сипас ба хидмати Ибн ал-Амид даромад ва баъд аз фавти ӯ *ва барканор шудани Абулфатҳ, писари* Ибн ал-Амид ба вазорати Муайядуддавла расид ва ҳамчунон дар мақоми худ боқӣ буд, то дар соли (385ҳ. – 995м.) даргузашт. Соҳиб илова бар тадбиру кордонӣ дар улуми лисонӣ ва адабу калом саромади аср буд ва шоирону нависандагонро ротибаи муназзам ва силоту ҷавози фаровон мебахшид. Пеш аз ин таваҷҷӯҳи Соҳибро ба улуми адабӣ баён дошта ва гуфтаем, ки ӯ таълифоте дар ин боб дошт, ки аҳамми онҳо китоби «Ал-муҳит» дар илми луғат аст. Равиши иншои Соҳиб дар кутубу расоили ӯ мутаваҷҷеҳ ба эроди саноеи лафзӣ буд. Соҳиб дар истеъмоли саҷъ ба ҳадде зиёдаравӣ мекард, ки аз ин бобат мавриди эроди муосирони худ қарор гирифт ва ин таваҷҷӯҳи шадид ба саноеъ махсусан дар расоили ӯ ба хубӣ дида мешавад. Расоили Соҳиб дар анвои мухталифи султонӣ ва ихвонист ва маҷмӯаи бузурге аз ҳамаи онҳо дар даст аст, ки ахиран ба табъ расидааст.

Яке аз бузургтарин нависандагони ин аҳд, ки аз уламои маъруфи адаб маҳсуб мешавад, Абӯбакр Муҳаммад ибни Аббоси Хоразмӣ (ваф. 383ҳ. – 983м.) аст, ки аслаш аз Хоразм ва модараш аз Табаристон, яъне хоҳари Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ будааст. Вай дар ҳифзи ашъор ва айёму ахбори араб ва дар луғату наҳв ва шеъру адаби арабӣ ваҳиди асри худ будааст. Расоили Хоразмӣ ба доштани

мухассаноти бадей мумтоз ва дар ҳамон ҳол салосату равонии хос аз он машҳуд аст ва аз ин ҷиҳат байни услуби ӯ ва услуби нависандагони арабӣ дар қарни савум шабоҳат ва қаробате вуҷуд дорад ва ин маънӣ аз маҷмӯаи расоили Хоразмӣ ба хубӣ машҳуд аст.

Муосири Хоразмӣ Аҳмад ибни Ҳусайни Ҳамадонии маъруф ба Бадеуззамони Ҳамадонӣ (ваф. 398ҳ. – 108м.) насрнависи тавоно ва машҳур ба забони арабист. Вай улуми адабиро дар Ҳамадон назди Ибни Форси Розӣ фаро гирифта ва баъд аз он ба хидмати Соҳиб Ибни Аббод расид ва аз ӯ низ дар улуми адабии араб истифода кард. Аҳамияти Бадеуззамон дар он аст, ки чи дар расоил ва чи дар мақомоти худ санъатро ба ҳадди камол расонид ва махсусан мақоманависиро, ки Ибни Дурайд оғоз карда буд, равнақу камоле дод ва акнун расоилу мақомоти ӯ ҳар ду дар даст аст ва ба табъ расида.

Шамсулмаъоли Қобус ибни Вушмагир ибни Зиёри Дайламӣ, подшоҳи машҳури Зиёрӣ (ваф. 403ҳ. – 1013м.) аз нависандагони бузурги ин аҳд аст, ки расоиле аз ӯ ба арабӣ ва ашъоре ба тозиву порсӣ боқӣ мондааст. Маҷмӯаи расоили ӯро Абулҳасан Алӣ ибни Муҳаммади Яздодӣ гирд оварда ва ба «Камол-ул-балоға» мавсум доштааст ва он акнун дар даст аст ва ба чоп расида. Аз ашъори порсии ӯ ин абёт дар «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ омадааст:

*Кори ҷаҳон саросар оз аст ё ниёз,*
*Ман пеши дил наёрам озу ниёзро.*
*Ман бист чизро зи ҷаҳон баргузидаам,*
*То ҳам бад-он гузорам умри дарозро.*
*Шеъру суруду руду маи хушгуворро,*
*Шатранҷу нарду сайдгаҳу юзу бозро.*
*Майдону гӯю боргаҳу разму базмро,*
*Аспу силоҳу ҷуду дуову намозро.*

*Шаш чиз дар он зулфи ту дорад маъдан,*
*Печу гираҳу банду хаму тобу шикан.*
*Шаш чизи дигар нигар ватаншон дили ман,*
*Ишқу ғаму дарду гурму темору ҳазан.*

*Гул шоҳи нишот омаду май мири тараб,*
*З-он рӯй бад-ин ду мекунам айш талаб.*
*Хоҳӣ, ки дар ин бидонӣ, эй моҳ, сабаб*
*Гул ранги рухат дораду май таъми ду лаб.*

Абӯнаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ (ваф. 427ҳ. – 1036м.) аз аҳли Рай ва аз кибори мутарассилони Эрон дар қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум аст, ки дер гоҳе дар Хуросон дар дастгоҳи Абӯалии Симҷур ва Носируддини Сабуктегин ба сар мебурд ва чанде ҳам самати ниёбати Шамсулмаъоли Қобусро дар Хуросон дошта ва муддате дар Нишопур назди Амир Наср ибни Носируддини Сабуктегин сипаҳсолори Хуросон аз қибали султон Маҳмуд ба сар мебурдааст. Китоби машҳури ӯ «Таърихи Яминӣ»-ст, ки дар шарҳи салтанати Сабуктегин ва султон Маҳмуд то соли 421 (1030м.) навишта шуда ва ба номи Ямінуддавла Маҳмуд ба «Таърихи Яминӣ» мавсум гардидааст. Утбӣ бисёре аз ҳаводиси авохири аҳди Сомониро ба муносибат дар китоби худ оварда ва он иттилоот низ бисёр судманду муфид аст. Ин китобро Абӯшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷарфодконӣ (Гулпойгонӣ) дар оғози қарни ҳафтум ба насри маснӯи порсӣ тарҷума кардааст.

Дигар аз нависандагони ин аҳд Абӯмансур Абдулмалик ибни Муҳаммад Саъолабии Нишопурӣ (ваф. 429ҳ. – 1038м.) адиб ва нависандаву муаррихи бузурги Эрон дар қарни чаҳорум ва оғози қарни панҷум аст, ки дар ҳар ду равиши насри маснӯъ ва мурсал устод будааст. Аз осори машҳури ӯ китоби «Ятимат-уд-даҳр» дар шарҳи аҳволи шуарои бузурги аҳди муаллиф аз Шом то Мовароуннаҳр аст, ки ҳам аз ҳайси иншои балеғ ва ҳам аз боб иштимол бар аҳволу ашъори бисёре аз шуарои он аср, хоса шуарои тозигӯи Эрон, ки ғолибан аз вузаро ва риҷоли бузурги аҳд будаанд, аҳамияти бисёр дорад. Саъолабӣ китоби «Ятимат-уд-даҳр»-ро ба василаи зайле ба номи «Татиммат-ул-ятима» такмил дода ва ин ҳар ду китоб табъ шудааст. Дигар аз кутуби ӯ «Китоб-ул-эъҷоз ва-л-иҷоз», «Хос-ул-хос», «Самор-ул-қулуб фи-л-музоф ва-л-мансуб», «Наср-ун-назм», «Китоб-ут-тамсил ва-л-муҳозара» ва чанд асари дигар ва муҳимтар аз ҳама китоби «Ғурару ахбори мулуки-л-Фурс ва сияриҳим» дар таърихи Эрони қадим аст, ки Саъолабӣ дар таълифи он махсусан, аз «Шоҳнома»-и Абӯмансурӣ» истифодаи бисёр кардааст. Ин китобро Саъолабӣ ба исми Наср ибни Носируддини Сабуктегин даровварда ва бинобар ин муҳаққақан пеш аз соли 412 (1022м.), яъне соли фавти он амирзода ба таълифи он тавфиқ ёфтааст.

Дар зумраи нависандагони маъруфи ин аҳд зикри номи Абӯҳайён Ат-тавҳидӣ, Алӣ ибни Муҳаммад ал-Аббос, адибу файласуф ва мӯътазилии машҳури қарни чаҳорум (ваф. 400ҳ. – 1010м.) лозим аст. Вай аз ҷумлаи донишмандони бузурги ин аср аст ва дар ҳусни танзими матолиб ва суҳулати иншо чандон маҳорат доштааст, ки

уро «Ҷоҳизи сонӣ» лақаб додаанд. Абӯҳайён улуми адабиро дар хидмати Абӯсаъиди Сайрофӣ омӯхт ва чанде ҳам дар мазҳари Абӯсулаймони Сиҷистонӣ бо гурӯҳе аз донишмандону ҳукамои аҳли худ муошарат дошта ва муддате низ дарки хидмати Ибн ал-Амид ибни Аббод ва Ибн Саъдонро карда ва бо Абӯалии Мискавейҳ, файласуфу нависандаи бузург робита доштааст. Аз осори муҳими ӯ он чи дар даст дорем, «Китоб-ул-имтоъ ва-л-муониса», «Китоб-ул-ҳавомил ва-ш-шавомил», «Китоб-ул-муқобисот», «Китоб-ул-басоир», «Рисола фи-с-садоқа» аст.

Абулфараҷ Алӣ ибн ал-Ҳусайн ал-Исфаҳонӣ (284-356ҳ. – 898-967м.) нависанда ва адиби бузурги қарни чаҳорум аз муаллифони аҳди Буӣ ва аз касонест, ки ҳеҷ гоҳ аҳамияти худро дар таърихи тамаддуни исломӣ аз даст надодаанд. Вай дар адаб шогирди Ибн Дурайд ва Ибн ал-Анборӣ (ваф. 328ҳ. – 940м.) ва Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ буда ва асари машҳураш «Китоб-ул-агонӣ»-ст, ки риҷоли қарни чаҳорум монанди Соҳиб ибни Аббод ва Аздуддавлаи Дайламӣ ба он таваҷҷӯҳи бисёр доштанд ва гуфтаанд Аздуддавла ин китобро аз худ дар сафар ва ҳазар дур намедошт. Абулфараҷ гайр аз «Ағонӣ» кутуби дигаре монанди «Мақотил-ут-толибин» ва «Ал-имо-уш-шавоъир» ва «Ад-диёрот» таълиф кард.

Дар ин ҷо зикри як нависандаи бузурги Бағдодиро ҳам аз боби аҳамияти фаровоне, ки дорад, лозим медонем ва ӯ Муҳаммад ибни Исҳоқ ан-Надим ал-Барроқи маъруф ба Ибн ан-Надим (ваф. 378ҳ. – 989м.) аст, ки китоби машҳураш «Ал-феҳрист» дар навъи худ аввалин ва муҳимтарин китоб дар тамаддуни исломӣ ва дар дунёи қадим аст. Дар ин китоб Ибн ан-Надим роҷеъ ба ҷамеъи улуме, ки дар тамаддуни исломӣ роиҷ буд ва уламои маъруфи он улум то аҳди худ ва кутуби машҳуре, ки навиштанд ва ҳамчунин роҷеъ ба уламои қадим дар улуми авоил ва ноқилини кутуби онон ва асҳоби он улум дар ислом бо таълифоташон ва тамоми кутубе, ки аз забонҳои мухталиф дар мавзӯоти гуногун ба арабӣ тарҷума шуда буд, баҳс карда ва ҳатто аз таҳқиқ дар адёну мазоҳиби маъруфи аҳди худ ва кутуби машҳури онҳо ва тарҷумаҳое, ки аз онҳо шуда буд, низ ғофил намонда ва бад-ин тариқ яке аз беҳтарин кутуби давраи булуғи тамаддуни исломиро ба вуҷуд овардааст.

Абӯҳилол ал-Аскарӣ (ваф. 395ҳ. – 1005м.) мансуб ба шаҳри «Аскари мукаррам» аз билоди Хузистон, аз удабо ва нависандагону муаллифони адабии бузурги ин давра аст ва аз ҷумлаи осори ӯ «Китоб-ус-синоъатайн» ва «Девон-ул-маъонӣ» ва «Ҷамҳарат-ул-амсол» ва «Ат-тафзил байна балоғат-ил Араб ва-л-Аҷам» аст.

Аз кибори муаррихон, ки таҷовуз аз давраи ҳаёти ӯ набояд сабаби фавти номаш аз шумори бузургони ин аҳд гардад, Ҳамза ибн ал-Ҳасан ал-Исфаҳонӣ (вилодат дар ҳудуди соли 270ҳ. – 884м. ва вафот дар ҳаволии солҳои 350 ила 360ҳ. – 961-966м.) муаллифи китоби машҳури «Таърих синни мулук-ил-арз ва-л-анбиё» ва «Китоб-ут-тсҳиф» ва китоби «Кибор-улбашар» ва «Китоб-ул-амсол» аст, ки ҳамаро дар даст дорем. Китоби «Синни мулук-ил-арз ва-л-анбиё» аз ҳайси иштимол бар иттилооти касир роҷеъ ба Эрон дорои аҳамияти фаровон аст ва ҳамин китоб аст, ки дар таълифи китоби «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қасас» асоси кор қарор гирифтааст.

Аз муаррих ва файласуфу донишманди бузурги ин аҳд Абӯалии Мискавейҳ ва китоби «Таҷоруб-ул-умам»-и ӯ бо соири таълифоташ пеш аз ин ёд крдем ва такрори номи ӯ дар ин ҷо танҳо барои тазкори аҳамияташ дар олами нависандагист.

## ШЕЪРИ АРАБӢ

Шеъри арабӣ дар қарни чаҳорум ва огози қарни панҷум ҳамон сайреро, ки дар қарни дувуму савум пеш гирифта буд, идома дод ва ба мароҳили қатъии камол расонид, чунонки чи аз ҳайси лафзу зоҳири таркиботу иборот, чи аз боби маънӣ ва диққати он ва чи аз ҷиҳати вуруди мазомину афкори илмии дақиқ дар шеър саромади ҳамаи адвори шеъри араб қарор гирифтааст ва дар ҳамин давра аст, ки шоирони бузургу номоваре, ки аз асотини шеъри арабанд, монанди Абӯтаййиб ал-Мутанаббӣ (303-354ҳ. – 916-965м.) ва Абулъало ал-Маъаррӣ (363-449ҳ. – 973-1058м.) ва Ибн Ҳонии Андалусӣ ва Абулҳасан ас-Саломӣ ва Ибн Ҳаҷҷоҷ ва Шариф ар-Разӣ ва Шариф ал-Муртазо ва назири онон зуҳур кардаанд. Шеъри арабӣ дар Эрони ин давра ҳам ба ҳамон нисбат ривоҷ дошт, ки насри арабӣ ва камтар файласуф ё адиб ё муарриху нависанда аст, ки дар ин аҳд дар Эрон зиста бошад ва девони шеъри арабӣ надошта ё абёте аз ӯ нақл нашуда бошад, монанди Абулҳасан Шаҳиди Балхӣ, Ибн ал-Амид, Соҳиб ибни Аббод, Абӯалии Мискавейҳ, Шамсулмаъолии Қобус, Абӯалӣ Сино, Бадеуззамони Ҳамадонӣ, Абӯбакри Хоразмӣ, Абумансури Саъолабӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Абдулазизи Ҷурҷонӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Абулфараҷи Исфаҳонӣ, Ибн Ҳинду ва ҷуз онон, ки зикри ҳамаи эшон гузаштааст.

Бар асари ташвиқи Аздуддавла ва Ибн ал-Амид ва Ибн Саъдон ва Соҳиб ибни Аббод ва Абулфазли Балъамӣ ва Утбиву Ҷайҳонӣ ва Абулҳусайни Суҳайлӣ ва амсоли онон аз шуарову удабо, чи дар

Ироқу чи дар Хуросон, ривоҷи шеъри арабӣ ба ҳадди аъло расида буд, чунонки баршумурдани ҳамаи шоирони форсизабони арабигӯй дар ин аҳд ба воқеъ душвор аст ва хонанда барои вусул ба ин мақсуд бояд ба китоби «Ятимат-уд-даҳр» ва «Татиммат-ул-ятима», «Дамият-ул-қаср» ва назоири онҳо муроҷиа кунад ва аз ин миён ба зикри шоироне монанди Муҳаммад ибни Мӯсо ал-Ҳамадонӣ ал-балхӣ ва Абӯабдуллоҳ аз-Зарир ал-Абивардӣ ва Меҳёр ад-Дайламӣ ва Абулфатҳ Алӣ ибни Муҳаммад ал-Бустӣ иқтисор шавад.

Абулҳусайн Меҳёр ибни Марзуяи Дайламӣ котиб ва шоире машҳур аст. Вай ибтидо дини зардуштӣ дошт ва баъд бар дасти Шарифи Разӣ Абулҳасан Муҳаммад ал-Мавсилӣ ислом овард ва дар хидмати ӯ ба таҳсили фунуни адаб ва шеър пардохт ва ба зудӣ бузургтарин шоири аҳди худ шуд ва девони шеъри ӯро чаҳор ҷилд навиштаанд. Вафоти ӯ дар 428 (1037м.) иттифоқ афтод.

## ТАВЗЕҲИ БАЪЗЕ АЛФОЗУ ТАЪБИРОТ

1. Адилла – ҷамъи далел, далелҳо
2. Аркони арбаъаи тибби исломӣ – чаҳор китоби муҳимтарин дар тибби исломӣ, яъне «Комил-ус-синоа»-и Алӣ ибни Аббоси Маҷусии Аҳвозӣ, «Китоб-ул-ҳови»-и Закариёи Розӣ, «Алқонун ва-т-тиб» ва «Китоб-уш-шифо»-и Абӯалӣ Сино.
3. Атиббо – ҷамъи табиб, табибон
4. Ансоб – ҷамъи насаб, илме буда дар гузашта бо номи илми ансоб, ки бо омӯхтани аслу насаби афроду хонадонҳои бузург машғул мешуд.
5. Аҳли ҳираф – соҳибони ҳирфаҳо, ҳунармандону косибон
6. Азмина ва авқот – ҷамъи замон ва вақт
7. Аҳҷори карима – сангҳои нодир, қиматбаҳо
8. Афозили аҳд – донишмандони замон
9. Адвор – ҷамъи давр, даврҳо
10. Амволи касир – молҳои бисёр
11. Аз аъқоби сардорони аҳди Сосонӣ – аз авлодони сардорони аҳди Сосонӣ
12. Аҷоиби билод – ҳодисаҳо ва чизҳои ғайриоддии кишварҳо
13. Адвияи муфрада – давоҳое, ки аз як таркиб сохта шудаанд
14. Аносир ва амзиҷа – унсурҳо ва мизоҷҳо
15. Асҳоб – ҷамъи саҳб, дӯстон
16. Аъаззаллоҳул амира – Худованд амирро гиромӣ дорад
17. Билистиқлол – мустақил, соҳибихтиёр
18. Байъу широ – фурӯхтану харидан
19. Байти арабӣ аз урҷузаи Ибни Сино:
    Ҳабатат илайка минал маҳаллил арфаъӣ,
    Варқоу зота таъзаз ва тамнаъ.
    Тарҷума:
    Фуруд омад бар ту аз макони баланд,
    Кабӯтаре, ки гиромӣ дорӣ ва манъ кунӣ.
20. Беинқитоъ – бетанаффус, мунтазам
21. Буҳур – ҷамъи баҳр, ин ҷо баҳрҳои арӯзӣ дар назар аст
22. Ба завқ интибоқ ёфтан – мувофиқи завқ афтодан
23. Бадаат-ул-китобату ба Абдилҳамид ва хатамат би Ибн ал-Амид – Нависандагӣ бо Абдулҳамид оғоз шуд ва бо Ибн ал-Амид хотима ёфт
24. Вуҷуҳи тақарруб – нишонаҳои наздикӣ, монанди
25. Вусул ба мадориҷи олияи маънавият – расидан ба дараҷаҳои баланди маънавият
26. Варроқ – китобфурӯш, Шаҳиди Балхӣ чунин лақаб доштааст
27. Вифқ доштан – мувофиқ, муносиб будан

28. Вуруди луғоти касир – дохилшавии калимаҳои зиёд
29. Давраи булуғ – давраи камолот
30. Дастхуши татовули нассохи мухталиф шудан – мавриди тағйиру дигаргуниҳо аз ҷониби нусхабардорон ё котибони гуногун қарор гирифтан
31. Даврони дамм – гардиши хун
32. Доъияи салтанат доштан – даъвои ҳукмронӣ кардан
33. Достонҳои мунфарид – достонҳои алоҳида
34. Донишманди касир-ул-иттилоъ – донишманди маълумоти бисёри илмӣ дошта
35. Зи қимат – дорои арзишу қимат
36. Зеҳни ваққод – зеҳни равшан
37. Иҷтиноб аз исҳобу татвили калом – дурӣ ҷустан аз дарозиву беҳудагии сухан
38. Илҳод – куфр, бединӣ
39. Интисоб – нисбат доштан ба касе ё чизе
40. Иртиқо – болоравӣ дар хидмату мартаба
41. Илал – ҷамъи иллат, сабабҳо
42. Имтидод ёфтан – дароз шудан, тӯл кашидан
43. Иқоб – ҷазо
44. Изҳори аҷз кардан – даст кашидан аз коре, аз раъй баргаштан
45. Истинбот – такя кардан, ба асос гирифтан
46. Кухҳони араб – коҳинони араб
47. Касрати қуро – бисёрии деҳаҳо
48. Кеши беҳӣ – оини зардуштӣ
49. Кутуби тароҷим – китобҳое, ки дар бораи шарҳи ҳоли афроду қавму миллатҳо баҳс мекунанд
50. Китоби муттақан ва мӯътамад – китоби боварибахш ва боэътимод
51. Куттоб – ҷамъи котиб, нависандагон
52. Кибори мутарассилон – бузургони котибон, номанависон
53. Лав ло-т-«Таъарруф» ламо урифат тасаввуф – Агар китоби «Таъарруф»-и Килободӣ намебуд, тасаввуф дониста намешуд
54. Ломаҳола – ҳатман, ногузир
55. Лаҳҷаи тахотуб – лаҳҷаи гуфтугӯ
56. Луғоту истилоҳоти маҳҷур – калимаву истилоҳоти бегона
57. Лаҳаҷоти мутадовил – лаҳҷаҳои маъмул, паҳншуда
58. Мамзуҷ – омехта
59. Маъоҷим – китобҳои ҷомеъ дар илмҳои гуногун аз қабили «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ
60. Манқул – нақлшуда, нақлӣ
61. Мунодимону муҷолисон – ҳамхидматону ҳамнишастҳо
62. Маъа золик – бо вуҷуди ин
63. Мифтоҳи улум – калиди илмҳо

64. Муаккад кардан – таъкид кардан
65. Масмум шудан – аз тарафи касе заҳр дода шудан
66. Маъзул ғардидан – аз мансабу вазифа бекор шудан
67. Мояи таҳрик – восита ё омили ҷунбишу пешравӣ
68. Матрук – таркшуда, аз истифода баромада
69. Масали соир – зарбулмасали маъмул, паҳншуда
70. Муҳоҷим – ҳуҷумкунанда
71. Матбӯи тибоъ афтодан – ба табъҳо писанд омадан
72. Мин боби истишҳод – ба сифати мисол, шоҳид
73. Мустаъбад ба назар намудан – ғайриэътимод, боварибахш набудан
74. Мақтал – қатлгоҳ, ҷои қатл
75. Муваззаф – вазифадор
76. Маҷзуб кардан – диққати касеро ба тарафи худ кашидан
77. Маҳсуди ину он будан – мавриди ҳасади ину он қарор гирифтан
78. Мувассақ – исботшуда бо далелу бурҳон
79. Мардумони ғайри зи фан – одамони ноогоҳ аз илм, авом
80. Мафқуд – гумшуда, аз байн рафта
81. Мазҳаби аланӣ ва машрӯъ – мазҳаби рӯирост ва қонунӣ
82. Мутаноқиз – зид, мухолиф
83. Мустадом – доимӣ, бардавом
84. Маохиз – ҷамъи маъхаз, маъхазҳо
85. Мунтаҳӣ – оқибат, ниҳоят
86. Мутамаййиз – фарққунанда
87. Мутарассилон – номанависон, котибон, дабирон
88. Музоҳим будан – зарар ё халал расонидан ба касе дар ягон коре
89. Маҳалли талоқии иттилоот – ҷой ва маҳалли ба ҳам бархӯрдани маълумоти мухталифи илмӣ аз қабили Гундишопур, Искандария, Бағдод ва монанди онҳо
90. Мубтадиъа – аҳли бидъат
91. Муташарриъон – донандагони илми шариъат
92. Мобаъдуттабиъа – метафизика
93. Мазоҳиб – ҷамъи мазҳаб, мазҳабҳо
94. Муқорин – наздик, баробар
95. Ноқилони кутуб – ба забони дигар дароварандагон, яъне мутарҷимони китобҳо
96. Наххос – ғуломфурӯш
97. Нудба бар атлолу даман – нолаву навҳа бр талҳову водиҳо
98. Ниҳоду инқисомоти замин – сохт ва ба иқлимҳо тақсимшавии замин
99. Нусхаи мунҳасир – нусхаи ягона
100. Рувот – ҷамъи ровӣ, ровиён
101. Ротиба – маъош, моҳона
102. Риҷол – ҷамъи раҷул, мардон
103. Салта – ҳукмронӣ, подшоҳӣ

104. Сиёнат – нигоҳдорӣ, пешгирӣ кардан
105. Роят – байрақ, ливо
106. Савоҳили улёи Фурот – соҳилҳои болоии Фурот
107. Содот – бузургон, сардорони хонадонҳои бузург
108. Самъ – гӯш, шунавоӣ
109. Суҳулат – осонӣ
110. Сурати номатбӯъ – ба шакли номақбул, нописанд
111. Суханвари лоеҳ – суханвари варзида
112. Соли ҷулус – соли ба тахт нишастани амире, султоне ё шоҳе
113. Самти тақаддум – ҷониби пешравӣ
114. Соҳибони кабоир – онҳое, ки гуноҳони бузург кардаанд
115. Субҳоналлоҳил азим – пок аст худои бузург
116. Табоеъ – ҷамъи табиъат, табиъатҳо
117. Таламмуз кардан – шогирди касе будан, дар назди касе дарс хондан
118. Ташҷеъ намудан – ҷуръат бахшидан
119. Тасаннӯъ – оро додани сухан бо санъатҳои бадеӣ
120. Тақарруб – наздикӣ
121. Талфиқи калом – аз худ бофтани сухан
122. Тааммуд – қасд кардан дар коре ё чизе
123. Такрим – иззату эҳтиром
124. Танаъъум – нозу неъмат
125. Толӣ – давом, пайрав
126. Талхис кардан – кӯтоҳу мухтасар намудан
127. Тааллуми улум – омӯхтани илмҳо
128. Тасноиф – таснифҳо, асарҳо
129. Ташаббӯҳ – монандӣ
130. Тазоҳур кардан – вонамуд кардан
131. Тамҳидот – муқаддимаи номаҳо, ки котибон менавиштанд
132. Толеҳ – бадкеш, баднижод
133. Тафарруқ – ҷудошавӣ ба фирқаҳо, гурӯҳҳо
134. Ташаъъуб – тақсимшавӣ ба шӯъбаҳо, гурӯҳҳои мазҳабӣ
135. Тавассул – расидагӣ, огоҳӣ
136. Тасовӣ – баробарӣ
137. Умаҳоти кутуб – модарони китобҳо, китобҳои муҳимтарин
138. Убур аз бāводӣ – гузаштан аз биёбонҳо
139. Уюби фасоҳат – айбҳои фасоҳат
140. Улуми лисонӣ – илмҳои забоншиносӣ
141. Фуқоъӣ – майфурӯш
142. Фуҳули шуаро – бузурги шоирон
143. Фисоғуриён – пайравони мактаби илмии Пифагор, ки «Ихвон-ус-сафо» низ аз ҷумлаи онҳо будаанд
144. Фираќу ниҳал – фирқаву гурӯҳҳо
145. Фаҳорие – ҷамъи феҳрист, феҳристҳо

146. Қурро-ус-сабъа – ҳафт нафар аз қироаткунандагони нахустин Қуръон – Нофеъ ибн Абдурраҳмон, Абдуллоҳ ибн Касир, Абӯамру ибн ал-Ало, Абдуллоҳ ибн Омир, Осим ибн Аби-н-начуд, Ҳамза ибни ҳабиб, Кисоӣ, ки дар таърих бо номи қуррои сабъа, яъне қориёни ҳафтгонаи Қуръон маъруфанд
147. Қабодаи лиманилмулкӣ кашидан – даъвии мулку кишвар кардан
148. Қусур – ҷамъи каср, қасрҳо
149. Қилоъ – ҷамъи қалъа, қалъаҳо
150. Қаромита – ҷамъи қарматӣ, қарматиён
151. Қуруни вусто – асрҳои миёна
152. Қудрати халлоқа – қудрати офарандагӣ, бунёдкунандагӣ
153. Қидмат – қадимӣ будан, кӯҳнагӣ
154. Қиёсоти мунтаҷҷа – муқоисаҳои ҳосилшуда
155. Қасидаи ломия – Дар адабиёти классикии мо шоирон одатан аз рӯи ҳарфи охирини қофияи қасида ба он ном мениҳодаанд ва масалан, агар қасида бо ҳарфи «ро» ба итмом расад, онро «Роия» ва агар бо ҳарфи «те» тамом шавад, «Тоия» меномиданд. Ин ҷо мурод қасидаи ломияи Ғазоирии Розист, ки қофияи он бо ҳарфи лом хотима меёфтааст ва ба мадҳи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ бахшида шудааст
156. Ҳарбаи такфир – тозиёнаи гунаҳгоркунӣ ба куфру бединӣ
157. Ҳиддати зеҳн – тезии зеҳн
158. Ҳукумати маврус – ҳукумати меросӣ
159. Ҷаъали аҳодис – сохтани ҳадисҳои дурӯғин
160. Ҷадди аъло – нахустин бунёдгузори ин ё он хонадон
161. Ҷаннату нор – ҷаннату дӯзах
162. Ҷонишини билистеҳқоқ – ҷонишини ҳақиқӣ
163. Ҷумал – ҷамъи ҷумла, ҷумлаҳо
164. Ғавр кардан – фурӯ рафтан ба умқи масъала
165. Эҳтимоли ақво – эҳтимоли қавитар

## ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ


Ба ҷои сарсухан ........ 3

Бахши аввал. Фасли аввал. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва динии Эрон аз поёни шоҳаншоҳии Сосонӣ то оғози подшоҳии Сомонӣ ........ 7

Фасли дуввум. Вазъи улум дар се қарни аввали ҳиҷрӣ ........ 17

Фасли саввум. Вазъи адабии Эрон дар се қарни аввали ҳиҷрӣ ........ 30

Бахши дуввум. Фасли аввал. Вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва динии Эрон дар қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷуми ҳиҷрӣ ........ 50

Фасли дуввум. Улум дар қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷум ........ 63

Фасли саввум. Вазъи адабии Эрон дар қарни чаҳорум ва нимаи аввали қарни панҷуми ҳиҷрӣ ........ 81

Тавзеҳи баъзе алфозу иборот ........ 155



Ба матбаа 18.09.2000 супорида шуд. Ба чопаш 25.10.2000 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсетӣ. 29 ҷузъи чопӣ. Супориши № 130.
Адади нашр 300 нусха.

Китоб дар матбааи Вазорати кишоварзӣ, Гипрозем, 17, ба чоп расидааст.

**انتشارات بین المللی الهدیٰ**
**نمایندگی تاجیکستان**
**شورای گسترش زبان فارسی**

**عنوان:** مختصر تاریخ ادبیات ایران
**مؤلف:** ذبیح الله صفا
**مترجمان:** پرفسور خدائی شریف، عبدالشکور عبدالستار
**تحت نظر:** محمد باری
**حروفچینی:** واحد کامپیوتری نمایندگی انتشارات بین المللی الهدیٰ در تاجیکستان
**سال چاپ:** ۱۳۸۰
**نوبت چاپ:** اول
**تیراژ:** ۲۰۰۰
**شابک:** ۹ - ۳۳۰ - ۴۷۲ - ۹۶۴
**امور فنی و چاپ:** انتشارات بین المللی الهدیٰ ـ تهران
**کلیه حقوق ناشر محفوظ می‌باشد**